

# КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Фаслномаи илмӣ-адабӣ

№ 4(4) 2015

*Шоир бояд, ки дар маҷлиси муҳоварат хушгӯй бувад ва дар маҷлиси муошарат хушрӯй. Ва бояд, ки шеъри ӯ бад-он дараҷа расида бошад, ки дар саҳифаи рӯзгор мастур бошад ва бар алсинаи аҳрор макрӯъ, бар сафоин бинависанд ва дар мадоин бихонанд, ки ҳаззи авфар ва қасми афзал аз шеър бақои исм аст ва то мастуру макрӯъ набошад, ин маънӣ ба ҳосил наёяд. Ва чун шеър бад-ин дараҷа набошад, таъсири ӯро асар набувад ва пеш аз худованди худ бимирад.*

*Низомии Арӯзии Самарқандӣ*

**МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ
ДАВЛАТИИ ВИЛОЯТИ СУҒД**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ
«МАРКАЗИ ИЛМИИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ»**

# КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

**Фаслномаи илмӣ-адабӣ**

**№ 4(4) 2015**

**Хуҷанд – 2015**

ББК 83.3(2)Т
УДК 8 Т 2
Ф – 42

**Сармуҳаррир:**
**Фахриддин Насриддинов**

## Мушовирони илмӣ:

**Носирҷон Салимӣ –** *академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон;* **Фарзона –** *Шоири халқии Тоҷикистон;* **Пригарина Наталя Илинична** *– доктори илмҳои филологӣ, профессор (Русия);* **Аҳмадҷони Раҳматзод** *– Шоири халқии Тоҷикистон;* **Низомиддин Зоҳидӣ** *– доктори илмҳои филологӣ, профессор;* **Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил** *– доктори забон ва адаби форсӣ (Эрон);* **Рейснер Марина Лвовна** *– доктори илмҳои филологӣ, профессор (Русия);* **Маҳдии Муҳаққиқ** *– доктори забон ва адаби форсӣ (Эрон);* **Матлуба Хоҷаева** *– доктори илмҳои филологӣ, профессор;* **Мирзо Муллоаҳмад –** *узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон;* **Ориф Навшоҳӣ** *– доктори забон ва адаби форсӣ (Покистон);* **Абдунабӣ Сатторзода** *– доктори илмҳои филологӣ, профессор;* **Мустафо Чичиклар** *– доктори забон ва адаби форсӣ (Туркия);* **Ҳайзер Александр Робертович***– доктори забон ва адаби форсӣ (Олмон);* **Ҳусайн Қосимӣ** *– доктори забон ва адаби форсӣ (Ҳиндустон).*

## Ҳайъати таҳририя:

**Умеда Ғаффорова** *– доктори илмҳои филологӣ, профессор;* **Нуруллохон Ғиёсов** *– номзади илмҳои филологӣ, дотсент;* **Тоҷибой Султонӣ** *– номзади илмҳои филологӣ, дотсент;* **Мухлиса Нуруллоева** *– номзади илмҳои филологӣ;* **Баҳром Раҳматов** *(котиби масъул).*

**© МД «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ», 2015**

# МУНДАРИҶА

## Таҳқиқ

Баҳром Раҳматов. Ҳунари шоирии Зуҳурӣ дар «Соқинома» . . . 5

Илҳом Эшонкулов. Таҳқиқ ва нашри осори хаттии донишмандони Мовароуннаҳр дар замони муосир (асри XIX ва ибтидои асри XX) . . . 13

Мавҷуда Ӯрунова. Ҳикмати Мавлоно Ҷомӣ дар «Хирадномаи Искандарӣ» . . . 22

Маърифат Анварова. Корбурди амсоли форсӣ дар «Латоиф-ул-амсол»-и Рашидуддини Ватвот . . . 34

Мирҳидояти Ҳисорӣ. Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ (аср ва муҳити ӯ) . . . 41

Сарвиноз Ҷӯраева. Ибораҳои рехтаи феълӣ ва корбурди онҳо дар «Зайн-ул-ахбор»-и Абӯсаиди Гардезӣ . . . 47

Толиб Ваххобов. Пажӯҳиш дар омӯзиши феълҳои «Шоҳнома» . 55

Тоҷибой Султонӣ. Шарҳҳои «Маснавии маънавӣ» дар Осиёи сағир . . . 65

Ҳалимҷон Зоиров. Номаҳои Ардашери Бобакон – куҳантарин сарчашмаи номаҳои форсӣ-тоҷикӣ . . . 74

Ҳикматшоҳ Ҳомидиён. Ҷилваҳои адабӣ дар номаҳои Соҳиб ибни Аббод . . . 87

## Тарҷума ва сарчашмашиносӣ

Абӯабдурраҳмон Суламӣ. Одоби ҳамнишинӣ бо устодон ва ҳифзи ҳурмати онон (Тарҷумаи Фахриддин Насриддинов) . . . . . . 93

Оизи Қаранӣ. Лабханд бизан (Тарҷумаи Нӯъмонҷон Неъматов) . 100

Сарчашмаҳои маърифати Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор (Ба қалами Ориф Навшоҳӣ) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 104

## Мутун

Муҳаммадамин Ҳашрии Табрезӣ. Ҳазрати Шайх Камоли Хуҷандӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 117

Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Дар моҳияти илми шеър ва салоҳияти шоир . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 122

Саноии Ғазнавӣ. Сайр-ул-ибод . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 159

Хоҷуи Кирмонӣ. Равзат-ул-анвор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 166

Ҳаким Қоонӣ. Парешон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 183

# ТАҲҚИҚ

*Баҳром Раҳматов*[1]

## ҲУНАРИ ШОИРИИ ЗУҲУРӢ ДАР «СОҚИНОМА»

Мусаллам аст, ки арзиши адабии ҳар асар тавассути омӯзиши ҳунари шоирӣ, истифодаи санооти бадеӣ ва забону услуби вижаи баёни шоир муайян карда мешавад. Зеро баробари мазмуну муҳтаво ва ғояи асар, дар адабпажӯҳӣ муайян намудани арзишҳои бадеӣ ва ҳунарии шоир низ аз аркони муҳим ба ҳисоб меравад. Забони шевову руҳияи риндонаи баён дар соқиномаҳо барои шуаро имкон фароҳам овард, то калимоти мураккаб, ибораҳои зебо, таркиботи ҷадид офаранд ва истифодаи санооти бадеиро дар он бештар гардонанд. Хосса, дар соқиномаҳои тавил, ки ҳаҷман густариш ёфта, ҷиҳати бадеиёти ин навъи шеъриро тавсиа дод, истихдоми саноеи бадеӣ ва таркибҳои шоирона бештар ба назар мерасад.

«Соқинома»-и Зуҳурӣ, ки яке аз аввалин соқиномаҳои тавили адабиёти форсу тоҷик маҳсуб мешавад, дар ин росто ибтикороти чашмрасе дорад. Соқиномаи мавриди назар дорои муҳимтарин падидаҳои жанрӣ, аз ҷумла ҳусни матлаъ, ҳусни мақтаъ, хитобияҳои хоси соқиномаҳо, мазмуну мундариҷаи анъанавии ин шакли шеърӣ ва ғайра мебошад. Ба ишораи Аҳмад Гулчини Маонӣ Зуҳурӣ нахустин нафаре мебошад, ки соқиномаи муфассал суруда ва он ба шуарои баъдина писанд омадааст (5,9). Заковати Қарогузлу бошад, «Соқинома»-и Зуҳуриро «дорои ташбеҳоту таъбироти зебо ва дар навъи худ мумтоз...» медонад (3,550). Ҳамчунин, ба асари мазкур дигар муҳаққиқон низ баҳои баланд додаанд (1,112; 4,831; 8,979; 9,99; 12,231). Ин баҳодиҳии муҳаққиқон бар мабнои забони соддаву услуби вижаи баёни шоир сурат гирифтааст, зеро ки ин нукта бозгӯи ҳунари

---

[1] корманди МД «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ»

гӯянда мебошад. Забони «Соқинома»-и Зуҳурӣ, чунонки қайд кардем, содда, равон ва холӣ аз такаллуфот аст. Дар баробари ин, самимияту содагии баёни шоир латма надидааст, ки ин нукта қимати ашъори ӯро дучанд меафзояд:

*Зи ман бода вақте рабояд тавон,*
*Ки резад нигоҳи ту мастӣ бар он (7,381).*

Аз ҷониби дигар услуби шевову сода ба гӯянда имкон медиҳад, ки маъниҳои барҷастаро хотирмон ва шӯрангез баён кунад:

*Шавад зуҳдро баҳси беҳуда тай,*
*Бидонад агар маънии лафзи май (7,373).*

Пеш аз ҳама бояд тазаккур шавад, ки соқиномаҳои асри XVII забони соддаву шево ва холӣ аз ибҳомот доранд, ҳарчанд давраи мазкур давраи ба мураккабиёт гароидани шеър аст, яъне ба мафҳумоти дур аз зеҳн рӯ овардани шуаро. Бо вуҷуди соддагии тарзи ифода, ҳусни баёни соқиномаҳо коста нагардида, баръакс зеботарин абётро метавон дар ин навъи шеърӣ пайдо кард.

Баробари содда баён кардани матлаб, шеъри Зуҳурӣ аз калимаҳои мураккаб холӣ нест. Ин гуна калимотро дар саросари «Соқинома»-и ӯ дидан мумкин аст. Дар аксар маворид таваҷҷуҳи моро калимоти соддаи дур аз ҳам, ки шоир аз онҳо вожаи воҳид сохтааст, ҷалб кард. Мисол:

*Зи гулгул сурохист <u>чининавоз</u>,*
*Даҳони қадаҳ монда дар ханда боз (7,375).*

Ё ки:

*Абас, <u>туҳматолуди</u> тақво шудем,*
*Ба май парда пӯшӣ, ки расво шудем (7,387).*

Дар баъзе мавридҳо шоир дар сар то сари байт калимоти мураккабро ҷо додааст:

*<u>Баландибаровардаи пештоқ</u>,*
*<u>Хирадхурдакори муқарнасравоқ</u> (7,374).*

Дигар:

*Дар он боргоҳи <u>ҳунарварнавоз</u>,*
*<u>Зумуррадгудози</u> ҳунар <u>шишасоз</u> (7,374).*

Аҳёнан вожаҳои мураккаб аз се реша таркиб меёбанд:

*Ба <u>паймонапаймои тақвопаноҳ</u>,*
*Ба як ҳабба муҳтоҷи <u>кондастгоҳ</u> (7,389).*

Вижагии боризи шеъри сабки ҳиндӣ дар он аст, ки шуаро калимоти мураккаби дур аз зеҳнро зиёд истифода мекунанд. Ин падида дар шеъри соқиномаи ин сабк ҳам ба таври бориз намоён буда, тақрибан кулли соқиномаҳои дар ин давр сурудашуда аз ин хусусият

холӣ нестанд. Масалан, Малики Қумӣ гӯяд:

*Бидеҳ соқӣ, он оби кавсармизоҷ,*
*Ки аз оби Кавсар ситонад хироҷ (7,357).*

Ва ба он соддагаройӣ дар тасвир шуарои соқиномасаро дар муболиға низ устувор истодаанд, ки намунаи боло шаҳодати комили гуфтаҳои мо шуда метавонад. Чунонки мебинем шоир майро «оби кавсармизоҷ», яъне оби ба мисли оби Кавсар ширину ҷонбахшу роҳатафзо меномад.

Ибораоройӣ аз умдатарин хасоиси сабки ҳиндӣ ба шумор меравад ва шоирони ин сабк бо оростани ибороти дур аз зеҳн шуҳрат доранд, ки ин дар соқиномаи мавриди пажӯҳиши мо ҳам бо вуҷӯҳе гуногун мушоҳида мешавад. Мисол:

*Раги торро баски мизроб суфт,*
*Тавон гавҳари нағма аз хок руфт (7,385).*

Дар байти мазкур ду ибораи зебо ва ба усули сабки ҳиндӣ сохташуда дида мешавад, ки «раги тор» ва «гавҳари нағма» мебошад. Ин гуна ибораоройӣ нишондиҳандаи ҳунари шоир буда, дар аксар мавориди ҳамчун риояи шеърияти асар оварда шудаанд:

*Гар аз афъии тавба дил захм хӯрд,*
*Тавон ҷон ба тарёки авфи ту бурд (7,387).*

Ибораҳои «луъбати шуъла», «куҳнадалқи вуҷуд», «гарди намуд», «гӯши қонун», «дасти ҳасрат», «шароби камозору бисёрхуш», «шароби тамаъсар», «хуми шом», «кӯдаки ғунча», «шайхи вараъиктисоб», «мағзи Заҳҳоки ғам», «базми аҷал», «меҳрошноёни лайлинажод», «киштинишинони дарёи хун», «оинаи ҷом», «ҳаммоли бори ғам» ва ғайра, ки баргирифта аз «Соқинома»-и Зуҳурист, аз ин маънӣ дарак медиҳад. Байт:

*Агар най занад оташам дар ниҳод,*
*Диҳам луъбати шуъларо рақс ёд (7,405).*

Шеър дар ҳама ҳолат бояд маънии баландро бозгӯ кунад. Маъние, ки наметавон дар наср бад-он даст ёфт. Шоирро ногузир ба ҷӯяндаи кон шабоҳат медиҳем, ки доим дар гудози санги алфоз аст, то гавҳари маънӣ ба даст биёрад. «Соқинома»-и Зуҳурӣ аз асарҳоест, ки ҷанбаи ҳунарии пуробуранг ва ғанӣ дорад. Бинобар ин, маъниҳои тоза низ дар ағлаби абёти шоир дида мешавад, ки бо таркиботи ҷадиди зебо ифода шудаанд:

*Зи печонии кокули то камар,*
*Тамошост занҷири пои назар (7,378).*

Шоир кӯшида шеърашро бидуни такаллуфот ва ғайри мукаррар офарад. Пас, дар маснавии тавиле бо номи «Соқинома» ӯ муваффақ

шудааст, ки ашё ё ҳолатро дақиқ ва мушаххас тасвир кунад. Мисол:

*Тагофул барои нигоҳе ба ҷон,*
*Гираҳ мурдаи гӯшаи абрувон* (7,378).

Манучеҳри Ҷавкор ҳам дар мақолаи хеш ба ин нукта ишора карда, гуфтааст: «Таркибсозӣ ва овардани таркибҳои изофиву васфӣ муҳимтарин вижагиҳои забонии «Соқинома»-и Зуҳурӣ мебошад» (11,111). Шоир гоҳе бисёр файласуфона маъниҳои баландро бидуни лафзбозии зиёд, вале шоирона баён кардааст:

*...Ки ёбад чу тороҷ бунгоҳи умр,*
*Умеде нагирад сари роҳи умр* (7,382).

Санооти адабӣ ҷузъи ҷудонашавандаи адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ буда, ниёгони мо онҳоро тавассути илми бадеъ меомӯхтанд. Шоирон барои ифодаи мазмунҳои олӣ ва фикру эҳсоси воло маҳз аз санъатҳои бадеӣ истифода мебурданд, ки ба ин васила ашъори онҳо ба дилу дидаи ташнагони шеър бештар ҷойгир мешуд. Дар асоси истифодаи санъатҳои бадеӣ мазмунҳои олӣ дар перояи зебову тасвироти мӯҷаз барҷаста баён мегардад ва хонандаро мутаассир карда, хаёлоти ӯро ба олами зебоӣ пайванд месозад.

Омӯзишу таҳқиқи масъалаи саноеи бадеӣ дар осори гузаштагон хеле зарур буда, барои роҳ ёфтан ба ҳарими пур аз розу рамзи шеъри суханварон кӯмак мерасонанд.

Аксари олимони адабиётшинос санъатҳои бадеиро ба ду гурӯҳ-санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ ҷудо кардаанд. Аммо Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ дар китоби «Бадоеъ-ус-саноеъ» як навъи дигарро ба онҳо бо номи санъатҳои бадеии муштарак ҳамроҳ намудааст (6,161).

Бидуни омӯзиши истифодаи саноеи бадеӣ дар шеъри суханвар наметавон аз ҳунари шоирии ӯ ҳарф зад. Аз ин рӯ, дар зайл истихдоми баъзе санъатҳои серистифодаи «Соқинома» мавриди омӯзиш қарор мегирад. Дар асари мазкур санъатҳои парадокс, талмеҳ, ташбеҳ, истиора, тазоду муқобала ва амсоли ин басомади чашмрасе доранд.

Аз ҷумлаи санъатҳои маъмули «Соқинома» санъати парадокс аст, ки дар сабки ҳиндӣ, хосса, дар шеъри Мирзо Бедил ба авҷи истифодаи худ расидааст. Яъне мафҳумоте, ки ҳамдигарро нақз кардаанд, дар соқиномаҳо барои назокати сухан зиёд ба кор бурда шудаанд. Масалан, ибораи «оби оташфизо» ва амсоли ин, ки дар соқиномаҳои гуногун дида мешаванд. Зуҳурӣ дар ибораоройӣ дар «Соқинома» ибороти нақзӣ ё ба истилоҳ парадоксиро бештар меофарад, ки поёнтар ба ин гуна ибороту таркибот ишора хоҳем кард. Аз ин рӯ, ин ҷо фақат бо мисол овардани байте аз «Соқинома» иктифо менамоем:

*Равонпарваро, <u>роҳат озори</u> туст,*
*<u>Гули дигарон бандаи хори</u> туст (7,409).*

Бояд нуктае зикр шавад, ки аз ҷиҳати чандомад аз ҳама санъати серистеъмоли Зуҳурӣ дар «Соқинома» санъати тазод аст, ки тақрибан дар панҷоҳ фисади байтҳои асари мавриди омӯзиш ҳузури он эҳсос мешавад. Чунончи байтҳои –

*Кӣ мегӯяд ин ҳарфи дур аст дур,*
*Кай аз <u>қатра</u> <u>дарё</u> дарояд ба шӯр?!*
*Хирад ханда дорад ба ин моҷаро,*
*Ки гӯянд ранҷид <u>шоҳ</u> аз <u>гадо</u> (2,80).*

*Чи дур аст, лекин зи <u>лутф</u> ин <u>итоб</u>,*
*Ки бартобад аз <u>зарра</u> рӯ <u>офтоб</u> (2,80).*

Аз ҷумлаи саноеи серистифодаи соқиномаҳо санъати талмеҳ мебошад, ки дар аксар соқиномаҳои асри XVII дида мешавад. Агар дар соқиномаҳои пешин талмеҳот нопойдории дунёро ифода кунанд, дар соқиномаҳои ин аср онҳо ба ҳайси вижагиҳои ҳунарии шуаро ҳам корбаст мешуданд. Масалан:

*Зи файзи майи ҳикматаш зӯфунун,*
*<u>Фалотуни дил</u> дар хуме андарун (7,367).*

Яъне, шоир танҳо бо сабти номи шоҳону паҳлавонони қадимаи Эрон, чунонки қаблан дар соқиномаҳо расм буда, маҳдуд нест ва, ҳатто, он асморо ба майдони ҳунар кашида ва аз онҳо калимоти мураккаб ва ибороте вижа офаридааст. Мисол:

*Биё, эй ба хубӣ <u>Қубодэҳтишом</u>,*
*Ҷамат камтарин банда, бардор ҷом!*
*Бидеҳ май, ки гардам <u>Фаредунҳашам</u>,*
*Парешон кунам <u>магзи Заҳҳоки гам</u> (7,381).*

Ногуфта намонад, ки тарзи истифодаи анъанавии талмеҳот низ дар «Соқинома»-и Зуҳурӣ ҷой дорад, ки мисраъҳои «Ки мастона ҷӯши Сиёвуш занам» ва «Зи ҷоми ту мастем, Ҷамшед кист?!» гувоҳи ин иддаоянд.

Санъати ташбеҳ низ аз ҷумлаи санъатҳои бадеие мебошад, ки дар ашъори Зуҳурӣ басомади зиёд дорад. Дар ғазалиёту рубоиёти шоир зеботарин ташбеҳоти сабки ҳиндиро метавон дид, ки бештаринашон бар пояи ташбеҳоти анъанавӣ сохта шудаанд. «Соқинома» ҳам аз ин хусусият холӣ нест ва ташбеҳҳоеро дар он метавон пайдо кард, ки гувоҳи ҳунари вижаи шоиранд. Масалан:

*<u>Забоне</u> зи сӯҳон <u>харошандатар</u>,*
*Харошандам аз таъна ҳар дам ҷигар (2,79).*

Аммо шоир бештар ташбеҳоти пӯшидаро корбаст намуда, ба воситаи тасвири муболиғаомез фикри худро баён мекунад. Мисол:

*Шавад магзи чарх аз гиреваш табоҳ,*
*Зи гӯш ар кашад пунбаи меҳру моҳ (2,88).*

Дар байти боло шоир офтобу моҳро ба пунбае, ки барои нашунидани садои нолаву ғирев ба гӯш мекунанд, монанд кардааст.

Истиора низ дар асари ҳозир мавриди истифодаи фаровони шоир қарор гирифтааст:

*Сухансанҷ дорад дури шоҳвор,*
*Чӣ созад, гар он ҷо насозад нисор (2,81).*

Баъзе истиораҳои шоир ба ҳадде пӯшидаанд, ки бе тааммули жарф аз онҳо пай бурдан осон нест:

*Чунон ронда мавҷи фиребам дар об,*
*Ки киштӣ кашам дар таноби шароб (2,83).*

Дар байти мазкур «киштӣ кашидан» аз таноби шароб, ки мусовии паймонакашист, бо ҳунари баланди шоирӣ корбаст шудааст. «Соқинома»-и Зуҳурӣ мамлӯ аз калимоти мураккаби серҷузъа, ибороти нав, таркибсозӣ, мазмунофарӣ ва саноеи мухталифи бадеӣ мебошад, аммо ҷолибтарин нукта он аст, ки дар он истиораҳое корбаст мешаванд, ки бо санъати парадокс омехта шуда, як навъ ибораву таркибҳои истиории парадоксиро (шартан чунин номгузорӣ кардем) ба вуҷуд овардаанд. Чунончи, ибораҳои «гулгунсиришкони рухсорзард», «тасбеҳхонони бутхонагард», «занҷирхоёни маҷнуннажод», «Каъбаи бесафар», «афтодагони сурайёмақом», «ҷавҳаршиносони дархешгум», «вораста-гони баҷонмубтало», «бегонагони нигоҳошно», «қотилпарастони ханҷарситой», «фақри зеварфурӯш», «қатраи баҳрҷӯш», «ҷамшедии ринди зоҳиргадо», «бодаи софлой», «қаҳрии бо оштӣ ошно», «байтулҳароми хароботном» ва амсоли ин аз зумраи чунин ибораҳоянд.

Дар баробари санъатҳои маънавӣ, дар «Соқинома» санъатҳои лафзӣ ҳам истихдоми вижа доранд. Аз ҷумла, санъати таҷнис бо овардани калимоти ҷинос, ки таҷниси ноқисро ташкил медиҳад, бештар дар ин асар дида мешавад. Байт:

*Кунад он замон хоки ман хайрбод,*
*Ки гирди ту гардонадаш гирдбод (2,77).*

Ё ин ки:

*Умедам қавӣ гашту коҳид бим,*
*Карам аз карим асту раҳм аз раҳим (2,82).*

Дар бархе абёти «Соқинома» санъати таҷнис ҳам ба мисли санъати тазоду муқобала бо санъати парадокс омехта шуда омадааст. Чунончи:

*Ҳама кас, валекин <u>каси нокасӣ</u>,*
*Дар икром <u>вопастар</u> аз <u>вопасӣ</u> (7,385).*

Ба ишораи доктор Ҷалолиддини Ҳумоӣ «тарсеъ дар истилоҳи бадеъ санъатест, ки дар қаринаҳои назм ё наср, ҳар лафзе бо қаринаи худ дар вазну ҳарфи равӣ мутобиқ» дорад (10,224-225) ва ин падида дар аксар байтҳои «Соқинома»-и Зуҳурӣ ба мушоҳида мерасад. Мисол:

*Ба шӯри ҳадиси шакарқанди ту,*
*Ба нури ҷабини саҳарханди ту (2,85).*

* * *

*Ба кӯят, ки тарзаш чаман мекашад,*
*Ба хӯят, ки нозаш суман мекашад (2,85).*

* * *

*Ба тақво, ки хунаш ҳадар кардаӣ,*
*Ба риндӣ, ки сӯяш назар кардаӣ (7,388).*

Зуҳурӣ ҳангоми назми «Соқинома» то ҳадде забони анъанавии назми форсу тоҷикро риоят мекунад, вале гоҳ-гоҳ дар он ифодаҳои халқӣ ва калимоти каммаъмули забони шеър ҳам дида мешавад. Масалан:

*Ду рӯзе диле кард хуррам ба ғам,*
*Чу лоғар, ки фарбеҳ шавад аз варам (2,89).*

Аммо ағлаби байтҳои «Соқинома» бо забони шевову зебо суруда шудааст, ки аз ибороту таркиботи мавҳуму гӯшхарош ва калимоти душворталаффуз холӣ буда, хотирмонтарин тасвиротро ҳовист. Услуби шоир бештар шеваи мутақаддиминро ба хотир меорад, аммо тасвироти нақзӣ ва муболиғаҳои хосси шоир имтиёзи забонии соқиномаи ӯро аз дигар соқиномаҳои асри мавриди омӯзиш нишон медиҳад. Новобаста аз ин, бояд таъкид намоем, ки сохтори вижаи «Соқинома» ба забону услуби баёни шоир бетаъсир намондааст, зеро шоир дар иртибот ба мавзӯъ тасвироти хаёлангезеро ба риштаи назм кашидааст, ки услуби баёни хосси ӯро муаррифӣ мекунад. Дар иртибот ба ин нукта бояд таъкид шавад, ки шеъри Зуҳурӣ аз калимоти мураккаб, ибороти вижаи сабки ҳиндӣ, таркиботи ҷадиди зебо оганда буда, ин падидаҳо дар маҷмӯъ назокат ва латофати шеъри ӯро намоиш медиҳанд. Ҳамчунин, сувари хаёли шеъри Зуҳурӣ дар «Соқинома» ба ҳадде доманаи густурда дорад, ки бархе аз он дар мақолаи ҳозир баррасӣ шуд. Аз ин баррасии иҷмолӣ муайян гашт, ки санъатҳои бадеӣ дар «Соқинома» на танҳо ҳамчун ороиши сухан истифода мешуданд, балки аз чанд ҷиҳат такомул ҳам ёфта буданд, ки санъатҳои талмеҳу парадокс аз он ҷумла мебошанд.

**Пайнавишт:**


1. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Сайре дар шеъри форсӣ (Баҳси интиқодӣ дар шеъри форсӣ ва таҳаввули он, бо намунаҳое аз шеъри шоирон ва ҷустуҷӯ дар аҳволи удабову тазкиранависон). -Теҳрон, 1347ҳ.-600 с.
2. Зуҳурӣ. Соқинома. -Нувал Кишор, 1846. -224с.
3. Қарогузлу, Заковат. Зуҳурии Туршезӣ //Доиратулмаорифи ташайййӯъ. Шаҳид Саид Муҷтабо. -Ҷ.10. (Шифоӣ-Заҳири Форёбӣ).-Теҳрон, 1383ҳ. -553 с.
4. Маонӣ, Аҳмад Гулчин. Корвони Ҳинд. –Ҷ. 2. -Машҳад, 1369ҳ. -1675 с.
5. Маонӣ, Аҳмад Гулчин. Муқаддимаву тавзеҳот бар тазкираи «Майхона». -Теҳрон, 1028ҳ. –С. 1-44.
6. Маҳмуди Ҳусайнӣ, Атоуллоҳ. Бадоеъ-ус-саноеъ. - Душанбе: Ирфон, 1974. -221с.
7. Мулло Абдуннабии Қазвинӣ, Фахруззамонӣ. Майхона /Омодакунандаи чоп ва муаллифи муқаддимаву тавзеҳот Аҳмад Гулчини Маонӣ. -Теҳрон, 1028ҳ. -599 с.
8. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон (ва дар қаламрави забони порсӣ. Аз оғози садаи даҳум то миёнаи садаи дувоздаҳуми ҳиҷрӣ). -Ҷ. 5, бахши 2. -Теҳрон, 1373ҳ. –С. 636-1420.
9. Суфиев Шодимахмад Зикриёевич. Саки-наме в системе персидско-таджикской литературы XVI-XVII веков. -Душанбе: Дониш, 2011. -224 с.
10. Ҳумоӣ, Ҷалолиддин. Фунуни балоғат ва санооти адабӣ. - Теҳрон: Нашри Ҳумо, 1367ҳ. -424 с.
11. Ҷавкор, Манучеҳр. Мулоҳизоте дар сохтори соқинома (Бо таъкид бар ду намунаи гузаштаву муосир) //Пажӯҳишҳои адабӣ. -1385ҳ. Тобистон ва Поиз: №: 12-13. –С. 99-122.
12. Kirmani, Waris. Dreams forgotten (an anthology of indo-persian poetry). Academic Books, Aligarh, 1986. - 462 p.

*Илҳом Эшонқулов*[1]

# ТАҲҚИҚ ВА НАШРИ ОСОРИ ХАТТИИ ДОНИШМАНДОНИ МОВАРОУННАҲР ДАР ЗАМОНИ МУОСИР (асри XIX ва ибтидои асри XX)

Таҳқиқу баррасӣ ва нашру тасҳеҳи мероси хаттии шуарои номвари форсу тоҷик дар адабиётшиносии муосир ба ҳукми анъана даромадааст, ки ин ибтикорот ва амали хайр ҷиҳати ғановати адабиёт ва фарҳанги ҳар қавму миллат аҳамияти зиёд дорад. Барои таҳияву танзим ва нашри нусхаи интиқодии сарчашмаҳо аз куллиёту девонҳои ашъор то тазкираву сафинаҳо ва осори илмиву таърихӣ солҳои зиёд сипарӣ мешаванд.

Ҷоизи зикр аст, ки таҳия ва омодаи нашр намудани осори ниёгонамон, бахусус, девони ашъор, тазкира, маноқиб ва баёзҳо назар ба дигар асарҳои адабӣ дар аҳди шӯравӣ кам ба назар мерасид ва то андозае мамнӯъ ҳисоб мешуд. Хушбахтона, имрӯз бо шарофати истиқлолияти миллӣ ва ҷомеаи демократӣ ин амал ба таври густурда ба роҳ монда шуда, барои иҷрои ин амри хайр тамоми имконият ва шароитҳои мусоид фароҳам омадааст. Албатта, баргардон, таҳияи осори адабӣ ва ба муомилоти илмӣ кашидани сарчашмаҳои хаттӣ дар шароити кунунӣ амри хайру савобест, ки дар тарбияи ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа, бавижа, дар сатҳи баланд бардоштани ҳуввияти миллӣ ва худшиносиву худогоҳӣ саҳми беандоза дорад.

Дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқу таҳияи манобеи асрҳои XIX-XX ҳанӯз чун сарчашмаи адабӣ ба таври мукаммал ҷараён напазируфтааст. Ин таълифот, метавонанд аз нигоҳи баррасии адабӣ дар самтҳои мухталифи адабиётшиносӣ бо муҳимтарин сарчашмаҳои ин дониш ҳамвазн қарор гирифта, нуктаву назароти тозаеро пешорӯи пажӯҳишгарон бигузоранд.

Гарчанде дар ин росто муҳаққиқоне, чун Расул Ҳодизода дар китобҳои «Источники изучения таджикской литературы второй половины XIX века» (1956) ва «Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX» (1968), Усмон Каримов - «Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX» (1974), Субҳон Амирқулов дар як қатор мақолот ва рисолаҳои тадқиқотии худ, аз қабили «Адабиёти

[1] номзади илмҳои филологӣ, устоди ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров

тоҷик дар нимаи якуми асри XIX» (1980), «Таҳаввули жанрҳои адабиёти тоҷик дар нимаи аввали асри XIX» (2005), «Нигоҳе ба инкишофи таърихии адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр (2010), Носирҷон Масъумӣ дар китобҳои «Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва аввали асри XIX (1962) ва «Адабиёти тоҷик дар охири асри XVIII ва аввали асри XIX» (1977), Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ дар китоби «Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист» (2006) ва ғ. перомуни авзои жанрҳои адабӣ, мухтассоти сабки насрӣ, нусхашиносӣ, ҷанбаи бадеӣ ва фавоиди забонии як қатор сарчашмаҳои ин давра пажӯҳиш анҷом дода бошанд ҳам, ҳанӯз холигоҳе дар ин самт ба назар мерасад. Инчунин, дар ин шумор метавон аз заҳамот ва корномаи як қатор донишмандоне, ба мисли академик Абдулғанӣ Мирзоев, Асғари Ҷонфидо, Ҷобулқо Додалишоев, Саҳобиддин Сиддиқов, Расул Ҳодизода, Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ, Камол Айнӣ, Мубашшири Акбарзод ва дигарон ба некӣ ёд кард, ки дар нашру тасҳеҳ ва таҳқиқи осори хаттии адабиёти садаи XIX ва ибтидои қарни XX ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр хидмати шоистае ба анҷом расонидаанд. Рӯи кор омадани силсилаи мутуни илмӣ-интиқодие, аз қабили «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам (1975), «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ (1977), «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ (1983) бо саъю кӯшиши Асғари Ҷонфидо, «Тазкори ашъор» (2001) бо тасҳеҳи Саҳобиддини Сиддиқ ва кӯшиши Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ ва «Рӯзнома»-и Садри Зиё (1382) дар таҳқиқ ва пажӯҳиши Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ (дар 4 нашр 1. Дар Маскав соли 1926; 2. Дар Теҳрон бо кӯшиши дуктур Алии Равоқӣ дар таърихи 1365; 3. Дар Душанбе ба хати сирилликӣ бо таҳия ва тасҳеҳи Мубашшири Акбарзод дар соли 2010; 4. Дар Истамбул бо кӯшиш ва эҳтимоми Камолиддин Садриддинзодаи Айнӣ ва Низом Қосим дар соли 2010) бар асоси нусхаҳои муътамади мавҷуда аз муҳимтарин корҳо дар роҳи эҳё ва интишори мероси гузаштагон ба шумор меояд.

Дар ин навишта перомуни раванди таҳқиқ ва нашри осори хаттии Мовароуннаҳр дар замони муосир, бавижа, дар мисоли бархе аз девон ва тазкираҳои нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX муҳити адабии Бухоро ва Хӯқанд сухан меравад, ки бевосита бо кӯшишу заҳмати муҳаққиқон ва дилбохтагони ин давраи адабиёт ҷараён пазируфтааст. Аз ин рӯ, месазад, ки масъалаи мазкур ба таври мушаххас таҳти зерунвонҳои хоса арзёбӣ гардад:

**<u>1. Вазъи таҳқиқ ва дурнамои он.</u>** Омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти асрҳои XIX-XX (накду баррасӣ ва нашри сарчашмаҳои адабиёти

асрҳои XIX-XX муҳити адабии Мовароуннаҳр) дар замони муосир бо диду нигоҳи нав ҷараён гирифта истодааст, ки дар саргаҳи он донишмандони номваре, чун академик Абдулғанӣ Мирзоев, Расул Ҳодизода, Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ, Усмон Каримов ва ғ. қарор доштанд ва тарҳи барномаву бунмояи онро ҳанӯз дар даврони шӯравӣ тадвин намуда буданд. Аз ин хотир, тадқиқот бояд дар ин самт бештар идома ёбад, зеро нақши ин марҳалаи адабӣ, бахусус, нимаи дувуми асри XIX дар шаклгирии адабиёти муосири тоҷик муассир аст. Ин нуктаро Саҳобиддини Сиддиқӣ низ ёдрас шуда, зикр кардааст, ки «дар ин давра чандин адибону олимон ҳаёт ба сар бурдаанд, ки бо фаъолияти илмиву адабӣ ва амалиёти ҷамъиятиашон дар пешрафти илму адаб хидмати шоёне кардаанд. Таҳқиқи эҷодиёти баъзеи онҳо акнун сар шуда истодааст. Яке аз ҳамин гуна шахсони фозил ва донишманд Шарифҷон-махдуми Садри Зиё буд» (5, 22).

Адабиётшинос Саҳобиддин Сиддиқӣ доир ба зиндагиномаи Садри Зиё тадқиқоти пурдоманае таҳти унвони «Мероси илмиву адабии Шарифҷон-махдуми Садри Зиё» (1966) анҷом дода, аҳвол ва осори шоирро баррасӣ намуд. Мавсуф рӯзгор ва эҷодиёти Садри Зиёро мавриди пажӯҳиш қарор дода, инчунин дар бораи таълифоти ин адиб ва нусхаҳои қаламии онҳо, ки дар ганҷинаи дастнависҳои Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии АФ Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳони Берунӣ маҳфузанд, маълумот медиҳад. Аммо бо сабабҳои номаълум ин рисола дар замони зиндагии ӯ сари вақт манзури алоқамандони адабиёт нагардид.

Баъдан, академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ ва профессор Матлуба Хоҷаева дар ин ҷода ҳиммат гумошта, китоби «Садри Зиё ва тазкираҳои ӯ»-ро дар соли 2010 бо муҳтаво ва шаклу намуди ҷолиб интишор намуданд.

**2. Таҳқиқи тазкираҳо.** Дар масъалаи аҳамияти сарчашмаҳо, яъне тазкираҳо, баёз ва ҷунг барои омӯзиш ва ҳалли масоили адабию таърихӣ аз тарафи донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ ба воситаи интишори мақолаву китобҳо ба таври ҷиддӣ изҳори назар шуда бошад ҳам, дар адабиётшиносии кунунии тоҷик дар ин ҷода хидмати профессор Матлуба Хоҷаева низ хеле шоистаи зикр аст. Зеро бисёр мухтассоти назарӣ ва ҷанбаъҳои амалии илми манбаъшиносии адабиёти муосири тоҷик бевосита таҳти назар ва роҳбарии ин донишманд дар расоилу мақолоти илмии муҳаққиқон – Субҳони Аъзамзод «Муруре ба тазкиранигории форсии тоҷикӣ дар садаҳои XV ва XX» (2009), «Намунаи адабиёти тоҷик» ва равишҳои нақди адабӣ дар тазкираҳои ибтидои садаи бист» (2013), «Вазъи таҳқиқ ва нашри тазкираҳои форсӣ-тоҷикии ҳавзаи Мовароуннаҳр» (2014), Эҳсон

Раҷабов «Маҷмӯат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ ва суннатҳои тазкиранигорӣ дар адабиёти тоҷики асри XIX ва аввали асри XX» (2013), Оқилова Саноат «Тухфат ал-ахбаб» («Падарок друзей») Возеха и традиции составления антологий в таджикской литературе второй половины XIX-начала XX века» (2015) ва роқими сутур «Тазкираҳои Мирсиддиқхони Ҳашмат - сарчашмаи муҳими омӯзиши адабиёти нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX» (2011) мавриди тадқиқи алоҳида қарор гирифтаанд:

**«Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳашмати Бухороӣ.** Таҳлилу баррасӣ ва таҳқиқи хусусиятҳои асар, забон ва сабки нигориш, муқоиса ва муқобалаи тазокири охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX аз масоили муҳими таҳқиқи адабӣ ба шумор меравад.

Зарурати баррасии ин мавзӯъ дар он ба назар мерасад, ки аз миёни тазкираҳои поёни садаи XIX ва ибтидои асри XX тазкираҳои Мирсиддиқхони Ҳашмат ношинохта мондааст. Дар ҳоле ки таҳқиқи ин мавзӯъ на танҳо барои муайян кардани ҷойгоҳ ва арзиши тазкираҳои Мирсиддиқхони Ҳашмат дар раванди тазкиранигории охири асри XIX - ибтидои асри XX имкон медиҳад, балки барои равшан намудани чандин чеҳраҳои адабии ин замон, ки дар тазкираҳои дигар камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд, мусоидат мекунад.

Моҳият ва мақсади тадқиқоти нигарандаи ин сатрҳо, пеш аз ҳама, баррасии вижагиҳо ва нишон додани арзиши адабиву таърихии тазкираҳои Мирсиддиқхон Ҳашмати Бухороӣ ҳамчун сарчашмаи муҳими илмӣ дар шинохти намояндагони муҳити адабии Бухорои асрҳои XIX-XX, хоса, муайян сохтани сабку услуби нигорандагии адибони ношинохтаи Мовароуннаҳр ба шумор меравад, ки таҳти унвони «Тазкираҳои Ҳашмати Бухороӣ ва аҳамияти илмиву адабии онҳо» (2014) ба зевари табъ ороста гардид (11, 168).

**«Маҷмӯат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ.** Муҳаққиқи ҷавон Эҳсон Раҷабов зимни таълифи рисола доир ба рӯзгор ва осори Фазлии Намангонӣ, хусусиятҳои ғоявиву услубӣ ва шеваи баён, забону услуб, арзишу аҳамияти адабию таърихии тазкираи «Маҷмӯат-уш-шуаро»-и ӯ ва, ба ин васила, масоили адабиёти тоҷикии нимаи дувуми асри XVIII ва ибтидои асри XIX дар ҳавзаи адабии Хӯқандро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Мавсуф дар ҷараёни таҳқиқ ба чанд нукта, аз ҷумла омӯзиш ва тадқиқи адабиёти тоҷики асрҳои XVIII-XIX дар ҳавзаи Хӯқанд, таҳқиқи равандҳои адабии ин давр, нақду баррасии «Маҷмӯат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ, муайян намудани арзиши адабиву таърихии асар, равшан намудани мавқеи адабии шуаро ва мухтассоти

ашъори онон дар асоси маводи тазкира таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, ки моҳият ва мақсади пажӯҳишро ба вуҷуд овардааст (4, 25).

**«Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳ.** Бо такя бар меъёрҳои шинохти кутуби тазкира метавон «Туҳфат-ул-аҳбоб»-ро аз ҷумлаи осори муҳими адабӣ маҳсуб донист, ки то ҳол ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Нокифоят будани ҷараёни таҳқиқ ва ба муомилоти илмӣ камтар ворид гардидани маводи ин асар зарурати пажӯҳиши амиқи илмиро тақозо намуд, ки муҳаққиқи ҷавон Саноат Оқилова ҷиҳати дарки ин масъулият ба пажӯҳиши ин масъала машғул гардид. Агарчи рӯзгор ва осори Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ аз ҷониби адабиётшинос Турсунбой Неъматзода дар рисолаи «Возеҳ» (1967) ба таври шоиста таҳқиқ шудааст, аммо «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и ӯ то кунун дар адабиётшиносии тоҷик мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Ин зарурат дар адабиётшиносии муосири тоҷик муҳим будани таҳқиқу баррасии сохтору муҳтаво ва арзиши адабии «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳ ва таърихи анъанаи тазкиранависиро ба миён овард, ки мавзӯи мазкур дар меҳвари тадқиқоти рисолаи илмии муҳаққиқи мазкур қарор гирифт.

Моҳияти пажӯҳиши Саноат Оқиловаро масоили марбут ба анъанаи тазкиранигорӣ ва ҷойгоҳи «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳ дар адабиёти форсу тоҷик, таҳқиқи таърихи рушду такомул, омӯзиши махсусиятҳои адабиву бадеӣ, услубӣ, инчунин нусхашиносии ин навъ осор ба вуҷуд овардааст  (3, 26).

Ҳамин гуна, таҳқиқ ва шинохти осори муҳим ва камшинохтаи муҳити адабии Мовароуннаҳр бо саъю кӯшиши як қатор пажӯҳишгарони ҷавон дар солҳои охири асри ҷадид бо диду назари тоза ва чашмандози хоса роҳандозӣ гардида, дар ин самт корҳо пайваста бо суръат ва шитоб идомат пайдо карда истодааст.

**3. Тасҳеҳ ва нашри осори адабӣ.** Самти дигари таҳқиқот ва фаъолияти илмӣ дар роҳи омӯзиши адабиёти асри XIX ва ибтидои асри XX, илова бар таҳқиқи чеҳраҳои камшинохта ва осори хаттии як давраи адабиёт, инчунин, нашру тасҳеҳ ва таҳияи нусхаҳои қаламии як қатор тазкира ва девон маҳсуб меёбад, ки то ҷое дастраси мо гардид ва аз ҳолату кайфияти он огоҳӣ пайдо кардем, дар поён ба тавсифу муаррифии иҷмолии он мепардозем.

Ҷоизи таъкид аст, ки перомуни соҳибдевон будани суханварони тирози аввали асри XIX ва ибтидои асри XX, ба мисли Возеҳ ва Савдо ахбори сарчашмаҳо ва осори таҳқиқӣ ихтилофангез буда, мавҷуд будани девони онҳоро комилан равшан намесозанд ва ин қазия то ҳол ҳалли худро пайдо накардааст. Аз ин рӯ, алоқамандони адабиёт ва, хусусан, муҳаққиқону таҳиягаронро зарур аст, ки нисбати ин

масъала таваҷҷуҳ бештар зоҳир намуда, ҷиҳати ҷамъоварӣ, таҳия, тасҳеҳ ва нашри девони ашъори ин суханварон эҳтимом варзанд. Зеро ағлаби ашъори парокандаи шоирони мазкур дар батни баёз, ҷунг ва тазкираҳои ин давра маҳфуз аст. Дар даврони шӯравӣ бархе аз олимону донишмандон, чун Расул Ҳодизода, Усмон Каримов, Холиқ Мирзозода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ ва дигарон зимни омӯзиш ва таҳқиқи таърихи адабиёти тоҷик (асри XIX ва ибтидои асри XX) намунаҳои барҷастаи эҷодиёти Шоҳин, Возеҳ, Савдо, Қурбонҷони Фитрат, Исомахдум, Асирӣ ва, умуман, аксари намояндагони ин давраро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, баҳри шинохт ва маърифати орою андеша ва ҷаҳоншиносии ин адибон саҳми назаррас гузоштанд. Муҳаммадҷон Раҳимӣ дар ин ҷода ҳиммат гумошта, «Ашъори мунтахаб»-и Шоҳинро бо тавзеҳоту шарҳи луғот ба нашр расонида бошад ҳам, аммо он фарогири кулли ашъори Шоҳин буда наметавонад. Ин нуктаро худи мураттиб низ ба таври зайл тасдиқ кардааст: «Ин «Ашъори мунтахаб», ки ҳоло дар даст доред, аввалин нашри нисбатан пурраи асарҳои Шоҳин мебошад. Лиҳозо, асарҳои ӯ то ҳол пурра ҷамъ ва тадқиқ нашудаанд». Аз ҷиҳати дигар, китоби мураттабнамудаи ӯ аз нигоҳи сабти аснод ва фароҳамоварии матн ниёз ба таҷдиди махсус ва бознигарӣ дорад.

**«Девон»-и Зуфархон Ҷавҳарӣ -** бори нахуст дар соли 1986 бо кӯшиш ва эҳтимоми Баҳодур Файзулло интишор ёфта, баъдан дар натиҷаи  ҷустуҷӯ ва ковишҳои бистсолаи ҳамин муҳаққиқ бо муқаддимаи муфассал ва сарсухани пурмуҳтавои Кароматулло Олимов «Мунтахаботи осор»-и ӯ дар соли 2002 ба табъ расид, ки фарогири анвои гуногуни осори ин шоири хушқареҳа ва пайрави муваффақгаштаи мактаби Бедил ба шумор меравад. Нашри муҷаддади осори Зуфархон Ҷавҳарӣ аз ду бахш иборат буда, қисми аввал шомили ғазалиёт, мухаммасот, рубоиёт ва қисми дуюм фарогири қасоид, марсияҳо, мадҳу сано, таърихҳо, маснавиҳо ва мукотибаҳо мебошад. Бо дарназардошти вусъати матолиб ва намунаҳои осори дар китоб гирдомада метавон гуфт, ки таҳиягар ва мураттиб нусхаи нисбатан мукаммали осори Ҷавхариро фароҳам овардааст.

**«Девон»-и Абулфазли Сират.** Дар байни таҳияи осори хаттӣ «Девон»-и нисбатан мукаммали Абулфазли Сират (2014) бо табдил аз хати настаълиқ ба сриллик аз ҷониби профессор Матлуба Хоҷаева аҳамияти бештар дошта, дар бозшинохти аҳволу осори ин шоири камтаҳқиқи тоҷик равзанаеро барои аҳли таҳқиқ боз менамояд.

Таҳиягар ва мураттиби «Девон»-и Сирати Балхӣ Матлуба Хоҷаева бо навиштани пешгуфтори муфассали хеш дар ин китоб

ҷузъиёти муҳимтарини рӯзгору мухтассоти осори шоирро ба аҳли завқу хирад бо вусъати назар ва фарохии доманаи матолиб муаррифӣ намудаанд (6,3-28).

Муҳассанот ва фазоили кори таҳиягари «Девон», қабл аз ҳама дар он ба назар мерасад, ки сиҳҳатии матн ва асолати он аз ҷониби муҳаққиқ риоя гардидааст. «Девон»-и нисбатан мукаммали Сират барои аввалин бор, бар мабнои нусхаи девони зери шумораи 858, ки дар захираи дастхатҳои шарқии АФ Тоҷикистон нигоҳ дошта шуда, аз 77 саҳифа иборат аст, аз хати настаълиқ ба сириллик бо пешгуфтори муфассали таҳиягар пешкаши муҳаққиқон, сухансанҷон ва кулли дилбохтагони адабиёт мегардад.

**«Девон»-и Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ.** Нашри ҷадиди «Девон»-и нисбатан мукаммали ашъори шоири маъруф ва суханвари хушсалиқаи нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ бо тасҳеҳ, тавзеҳот ва пешгуфтори шоир ва муҳаққиқи тоҷик Нуралӣ Нурзод бо хати форсӣ ва сириллик бар мабнои нусхаи чопи сангии соли 1916 дар Бухоро интишорёфта ва қиёсу муқобала бо нашрҳои охир дар шинохт ва маърифати осори ин суханвар аз корҳои шоиста ва қобили таваҷҷуҳ дар замони муосир маҳсуб меёбад. Девон шомили 331 ғазал, 11 қасида ба шумули «Фироқнома» (дар ҷавоби «Фироқнома»-и Анварӣ ва Хоҷуи Кирмонӣ), 12 мухаммас, 5 мусаддас, 1 мусамман, «Соқинома», «Наврӯзнома», чанд маснавии кӯтоҳ, ки бо номи «Арза» омадаанд, ҳамчунин, маснавии нотамоми «Лайлӣ ва Маҷнун», 9 рубоӣ мебошад, ки дар маҷмӯъ фарогири осори нисбатан мукаммали Туғралӣ Аҳрорӣ аст. Аз муқаддимаи муфассали таҳиягар ва мураттиб маълум мешавад, ки он бар асоси танзими таҳияи «Девон»-и чопи сангии соли 1916 тадвин гардида, зимнан вобаста ба суннати таҳияи девонҳо дар гузашта ғазалиёти дар ин нашр мавҷуд набуда бо муқобала аз нашрҳои дигар ворид карда шудааст. Ҳамзамон, афзалият ва тафовути нашрҳои анҷомёфтаи моқабл дар муқоиса бо чопи сангии он дар тавзеҳот таъкид гардидааст.

**«Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ.** Таваҷҷуҳ дар самти таҳқиқ ва интишори нусхаҳои қаламӣ, бахусус, нусахи хаттии осори адабии қуруни XIX-XX сол аз сол бештар гардида, дар ин росто, самароти хубе ба бор оварда истодааст. Ҷиҳати истинод метавон аз нашру тасҳеҳи «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ (2015) ёдовар шуд, ки бо талош ва эҳтимоми профессор Матлуба Хоҷаева ва муаллифи ин сатрҳо тариқи нашриёти «Хуросон» (228 саҳифа) бо табдил аз ҳуруфи арабиасоси форсӣ ба кириллӣ ва нусхаи факсимилеӣ, бо тавзеҳот, феҳрист ва замима ба табъ расидааст.

Тазкираи Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ, ки танҳо як нусхаи нотамоми он то рӯзгори мо боқӣ мондааст, аз сарчашмаҳои хеле нодир буда, то имрӯз интишор наёфта буд. Дар ин тазкира перомуни 10 нафар шоиру нависандагон ва уламои маъруфи охири садаи XIX ва ибтидои асри XX ҳавзаи адабии Бухоро маълумот ҷой дорад.

Ин тазкира бори нахуст ба хати кириллӣ нашр гардида, ягона нусхаи он ба муҳаққиқон ва алоқамандони ин давраи адабиёт манзур мегардад. Барои дарки беҳтари матолиб дар поёни матни кириллӣ феҳрасти кутубу амокин ва луғоти мушкилфаҳм, тавзеҳот ва намунаҳои ашъори Шаръӣ замима шудааст. Нашри тозаи тазкираи Шаръӣ имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои дигари эҷодиёти ӯ, нуфузи фикриву ҳунарии шоир дар иқлими адабиёти форсу тоҷик боз ҳам бештар ба риштаи пажӯҳиш кашида шаванд.

Аммо бо вуҷуди ин, метавон гуфт, ки таҳияву интишори чанде аз нусхаҳои қаламии сарчашмаҳои ин давра аз ҳуруфи арабиасоси форсӣ ба кириллӣ, аз қабили «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳашмат, «Тазкират-уш-шуаро»-и Муҳтарам, «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдӣ, «Маҷмӯат-уш-шуаро»-и Фазлӣ, «Рӯзнома»-и Садри Зиё, «Девон»-и Амирӣ, «Тазкираи Фаҳмӣ» ва даҳҳову садҳо кутуби илмиву адабӣ ва таърихии ин давра, ки алъон дар захираи дастнависҳои пажӯҳишгоҳҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Осиёи Марказӣ нигоҳ дошта мешаванд, сурат нагирифтааст. Имрӯз фурсати он расидааст, ки кулли осор ва, хоссатан, ашъори парокандаи Шоҳин, Возеҳ, Савдо ва шоирони маъруфи дигари ин давра ҷамъоварӣ гардида, ба сурати куллиёти осор ва ё девон бо дарназардошти меъёрҳои илмӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи тасҳеҳ ва таҳияи матни интиқодӣ пешкаши аҳли назар гардад. Аз ин хотир, муҳаққиқон ва таҳиягаронро зарур аст, ки ҷиҳати нашру тасҳеҳ ва ба маърази умум гузоштани он саъю талош намоянд. Зеро омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин манобеъ дар равшан сохтани паҳлӯҳои торики адабиёти тоҷики асри XIX ва ибтидои асри XX нақши муассир хоҳад гузошт.

Таҳлилу баррасии вазъи таҳқиқ ва нашри осори хаттии ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр дар даврони муосир моро ба натиҷаҳои зерин оварда мерасонад:

- Таваҷҷуҳ дар ин замина ҳанӯз аз замони шӯравӣ ҷараён гирифта, нусхаҳои хаттии баъзе аз тазкираҳо (бахусус, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ, «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Муҳтарам, «Тазкират-уш-шуарои мутааххирин»-и Абдӣ ва ғ.) бо хати арабиасоси форсӣ нашр ва ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

- Дар даврони истиқлолият раванди таҳқиқу интишори осори ниёкон ба сифати арзишҳои миллӣ ва мероси гаронбаҳои аҷдодӣ аз сӯи донишмандони ватанӣ пазируфта шуда, ба ин васила, дарёфти падидаҳои адабӣ ва муайян намудани мақому ҷойгоҳи он осор дар таърихи адаби форсии тоҷикӣ бо як шеваи ҷолибу воқеъбинона ҷараён гирифта истодааст.

- Ҳадафи аслӣ ва равиши кори муҳаққиқони тазкираҳо эҳёи суннати гузаштагон ва, ба ин васила, нишон додани мақому эътибори ин осори хаттӣ, таъйини арзишу аҳамияти онҳо бар асоси мизони таҳқиқу санҷиш маҳсуб меёбад.

- Зарурати омӯзиш, пажӯҳиш ва интишори мероси хаттии муҳити адабии Мовароуннаҳр дар замони муосир сол аз сол бештар эҳсос гардида, дар ин самт бозёфт ва навгониҳои илмӣ ба вуҷуд оварда истодааст, ки барои пур кардани холигоҳи фазои маънавӣ, ҳамчун василаи хубе хидмат мекунад.

**Пайнавишт:**


1. Зуфархон Ҷавҳарӣ. Девони Ҷавҳарӣ.- Душанбе: Ирфон, 1986.- 272 с.
2. Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ. Девон.- Хуҷанд: Хуросон-Медиа, 2015.- 792 с.
3. Окилова С. А. «Тухфат ал-ахбаб» («Падарок друзей») Возеха и традиции составления антологий в таджикской литературе второй половины XIX-начала XX века». Автореферат канд.дис.- Душанбе, 2015.- 26 с.
4. Раджабов Э. И. «Маджмуат-уш-шуаро» Фазли Намангони и традиции составления тазкире в таджикской литературе XIX – начала XX вв. Автореферат канд. дис.- Душанбе, 2013.- 25 с.
5. Сиддиқӣ, Саҳобиддин. Садри Зиё ва тазкираҳои ӯ /Зери назари Т. Н. Неъматзода, виросторон: М. Шакурӣ ва М. Хоҷаева.- Душанбе, 2010.- 200 с.
6. Сират, Абулфазл. Девон /Таҳиякунандаи матн ва муаллифи пешгуфтор Матлубаи Мирзоюнус. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2014.- 100 с.
7. Сират, Абулфазл. Девон. Хазинаи дастхатҳои шарқии Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Шумораи 858.
8. Шаръӣ, Ҳоҷӣ Абдулазим. Тазкират-уш-шуаро /Баргардонанда аз ҳуруфи арабиасоси форсӣ ба кириллӣ, ба чоп ҳозиркунандаи матн, тавзеҳот, феҳрист ва замима Илҳом Эшонқулов.-Хуҷанд: Хуросон-Медиа, 2015.- 228 с.
9. Шаръӣ, Ҳоҷӣ Абдулазим. «Тазкират-уш-шуаро». Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳони Берунӣ.- Тошканд.- Дастхати №3396.- 95 с.
10. Шоҳин. Ашъори мунтахаб. Таҳрир ва шарҳи луғот аз Муҳаммадҷон Раҳимӣ.- Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960.- С.6.
11. Эшонқулов, Илҳом. Тазкираҳои Ҳашмати Бухорой ва аҳамияти илмиву адабии онҳо.- Хуҷанд: Нури маърифат, 2014.- 168 с.

***Мавҷуда Ўрунова***[1]

# ҲИКМАТИ МАВЛОНО ҶОМӢ ДАР «ХИРАДНОМАИ ИСКАНДАРӢ»

«Хирадномаи Искандарӣ» охирин достони «Ҳафт авранг»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ба ҳисоб рафта, дар ҷавоби «Искандарнома»-ҳои хамсатайн таълиф шудааст. Ин достонро суханвар бисту ҳафтуми декабри соли 1484 ба итмом расонидааст. Достон ба ҳукмрони замон Султон Ҳусайн Бойқаро бахшида шудааст. Ҳарчанд перомуни достони мазбур пажўҳишоти мухталиф анҷом пазируфтаанд (3, 150), аммо дар хусуси муҳтавои асар ва афкори ахлоқии Мавлоно Ҷомӣ дар он маълумоти комил пайдо кардан ғайриимкон аст. Ҳол он ки суханвар дар асар бисёр «масъалаҳои фалсафӣ-таълимӣ ва ҳикмату ахлоқро пеш гузошта, онҳоро аз мавқеи гуманистӣ ҳал менамояд» (3, 150). Муҳаққиқи аҳвол ва ашъори Абдурраҳмони Ҷомӣ Аълохон Афсаҳзод низ дар хусуси аҳамияти тарбиявию ахлоқии «Хирадномаи Искандарӣ» хеле мухтасар ибрози назар кардааст (4, 363).

Осори Ҷомӣ дар Тоҷикистон ду маротиба ба нашр расидааст. Бори аввал солҳои шастуми асри бист ба таври мунтахаб дастраси ҳаводори каломи бадеъ гардида бошад, солҳои ҳаштодуми ҳамин аср он нисбатан комилтар рўи чопро дид ва хонандагон тавассути нашри сонӣ тавонистанд ҳар чӣ амиқтар вуруди ҷаҳони андешаҳои ин мутафаккири классики форсу тоҷик, аз ҷумла достони «Хирадномаи Искандарӣ» гарданд.

Ин асар мувофиқи нашри тоҷикистонӣ, ки соли 1988 аз тариқи нашриёти «Адиб» аз ҷониби адабиётшинос Аълохон Афсаҳзод ба нашр расидааст, иборат аз 2117 байт мебошад. Аз рўи маълумоте, ки дар пешгуфтор оварда шудааст, маълум мегардад, ки ҳангоми ба чоп ҳозир кардани достон, аз он бобҳои анъанавии ҳамд, муноҷот, наът, меъроҷ ва мадҳ (дар маҷмўъ 194 байт) аз оғози он ва 4 байт аз насиҳат ба фарзандаш ихтисор гардидааст. Бинобар ин, матни аслии достон аз 2315 байт иборат аст (1, 246). Бо назардошти ин ихтисорот достони «Хирадномаи Искандарӣ» аз бобҳои анъанавӣ –ҳамд, муноҷот, наът, сифати шаби меъроҷ, мадҳ, насиҳат ба фарзанд, насиҳати нафсу даъват ба қаноат, васфи сухан иборат буда, баъд аз ин мазмуни аслии достон шурўъ шудааст, ки унвонаш «Оғози сухангустарӣ ба шурўъ

[1] номзади илмҳои филологӣ, корманди МД «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ»

дар «Хираднномаи Искандарӣ» мебошад. Абдурраҳмони Ҷомӣ барои нишонрас шудани андешаҳояш, ҳатто, дар ду боби анъанавӣ – дар насиҳати нафс ва тавсифи сухан ҳикоят зикр кардааст. Ин далел бар он аст, ки ҳадафи аслии суханвар аз таълифи достон танҳо зикри саргузашти Искандари Мақдунӣ набуда, ҳамзамон бозгӯи андешаҳои тарбиявию ахлоқӣ ва ҳидояти салотини ҷаҳон ба адолату хайрхоҳист. Мавлоно Ҷомӣ дар ҳикояти аввал, ки дар зикри сарзаниши нафс ва даъват ба қаноат овардааст, ҳоли шахси раҳсипори Каъбаро тасвир кардааст, ки аз қофила ҷудо мешавад ва дар биёбон ба кулбаи пиразане мерасад, ки аз қути зиндагӣ чизе надошт. Ин зан танҳо бо баъзе махлуқот, аз қабили мору сусмор ё моҳии регпарвар, ки дар реги тафсон бирён шуда буд, қаноат мекард. Ин мард низ, ки гуруснагӣ бар вай ғолиб омада буд, аз хӯроки ин зан баҳравар шуда, мехоҳад, ки об нӯшад. Пирзан ӯро ба сӯи чашмае раҳсипор месозад, ки обаш талху шӯр буд. Вақте мард ба сӯи кулбаи зан меояд, аз ӯ мепурсад, ки чаро ба сӯи деҳе ё шаҳре рӯ намеорад, то ки осудатар зиндагӣ намояд. Зан ҷавоб медиҳад, ки он ҷо ҷои ман нест. Зеро:

*Бигуфто, ки ҳар ҷой шаҳру деҳ аст,*
*Яке сифла бар халқ фармондеҳ аст,*
*Қаноат намудан ба нокому ком,*
*Бад-ин ногувор обу нохуш таом,*
*Аз он беҳ, ки баҳри шикам бихраде,*
*Бувад зери фармони ҳамчун х(в)аде (1, 255).*

Баъд аз зикри абёти мазкур, суханвар ба соқӣ муроҷиат карда, хонандаро ба ваҳдат даъват карда, мегӯяд:

*Биё, соқию з-он майи дилписанд,*
*Ки гардад аз ӯ сифла ҳимматбаланд,*
*Фурӯ рез як ҷуръа дар ҷоми ман,*
*Ки давлат занад қуръа бар номи ман (1, 255).*

Қисмати асосии достон аз боби «Оғози сухангустарӣ ба шурӯъ дар «Хираднномаи Искандарӣ» ифтитоҳ ёфта, дар маҷмӯъ, чаҳордаҳ достон (боб)-ро фарогир аст. Дар оғози қисме аз достонҳо хираднномаҳо ҷойгиранд, ки саршори дурдонаҳои ҳикматанд. Чунончи, дар достони дуюм «Хираднномаи Аристотолис», «Хираднномаи Афлотун», «Хираднномаи Сукрот», «Хираднномаи Букрот», «Хираднномаи Файсоғурас», «Хираднномаи Асқалинус», «Хираднномаи Ҳермис» ва дар достони сеюм «Хираднномаи Искандарӣ», дар маҷмӯъ ҳашт хираднома ҷойгиранд, ки ҳар яке дорои аҳамияти хуби тарбиявию ахлоқӣ мебошанд. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ монанди дигар маснависароёни бузурги адабиёти форсу тоҷик, аз қабили Саноӣ, Аттор,

Низомӣ, Мавлоно Румӣ, Амир Хусрав ва дигарон кӯшиш намудааст, ки андешаҳои ҳакимонаи худро бо ҳикоятҳои ҷолибу пурбор тақвият бахшад. Бинобар ин, дар таркиби достон, ҳамзамон хираднномаҳои он ҳикоятҳо аз рӯзгори шахсиятҳои мухталиф ва ҳикоётӣ тамсилӣ оварда шудаанд, ки дар маҷмӯъ бисту ду ададанд. Баъд аз анҷоми достони сездаҳум, ки «Достони вафоти Искандар ва нудбаи ҳокимон бар вай» унвон дорад, гуфтори даҳ ҳаким оварда шудааст, ки дар онҳо Искандар ба некӣ ёд карда мешавад ва Мавлоно Ҷомӣ ин гуфторҳоро зери истилоҳи нудба ғунҷоиш додааст. Баъд аз поёни достони чаҳордаҳум, ки мусаммо ба «Достони бурдани тобути Искандар ба Искандария ва таъзият гуфтани ҳакимон модарашро» аст, таъзияти панҷ ҳаким нисбати вафоти Искандар ба модараш оварда шудааст, ки барои намуна нудбаву таъзияти ҳакими аввалро зикр менамоем. «Нудбаи ҳакими аввал:

*Яке гуфт: «Вақт аст, эй ҳушёр,*
*Ки гирем аз ҳоли шоҳ эътибор.*
*Бубинем, к-айём бо ӯ чӣ кард,*
*Сипеҳри каҷандом бо ӯ чӣ кард?!*
*Фалак тоҷи давлат рабуд аз сараш,*
*Либоси бузургӣ кашид аз бараш.*
*Ҳар он сахтие, к-аз сарои дурушт,*
*Зи иқболу давлат бар ӯ дошт пушт.*
*Кунун рӯ ба сӯи вай овардааст,*
*Ба пои сарираш пай овардааст.*
*Ҳар осоние, к-аз мадори сипеҳр,*
*Намуд андар айёми шоҳӣ-ш меҳр,*
*Кунун рӯи иқбол аз ӯ тофтаст,*
*Ба теғи ғамаш заҳра бишкофтаст.*
*Аз он бахти бедор аз ин сон, ки хуфт,*
*Сазад гар кунад марди доно шигуфт.*
*Чунин, к-аз шакархандааш лаб ҷудост,*
*Ба хун гар бигирянд бар вай, равост.*
*Вале гул чу сарсар зи шохаш рабуд*
*Бар ӯ гиря з-абри баҳорон чӣ суд?» (1, 370-371).*

Аз мазмуну муҳтавои нудбаи аввал ва нудбаҳои ҳакимони дигар маълум мегардад, ки Абдурраҳмони Ҷомӣ ба бевафоии дунё, ҳечмаярз будани молу давлат, беҳуда будани ҷаҳонгириву ҷаҳонкушоӣ, беилоҷ мондан назди қазову қадар, подоши амал ва ғайра қоил аст ва ҳамаи ин афкору ақоиди ҳакимонаашро тавассути чеҳраи Сикандар асоснок кардааст. Ин андешаҳо дар таъзият гуфтани ҳакимон боз ҳам тавсеа

ёфтаанд. «Таъзият гуфтани ҳакими аввал:

*Ҳакими нахустин чу шуд пардасоз,*
*Бад-ин сон бурун дод аз парда роз.*
*Ки эй матлаи нури искандарӣ,*
*Баланд аст зи ту пояи сарварӣ.*
*Агар рехт гул, боғ поянда бод*
*В-агар рафт маҳ, меҳр тобанда бод!*
*Надонам, ки чун сабр фармоямат,*
*Чӣ сон роҳи ором бинмоямат?!*
*Сикандар туро сабр фармудааст,*
*Раҳат сӯи ором бинмудааст.*
*Чу мардон дар он раҳ ниҳодӣ қадам,*
*Накардӣ зи фармудааш ҳеҷ кам.*
*Шуд аз қавли ӯ кор равшан туро,*
*Чӣ ҳоҷат ба фармудаи ман туро!?*
*Дар ин меҳнатободи мотамгарон,*
*Туӣ беҳтарини ҳама модарон.*
*Ки дар марги фарзона фарзанди хеш,*
*Нагаштӣ зи ҳукми худованди хеш.*
*Зи ҷони ту нури яқин сар задаст,*
*Дилат хайма дар мулки дигар задаст.*
*Ба музде-т фардо бувад дастрас,*
*Ки ҳаргиз набинад чунон музд кас» (1, 376-377).*

Чуноне ки дар боло зикр намудем, Мавлоно Ҷомӣ ҳанӯз дар қисматҳои анъанавии достони «Хирадномаи Искандарӣ» ба нақли ҳикоятҳо пардохта, ба ин васила андешаҳояшро тақвият бахшидааст. Агар дар бобҳои анъанавӣ ҳамагӣ ду ҳикоят зикр шуда бошад, дар қисмати асосии достон бист ҳикоят нақл шудааст, ки аз онҳо се ҳикоят тамсилӣ мебошанд. Масалан, дар поёни «Хирадномаи Аристотолис» «Ҳикояти он шутур, ки ба машварати рӯбоҳ дар об хуспид ва ба охир бори вай гаронтар гардид» оварда шудааст, ки андешаҳои зерини ҳакимонаи устоди Искандар – Арастуро тақвият бахшидааст, ки фармуда:

*Чу боре зи гардун-т ояд ба дӯш,*
*Дар афгандани он машав ҳилакӯш.*
*Ба пушти таҳаммул каш ин борро,*
*Макун ҳилагар нафси маккорро.*
*Мабодо шавад сахттар кори ту,*
*Ба пушти ту гардад фузун бори ту (1, 279).*

Мазмуни мухтасари ҳикоят чунин аст:

Шутуре буд бисёр пиру лоғар ва соҳибаш ӯро намак бор мекарду сӯи шаҳр мешитофт ва ризқу рӯзӣ пайдо мекард. Азбаски аз бори гарону дурушт тахтапушти шутур бисёр ранҷ дида буд, базӯр роҳ мегашт. Аз қазо рӯбоҳе назди вай пайдо шуда, аз ҳоли шутур пурсон мегардад. Шутур дар ҷавоб шикоят аз ҳоли зори хеш намуда, ба дасти соҳиби бераҳм афтоданашро баён месозад. Рӯбоҳи ҳилагар ба ӯ мефармояд, ки дар роҳи кони намак ва шаҳр рӯде аст. Ту метавонӣ ҳангоми пурбор сӯи шаҳр рафтанат ба он рӯд ғӯтае чанд бизанӣ, то намак дар об ҳал шавад ва бори ту сабуктар гардад. Дар он сурат метавонӣ бо андак бор сӯи шаҳр бемалол гом занӣ. Шутур ин маслиҳати рӯбоҳро мепазирад ва чун ба рӯд наздик мешавад, дохили об даромада, дар он чанд бор ғӯта мезанад, то бораш сабук гардад. Аз ин ҳилаи шутур шутурбон огоҳ гардида, аз кони намак дил меканад ва тамоми гилему намадҳояшро болои шутур мегузорад. Вақте шутур бо онҳо дохили об мегардад, аз ҷаббидани об гилему намадҳо боз ҳам гаронтар мешаванд ва шутур дучанд зери бор мемонад. Шутур аз ин ҳоли худ сахт дилгир шуда, рӯбоҳро нафрин мекунад:

*Ки бодаш зи рӯи замин ном гум,*
*Ки бар ман раво дошт ин уштулум.*
*Ман аз як намак доштам дил ду ним,*
*Ба обам дарафганд пашмин гилем.*
*Гилеми худ аз об агар баркашам,*
*Зи шодӣ бар авҷи фалак сар кашам (1, 282).*

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ баъд аз зикри ҳикояти тамсилии мазкур дар охир абёти соқинома оварда, дар он бар соқӣ муроҷиат карда мегӯяд, ки илоҷи бодаеро кунад, ки инсонро аз ҳар макру ҳила, хоса, макру фиреби «рӯбоҳи пир», ки киноя аз дунё аст, раҳо созад ва ба мутриб муроҷиат намуда, мегӯяд:

*Биё, мутрибо, нақше аз нав бубанд,*
*Бизан ин наворо ба бонги баланд.*
*Ки он аст шер ин гузаргоҳро,*
*Ки аз сар кашад пӯст рӯбоҳро! (1, 282).*

Ҳикояти дигари тамсилӣ дар қисмати «Гуфтор дар фазоили сухан ва суханварӣ ва тақриби назми ин манзумаи аз айбу такаллуф барӣ, ки номзад аст ба «Хиради номаи Искандарӣ»-и достон оварда шуда, «Ҳикояти он ход, ки гӯш ба афсонаи ғук ниҳод ва накдро ба умеди насия аз даст дод» номида шудааст. Мазмуни мухтасари ҳикоят иборат аз он аст, ки ходе (мурғе, ки ҳавоишикор аст-М.Ӯ.) пиру нотавон гардида, ба лаби обе маскан мегирад ва ғукеро ба даст меорад. Ғук нолакунон зорӣ мекунад, ки агар ӯро раҳо кунад, бар ивази не-

киаш моҳӣ хоҳад овард. Ходи пиру гурусна ба умеди ғизои хуб ғукро раҳо карда, аз гуруснагӣ азияти бисёр мекашад. Ҳадафи Ҷомӣ аз зикри ин ҳикоят тасвири ҳолати худ дар ибтидои таълифи достони «Хирадномаи Искандарӣ» будааст, ки фармуда:

*Манам ҳамчу он ходи ҳирмонзада,*
*Раҳи хуррамӣ бар дилу ҷон зада.*
*Зи фикри сухан рафта аз дил ҳузур,*
*Зи нуқсони фикрам сухан пурқусур.*
*Ба дастам зи маҳрумии бахти ман*
*На ҷамъияти дил, на фикри сухан (1, 261).*

Ҳикояти сеюми тамсилӣ дар қисмати «Хирадномаи Суқрот» оварда шуда, «Ҳикояти он мурғи моҳигир, ки ҳила сохт ва он моҳии содаро дар дом андохт» номгузорӣ шудааст. Мухтасари мазмуни ҳикоят иборат аз он аст, ки мурғи моҳигире дар ниҳояти заъфу пирӣ назди дарё чашм сӯи моҳиён меандохт. Ногоҳ моҳие аз аҳволи мурғ огоҳ шуда, бо ӯ дар гуфтушунид мешавад. Мурғи моҳихӯр аз пирию нотавонӣ ҳарф зада, аз моҳӣ хоҳиш мекунад, ки бо ӯ ҳамсуҳбату ҳамроз гардад ва, ҳатто, мефармояд, ки як-ду гиёҳеро гирифта даҳони мурғро бандад, то амнияташ таъмин бошад. Моҳии сода чун гиёҳро гирифта сӯи мурғ меояд, мурғ дар як лаҳза ӯро туъмаи хеш месозад. Абдурраҳмони Ҷомӣ бо ин ҳикоят хонандаро ҳушдор медиҳад, ки аз макру фиреби аҳли замона барҳазар бояд буд ва бо руҷӯъ ба соқӣ мефармояд:

*Биё, соқӣ, он ҷоми гетифурӯз,*
*Ки шабро ниҳад роз бар рӯи рӯз,*
*Бидеҳ, то зи макроварони ҷаҳон,*
*Намонад зи мо ҳеҷ макре ниҳон (1, 296).*

Мавлоно Ҷомӣ дар қисматҳои достони «Хирадномаи Искандарӣ» нуздаҳ ҳикоят барои исботи андешаҳои ҳакимонааш овардааст, ки ҳар яке арзиши хуби ахлоқиро дороанд.

Ҳикоятҳои достони зикршуда мутолиагарро ба худшиносиву худогоҳӣ, қаноат, сидқ, эҳтироми падару модар, фурӯтанӣ, касби илму ҳунар, саховату карам, ростиву росткорӣ, парҳез аз кибру ғурур, бухлу ҳасад, мардумозорӣ ва ғайра даъват менамоянд. Азбаски дар ҳаҷми як мақолаи хурд шарҳу тавзеҳи мазмуну муҳтавои тамоми ҳикоятҳои дар достон зикршуда имконнопазир аст, бо таҳлили танҳо як ҳикоят иктифо менамоем. Мавлоно Ҷомӣ дар қисмати «Хирадномаи Букрот» «Ҳикояти эърози падари ҳаким аз тарбияти писари лаим»-ро овардааст, ки мазмуни мухтасари он чунин аст: «Дар Юнон ҳакиме мисоли Афлотун мезист, ки дар илми ҳикмат ягонаи

даврон буд. Ӯро фарзанде буд сифлаву фурӯмоя, ки ҳамеша бо бадон ҳамроҳӣ дошт. Насиҳати падарро ба гӯш намегирифт ва аҳли хонаводаро шармсор мекард. Рӯзе модараш падари фарзандашро таъна зад, ки бо ин қадар илму ҳикмат наметавонӣ ягона писаратро тарбия намоӣ, аммо дигарон аз ту баҳраёб ҳастанд. Дар ҷавоб ҳаким мегӯяд:

*Бигуфто: «Гили ӯ зи кони ман аст,*
*Вале ҷони ӯ не зи ҷони ман аст.*
*Чу ҷонаш набошад зи ман баҳранок,*
*Чӣ судаш кунад нисбати обу хок» (1, 303).*

Мазмуни ҳикояти мазкур байти хулосаи Шайх Саъдиро аз «Гулистон» ба ёд меорад, ки фармудааст:

*Партави некон нагирад ҳар  ки бунёдаш бад аст,*
*Тарбият ноаҳлро чу гирдугон бар гунбад аст (7, 103).*

Афзудан мебояд, ки андешаҳои ҳакимонаи Мавлоно Ҷомӣ низ монанди дигар суханварони форсу тоҷик файзёб аз суннати андарзгӯии ниёгонамон гардидааст, аз ин рӯ, дар радифи абёти пандомез, мазмуни қисме аз ҳикоёти достон низ аз осори ҳакимони пешин сарчашма гирифтааст. Чунончи, «Ҳикояти Парвез бо он моҳигире, ки чун моҳӣ дирамрезаш кард ва ба насиҳати талхи Ширин, ки он дирамрезӣ музоиф шуд» баргирифта аз қисмати ҳикоёти «Насиҳат-ул-мулук»-и Муҳаммади Ғаззолист.

Абдурраҳмони Ҷомӣ тавонистааст дар сар то сари достон хонандаро ба касби ахлоқи ҳамида даъват карда, мураккабу душвор будани интихоби роҳи дурусту рости зиндагиро бозгӯ намояд ва лаззати беинтиҳои фарҷоми ин ҷодаро нишон диҳад.

Мавзӯъ ва ғояи асосии достони «Хираднома Искандарӣ»-ро таранну ми ахлоқи ҳамида ва парҳез аз хулқи разила ташкил медиҳад. Барои ба таври рӯшан ва мушаххас инъикос кардани афкору андешаҳои ҳакимонаи Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар достони мазбур ақоиди ҳакимонаи суханварро метавон чунин дастабандӣ кард:

1. Васфи дониш, ҳикмат ва мақоми омӯзгор. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ аз оғози достон шурӯъ карда, инсонҳоро ба касби донишу ҳикматписандӣ даъват карда, мақоми омӯзгорро дар касби дониш ниҳоят боло гузошта, мегӯяд:

*Зи дониш шавад кори гетӣ ба соз,*
*Зи бедонишӣ кор гардад дароз.*
*Зи дил сар занад сирри дониш нахуст,*
*Ки бар дасту по кор гардад дуруст.*
*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор! (1, 262).*

Ҷои дигар, аз забони Арасту Искандарро ба ҳикматписандӣ даъват карда, мегӯяд:

*Зи ҳикмат назояд ба ҷуз адлу дод,*
*Зи ҳикмат чӣ имкони зулму фасод?! (1, 268).*

Ба андешаи суханвар подшоҳе, ки аз перояи ҳикмат баҳравар аст, ҳеҷ гоҳ бо зулму беадолатӣ рӯй нахоҳад овард.

Дар тамоми хирадномаҳое, ки дар достон оварда шудааст, сухан аз ситоиши дониш, хирад ва ҳикмату ҳикматписандӣ меравад (262, 264, 268, 277, 290, 291, 292, 324).

2. Ситоиши некиву накӯкорӣ ва хайру саховат. Абдурраҳмони Ҷомӣ некӣ ва накӯкорӣ, хайрро аз беҳтарин хислатҳои инсонӣ шуморида, аз забони Буқрот овардааст:

*Баровар ба кори накӯ дар ҷаҳон,*
*Ба арзи замин ному тӯли замон.*
*Ба сад ном агар мард номовар аст,*
*Талабгори хайр аз ҳама беҳтар аст (1, 301-302).*

3. Ягонагии гуфтору кирдор низ аз хислатҳои писандидаи Мавлоно Ҷомӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар «Хирадномаи Аристотолис» мефармояд, ки:

*Машав гарраи ҳусни гуфтори хеш,*
*Накӯ кун чу гуфтор кирдори хеш.*
*Чу кирдори носеҳ бувад нописанд,*
*Насиҳат кай афтад зи вай судманд?! (1, 279).*

4. Покиву айбпӯшӣ ва нигоҳ доштани хашму ғазабро Абдурраҳмони Ҷомӣ аз хислатҳои беҳтарину зарууртарини шоҳон дониста, дар «Хирадномаи Аристотолис» мегӯяд:

*Гар ислоҳи халқи ҷаҳон боядат,*
*Дил аз ҳар бадӣ баркарон боядат.*
*Нашуста зи худ ҳарфи айб аз нахуст,*
*Зи ту айбпӯшӣ наёяд дуруст.*
*Чу нопок ояд ба ту оби ҷӯй,*
*Маҷӯ покии ҷома аз шустушӯй (1, 278-279).*

Ҷомӣ дар идомаи суханҳои ҳакимонаи Арасту перомуни фурӯ нишондани хашму ғазаб чунин изҳори андеша кардааст:

*Бизан шишаи хашмро санги ҳилм,*
*Бишӯ зулмати ҷаҳлро з-оби илм.*
*Ба фикрат зи дил занги нисён бибар,*
*Ба шукр аз дарун доғи куфрон бибар (1, 279).*

5. Хомӯшӣ ва мазамматӣ пургӯӣ дар меҳвари андешаҳои ахлоқии Мавлоно Ҷомӣ ҳамеша чарх мезанад. Бинобар ин, суханвар

дар қисмати «Хираднома и Суқрот» дар силсилаи дурдонаҳои ҳикмат оид ба ин масъала чунин ибрози назар мекунад:

*Худо як забонат бидоду ду гӯш,*
*Ки кам гӯй яънею афзун ниюш.*
*Хомӯшӣ бувад давлати эзидӣ,*
*Далели ҳунармандию бихрадӣ.*
*Зи бисёрдонон фаросат гувост,*
*Ки бисёргӯй аз фаросат ҷудост (1, 292).*

6. Қаноат аз фазилатҳои писандидаи инсонӣ ба ҳисоб рафта, диққати Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомиро пайваста ба худ ҷалб кардааст. Аз ин рӯ, дар достон ба ин масъала борҳо ишора карда, аз забони Буқрот мегӯяд:

*Чӣ хуш гуфт, к-эй монда дар тобу печ,*
*Қаноат кун аз хони гетӣ ба ҳеч.*
*Кашишҳои ҳоҷат зи худ дур кун,*
*Зи беҳоҷагӣ сина пурнур кун (1, 300).*

7. Пос доштани обрӯи инсонӣ ҳамеша дар мадди назари Мавлоно Ҷомӣ қарор дорад. Аз нуқтаи назари суханвар подшоҳ бояд, ки ҳамеша барои пос доштани обрӯи худ кӯшиш ба харҷ диҳад, то ки соҳиби иззату эҳтиром байни раияташ гардад. Аз шоҳи беобрӯ касе шодмон нест ва ӯро дастгирӣ нахоҳад кард. Бинобар ин, аз забони Асқолинус, ки яке аз донишмандони машҳури Юнони қадим асту ҳамасри Арастуст, чунин ибрози назар менамояд:

*… Ба сад поя муҳтоҷ ҷон костан*
*Беҳ аз ҳоҷат аз нокасон хостан.*
*Ба хоҳиш аз эшон марез обрӯй,*
*Мадор обрӯро кам аз оби ҷӯй (1, 308).*

Ин донишманди хирадпеша дар хираднома аш таъкид месозад, ки шоҳ бояд, ки дар ҳолати ночорӣ ҳам аз нокасон хоҳиши дастгирӣ нанамояд ва поси обрӯяшро дорад.

8. Шукргузорӣ дар неъмат аз фазилатҳои хуби инсонӣ буда, инсонро аз беобрӯӣ нигоҳ медорад. Бино ба андешаи Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ подшоҳ ва ҳар инсон бояд шукри неъмати худодода кунад ва ба ношукрӣ рӯ нанињад, ки ба хорӣ мекашад. Оне, ки шукр мегузорад, неъматаш афзун хоҳад шуд. Чунончи:

*Бубин неъмату шукри неъмат бигӯй,*
*Бубин зиллату дил зи зиллат бишӯй.*
*Зи шукр аст неъмат фазоишпазир,*
*Агар марди роҳӣ, раҳи шукр гир.*

*Мабодо равад пои неъмат зи ҷой,*
*Фурӯ бандаш аз риштаи шукр пой (1, 308).*

9. Парҳез аз бадгӯӣ беҳтарин фазилати инсонӣ ба ҳисоб меравад. Суханварону донишмандони форсу тоҷик бо такя ба Каломи раббонӣ бадгӯиро ҳатто аз зино ҳам бадтар донистаанд. Аз ин рӯ, ин хислати разила дар тамоми осори ахлоқӣ маҳкум карда шуда, барои исботи фикр ҳикоятҳои ҷолиб низ оварда шудааст. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ низ ҳамчун инсони хирадпеша аз ин хислати бади инсонӣ нафрат дошта, дар достони «Хирадномаи Искандарӣ» аз забони персонажҳои асар онро сахт маҳкум кардааст.

*Аз он кас бипарҳезу феълу фанаш,*
*Ки дорад дилат бесабаб душманаш.*
*Агар раҳ нагардонад аз гург меш,*
*Бувад ёвари ӯ дар озори хеш.*
*Забонро чӣ дорӣ ба гуфтан гарав,*
*Зи ҳар сӯ кушо гӯши ҳикматшунав (1, 292).*

Аз назари Мавлоно Ҷомӣ инсоне, ки бадгӯйро гӯш медиҳаду ба вай ҳамроҳӣ менамояд, аз паи озори худ хоҳад шуд ва ба гунаҳ хоҳад печид.

10. Даъват ба зиракӣ ва парҳез аз ҷаҳл низ ҳамеша диққати Абдурраҳмони Ҷомиро ба худ ҷалб намудааст. Зеро инсоне, ки зирак нест, ба зудӣ фирефтаи мардуми фурӯмоя мегардад ва аз ҷаҳлу нодонӣ ба бало гирифтор хоҳад шуд. Аз ин лиҳоз, суханвар дар интиҳои «Хирадномаи Буқрот» хонандаро ба зиракӣ даъват карда, аз ҷумла мефармояд:

*Миёни ду кас маънии зиракӣ,*
*Бувад мояи иттиҳоду якӣ.*
*Ҳама зиракон з-он ба ҳам дӯстанд,*
*Яке магзро гашта сад пӯстанд (1, 302).*

Дар идомаи тавсифи зиракӣ Мавлоно ҷаҳлу ҷаҳолатро накӯҳиш карда, мегӯяд:

*Вале ҳаст дар дидаи эътибор,*
*Тариқи ҷаҳолат ҳазорон-ҳазор.*
*Ду ҷоҳил ба ҳам муттаҳид нестанд,*
*Роҳи ақлро муътақид нестанд.*
*Зи оқил басе то ба ҷоҳил раҳ аст,*
*Раҳи ҳар яке з-он дигар кӯтаҳ аст (1, 302).*

Ҳамин тариқа, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар иртибот бо афкори зикршудаи ахлоқиву тарбиявӣ перомуни роздориву айбпӯшӣ, ба даст овардани луқмаи ҳалол, зарари зарпарастиву мансабталошӣ,

подоши амал ва ғайра ибрози назар карда, нопойдории дунёи фониву гузаронии умрро таъкид месозад ва талоши дунёиро беҳуда шуморида, хушгузаронии умрро ғанимат меҳисобад:

*Биё, Ҷомӣ, аз ину он даргузар*
*В-аз ин дору гири ҷаҳон даргузар (1, 270).*

Ҳамин тавр, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ қариб дар тамоми фаслҳои достони «Хирадномаи Искандарӣ» забон дар панду андарз кушода, доир ба масъалаҳои гуногуни ахлоқӣ ибрози назар кардааст, ки баррасӣ ва таҳлили онҳо аҳамияти муҳим барои тарбияи инсони комил доранд. Ҷомӣ ҳамчун инсони хирадманд, нексиришт, покизадилу покизарӯзгор кӯшиш намудааст, ки дар радифи подшоҳони замон, кулли хонандагони достонро ба касби ахлоқи ҳамида ҳидоят карда, онҳоро аз хисоли бади инсонӣ нигоҳ дорад, ҳушдор намояд, ки инсон маҳз тавассути феълу атвори некаш умри абад меёбад ва амали бад марги вай дар зиндагист. Аз ин рӯ, инсони хуб ҳамеша барои касби хислатҳои хуб кӯшо буда, ҳамвора корҳои накӯро анҷом медиҳад ва дар ҳама ҳолат сабрро аз даст нахоҳад дод. Андешаҳои ниҳоии Мавлоно Ҷомӣ далел бар гуфтаҳои болост, ки фармуда:

*Фани хеш некӣ кун, эй некзан,*
*Ки беҳ, гар бувад некзан некфан…*
*Ба сабр ар барояд туро номи нек,*
*Диҳад номи некат саранҷом нек,*
*Нигиндори ин чархи фирӯзафом,*
*Паи номи некӯ бувад, вассалом! (1, 382-383).*

Достони «Хирадномаи Искандарӣ» аз ҳайси фарогирии андешаву афкори панду ахлоқӣ байни дигар маснавиҳои «Ҳафт авранг» имтиёзи бештареро молик буда, перомуни муҳимтарин масъалаҳои ахлоқии замони суханвар маълумот медиҳад. Баррасӣ ва таҳлили достони мазкур моро ба чунин натиҷаҳо расонид:

Достони «Хирадномаи Искандарӣ» дар пайравии «Искандарнома»-ҳои хамсатайн таълиф гардида, ба таърифи зиндагӣ ва салтанати Искандар бахшида шудааст.

Абдураҳмони Ҷомӣ Искандарро ҳамчун як шахсияти комил, подшоҳи нексиришту некмаҳзар ба тасвир гирифтааст, ки бар мабнои хирадномаҳо таълим ва тарбия гирифтааст ва дар салтанатдорӣ ҳамвора аз онҳо истифода ва коргирӣ намудааст.

Дар асар ҳашт хираднома оварда шудааст, ки аз «Хирадномаи Аристотолис» шурӯъ гардида, бо «Хирадномаи Искандар» ба поён мерасад. Ҳар яке аз ин хирадномаҳо саршор аз панду андарзҳо буда, хонандаро ба касби ахлоқи ҳамида, аз қабили некиву накӯкорӣ,

сидқу садоқат, дӯстиву вафодорӣ, илму ҳунаромӯзӣ, сахову карам, парҳезгориву қаноатпешагӣ ва ғайра ҳидоят менамоянд.

**Пайнавишт:**


1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Хираднномаи Искандарӣ. Осор. - Ҷилди панҷум. - Душанбе: Адиб, 1988.
2. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маҷмӯаи мақолаҳо.- Душанбе-Ирфон,1973.
3. Афсаҳзод А. Рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ.- Душанбе: Дониш, 1980.
4. Афсаҳзод А. Ҷомӣ – адиб ва мутафаккир. – Душанбе: Ирфон, 1989.
5. Бертелс Е.Э. Джами. - Сталинобод,1949.
6. Сатторов А. Афкори адабц ва эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ. –Душанбе: Ирфон, 1974.
7. Саъдии Шерозӣ. Гузидаи «Гулистон». Интихоб ва шарҳи дуктур Ҳасан Анварӣ.- Теҳрон:1484.
8. Холиқ Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2. - Душанбе: Маориф,1977.
9. Худоӣ Шарифов. Каломи бадеъ. -Душанбе: Ирфон,1981.

*Маърифат Анварова*[1]

# КОРБУРДИ АМСОЛИ ФОРСӢ ДАР «ЛАТОИФ-УЛ-АМСОЛ»-И РАШИДУДДИНИ ВАТВОТ

Дар таърихи адабиёти арабизабон ва ҳам адаби форсу тоҷик таваҷҷуҳ ба таълифи фарҳангномаҳо, аз ҷумла фарҳанги амсолу ҳикам, бар аҳдҳои аввали ислом пайванд мегирад. Ҳарчанд нукоте мавҷуд дар кутуби сарчашмавӣ ва маохиз вуҷуди саҳифаҳое аз амсоли давраи ҷоҳилии арабро таъкид мекунад, аммо фарҳанги хоссае дар амсол аз ин давра дар даст нест. Бо такя бар вуҷуди андарзномаҳо дар адабиёти паҳлавӣ, метавон таъкиди ин нуктаро дар мавриди адабиёти форсӣ низ намуд, ки ҳарчанд онон сурати фарҳангномаҳои амсолро надоранд, аммо ҳамчун аввалин кутуб дар мавзӯи ҳикмату амсол дар адабиёти форсу тоҷик арзи ҳастӣ намудаанд.

Бо нуфуз ва вусъати беандоза касб кардани фарҳанги исломӣ яке аз муҳимтарин осоре, ки рӯ ба рушд овард ва таълифи он дар адабиёти араб ва ҳам арабизабон мақом ва ҷойгоҳи хосаеро касб намуд, фарҳангномаҳои амсол ва ҳикам мебошанд. Ҳарчанд, асосан ин навъ осор дар забони арабӣ таълиф шуда, шарҳу тавзеҳотеро дар забони арабӣ фаро гирифтаанд, вале аввалин адибе, ки дар адабиёти форсу тоҷик шарҳу тавзеҳи тоҷикии 281 адад аз ин амсолро дар китобе ҷудогона бо зикри сарчашмаҳои таълиф дар форсӣ тадвин ва тавзеҳ намуд, Рашиддудини Ватвот ба шумор меравад. Китоби Рашидуддини Ватвот «Латоиф-ул-амсол ва тароиф-ул-ақвол» ном дошта, яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои омӯзиши амсоли арабӣ дар адабиёти форсӣ - тоҷикӣ эътироф гардидааст. Худи Ватвот, илова бар ин ибтикоре, ки дар қаламрави фарҳангнависии форсу тоҷик бар пояи таълифи ин асар аз худ зоҳир намуд, бо эҷоди силсилаи ашъор, ки дар «Девон»-и ӯ фароҳам омадааст, инчунин, чандин осори назарӣ ва илмӣ дар заминаи улуми адабӣ дар рушди адабиёти форсу тоҷик саҳми назаррасе аз худ гузоштааст.

«Латоиф-ул-амсол ва тароиф-ул-ақвол» китобест, ки дар заминаи фарҳангнависии амсол ва ҳикам навишта шудааст, аммо шарҳу тавзеҳи форсии он бо шеваи хоси нигориш, корбурди ҳикоёт ва татбиқи амсол бо масалҳои форсиву тоҷикӣ арзиши адабии ин асарро боло мебарад. Аз ин рӯ, дар навбати аввал муҳимтарин ашъори

[1] устоди ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров

бозмондаи арабиро аз шуаро ва суханварони мухталифе метавон тавассути ҳамин асар фароҳам оварда, бар ин асос саҳми нигорандаи китобро ҳамчун адиби суханвар ва донандаи шеъри қадими арабӣ муаррифӣ кард.

Мутолиаи муҳтаво ва мундариҷаи «Латоиф-ул-амсол» ин нуктаро муайян мегардонад, ки ҳарчанд ин асар асосан дар тарҷума ва ташреҳи амсоли арабӣ ба қалам омадааст, аммо муаллифи он дар равиши кори худ кӯшидааст, ки амсоли мазкурро бо масалҳои тоҷикӣ мавриди муқоиса қарор диҳад ё ин ки дар лаҳазоти лозимӣ аз амсоли ҳамсони форсии онҳо ёдовар шавад. Оморгирӣ аз ҷараёни истифодаи амсоли форсӣ дар фарҳанг маълум мешавад, ки Рашидудини Ватвот 22 масали форсиро истифода кардааст. Маҷмӯан, мавзӯи баррасии татбиқии амсоли арабӣ ва форсӣ дар мақолаи Салмон Сокит зери унвони «Пайвандҳои амсоли арабӣ ва форсӣ дар «Латоиф ул-амсол ва тароиф-ул-ақвол» сурат гирифтааст, ки дар шумораи 67-68-69-и маҷаллае дар Бейрут таҳти унвони «Ад-дисорот-ул-адабия» дар соли 2009 ба нашр расидааст. Дар ин мақола саъй шудааст, ки ҷойгоҳи амсоли форсӣ дар ин асар баррасӣ шавад ва натиҷаи андешаҳои ин муҳаққиқ бар он ҷо расида, ки ҳадафи Ватвотро бо овардани ин амсол дар он медонад, ки бархе аз амсоли порсиёнро ба шеваи баробар ниҳодани онҳо бо намунаҳои арабӣ ҳифз намояд (1,143).

Воқеан ҳам, равиши асосии ба кор гирифтани зарбулмасалҳои форсӣ дар «Латоиф-ул-амсол» дар заминаи муқоиса ва муқобалаи он бо матни мақоли арабӣ ва ё қаробати маъноиаш сурат гирифтааст. Аз ҷумла, зимни тарҷума ва шарҳи зарбулмасали зерини арабӣ дар идомаи гуфтори хеш муаллифи фарҳанг ба гунаи форсии он чунин руҷӯъ мекунад:

*«ас-Сакло туҳибб-ус-сакло»* – Зани фарзандмурда дӯст дорад зани фарзандмурдаро.

Зани фарзандмурда бад-он сабаб зани фарзандмурдаро дӯст дорад, ки ӯро бар гиристан ва ҷазаъ кардан мувофиқат намояд ва бад-он хурсандӣ ёбад. Ва наздик аст бад-ин масал, ки гуфтаанд: *«ал-Балиййату изо ъаммат хаффат»*. Ва порсиён чунин гӯянд: «Хирмансӯхта сӯхта хоҳад хирман». Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе дар ранҷе монда бошад ва мубтало гашта, дигареро низ дар мисли он ранҷ бинад ва мустаънас гардад ва тасаллӣ ёбад» (2 ,59-60).

Аз муҳтавои масали арабӣ маълум мешавад, ки Ватвот намунаи арабии дигари онро низ барои тақвияти сухани хеш зикр намуда, зимнан муодили форсии масалро аз худ меафзояд. Ин масал дар кутуби дигар ҳам мавриди истифода қарор дорад ва ҳамзамон дар

китоби «Тафсири Абулфутӯҳи Розӣ» низ ба ин масали форсӣ чунин ишорат рафта: Дар тафсири ояти зерин овардаст: “Камо қолаллоҳу таоло: “Ваддy лав такфуруна камо кафару”... Ва ин он масал аст, ки порсиён гӯянд: «Хирмансӯхта сӯхта хоҳад хирман». Ҳар кӣ ба офате гирифтор бошад ва ба айбе олуда, хоҳад, ки ҳама ҷаҳон чу ӯ бошад, то айби ӯ пӯшида шавад» (8, 1, 123).

Аз рӯи тавзеҳи ин оят маълум мешавад, ки ин масал то ҷое сарчашма дар китоби муқаддаси Қуръон дорад. Зеро дар сураи Нисо, ояти 89 чунин омадааст: «Онон орзу мекунанд, ки Шумо ҳам монанди эшон кофир шавед ва мусовии якдигар бошед. Аз онҳо дӯстоне интихоб накунед, магар ин ки (тавба кунанд ва) дар роҳи Худо ҳиҷрат намоянд...».

Бо такя бар оят, ки сарчашмаи зуҳури масали мазкур маҳсуб мешавад, нуктае равшан мегардад, ки ин масал дар ҳар ду забон – арабӣ ва форсӣ ба сурати интиқод аз одамоне гуфта шуда, ки дар ҳоли мусибат ва гумроҳии худ, мехоҳанд дигарон низ мисли эшон бошанд. Ба ин хотир аст, ки Ватвот дар ҷараёни шарҳи худ таъкид намудааст, ки: «Зани фарзандмурда бад-он сабаб зани фарзандмурдаро дӯст дорад, ки ӯро бар гиристан ва ҷазаъ кардан мувофиқат намояд ва бад-он хурсандӣ ёбад». Яъне, хурсандӣ ёфтан ҳамон аст, ки касеро чун худ бубинад, на таассуф хурад, балки хурсанд шавад. Ва дар байте аз «Маснавӣ» ҳамин маънии масал чунин таъкид ёфта:

*Ҳар киро бошад мизоҷу табъ суст,*
*Ӯ нахоҳад ҳеҷ касро тандуруст (4,5,231).*

Дар шарҳи масали дигаре, ки ба сурати зайл омада, бо ҳамин равиш ҳамоҳангӣ ва мутобиқати он бо масале аз форсиён чунин муқоиса шудааст:

*«Ҷовир маликан ав баҳран»* – Ҳамсоягӣ гир бо малике ё бо дарёе. Яъне, ки тавонгарӣ аз ин ду чиз ҳосил ояд. Ва порсиён гӯянд: «Тавонгарӣ бар шоҳ аст ё бар дарёст”. Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касеро далолат кунӣ бар ҷойгоҳе, ки фарохӣ ва роҳату тавонгарӣ ёбад» (2,64).

Албатта, ин масалест, ки шояд заминае ё сарчашмае дар он барои тавзеҳ мавҷуд бошад, ки бо таассуф дар ҷое аз он зикр нашуда ва худи Ватвот ҳам чун дигар амсол, ки ҳикоёте барои таъйини сарчашмаҳои онон мазкур дошта, нуктае дар ин маврид наафзудааст. Аммо мутобиқати онро бо амсоли форсӣ таъйин сохта, ки ин дар фарҳангҳои дигар дида намешавад.

Масали *«Инна-ш-шафиқа бисуъи заннин му(в)лаъун»* – Ҳаройина меҳрубон ба бадгумонӣ, ҳариси нек бошад, чунин ташреҳ шуда:

Монанди ин масал дар забони аҷам чунин аст, ки: «Ҳама он бод, ки зан андешад, он мабод, ки модар андешад». Ватвот дар идома сабаби чун будани ин масалро ҳам то ҷое тавзеҳ медиҳад: «Яъне, чун мард ғоиб шавад, зан гӯяд, ки наздики зани дигар рафтааст ва маҷлиси унсу роҳат ва лаҳву ишрат сохта ва модар гӯяд, ки балое бад-ӯ расидааст ва офате бад-ӯ боз хӯрда. Он туҳмати занон аз ғояти бешафқатӣ аст ва он фикрати модар аз фарти шафқат ва камоли муҳаббат аст. Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе аз ғайбат ё кори касе андешаманд бошад ва пиндорад, ки ӯро офате расидааст ё хоҳад расид» (2,46-47).

Шарҳи ин мақола бад-ин сурат дар китоби «Нафоис-ул-фунун»-и Шамсиддин Муҳаммади Омулӣ низ омадааст. Дар заминаи муқоисаи матни тарҷумаи он равшан мегардад, ки эҳтимолан муаллифи ин асар асосан аз тарҷумаи Ватвот истифода намудааст, зеро мурур ба тарҷумаи ӯ равшан месозад, ки танҳо дар чанд маврид фарқиятҳои кӯтоҳе дар калимот ва, ҳатто, пасванду пешвандҳо ба назар мерасаду халос. Барои муқоиса матни тарҷума ва тавзеҳи ҳардуро ин ҷо зикр мекунем:

*Ватвот:* «Яъне, чун мард ғоиб шавад, зан гӯяд, ки наздики зани дигар рафтааст ва маҷлиси унсу роҳат ва лаҳву ишрат сохта ва модар гӯяд, ки балое бад-ӯ расидааст ва офате бад-ӯ боз хурда. Он туҳмати занон аз ғояти бешафқатӣ аст ва он фикрати модар аз фарти шафқат ва камоли муҳаббат аст. Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе аз ғайбат ё кори касе андешаманд бошад ва пиндорад, ки ӯро офате расидааст ё хоҳад расид».

*Омулӣ:* «Зеро ки чун мард ғоиб шавад, зан андешад, ки ба наздики зани дигар рафта ва маҷлиси унсу роҳат ва лаҳву ишрат сохта ва модар аз ғояти шафқат пайваста дар андеша бошад, ки ҳоли ӯ ба чӣ расад. Кош заҳмате бад-ӯ нарасида бошад ва офате бад-ӯ роҳ наюфтад. Ва ин масал дар вақте гӯянд, ки касе аз ғайбати касе ё кори касе андешанок бошад» (6,184).

Аз ин нигориш ҳувайдост, ки «Латоиф-ул-амсол» ҳарчанд бар асоси матни «Маҷмаъ-ул-амсол»-и Майдонӣ таълиф шудааст, аммо дар адабиёти форсу тоҷик нахустин фарҳангномаест, ки тарҷума ва шарҳи муфассали амсоли мазкурро фаро мегирад. Дар канори ин, таъсири асари мазбур барои ташаккули минбаъдаи таълифи ин навъ фарҳангҳо равшан аст. Чунонки намунае дар мисоли истиқболи Омулӣ аз матолиби Ватвот оварда шуд.

Дар «Фарҳанги амсоли форсӣ» ин масал ба шакли зайл омадааст: «Ҳама бод он, ки зан дарандешад ва он мабод, ки модар андешад».

Дар шарҳи масал бошад, муаллифи фарҳанг чунин зикр намуда: «Зан чун мард ғоиб бошад, гумон барад, ки ба ҷои дигар ба ишрат машғул аст, бар хилофи модар, ки тарсад, ки мабодо ӯро ҳодисае суъ рӯй додааст» (9,283).

Дар миёни мардуми тоҷик масале бо шакли «Болои сӯхта намакоб» ба маънии ранҷ болои ранҷ мавриди фаровон ба кор рафтааст. Устод Мирзо Турсунзода ин масалро дар достони «Ҳасани аробакаш» ба ҳамин шакл истифода намуданд:

*Ба Ҳасан ин ҷавоб сангин буд,*
*Шуд ба болои сӯхта намакоб!*
*Ба қафо гашт сархаму музтар,*
*Ғами онро набуд ҳадду ҳисоб.*

Аммо шакли маъруф дар фарҳангномаҳои форсии он «Ба бурида намак» аст, ки Ватвот онро дар муқоиса бо масали зерини арабӣ мавриди истифода қарор додааст:

*«Зигсун ъало ибболатин»* – Дастҳо хок аст бар дарзаи ҳезум. “Ибола” мухаффаф низ гӯянд. Шоир гӯяд:

*Лӣ кулла йавмин мин зуолаҳ,*
*Зигсун йазиду ъало иболаҳ.*

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе дар ранҷе монда бошад, ранҷе дигараш пеш ояд, чунонки гӯянд, «Милҳун ъало ҷурҳ». Ва порсиён гӯянд: «Бар бурида намак» (7,116). Муодили дигари арабии овардашудаи ин масал, ки сурати «Милҳ ъала ҷурҳ»-ро дорад, дар забони форсӣ ҳамон маънии намак болои ҷароҳатро дорад. Дар гӯиши мардумӣ низ масал дар шакли «болои сӯхта намакоб» фаровон истифода мешавад ва аз ҷумлаи амсоли маъруф дар фарҳанги муошироти тоҷикон ба шумор меравад. Аммо дар фарҳангҳои амсоли форсӣ ин шакли масал ба мушоҳида нарасид.

Решаи аслии зуҳури масали «ошиқ кӯр бошад»-ро Ватвот дар яке аз амсоли арабӣ муқаррар намудааст, ки дар «Латоиф-ул-амсол» ба сурати зайл омадааст: *«Ҳуббука-ш-шайъа йуъмӣ ва йусимму»* – Дӯст доштани чизе туро нобино ва кар кунад. Яъне, ки ишқ ва дӯстии чизе ҳамаи масовӣ ва маоибу масолиби он чизро бипӯшонад. Ва порсиён ин масалро чунин гӯянд, ки: «Ошиқ кӯр бошад» (2,70). Дар фарҳангомаҳои амсоли арабӣ намунаи дигари ин масал аз каломи Алӣ (р) чунин омадааст:

«Чашми ошиқ аз дидани айбҳои маъшуқ кӯр аст ва гӯши ӯ аз шунидани зиштии бадиҳояш кар».

Дар мавриди дигар Рашидуддини Ватвот ҳангоми шарҳи мақоли зерин пайванди онро бо як масали форсӣ чунин тавзеҳ медиҳад:

*«Ҳифзан мин колика»* – Нигоҳ дор тани хеш аз нигоҳдоранда ту. Порсиён ин масалро чунин гӯянд: «Ё Раб, моро аз ин нигоҳдоранда нигоҳ дор». Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе ё чизеро нигоҳбоне бошад хоин, ки хавф аз ӯ беш бошад, ки аз дигарон» (2,70).

Аз ишорати Ватвот нуктаи дигаре ҳам равшан мешавад, ки ӯ амсолро мавриди муқоиса қарор дода, зимнан ишорат бар он менамояд, ки ин масал аслан шояд аз арабӣ будааст. Аз ин рӯ, таъкид мекунад, ки порсиён ин масалро чунин гӯянд.

Дар фарҳанги мардуми тоҷик роҷеъ ба кори худро худ анҷом додан, мақоле маъруф аст ва бо такя бар шарҳи Ватвот равшан мегардад, ки асли ин мақол ҳам гунаи арабӣ дошта, аммо ҷолиб он аст, ки ҳарчанд Рашидуддини Ватвот сурати арабии онро оварда, дар як вақт чанд намунаи форсии ин мақолро низ зикр месозад ва онро мавриди муқоиса қарор медиҳад. Шакли аслии арабӣ ва тарҷумаи форсии он ба таври зайл омада:

*«Мо ҳакка заҳрӣ мислу ядӣ»* – Нахорад пушти маро монанди дасти ман. Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касеро эътимод кардан ва иттикол намудан бар дигарон дар муҳиммот, ки ӯро афтад манъ кунӣ. Ва порсиёнро масалҳост дар ин маънӣ. Яке он аст, ки гӯянд: «Ҳеҷ мурдае маро чун ман нагиряд». Ва дигар он аст, ки гӯянд: «Мор ба дасти дигарон бояд гирифт». Ва дигар он аст, ки гӯянд: «Ҳеҷ кас нахоҳад омад, ки кори ту кунад». Ва ин чунин бисёр аст дар ҳар забоне» (2,154).

Нуктаи қобили таъкид он аст, ки гунаи арабии ин масал дар шеъри форсӣ ба шакли «кас нахорад пушти ту ҷуз нохуни ангушти ту» ворид гардидааст. Чунончи Ғании Кашмирӣ фармуда:

*Кори худро худ кунӣ, то нек ояд кори ту,*
*Кас нахорад пушти ту ҷуз нохуни ангушти ту (3,121).*

Бо такя бар матолиби мавҷуда ва шеваҳои мухталифи истифодаи ин масал метавон зикр намуд, ки ҳарчанд Ватвот шаклҳои ҳаммонанди онро дар миёни мардуми форсу тоҷик нақл намудааст, аммо бештар дар адабиёти мо мувофиқи табъи шуарову удабо афтодааст ва истифодаи фаровони масали мазкур ва дигар зарбулмасалҳои овардашуда ин матлабро ба субут мерасонад.

Дар маҷмӯъ, аз баҳсу баррасии истифодаи амсоли форсӣ дар китоби «Латоиф-ул-амсол» бармеояд, ки ҳарчанд Ватвот дар умум дар асари хеш 22 масали форсиро барои муқоиса ва нишон додани қаробати маънавии амсоли арабиву форсӣ ба кор гирифтааст, аммо ин шеваи кори ӯ дар ҷараёни фарҳангнависии амсоли арабӣ ибтикоре ба шумор меравад, ки арзиши ин фарҳангро дар ҷараёни фарҳангнависии

форсу тоҷик ҳам боло мебарад. Дар канори ин, кори тарҷумаи амсоли арабӣ ба форсӣ ва муқоисаи он бо масалҳои дигари маъруф дар миёни мардумони форсизабон аз он дарак медиҳад, ки тавассути тарҷумаи анҷомёфта аз тарафи Ватвот ва дигар фарҳангнависон ин масалҳо дар миёни мардуми форсу тоҷик роиҷ гардида, ҳатто, сурат ва намунаҳои хосаи форсии хешро низ пайдо намудаанд. Аз ин нуқтаи назар, ҷойгоҳи фарҳанги «Латоиф-ул-амсол ва тароиф-ул-ақвол»-и Рашидуддини Ватвот дар рушду густариши фарҳангнависӣ дар ин равиш ва, ҳамзамон, интишори намунаҳои форсии амсоли арабӣ дар адабиёти форсу тоҷик муҳим ва қобили таъкид маҳсуб меёбад.

**Пайнавишт:**


1. Баҳромӣ, Акрам. Хонадони Хуҷандиён /Маҷмӯи суханрониҳои ҳафтумин кунгураи таҳқиқоти эронӣ.-Ҷилди савум, бидуни соли нашр. -С 489-502.
2. Ватвот, Рашидуддин. Латоиф-ул-амсол /Ба кӯшиши Ҳабиба Донишомӯз.- Теҳрон: Мероси мактуб, 1391.
3. Ғании Кашмирӣ. Мунтахабот /Тартибдиҳанда: Абдуллоҷон Ғаффоров.- Душанбе: Ирфон, 1978. -210с.
4. Мавлавӣ. Куллиёти Шамс.-Теҳрон: Ҳирмис, 1386.-1761+14 с.
5. Мавлавӣ, Ҷалолиддин Муҳаммад ибни Муҳаммад. Маснавии маънавӣ (аз рӯи нусхаи Николсон).-Ҷ.1,2. -Теҳрон: Пажмон, 1373 ҳ.ш.
6. Омулӣ. Нафоис-ул-фунун фӣ ароиси-л-уйун /Бо тасҳеҳи Абулҳасан Шеъронӣ. Теҳрон: Исломия, 1336.-Ҷ .1.-595с.
7. Писарчик.А. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ.-Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1960.-266с.
8. Тафсири Абулфутӯҳи Розӣ. -Ҷ.1.-Теҳрон: -Ширкати нур, 1390.
9. Юсуфи Ҷамшедпур. Фарҳанги амсоли форсӣ.-Теҳрон, 1968.

***Мирҳидояти Ҳисорӣ[1]***

# КАМОЛИДДИН МАСЪУДИ ХУҶАНДӢ
## (аср ва муҳити ӯ)

Хуҷанд яке аз шаҳрҳои муҳим ва таърихии Мовароуннаҳр аст, ки акнун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Шаҳри зебо ва дилкушо бо савобиқи таърихии фаровон, ки дар канори рӯди Сайҳун воқеъ шудааст.

Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ, маъруф ба Шайх Камол ва мутахаллис ба Камол дар авоили қарни ҳаштум дар ин шаҳр ба дунё омад ва давраи кӯдакиву навҷавониро дар зодгоҳи худ гузаронид ва ҳам дар он ҷо таҳсили илм намуд ва рушду нумӯъ ёфт. Он гоҳ ба қасди зиёрати Маккаи муаззама азми сафар кард, бисёр ҷоҳоро дид ва дар бозгашт аз ин сафар буд, ки масираш ба Табрез афтод ва обу ҳавои ин шаҳрро бас созгор ёфт ва аз Табрезу мардумони хунгарми он бисёр хушаш омад ва таллуқи хотираш бад-он ҷо ёфт ва тасмим гирифт, ки дар ҳамон ҷо иқомат гузинад.

Султон Ҳусайн подшоҳи Ҷалоирӣ (776-784/1374-1382) мақдами ӯро гиромӣ дошт ва боғи зебое, ки Хуҷандӣ онро ба биҳишт ташбеҳ мекунад, дар «Валиёнкӯҳ» дар ним фарсахи Табрез дар ихтиёри Шайх гузорид ва хонақоҳе барои ӯ сохт. Камол худ дар бораи он боғ мегӯяд:

*Аз биҳишти Худои азза ва ҷал(л),*
*То ба Табрез ним фарсанг аст.*

Валиёнкӯҳ ба сабаби он ки мадфани 480 тан аз авлиё аст, ба ин ном номӣ шудааст.

Шайх дар ҷое бо ишора ба ин кӯҳ мегӯяд:

*Зоҳидо, ту биҳишт ҷӯ, ки Камол*
*Валиёнкӯҳ хоҳаду Табрез.*

Камол, ки аз акобири мутасаввифа ва аз урафои машҳури ин қарн аст ва дар зуҳду вараъ маъруф ва дар шоирӣ маҳорати том дошт, дар Табрез муридони бисёр ёфт ва аз дилу ҷон шефтаи Табрезу мардумони он ҷо гашт.

Вафоти Хуҷандиро дар авохири қарни ҳаштум ва авоили қарни нуҳуми ҳиҷрӣ гуфтаанд. Гумон меравад, ки соли 803 (1401) муътабартарин бошад. Бад-ин тартиб Хуҷандӣ дар сар то сари қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ ҳузур дошта ва шоҳиди ҳаводиси хубу бади он будааст. Хуҷандӣ худ низ ба умри тӯлонӣ ва сад сол зиндагонии худ ишорате дорад:

[1] доктори забон ва адаби форсӣ (Эрон)

*Ман ба ҳавои қоматат умри дароз ёфтам,*
*З-он ки ҳамеша кардаам касби ҳавои муътадил.*

Ва низ дар ҷои дигар фармояд:

*Чу дидам қиблаи рӯи ту, садсола намози худ,*
*Ба меҳроби ду абрӯят қазо кардам, қазо кардам.*

Ҳарчанд ки Камол аз машоихи тариқат ва аз бузургони мутасаввиф маҳсуб мешуд ва сараш бештар бо муридон ва пайравони худ гарм буд ва аз ноамниҳову ошуфтагиҳои ин қарн то ҳудуде бар канор мемонд, аммо саранҷом ӯ низ аз газанди он рӯзгори дарҳаму ошуфта чандон бенасиб намонд.

Қарни ҳаштум авохири даврони ҳукмронии Элхонони муғул буд. Дар авоили ин қарн дар ёздаҳуми шаввол соли 703 (17 майи 1304) Ғозонхон элхони маъруф ва мусулмони муғул дар синни 33-солагӣ аз ҷаҳон рафт ва ҳукуматро ба бародараш Ӯлҷойту ё султон Муҳаммади Худобанда супурд. 13 сол баъд дар соли 716 (1316) ӯ низ дар ҳоле, ки 36 сол бештар аз умраш намегузашт, чашм аз ҷаҳон фурӯ баст ва писараш Абӯсаид Баҳодурхон охирин элхони бузурги муғул, ки дар он вақт фақат 13 сол дошт, бар ҷои ӯ нишаст. Ҳанӯз ду сол нагузашта буд, ки ба амри ӯ Рашидуддини Фазлуллоҳ вазири донишманди вай (дар 18 ҷимодиюлаввали соли 718/11 июли 1318) ба тарзи фаҷее кушта шуд.

Бо марги Абӯсаидхон мамолики Элхонон ба дасти умарои бузург аз ҳам пошид. Ошӯб ва иғтишош ҳама ҷоро фаро гирифт. Дар ҳар гӯшаи мамлакат силсила бар сари кор омад ва ҷангу хунрезӣ дар ҳама ҷо ҳукмфармо шуд.

Элхониён, ки ба Ироқи араб тасаллут ёфта буданд, қаламрави худро ба сӯи Озарбойҷон ва Гарҷистон имтидод доданд ва ҷанг дар миёни муддаиён даргифт.

Дар Табрез маркази Озарбойҷон Ашроф писари амир Темуртош фарзанди Амирчӯпон муддати 14 сол (744-758/1343-1357) дар ниҳояти зулму ситам ҳукумат кард. Фитнаву фасод ғавғо мекард. Ба тавре ки мардуми Табрез аз рӯи истийсол қозӣ Муҳйиддини Бардаиро барои истимдод ва наҷоти худ аз чанги он ҷаббор ба дашти Қипчоқ назди Ҷонибек фиристоданд ва ӯ бо лашкари азим аз роҳи Дарбанд бар сари Озарбойҷон омад ва Ашроф дар ҷанг бо ӯзбекҳо кушта шуд. Бад-ин тартиб силсилаи Чӯпониён, ки аз 738 (1357) тавассути Амиршайх Ҳасан бародари Ашроф бунёд гузорида шуда буд, мунқариз гардид. Баъд аз он навбати дастандозиҳои Оли Музаффар ба Табрез буд, ба гунае ки муддати 35 сол (аз 760 то 795/1359-1393) Табрез дар дасти Оли Музаффар буд.

Дар ҳама ин муддат Шайх Камоли Хуҷандӣ дар гӯшаи узлат ва дар ниҳояти содагиву қаноат зиндагӣ мекард. Агар бипазирем, ки он боғи биҳиштосоро Султон Ҳусайни Ҷалоирӣ, ки аз соли 776 то 784, яъне ҳашт сол бар сарири ҳукумат буда, дар ихтиёри ӯ гузоштааст, чунин ба назар меояд, ки Хуҷандӣ дар авохири умр буда, ки ба он фазои ҷонфазову маъмани осуда даст ёфтааст. Вале Хуҷандӣ муддатҳо қабл дар Табрез буда ва аз эҳтироми фаровони мардум бархурдор будааст. Бо ин ҳама даст аз зиндагии содаву фақиронаи худ барнадошта буд, ба тавре ки пас аз маргаш ҷуз бӯрёе, ки бар рӯи он мехобид ва хиште, ки ба зери сар мегузошт, чизе дар хонаи ӯ ёфта нашуд. Қавли Дарвеш Ҳусайни Ҳофиз соҳиби китоби «Равзот-ул-ҷинон», ки дар қарни ёздаҳ ба таҳрир дароварда ва дар он мақобиру машоҳири Табрезро мушаххас ва муайян кардааст, дар ин ҷо холӣ аз лутф нест, ки менависад:

«Хоҷа Шайх Куҷаҷӣ ҷиҳати Шайх (Камол) хонақоҳеву мадрасае дар ҳаволии иморати Хоҷа Алишоҳ сохтаанд. Чунонки гунбад ва баъзе иморот ҳанӯз боқӣ аст ва таклифи бисёр намудаанд ба истиқрори эшон дар он ҷо, қабул нанамудаанд ва фармудаанд:

- Камол сар ба гунбади фалак фурӯ намеорад, мехоҳед, ки фиреб хӯрда ва ба ин гунбад сар фуруд оварад?» Ин нишон медиҳад, ки Камол табъи ғанӣ доштаву мадҳгар набудааст.

Баъд аз даргузашти Султон Ҳусайни Ҷалоирӣ ба соли 784 ҳиҷрӣ ва бар сари кор омадани Султон Аҳмад (784-813/1382-1410) дар миёни писарони Шайх Увайс писари Шайх Ҳасани Элконӣ ва амир ва бузургони Ҷалоирӣ ихтилофу кашокаш афтод. Аз тарафе дар асари юриши амир Муборизуддин Оли Музаффар ба Табрез ва тасарруфи он ва дастандозиҳои умарои Қипчоқ ва туркманон ноамнии азиме пайдо шуд ва ошуфтагии шадиде пеш омад. Дар чунин вазъияте буд, ки Ғиёсиддини Тӯқтамишхон фармонравои Қипчоқ (778-793/1376-1391) дар зимистони соли 787 (1385) ба сари Табрез омад ва ба қатлу ғорати мардуми Табрез пардохт ва бар вахомати авзоъ афзуд. Иддаи зиёда аз аҳолӣ ба дасти мутаҳоҷимони ӯзбек асир шуданд.

Муддате баъд, ҳамон гуна ки расми подшоҳони он замон буд, иддае аз соҳибони ҳирафу ҳунар ва аҳли илму адаб, аз ҷумла Шайх Камоли Хуҷандиро аз Табрез ба тахтгоҳи худ, яъне шаҳри Сарой кӯч дод.

Ин амр дар гузашта мутадовил буда, подшоҳон ҳангоме ки ба шаҳрҳову сарзаминҳои ҷадид тасаллут меёфтанд ва, ҳатто, дар дохили кишвари қаламрави худ ҳунармандон, соҳибони ҳираф ва шуарову удабо ва донишмандонро ҳамроҳи хонаводаашон барои равнақи ҳар чӣ бештари пойтахти худ ба он ҷо кӯч медоданд. Ҳамон тавр ки Темур барои равнақи пойтахти худ Самарқанд ҳамин корро кард.

Ӯлҷойту барои ободониву равнаќи пойтахти тозатаъсиси худ дар Султония ҳунармандону санъаткоронро аз атрофу акноф бад-он ҷо гусел дошт. Шоҳ Исмоили Сафавӣ бад аз фатҳи Ҳирот ҳунармандони он ҷоро, ки маъруф буданд, монанди Камолиддини Беҳзод ва Мирсаид Алии Табрезӣ ва ғайра ба Табрез кӯчонид. Низ Султон Салим Ёвуз подшоҳи Усмонӣ пас аз дастёбӣ ба Табрез беш аз сӣ ҳазор ҳунарманду санъатгарро бо хонаводаашон ба пойтахти худ Истамбул суқ дод.

Камолиддини Хуҷандӣ муддати чаҳор сол дар Сарой пойтахти Тӯхтамишхон – фармонфарои Қипчоқ монд. Ҳарчанд, ки Шайх дар он ҷо низ аз эъзоз ва эҳтироми фаровоне бархӯрдор буд ва муридони бисёре ёфта буд ва азизаш медоштанд ва ҳарчанд Шайх низ ин шаҳрро меписандид, аммо ҳаргиз Табрезро фаромӯш намекард ва доим ба ёди Табрез буд.

*Агар Сарой ҳабиб асту дилбарони Сарой,*
*Биёр бода, ки ман фориғам зи ҳар ду сарой.*

Дар дурӣ аз Табрез ва дар васфи он диёри баҳҷатафзо ашъори дилчаспу зебо месуруд.

*Табрез маро ба ҷои ҷон хоҳад буд,*
*Пайваста бад-ӯ дил нигарон хоҳад буд.*
*То дарнакашам оби Чарандобу Гаҷил,*
*Сурхоб зи чашми ман равон хоҳад буд.*

Саранҷом баъд аз чаҳор соли иқомат дар Сарой Шайх аз шулуғии авзоъ истифода карда, ба Табрез боз омад. Ин бор аз ҷониби Мироншоҳ – писари амир Темур ва соҳиби Озарбойҷон ба гармӣ мавриди истиқбол қарор гирифт ва, ҳатто, воми даҳ ҳазор динории ӯро адо кард.

*Шаҳри Сарой чун дилат ошуфта шуд, Камол*
*Вақт аст, агар азимати Табрез мекунӣ.*

Соҳиби «Равзот-ул-ҷинон» мегӯяд: «Темур пас аз ҳамла ба Сарой ва ғорати он ҷо Шайхро бо худ ба Табрез овард».

Ба ҳар ҳол Камол дар боғи Валиёнкӯҳ, ки баъдҳо ба боғи Шайх маъруф шуд, ба узлату эътикоф буд, то ин ки ба соли 803 (...) даргузашт ва дар ҳамон боғ ба хок супурда шуд. Дар он боғ иддаи дигаре аз машоҳир мадфунанд. Аз он ҷумла аст, устод Камолиддин Беҳзоди Ҳиротӣ, Султон Маҳмуди Наққош ва …

Аз он ҷое, ки ҷомеи девони Шайх дар соли 798 (1385) мутазаккир шудааст, ки Шайх дар ин сол зинда буда ва ба тозагӣ аз Сарой ба Табрез бозгашта буд, дар ин ҷо ин масъала пеш меояд, ки Шайх агар каме баъд аз таҳоҷуми Туқтамишхон ба соли 787 ба Сарой кӯчонида шуда ва чаҳор сол дар он ҷо мондааст, бинобар ин бояд дар таърихи

791 ё 792 (1389 ё 1390) ба Табрез бозгашта бошад. Дар ин сурат Шайх беш аз чаҳор сол, яъне қариб ба даҳ сол дар Сарой муқим будааст. Чун Темур дар соли 797 (1395) ба дашти Қипчоқ юриш бурда буд, аз ин рӯ, қавли Дарвеш Ҳусайни Ҳофиз низ, ки гуфта: «Темур ӯро аз Сарой ба Табрез боз овардааст» эътибор меёбад.

**Тасаввуф дар қарни ҳаштум.** Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ дар асре мезист, ки тасаввуф дар авҷи шукуфоии худ буд. Машоихи сӯфия мавриди эҳтироми фаровоне буданд. Камол низ таҳти таълими Шайх Зайниддини Хофӣ тарбият ёфта буд. Дар мароҳили тариқат ба марҳилаи камол расида, зуҳду салоҳи бисёр ёфта ва орифе вораста буд. Аз чунин эҳтироме бархурдор буда ва муридони бисёре дар Табрез ва атрофи он пайдо карда буд.

Дар авоили ин қарн Шайх Сафиюддини Ардабилӣ (ваф. 735/1335) дар Ардабил иштиҳори тамом дошт.

Дар Табрез низ Шайхулислом Хоҷа Муҳаммад ибни Иброҳими Куҷаҷонӣ мутахаллис ба «Куҷаҷӣ», Шайх Маҷдуддин Исмоили Сисӣ аз урафо ва уламо ва шоирони маъруфи он шаҳр соҳиби хонақоҳ буда ва аз эҳтирому эътиқоди зиёди мардум бархурдор буданд ва муридони бисёре доштанд. Ҳатто гуфта мешавад, ки Камол худ низ ба яке аз онҳо дасти иродат дода ва ӯро ба пирии худ баргузида буд.

Вале аз ашъори Камол бармеояд, ки ӯ низ ҳамчун муосири машҳури худ Хоҷа Шамсиддин Ҳофизи Шерозӣ лафзи пир барои худ интихоб накарда буд, чунонки худ гӯяд:

*Халқ гӯянд, ки бе пир мабар ранҷ, Камол,*
*Солхӯрда майи имрӯз беҳ аз сад пирам.*

Дар нимаи дувуми ҳамин қарни ҳаштум яке аз фирқаи тариқат ба номи «ҳуруфия» ба миён омад, ки бо ситамкориҳои Темур ва аъқоби ӯ ба мубориза бархоста буд. Муассиси ин фирқа Шоҳ Фазлуллоҳ Наимии Табрезӣ (Астарободӣ) буд, ки рағми фирақи дигари сӯфия на танҳо аҳли эътикоф ва буридан аз дунё набуда, балки бисёр фаъолу исёнгар низ буданд. Ин фирқа ба суръат рушд ёфт, дар умқи ҷомеа печид ва темуриёнро ба ҳарос андохт. Ба гунае, ки башиддат ба муқобила бо он бархостанд.

Бо ин ҳама Темур ва ҷонишинони ӯ аз машоихи сӯфия ҳимоят карда ва ононро муҳтарам медоштанд. Ба тавре ки яке аз авомили густариш ва равнақи тасаввуф ва хонақоҳҳо дар ин қарн ва қарни нуҳум ҳамон эътиқод ва ҳимояти онон будааст. Омили дигари тавсеаи тасаввуф ва нуфузи тасаввуф дар миёни мардум аз миён рафтани ихтилофи дерин байни шариату тариқат ва динӣ шудани тасаввуф буд. Дар ин қарн тариқат наздик шуд ва ранги динии бештаре ба худ

гирифт ва ихтилофоти мавҷуд байни мутасаввифон ва уламои шаръ аз миён бархост. Ба тавре ки тафкики ин ду аз ҳам мушкил менамуд. Ба дигар сухан, истилоҳоти ирфонӣ аз инҳисори аҳли тариқат берун рафт ва шуарову удабо ҳар ду аз истилоҳоти ирфонӣ ба як сон истифода карданд ва шеъри форсӣ низ рангу зарофати наве ёфт, бавижа, ғазалиёти шоирон риққат ва таровати бештаре пайдо кард.

Ашъори Камол низ аз ин мавзӯъ мустасно набуд. Камол дар шеър ба ғазал бештар алоқаманд буда ва ғазалиёти ӯ бо чошнии ирфонии худ бе шабоҳат ба ашъори Ҳофизи Шерозӣ нест. Ба ҳамон андоза низ аз латофати калом ва диққати маониву баён бархурдор аст. Камол аз шуарои қабл аз хеш, монанди Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, бавижа, Саъдиву Ҳофиз татаббӯи бисёр карда ва истиқбол намудааст.

Камол дар ба кор бурдани қавофии душвор ва радифҳои ноҳамвор парвое ба худ роҳ намедиҳад. Ашъори ӯ дар айни равонӣ шабоҳате низ ба сухани Ҳасани Деҳлавӣ дорад. Ба тавре, ки бархе мунаққидон беҷиҳат ӯро муттаҳам ба сирқати ашъори Ҳасан кардаанд, вале Ҷомӣ ба ишора ба ҳамин мавзӯъ онро рад карда, мегӯяд: «…татаббуъ аз Ҳасани Деҳлавӣ мекунад, аммо он қадар маонии латиф, ки дар ашъори Камол ҳаст, дар ашъори Ҳасани Деҳлавӣ нест».

Камолиддини Хуҷандӣ бо бархе аз шуарои маъруф муосир будааст, аз он ҷумла метавон аз Ҳофиз, Салмон, Ассори Табрезӣ, Маозии Табрезӣ, Қосими Анвор ном бурд.

Девони Камолиддин дар ҳудуди ҳашт ҳазор байт аст, ки аввалин бор тавассути Азизи Давлатободӣ – адиби муосири Озарбойҷонӣ дар соли 1337 ҳиҷрии шамсӣ дар Табрез чоп шуда ва дар соли 1975 низ осори Хуҷандӣ дар ду ҷилд дар Маскав ба табъ расидааст.

**Пайнавишт:**

1. Байҳақӣ, Абулфазл. Таърихи Байҳақӣ /Тасҳеҳи дуктур Муҳаммад Фаёз. Чопи дувум. – Машҳад, 1383. – 815.
2. Ғаззолӣ, Имом Муҳаммад. Эҳё улум-ид-дин /Тасҳеҳи Ҳусайни Хидевҷам.-Ҷ.2. - Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1384.
3. Девони Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ /Тасҳеҳи Эраҷи Гулисурхӣ. Чопи аввал. - Теҳрон: Суруш, 1374.
4. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Аз кӯчаи риндон. - Теҳрон: Амири Кабир, 1349.
5. Хуррамшоҳӣ, Баҳоуддин. Ҳофизнома.-Ҷ.1, чопи аввал. Интишороти илмӣ-фарҳангӣ.-Теҳрон, 1389. 404 с.
6. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс /Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Маҳмуд Ободӣ. Чопи аввал.-Теҳрон: Интишороти Иттилоот, 1380.
7. Шарҳи Судӣ. Ба нақл аз мафҳуми риндӣ аз назари Ҳофиз /Фахриддин Мазорӣ. Интишороти Кавир, чопи аввал. 1357

*Таҳияи Мавлуда Почоева*

*Сарвиноз Ҷӯраева*[1]

# ИБОРАҲОИ РЕХТАИ ФЕЪЛӢ ВА КОРБУРДИ ОНҲО ДАР «ЗАЙН-УЛ-АХБОР»-И АБӮСАИДИ ГАРДЕЗӢ

Таърихнависӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ таърихи тӯлонӣ дошта, яке аз осоре, ки инъикоскунандаи роҳи такомули насри таърихӣ маҳсуб меёбад, «Зайн-ул-ахбор»-и Абӯсаид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезӣ аст. Асари мазкур дар ҳудуди солҳои 1050-1052 дар замони ҳукуматдории Абӯмансур Абдуррашид ибни Маҳмуд мавсум ба «Зайн-ул-милла» таълиф гардида, бо чунин ном иштиҳор ёфтанаш низ ба лақаби шоҳи фавқуззикр вобаста аст.

Муҳаммадтақӣ Баҳор аз хусуси муҳтавову забони ин асар мулоҳизаронӣ карда, қайд намудааст, ки он «китобе аст бузург, ки дар таърихи олам аз Одаму анбиё ва мулуку хулафо ва умарои исломӣ… ба забони форсии бисёр пухтаву равон ва сабки қадим таҳрир шудааст…

Ин китоб аз Байҳақӣ бештар ба сабки қадим наздик аст ва ба сабки Балъамӣ шабоҳате дорад ва нависанда саъй кардааст, ки онро ба ғояти содагиву равонӣ барнигорад…» (1, 2, 47).

Чунонки аз ин ишораи Баҳор эҳсос мегардад, асари мазкур, ки бо номи «Таърихи Гардезӣ» низ машҳур будааст, навъе аз донишномаҳо ба шумор рафта, дар он бештар масъалаҳои таъриху мардумшиносӣ баррасӣ гардидааст ва, аз ҳамин ҷиҳат, он мавриди таваҷҷуҳи донишмандон қарор гирифтааст. Ҳанӯз дар оғози асри гузашта порчаҳои ҷудогонаи ин асар аз тарафи донишманди ҳиндӣ Муҳаммад Нозим ба табъ расонида шудааст (соли 1926), чопи илмию интиқодии он бо муқобалаю муқоиса аз ҷониби олими афғон Абдулҳаййи Ҳабибӣ сурат гирифтааст (соли 1968), аммо комилтарин ва саҳеҳтарин чопи ин асар ба Раҳим Ризозода мансуб мебошад (соли 1384/2004) (2, 5). Дар Тоҷикистон он бори нахуст аз тарафи донишманди тоҷик Қодири Рустам ба ҳуруфи кириллӣ баргардон шудааст.

Муаллифи «Зайн-ул-ахбор» ҳангоми баёни матлабаш аз дороиҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии забони модарияш бо камоли маҳорат истифода карда, ба хонанда ҳолати забони он рӯзгорро ба таври равшан ҷилвагар сохтааст. Ин асар баробари аз нигоҳи забон бо осори дигари ин давра умумият доштанаш, инчунин тафовутҳои

---

[1] номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров

назаррасе низ дорад. Яке аз чунин фарқҳо дар истифодаи воҳидҳои фразеологӣ мушоҳида мешавад.

Маълум аст, ки воҳидҳои фразеологӣ аз ҷумлаи унсурҳои муҳимми забон ба шумор рафта, дар тӯли қарнҳо рехтаву устувор гардида, дар шакли қолабҳои тайёр мавриди истифода қарор мегиранд.

Дар забоншиносии тоҷик агарчи оид ба вижагиҳои воҳидҳои фразеологии забони ҳозираи тоҷикӣ як қатор пажӯҳишҳо ба табъ расидаанд, вале чунин ҳукмро наметавон дар хусуси аз назари таърихӣ сурат гирифтани ин гуна корҳои илмӣ изҳор кард. Ба истиснои қайдҳои алоҳида дар мақолаву корҳои илмии муҳаққиқон, ки дар қатори масъалаҳои дигари вижагии забони ин ё он шоиру нависандаи гузашта баён намудаанд, тадқиқоти алоҳидае дар ин самт то ҳол таълиф нашудааст. Маҳз ҳамин самти кор моро водор сохт, ки дар мисоли маводи «Зайн-ул-ахбор» хусусиятҳои ташаккул ва мавридҳои истифодаи чунин воҳидҳои забонро дар оғози нимаи дуюми садаи XI нишон диҳем.

Аз маводи гирдомада маълум мешавад, ки Гардезӣ аз ин гуна унсурҳои забон на танҳо бисёр истифода намудааст, балки дар мисоли шаклҳои корбурдашон имконоти васеи забони ниёгонамонро ба хубӣ инъикос карда тавонистааст. Аз тамоми асар мо беш аз сад воҳиди фразеологиро дарёфт кардем, ки қисми ками онҳоро унсурҳои рехтаи мансуб ба ҳиссаҳои номӣ ва ҳиссаи зиёдашонро ифодаҳои устувори мутааллиқ ба феъл ташкил медиҳанд. Табиист, ки дар доираи як мақола ҳамаи чунин ибораҳоро ба риштаи таҳлил кашидан аз имкон берун аст. Аз ин рӯ, дар ин мақола кӯшиш гардид, ки чанд нуктаи ба воҳидҳои рехтаи феълии асари номбурда алоқаманд баён карда шавад.

Бояд қайд кард, ки дар ташаккули воҳидҳои рехтаи феълӣ нақши калимаҳои меҳварӣ ягона нест. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар пайдоиши чунин унсурҳои «Зайн-ул-ахбор» вожаи «дил» нақши аввалдараҷа дорад. Тавассути ин калима дар асари мазкур, аз рӯи ҳисоби мо, ҳаждаҳ ибораи рехта дучор омад, ки ба қатори онҳо **дили касе аз чизе фориғ гаштан** (Ва чун дил аз ҳадиси Муқаннаъ ва фитнаи ӯ фориғ гашт, Маҳдӣ ба замини Мавсил…ду байт шеър шунид…-2,106), **дили касе бигаштан** (Ва Фазл ибн ар-Рабеъ мар Алӣ ибни Исо ибни Моҳонро бо хештан ёр кард ва ҳар ду тан ҳамегуфтанд, то дили Амин бигашт -2,110), **чизе дар дили касе мондан** (Ва Исмоил пеш аз Наср бимурд ва он хашм дар дили Ҳамид монда буд -2,186), **андар дили касе омадан** (Пашемонигуна андар дили ӯ омад -2,218), **аз дили касе чизеро берун кардан** (Ва Абдуллоҳ ҳазми хеш бигирифт ва хештан-

ро аз Муътасим нигоҳ ҳамедошт ва он ваҳшат аз дили ӯ берун овард -2,169), **дили касеро гарм кардан** (Пас дили эшон гарм кард ва эшонро умедҳои некӯ намуд ва мисол дод, то аз об гузора оянд -2,223), **андар дил будан** (Ва амир Маҳмудро… ғазабе азим андар дил буд -2,225) ва даҳҳои дигар дохил мешаванд.

Мақоми дуюмро дар байни калимаҳои меҳварӣ вожаи «даст» ишғол мекунад, яъне дар «Зайн-ул-ахбор» бо ёрии ин вожа шонздаҳ ибораи рехта ташаккул ёфтааст, ки ба қатори онҳо метавон ифодаҳоеро чун **ба даст омадан** (Ва ба хосса инчунин иттифоқе, ки мар ин худованди олам(ро)… уфтод, ки бе ҳеч такаллуфе подшоҳӣ ба дасти ӯ омад…-2,207), **даст ба коре бурдан** (Чун бар тахти салтанат биншаст, даст ба бадӣ бурд ва марде бадхӯ буд ва муъҷаброй -2,73), **даст хушк шудан** (Ва малики Миср ба Сора тамаъ кард, то қудрати Худойи таоло бидид, ки чун хостӣ, ки даст ба вай ёзад, даст хушк ҳамешуд -2,25), **даст ба чизе бурдан** (Ва амир Муҳаммад андар Ғазнин фурӯ нишаст ва даст ба тарабу нишот бурд ва ба шароб хӯрдан машғул гашт…-2,229), **даст ба чизе дароз кардан** (…саройҳои аҳли салоҳ ғорат ҳамекарданд ва хун ҳамерехтанд ва молҳои мардумон ҳамебурданд ва даст бар ҳарами мардумон дароз ҳамекарданд -2,126), **даст аз ҷони хеш бардоштан** (Ва дигар рӯз, ки Рустам даст аз ҷони хеш бардошта буд, биёмад ва ҳарб карданд -2,68), **даст аз коре кашидан** (Бифармуд, то лашкариён даст аз ғорату тороҷ бикашиданд -2,233) ва монанди инҳо дохил мешаванд.

Аз аносири луғавии мавриди муҳокима маълум мешавад, ки ин гунаи ифодаҳо низ мисли калимаҳои муқаррарии забон таърихи хеле тӯлонӣ дошта, баъзеяшон умри зиёда аз ҳазорсола доранд ва дар давоми чунин даврони дурудароз ҳам аз ҷиҳати шакл, ҳам аз лиҳози маъно ба дигаргунӣ дучор нашудаанд. Онҳо ҳамчун инъикоскунандаи пойдории забони тоҷикӣ ҷилвагар шуда, намунаи ғановати ин забон ба шумор мераванд. Теъдоди чунин ифодаҳо дар таърихномаи мазкур бо ҳамин маҳдуд нашуда, ба силсилаи онҳо боз метавон ибораҳои бо ёрии вожаҳои меҳварии «забон», «сар» ташаккулёфтаро низ дохил кард. Танҳо фарқи ин гурӯҳи ибораҳо аз ифодаҳои боло ин аст, ки тавассути ду калимаи меҳварии фавқ воҳидҳои фразеологии кам сохта шудаанд. Масалан, бо вожаи меҳварии «забон» чор ибораи феълӣ ба назар расид, ки **забон бар касе дароз гаштан** (Ва Абӯҷаъфари Утбӣ молҳо асорат ҳамекард ва андар иморати хазинаҳо истиғсои балеғ ҳаме ба ҷой овард, то забонҳо бар вай дароз гашт ва вазорат аз Абӯҷаъфар бозситаданд…-2,193), **бар забон гирифтан** (Чун ин истихфофи амир Абулҳасанро Абулҳусайн бишунид, кина гирифт ва

масолиби амир Абулҳасан бар забон гирифт…-2,198), **забони касе гирон шудан** (Ва аз ин пул то дари Таббатхоқон кӯҳе аст, ки чун наздики ӯ шавӣ, аз ҳавои ӯ дами мардум бигардад, чунонки дам натавонад задан ва забонаш гирон шавад ва бисёр мардум андар он бимирад -2,295), **андар забон гирифтан** (Ин ҳама хатост, ки ҳаме ту кунӣ ва оммаи мардумон туро андар забон гирифтаанд ва бад-ин ки ту мекунӣ, туро накӯҳиш ҳамекунанд…-2,229) аз ҷумлаи онҳо ба шумор меравand. Бо калимаи меҳварии «сар» низ дар асари мавриди таҳлил чор ибораи рехта дучор омад, ки **сар печидан** (…ва хуросониён ҳам аз ӯ сар печиданд ва ба Тӯс ба якдигар расиданд ва ҳарб карданд -2,143), **сари касеро бардоштан** (Пас амир Масъуд бифармуд хӯде бар сари ӯ ниҳоданд ва ӯро бар дор карданд ва сангрез кардандаш ва пас сари ӯро бардоштанд ва ба Бағдод наздики Қодир фиристоданд -2, 231), **сар аз итоат бикашидан** (…чун ба Ҳиндустон расид, сар аз итоат бикашид ва исён падид овард -2,231), **ба сари кори хеш шудан** (…мардумон андар ин рӯз аз ҳисори Афросиёб бирастанд ва ҳар кас ба сари кори хеш шуданд -2,276) намунаи чунин ифодаҳо ҳастанд.

Чунин ибораҳои рехтаи «Зайн-ул-ахбор» аз нигоҳи дараҷаи истеъмолашон низ ягона нестанд: баъзеяшон серистеъмол, ҳиссаи дигар муътадилистеъмол ва гурӯҳи сеюмашон камистеъмоланд. Чун намуна ин ҷо зикр кардани чанде аз ибораҳои гуногунистеъмол бамаврид аст:

1.<u>Ибораҳои серистеъмол</u>: Ва кори Кайковус бар низом ҳамерафт, то Иблис ӯро *аз роҳ бибурд* ва қасди осмон карду сандуқ сохт» (2,64); «Ва чун *дил* аз ҳадиси Муқаннаъ ва фитнаи ӯ *фориғ гашт*, Маҳдӣ ба замини Мавсил… ду байт шеър шунид…» (2,106); «…ва ҳама иҷобат карданд ва *савгандон хӯрданд»* (2,229).

2. <u>Ибораҳои муътадилистеъмол</u>: «Ҳарчанд бозгардониданд, нагардид, *ба сухан омаду* гуфт: «Ман низ ҳам бад-он Худой имон дорам, ки шумо» (2,46) «…ва зару ҷавоҳири бисёр бар он дарафш *ба кор бурд»* (2,60). «Ва ҳамаи мардумони эшон камар банданд ва корду ханҷар бар вай биёвезанд ва чизе, ки эшонро *ба кор ояд*, аз он ҷо овехта доранд» (2,298).

3.<u>Ибораҳои камистеъмол</u>: «Ва эшон ҷамоате бисёр буданд, ки аз марг бигурехтанд, Худой, таоло, ҳамаро *ҷон бистад…*» (2,36); «Пас Илёс *сер гашт аз эшон* ва ал-Ясаро халифат карду бирафт» (2,37); «Ва ба рӯзгори Муттақӣ ба Бағдод вабо уфтод ва мардумони бисёр бимурданд ва *кор он ҷо расид*, ки аз кафан кардани мурдагон оҷиз шуданд» (2,123); «Ва амир Абулҳасан бас маккору муҳтол буд, ҳилат *ба кор овард»* (2,196); «Ва Абӯҷаъфари Утбӣ молҳо асорат ҳамекард ва

андар иморати хазинаҳо истиғсои балеғ ҳаме *ба ҷой овард*, то забонҳо бар вай дароз гашт ва вазорат аз Абӯҷаъфар бозситаданд…» (2,193); «Амир Абулҳасан тира шуд ва хашм гирифт ва гуфт: «Волии Хуросон манам ва сипаҳсолор Абӯалӣ аст, писари ман, валлоҳ, ки ман *ситора ба рӯз бад-эшон намоям*» (2,198).

Як хусусияти таърихномаи мазкур мисли чанде аз осори таърихии сабки хуросонӣ ҳамин аст, ки муаллиф танҳо бо зикри асноду далоил маҳдуд нашуда, дар мавридҳои алоҳида мулоҳизаронихои мантиқиро бо бадеиёт омезиш додааст ва андешаашро тарзе баён намудааст, ки хонанда аз мутолиаи таърихнома лаззати ба худ хос мегирад. Ин нуктаро дар назар дошта, забоншинос С.Ҳалимов навишта буд, ки дар байни забону услуби осори бадеӣ ва таърихӣ ҳадди қатъие гузоштан дуруст нест, зеро байни онҳо нишонаҳои намоёни тафовуткунандаи забон дида намешавад (12, 79). Ин гуна осори таърихӣ низ бар пояи асарҳои гузашта бо истифодаи ганҷинаи бузурги забони адабӣ ва забони зиндаи ниёгон ба вуҷуд омадаанд. Агарчи осори таърихӣ дарбаргирандаи забону услуби насри бадеӣ аст, баробари ин ҳар кадоме аз чунин осор бо хусусиятҳои алоҳидаи луғавӣ, грамматикӣ ва услубияшон аз якдигар фарқ низ доранд.

Дар «Зайн-ул-ахбор» ҳолатҳои дар шакли эллипсис низ ба кор рафтани ин гуна ибораҳо дида мешавад. Чунончи, Гардезӣ дар чанд маврид ифодаҳои ***андар гузаштан*** ва ***даргузаштан***ро ба кор бурдааст. Бояд гуфт, ки шакли аввала назар ба баъдӣ қадимтар аст, зеро сарчашмаи ҳар ду пешванди ин феъл: *андар-* ва *дар-* *antara*-и бостон аст. Таъкид кардан бамаврид аст, ки ҳар ду феъл яке аз ҷузъҳои воҳиди фразеологии ***аз дунё андар гузаштан/ даргузаштан*** аст: «Ва чун аз он ҷо бозгашт, Ҳорис ибни Сурайҷи Ҳориҷиро, ки ба Хуросон беруномада буд, бигирифт… Ва андар санаи ситта ашара ва миат (116/734) андар гузашт» (2,150). «Ва амири разӣ Абулқосим Нӯҳ бемор шуд ва даргузашт рӯзи одина…» (2, 204).

Дар таърихномаи Гардезӣ, тавре ки ишора шуд, ин гуна ибораҳои ҳаммаъно зиёданд. Ба сифати як намунаи дигар ин ҷо метавон чанде аз ифодаҳои рехтаи дар баёни мафҳуми куштан, маҳв кардан истифодашавандаро, мисли **ҷони касеро бардоштан** (Ва ба фармони Худой, таоло ва илтимоси Идрис ҷонаш бардошт ва боз зинда шуд ва биҳишту дӯзах бар вай арза кард…-2,20), **ҷон бистадан** (Ва эшон ҷамоате бисёр буданд, ки аз марг бигурехтанд, Худой, таоло, ҳамаро ҷон бистад…-2,36), **сари касеро бардоштан** (Пас амир Масъуд бифармуд хӯде бар сари ӯ ниҳоданд ва ӯро бар дор карданд ва сангрез кардандаш ва пас сари ӯро бардоштанд ва ба Бағдод наздики Қодир фи-

ристоданд…-2,231), **ҷони касеро бистондан** (Ё Раб, агар андар собиқ ҷазои ту ва тақдири осмонӣ чунон рафтааст, ки ин подшоҳӣ аз ман бишавад, ту маро ҷон бистон…-2,181) зикр намуд.

Чӣ хеле ки дида мешавад, чунин ибораҳо аз ҷиҳати дар забони адабии имрӯза маъмул будан ё набуданашон ба ҳамдигар шабоҳат надоранд: як қисми онҳо дар адабиёти классикӣ серистеъмол буда, ҳоло қариб ки ба кор намераванд, ҳиссаи дигарашон бо вуҷуди дар забони адабӣ дучор наомаданашон дар шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ боқӣ мондаанд. Он ибораҳое, ки танҳо дар адабиёти классикӣ истифода мешуданд, дар таркиби худ баъзе калимаву ибораҳое доранд, ки имрӯз дар забони тоҷикӣ кам истифода мешаванд ё умуман ба назар намерасанд. Масалан, баъзеи ин гуна ифодаҳо дар таркиби худ ҷонишини нафсӣ-таъкидии ***хеш***ро доранд. Ба силсилаи чунин воҳидҳои фразеологӣ **даст аз ҷони хеш бардоштан** (Ва дигар рӯз, ки Рустам даст аз ҷони хеш бардошта буд, биёмад ва ҳарб карданд…-2,68), **ба сари кори хеш шудан** (…мардумон андар ин рӯз аз ҳисори Афросиёб бирастанд ва ҳар кас ба сари кори хеш шуданд… -2,276), **аз ҷони хеш навмед шудан** (Ва чун Муқаннаъ аз ҷони хеш навмед шуд, ҳамаи занони хешро гирд кард ва заҳре бисохт ва эшон ҳамаро биҳишт пазируфт, то ҳама аз он заҳр бихӯрданд, ҳама андар соат бимурданд…-2,162) дохил мешаванд.

Инчунин, дар таркиби ин гуна ибораҳо иддае аз феълҳо ба маъное истифода гардидаанд, ки ҳоло он маъношон архаистӣ шудаанд. Чунончи, дар таркиби ибораи **аз даст бишудан** (…Дорнуш…андешаи он накашид, то ҳамаи вилояташ аз даст бишуд ва душманон бар вай берун омаданд ва қаҳрҳо карданд…-2,310) калимаи ***шудан*** ба маънои «рафтан» мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҳоло дар забони адабӣ ҷои ин гуна калимаҳоро воҳидҳои луғавии дигар гирифтаанд. Масалан, ибораи ***аз даст шудан***ро имрӯз тоҷикзабонон дар шакли ***аз даст рафтан*** ба кор мебаранд.

Тавре ки аз ҷумлаи боло ва ду мисоли поён мушоҳида мешавад, дар таркиби ҷузъи феълии чунин ибораҳо пешванди ***би-***ба кор рафтааст. Ин ҳолатро дар ибораҳои **аз коре даст бидоштан** (Банӣ Исройил азим битарсиданд ва аз он кори азим зишт даст бидоштанд…-2,36), **остонаи дар бигардондан** (ба маънои «иваз кардан»: …ва Иброҳим ҳар сол ба зиёрати Исмоил омадӣ ва он буд, ки гуфт: «Остонаи дар бигардон» занашро ва Исмоил он занро бигузошт ва дигаронро ба занӣ кард…-2,25) ва даҳҳои дигар дучор омадан мумкин аст.

Чӣ хеле ки ишора гардид, як ҳиссаи ибораҳои фразеологии «Зайн-ул-ахбор», агарчи ҳоло дар забони адабӣ дида намешаванд ё кам ба назар мерасанд, дар аксари лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба таври ва-

сеъ истифода мегарданд. Баъзеи чунин ибораҳоро мардуми тоҷик айнан дар ҳамон шакли куҳанашон ба кор мебаранд. Ба қатори ин гуна ибораҳои **заҳраи касе кафидан** ба маънои «сахт тарсидан» (… ва ҳар кас, ки аз Туркистон ва Мовароуннаҳр андар он лашкаргоҳ ҳозир буданд, заҳрашон бихоҳад кафид… -2,221), **касе ё чизеро нест кардан** ба маънои «барҳам додан» (…ва давлати Банӣ Умайяро аз бех барканд ва нест кард ва Абулаббос ас-Саффоҳро ба хилофат биншонд…-2,254), **дасти касе хушк шудан** (Ва малики Миср ба Сора тамаъ кард, то қудрати Худой, таоло, бидид, ки чун хостӣ, ки даст ба вай ёзад, даст хушк ҳамешуд…-2,25), **дили касеро гарм кардан** (Пас дили эшон гарм кард ва эшонро умедҳои некӯ намуд ва мисол дод, то аз об гузора оянд… -2,223) метавонанд мансуб бошанд.

Дар қисми дигари чунин ибораҳо пешоянди таркиби онҳо ба варианти дигари он ё ҳамин гуна калимаи дигар иваз гардида, дар вазифаи пасоянд омадааст. Масалан, Гардезӣ дар ин ҷумлаҳо ибораи **андар дили касе омадан**ро ба маънои «эҳсос намудан» истифода кардааст: Пашемонигуна андар дили ӯ омад (2,218)….ва чизҳое ниҳодаанд, ки овози фаҷиъ ва ҳоил аз вай биёбанд, чун бонги фил ва бонги шер низ, чунонки ҳар кас бишнавад, мадҳуш гардад ва фазаъу раъаб андар дили ӯ ояд аз он бонг (2,315).

Ҳоло ибораи мазкурро мардуми тоҷик дар шакли ***дил-ба омдан*** ба маънои «тахмин кардан» истифода менамоянд (4, 108).

Ибораҳои **ба орзу бирасидан** (...дарвақт ба орзу бирасид бе ҳеҷ мониъе ва муҳлате...-2,207) ҳоло дар лаҳҷаҳо дар шакли ***орзу-ва растан***, ибораи **андар дил будан** (Ва амир Маҳмудро…ғазабе азим андар дил буд -2,225) ба гунаи ***дил-анда будан***, ифодаи **бо касе баробар шудан** (Ва малики Рум бо Афшин баробар шуд ва баровехтанд ва ҳарб карданд -2,115) дар варианти ***ягон кас ки баровар шудан***, ибораи **бо касе наздикӣ кардан** (Ва…Муътасим…канизаке фиристод ӯро сахт некӯ ва мар он канизакро дасторча бидоду гуфт: «Чун Абдуллоҳ бо ту наздикӣ кунад, ин дасторча бад-ӯ деҳ, ки хештанро пок кунад»…-2,169) дар шакли ***ягон кас ки назикӣ кадан/каран***, ибораи **бо якдигар як шудан** (Бектузун ва Фоиқ яке шуданд ва Абулҳорисро халъ карданд ва мил кашиданд ӯро ба Сарахс…-2,205) дар шакли ***якгапа шудан*** ба маънои «бо маслиҳати ягона кореро анҷом додан» (4, 385) мавриди истифода қарор доранд.

Ҳамин тавр, «Зайн-ул-ахбор»-и Абӯсаиди Гардезӣ яке аз маъхазҳои муҳимми ибораҳои рехтаи феълӣ буда, ҳиссаи калони онҳо ҳуқуқи комил доранд, ки ба забони адабии ҳозира роҳ ёбанд. Дар ташаккули ин гуна ифодаҳо нақши вожаҳои соматикӣ калон буда, онҳо

калимаҳои меҳварии қисми зиёди чунин ибораҳоро ташкил додаанд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки чунин воҳидҳои забон дар рӯзгори муаллифи асар аз ҷиҳати доираи истифода ягона набуда, қисме серистеъмол, ҳиссаи дигар камистеъмол ҳастанд.

Муаллиф дар ҷараёни изҳори матлаб аз ибораҳои муродифии феълӣ зиёд истифода бурдааст.

Ҳоло агар як гурӯҳи чунин ибораҳо дар забони адабӣ боқӣ монда бошанд, пас дастаи дигарашон дар шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ ҳамчун унсури фаъоли забон мавриди истифода қарор доранд.

**Пайнавишт**:


1. Баҳор М.Т. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ.- Ҷилди 2. –Теҳрон: Заввор, 1381.- 436 с.
2. Гардезӣ, Абӯсаид Абдулҳай. Зайн-ул-ахбор /Ба хатти кириллӣ баргардони Қодири Рустам.-Душанбе: Бухоро, 2014.- 415 с.
3. Давлатова М. Глагольная лексика и глагольное словообразование в «Зайн-ал-ахбор» Гардизи.-Автореф. дисс. канд. филол. наук.- Душанбе, 1969- 25 с.
4. Зоҳидов А., Осимова Б. Фарҳанги воҳидҳои фразеологии лаҳҷаи Хуҷанд. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2013.- 391 с.
5. Қосимӣ М. Тасвири марг дар адаби форсӣ //Номаи Пажӯҳишгоҳ. -Душанбе, 2007.- № 15-16. –С.89-146.
6. Маҳкамова Б. Сад тарзи ифодаи як мафҳум дар ашъори Лоиқ.- Хуҷанд, 2002.-28 с.
7. Маҳмудов М. ва дигарон. Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. -Душанбе, 2012.- 946 с.
8. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик.-Душанбе, 1982.-103 с.
9. Насриддинов А. Тасвири тулӯи офтоб дар «Шоҳнома»-//Куллиёт. -Ҷилди 6. –Хуҷанд: Ношир, 2013. –С.173-193.
10. Олимҷонов М. «Таърихи Гардезӣ» ё «Зайн-ул-ахбор»-//Донишномаи Сомониён. -Ҷилди 2.- Хуҷанд: Ношир, 2009. -С.294-295.
11. Сафо З. Таърихи адабиёти Эрон /Таҳия ва тавзеҳоти С. Имронов ва Б.Мақсудов. –Душанбе: Деваштич, 2003.- 317 с.
12. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои XI-XII).- Душанбе, 2002.- 95 с.

*Толиб Ваҳҳобов*[1]

# ПАЖӮҲИШ ДАР ОМӮЗИШИ ФЕЪЛҲОИ «ШОҲНОМА»

**(Р. Шодиев, «Феъл дар «Шоҳнома» (Душанбе: Дақиқӣ, 2014.-152с.)**

Дар забоншиносии тоҷик як даста масъалаҳое ба назар мерасанд, ки ба омӯзиш ва коркарди густурдаи онҳо танҳо дар даҳсолаҳои охири садаи XX олимони забоншиноси мо камар бастаю таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Феъл чун категорияи муҳимтарини забони тоҷикӣ ва морфологияи он аз ҷумлаи ҳамин масоили мубрами забони мо маҳсуб меёбад. Омӯзиш ва баррасии категорияҳои феъл маҳз дар се даҳсолаи охир (1990-2015) вусъати тоза касб намуд, ки яке аз намунаи он рисолаи муҳаққиқи ҷавон ва забоншиноси умедбахш Рустам Шодиев «Феъл дар «Шоҳнома» маҳсуб меёбад. Рисолаи мазкур таҳти назари олими шинохтаи тоҷик доктори илмҳои филологӣ, профессор Д.Саймиддинов ба чоп расидааст.

Агар ба таърихи омӯзиши феъл дар забоншиносии тоҷик назар андозем, шоҳиди он мегардем, ки дар ин замина тадқиқоти рисолаҳои гуногунҷанбаи забоншиносон арзи вуҷуд намуда, масоили мубрами марбути категорияи феъли забони тоҷикиро ба риштаи тадқиқ, коркард ва арзёбӣ кашидаанд ва ҳар яке дар ин амр саҳм ва нақши хешро гузоштаанд. Мо онҳоро аз рӯи аҳамияти назариявию амалиашон ба се гурӯҳ тасниф менамоем, ки осори тадқиқии шомили ин гурӯҳҳо феъли забони тоҷикиро дар ҷанбаҳои гуногун ҳадафи тадқиқ қарор дода, ба натоиҷи гунаранг расидаанд. Ба гурӯҳи аввал тадқиқоте мансуб мебошанд, ки дар шакли рисола, маводи суҳбату гузоришҳои тадрисӣ ва қисмати асарҳои ҷамъбастию дастурҳои таълимӣ ба нашр расида, бисёр масоили печидаи феъли забони тоҷикиро ҳадафи пажӯҳиш қарор дода, ба хулосаҳои ҷолиб омадаанд. Дар ин бахш зикр намудани тадқиқоту рисолаҳои олимони маъруф Н.А.Маъсумӣ (Феъл// Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб, ҷ.2. – Душанбе: Ирфон, 1980. – С.176-288), В.С.Расторгуева ва А.А.Каримова (Система таджикского глагола. – М.: Наука, 1964. – 292 с.), А.З.Розенфелд (Глагол. – Душанбе: Изд-во АН ТаджССР, 1954. – 78 с.), С.Ҳалимов (Куниш-Феъл. – Душанбе, 2013. – 126с.) ба мақсад мувофиқ аст. Аз байни асарҳои зикргардида рисолаи профессор А.З.Розенфелд муқаддамтар буда, бо такя ба рисолаю дастурҳои илмию таълимии олимони забоншиноси дунё, рус, шӯравӣ, тоҷик дар радифи очеркҳои грамматикаи забони тоҷикӣ дар

[1] доктори илмҳои филологӣ, профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров

атрофи масоили марбути феъл рисолаи хешро интишор намудааст. Ба ақидаи муаллиф (А.З.Розенфелд) «дар грамматикаи забони тоҷикӣ аз рӯи ашколи гунаранги хеш феъл ҳиссаи аз ҳама бой ва мушкили он маҳсуб меёбад» (4,5). Муаллифи «Глагол» муҳимтарин категорияҳои феъли забони тоҷикӣ (роҳҳои ташаккули феъл, асосҳои феъл, шахс ва шумора, инкор, бандакҳои ме-, би-, -ӣ, феълҳои сода, алоқаи феълӣ, воситаҳои ташаккули феълҳои мураккаб, сиға ва воситаҳои дигари баёни модалият, тарз, намуд ва ғ.)-ро шарҳи мухтасар ва муқаддимотӣ додааст. Дар баробари он кӯшидааст, ки вижагиҳои феъли забони адабии тоҷикиро аз рӯи зарурат бо шеваи ҷанубӣ-шарқӣ ба риштаи муқоиса кашад. Дар ин амр ба иҷрои ҳадафи хеш комёб шудааст, ки он чун яке аз муҳассаноти рисолаи мазкур аз ҷониби муҳаққиқони баъдӣ эътироф гардидааст.

Носирҷон Маъсумӣ яке аз аввалин муҳаққиқони тоҷик аст, ки дар омӯзиш ва ба низоми собит даровардани категорияҳои феъли забони тоҷикӣ хидмати беназир кардааст. Асари машҳури вай «Феъл», ки чун дастури таълимӣ таҳия ва барои донишҷӯёни бахши суханшиносӣ тадрис карда мешуд дар танзими истилоҳоти феъл саҳми бориз дорад. Ин тадқиқот танҳо соли 1980 тавассути «Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Забоншиносӣ»-и Н.Маъсумӣ манзури чоп гардидааст, ки аз 110 саҳифа иборат мебошад ва дар он муаллиф муҳимтарин масоили феъли забони тоҷикиро ба риштаи таҳлил ва ташреҳ кашидааст. Замоне, ки масъалаи таҳияи грамматикаи академӣ дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ матраҳ гардид, мураттибони он бо як овоз «Феъл»-и Н.Маъсумиро ба он ворид карда, Н.Маъсумиро ба сифати яке аз муаллифони он пазируфтанд (1,172). Қабл аз чопи асари Н.Маъсумӣ забоншиноси маъруфи шӯравӣ В.С.Расторгуева ва шогирди ӯ А.А.Каримова соли 1964 дар Маскав рисолаи «Система таджикского глагола»-ро ба чоп расониданд (ниг.: Система таджикского глагола. – М.: Наука, 1964. – 292с.), ки бо эътирофи мутахассисон беҳтарин тадқиқот дар забоншиносии эронӣ (тоҷикӣ низ) дар бахши феъл маҳсуб меёбад. Як вижагии рисолаи мазкур аз асари «Феъл»-и Н.Маъсумӣ иборат аз он аст, ки муаллифон дар рисолаи хеш доираи мавзӯоти феълро васеъ намуда, ба он категорияҳои феълҳои тасрифнашаванда ва анвои онҳо (масдар, сифати феълӣ ва феъли ҳол)-ро низ дохил карданд, ки баъдтар дар «ГЗАҲТ» (чопи академӣ) ин бахш аз ҷониби профессор Д.Т.Тоҷиев навишта шудааст (1,237). Ин гувоҳи он аст, ки солҳои 70-80-уми асри гузашта феъли забони тоҷикӣ комилу жарф ҳадафи тадқиқ нагирифта буд ва сатҳи омӯзиши он дар дараҷаи солҳои 50-ум қарор дошт.

Дар солҳои 60-уми асри XX дар раванди омӯзиши таърихи забони адабии тоҷикӣ дар забоншиносии тоҷик такони ҷиддие ба вуҷуд омад, ки ин тамоюл баъди ба нашр расидани асарҳои М.Т.Баҳор («Сабкшиносӣ», иб. аз се ҷилд). Ҳумоюн Фаррух («Дастури ҷомеи забони форсӣ», иб. аз ҳафт ҷилд), Парвиз Нотили Хонларӣ «(Таърихи забони форсӣ», иб. аз се ҷилд), Ж.Лазар («Дастури забони форсии муосир»), Л.П.Смирнова («Забони «Таърихи Сиистон») ва ғайраҳо равнақу ривоҷ гирифт. Бо таъсири тадқиқоти мазкур як силсила пажӯҳишҳои соҳаи таърихи забони тоҷикӣ дар забоншиносии тоҷик ба вуҷуд омаданд, ки муаллифони онҳо чун саромадони ин қисмати омӯхтанашудаи забонамон, яъне таърихи забони тоҷикӣ пазируфта мешаванд. Ва аксари ин муҳаққиқон барои пажӯҳиши хеш феъли забони тоҷикиро ҳадафи коркард ва омӯзиш қарор додаанд, зеро воҳидҳои луғавии марбути феъл ба таъсири омилҳои беруна қариб мувоҷеҳ намегарданд. Барои собит намудани ташаккули таърихии аносири луғавии забон дар давраҳои гуногуни тараққиёти забони тоҷикӣ чун маводи асили забон, ки баёнгари таҳаввулоти таърихии забонамон маҳсуб меёбанд, воҳидҳои феълӣ ба риштаи таҳлил ва тадқиқ кашида мешаванд. Дар ин самт зикри тадқиқоту пажӯҳишҳои забоншиносон, аз қабили Смирнова Л.П. («Забони «Таърихи Сиистон, 1959), Соколов С.Н. («Инкишофи таърихии каузатив дар забонҳои ғарбии эронӣ», 1960), Давлатова М. («Лексикаи феълӣ ва калимасозии феъл дар «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ», 1969), Р.Ҷӯраев («Тасвири грамматикаи забони «Асрор-ут-тавҳид», 1964), Б.Сиёев («Вижагиҳои феълҳои забони адабии тоҷикӣ дар асрҳои 1Х-Х (дар мисоли маводи «Таърихи Табарӣ», 1964) ва ғайраҳо зарур аст. Дар ҳамин давра тадқиқоти пурвусъати Б.Сиёев «Очерк доир ба таърихи феъли забони адабии тоҷик» (1968) ба чоп расид, ки дар он вижагиҳои феъли забони тоҷикӣ дар заминаи маводи асри Х («Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ) ба риштаи тадқиқ кашида шудааст.

Солҳои 80-90-уми асри XX таърихи феъли забони тоҷикӣ ва забонҳои мурдаи эронӣ (форсии қадим ва ғ.) низ таваҷҷуҳи олимони забоншиносро ба худ ҷалб кардааст. Бавижа тадқиқотҳои бунёдии яке аз забоншиносони тоҷик профессор Д.Саймиддинов чашмрас ва пураҳамият арзёбӣ мегарданд. Дар робита ба омӯзиши таърихи феъл зикр намудани ду асари мавсуф - «Вожаномаи феълҳои паҳлавӣ» (Душанбе, 1992. - 71с.) ва «Вожашиносии забони форсии миёна» («Бахши 1У. Луғати феъл: сохтор ва маъно». - С.149-171) аҳамияти вижа доранд, зеро тадқиқотҳои мазкур боиси равнақи омӯзиши феъли забони тоҷикӣ дар забоншиносии тоҷик гардиданд. Умуман, про-

фессор Д.Саймиддинов солҳои охир таваҷҷуҳи шогирдони хешро ғолибан ба омӯзиши феъли забони тоҷикӣ ва зуҳуру вижагиҳои он дар осори хаттии давраи классикӣ ва муосир равона намуда, мактаби феълшиносиро дар забоншиносии тоҷик тарҳрезӣ намудааст. Тадқиқотҳои шогирдони профессор Д.Саймиддинов, ки ба омӯзиши феъл бахшида шудаанд, аз ҷумла, Б.Алиев («Лексикаи феъл дар «Гаршоспнома»-и Асадии Тӯсӣ», 1999), М.Қосимов («Лексикаи феъл дар ёдгориҳои оғози давраи нави инкишофи забони форсӣ (тоҷикӣ)», 2000), Р.А.Усмонов («Лексикаи феъл дар «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Румӣ», 2003), М.Т.Ҷабборова («Алоқаи байни категориявии системаи шаклҳои ғайришахсии феъл дар мисоли маводи забонҳои русию тоҷикӣ», 2006), Р.А.Шодиев («Лексикаи феъл ва калимасозии феъл дар «Шоҳнома»-и А.Фирдавсӣ», 2010) хулосаи моро дар мавриди мактаби вижаи феълшиносӣ дар Тоҷикистон собит месозад. Ба чоп расидани рисолаи Рустам Шодиев «Феъл дар «Шоҳнома» (Душанбе: Дақиқӣ, 2014. – 150с.) баёнгари он аст, ки феъли забони тоҷикӣ аз мавзӯъҳои гуногунпаҳлӯ, сервижа, мушкил ва дандоншикани забонамон маҳсуб ёфта, коркарди он ниёз ба тадқиқотҳои бештару бунёдӣ дорад.

Тазаккур бояд дод, ки муаллиф қаблан низ асаре ба унвони «Вижагиҳои маъноии феълҳои сода дар «Шоҳнома» (Душанбе, 2010. – 80с.) ба чоп расонида буд, ки ба омӯзиши ташаккули як гурӯҳи феълҳо, яъне феълҳои сода бахшида шудааст. Муаллиф дар заминаи маводи «Шоҳнома» нишон медиҳад, ки феълҳои мазкур дар баробари дорои вижагиҳои маъноӣ, услубӣ буданашон дар шаклгирии калимаҳои нав хеле фаъол ва саҳми бориз доранд. Дар тадқиқоти тозанашри муаллиф феълҳои сода чун як бахш ё боби онро ташкил додаанд ва ин гувоҳи он аст, ки рисолаи нави муаллиф идомаи рисолаи номбурда буда, дар он мавзӯъ ва масоили мавриди тадқиқ васеътару фарохтар гардидааст.

Рисолаи муаллиф аз се бахш иборат буда, дар анҷоми он хулосаҳои тадқиқот ва феҳристи манобеи илмию сарчашмавӣ манзур гардидааст. Унвони рисола дарак аз он медиҳад, ки феъл дар ҷанбаҳои маъно (семантика) ва сохтор (ашколи ташаккул) ба ҳадафи арзёбию баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ҳамин замина рисолаи мавриди таҳлил ба тадқиқотҳои Н.Маъсумӣ, В.С.Расторгуева, А.А.Каримова, А.З.Розенфелд, П.Н.Хонларӣ ва амсоли онҳо ҳамшабеҳ бошад ҳам, дар баробари он муҳассанот ва вижагиҳои худро доро буда, онҳо собит месозанд, ки асари муаллиф дар феълшиносии тоҷик саҳми босазои хешро гузоштааст. Масалан, агар дар рисолаи «Феъл» ва бахши

«Феъл»-и Грамматикаи академӣ, ки ба қалами Н.Маъсумӣ мансуб мебошанд, феълҳои забони тоҷикӣ аз рӯи сохторашон ба се гурӯҳ – феълҳои сода (афтодан, боридан, гаштан, ёфтан ва ғ.), сохта (бардоштан, даромадан, хонондан, шӯёнидан ва ғ.) ва таркибӣ (кор кардан, тайёр шудан, гуфта додан, навишта истодан, фикр карда гаштан ва ғ.) тасниф гардида бошанд, дар асари Р.Шодиев «Феъл...» ба «феълҳои сода», «феълҳои пешвандӣ» ва «феълҳои таркибӣ» гурӯҳбандӣ шудаанд, вале аз назари тадқиқ гурӯҳҳои мазкур дар ин асарҳо сифатан тафовути чашмрас доранд. Агар дар асарҳои Н.Маъсумӣ, Р.Л.Розенфелд, В.С.Расторгуева А.А.Каримова, С.Ҳалимов таснифи феълҳо ба таври муқаддимотӣ ва омехта манзур гардида бошад, Р.Шодиев дар рисолаи хеш дар ҷанбаи маъноию сохторӣ феълҳои забони адабии тоҷикиро дар мисоли маводи «Шоҳнома» аниқу дақиқ ба се гурӯҳ тасниф кардааст: сода, феълҳои пешвандӣ (сохта) ва таркибӣ. Ба назар мерасад, ки муаллифи рисола дар вақти манзур кардани афкори хеш аз таснифоти дигар, аз ҷумла таснифоти панҷгонаи сохтмони феълҳои забони форсии П.Н.Хонларӣ (сода, пешвандӣ, мураккаб, ибороти феълӣ, феълҳои гузаро) бархурдор будааст.

Ҳамин тавр, Р.Шодиев дар бахши аввали рисолаи хеш – «Феълҳои сода» (8,9-75), ки қисмати асосии рисоларо ташкил медиҳад, баррасии хеле жарф ва собитро пешниҳод кардааст. Муаллиф дар идомаи афкори профессор Д.Саймиддинов, ки «феълҳои сода яке аз бахшҳои асосии луғати феъли форсии миёна маҳсуб мегарданд» 5,150), такя намуда, иброз медорад, ки «феълҳои сода дар забони форсии нав ҳамчун бахши асосӣ ва бунёдии феъл идомаи сохтори феъли форсии миёна буда, аз роҳи таҳаввулоти овоӣ бар асоси вижагиҳои давраи нави забон дар сохтори нав шакл гирифтаанд» (8,9). Д.Саймиддинов иброз медорад, ки феълҳои содаи паҳлавӣ «дар баёни маъно идомаи луғати феъли эронии бостон ва асосҳои таърихии он ба шумор меравanд. ...Ин феълҳо якҷо бо шаклҳои деноминатив (шаклҳои номӣ – Т.В.) ва каузатив (шаклҳои гузарандаи феъл – Т.В.) маъниҳои гуногуни амалро дар системаи ин забон баён намудаанд» (5,150). Баррасии Р.Шодиев аз муаллифони дигар (Н.Маъсумӣ, В.С.Расторгуева ва ғ.) аз он тафовут дорад, ки масъалаҳои марбути феъли забони тоҷикиро дар робита ба таърихи забон ва имконоти он ҳаллу фасл менамояд. Масалан, дар асноии таҳлил феълҳои забони давраи Фирдавсиро ба осори давраи забони паҳлавӣ муқоиса намуда, хулоса мекунад, ки «яке аз мавзӯоти ҷолиб дар иртибот ба чигунагии корбурди афъоли сода, пешвандӣ ва таркибӣ дар «Шоҳнома» муқоисаи бахшҳои марбутаи ин достон ба матнҳои паҳлавии Kārnāmaq ī Ardaxšēr ī Pābaqān (Корномаи Ардашери

Бобакон), Mādiqān ī čatranq ud nēw (Достони шатранҷ ва нард), Ayādqār ī Zarērān (Ёдгори Зарирон) ва чандин достонҳо ва сюжетҳои дигари марбут ба даврони Ашкониёну Сосониён мебошад, ки ин мавзӯъ то ба ҳол мавриди муқоисаи дақиқ карор нагирифтааст» (8,10). Хулосаи дигари ҷолиби муаллиф дар ин бахш иборат аз он аст, ки «феълҳои сода аслан дар равиши маъмулии форсии миёна ташаккул пайдо карда, ба воситаи асосҳои феълӣ ва номӣ дар форсии нав идома ёфтаанд, ки ин равандро дар мисоли осори фаровони давраи аввали забони форсии дарӣ метавон мушоҳида кард» (8,9). Дар ин замина арзёбии муаллиф дар атрофи феълҳои давраи нави забони тоҷикӣ (дар мисоли «Шоҳнома») ҷолиб ва собит маҳсуб меёбанд. Муаллиф бар он ақида аст, ки:

а) як гурӯҳ феълҳо «ҳанӯз дар забони форсии миёна дар натиҷаи омезиши пешвандҳои феълӣ бо асосҳо ҳамчун феълҳои сода шакл гирифта, дар забони форсии нав низ дар ҳамин қолаб маҳфуз мондаанд»; б) «дар форсии нав бар пояи равиши форсии миёна аз асоси замони ҳозира ва асосҳои номӣ тавассути пасванди – īd феълҳои фаровоне сохта шудаанд, ки онҳо маҳз махсуси давраи нави ташаккули забон мебошанд»; в) баъзе феълҳои содаи дар забони форсии миёна роиҷ ва мустаъмал дар забони форсии нав ва ё осори дастраси матлуби ин давра ба назар нарасиданд, ки ғолибан онҳо махсуси забони осори динӣ ва тарҷумаҳои паҳлавӣ мебошанд; г) дар дастнависҳои куҳани осори форсии дарӣ як гурӯҳ феълҳои содаи аз забонҳои портию суғдӣ ворид гардида, ба мушоҳида мерасад, ки онҳо асосан ба воситаи лаҳҷаҳои маҳаллӣ аз ҷониби шоирону нависандагони манотиқи Хуросону Мовароуннаҳр ба забони форсии нав дохил гардидаанд ва иддае аз онҳо ба мурури замон забони меъёрро тарк кардаанд. Масалан: 1) калимаҳои портӣ: āzadan («барҷастагиҳое бар рӯи ҷома ва амсоли он бо нах аз пунба ё пашм ё бо риштаи симу зар дӯхтани зиннат ё маҳкамӣ...» - «Луғатномаи»-и Деҳхудо, ҷ.1); Pažūhīdan/Pežūhīdan/Pėžūhīdan - Пажӯҳидан («ҷустуҷӯ кардан, боз ҷустан, пайҷӯӣ кардан, ҷӯё шудан» (Mackenzie, 1971, 93); Pažmurdan («хушкидан, пажмурда шудан, дигаргун шудан»); andešīdan (пиндоштан, андеша кардан); anĵāmīdan (anĵām); Gunĵīdan/Gunĵ (ҷой гирифтани, чизе дар чизе ва ё маҳалле, ҷой гирифтан; kēbīdan, xarāšīdan, ɗaltīdan, ɗunudan, biyūsīdan, sitēhīdan ва ғайраҳо; 2) калимаҳои суғдӣ, аз ҷумла феълҳо: lūsīdan (чоплусӣ кардан); alfanĵīdan (гирд овардан, андӯхтан); pacēčīdan (сохтан, омода кардан); čaxīdan (ситеза кардан, ҷангу ситез кардан); alfaɗda (андӯхта, захирашуда); āruɗda (бераҳм) ва ғайраҳо (8,63-75).

Муаллифи рисола зимни тадқиқи калимаҳои иқтибосии портию

суғдӣ ба хулосаи ҷолиб меояд, ки «он феълҳои суғдие, ки дар ашъори шоирони Мавароуннаҳр ҳамчун луғати вижаи ин минтақа мавриди истифода қарор доштаанд, теъдоди ками онҳо дар «Шоҳнома» омадаанд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки чунин феълҳо махсуси як минтақа буда, ҳудуди густариши онҳо низ ба манотиқи ҷудогона маҳдуд мешудааст» (8,74).

Умуман, бахши якуми рисолаи Р.Шодиев, ки ба баррасии сохторию маънoии феълҳои содаи «Шоҳнома» бахшида шудааст, аз баррасиҳои беҳтарини солҳои охири феъли забони форсии тоҷикӣ ва ҷанбаи таърихии он маҳсуб меёбад ва месазад муаллифро бо ин комёбӣ табрик кард.

Бахши дуюми рисола ба тадқиқ ва коркарди феълҳои пешвандӣ бахшида шуда, саҳифаҳои 76-110-и рисоларо дар бар гирифтааст. Муаллиф дар оғози ин бахш ба масъалаҳои вожасозии феъл ба воситаи пешвандҳо таваҷҷуҳ намуда, манобеи илмии ин бахш (асарҳои Залеман, Ҳеннинг, Расторгуева, Молчанова, Ефимов, Шарова, Кент, Бронденштейн-Майҳофер, Эделман, Пейсиков, Телегди, Саймиддинов, Нюберг, Баҳор ва ғ.)-ро таҳлил ва қиёс намуда, дар такя ба хулосаҳои эшон тазаккур медиҳад, ки «яке аз равишҳои мутадовил дар ташаккули луғати феъл дар бахши вожасозӣ қолаби феълҳои пешвандӣ буда, дар ин қолаб луғати фаровони феъл шакл гирифтааст» (8,81). Хулосаи дигари муҳими муаллиф он аст, ки «дар забони форсии дарӣ қолаби феълҳои пешвандӣ яке аз қолабҳои бунёдӣ дар вожасозии феъл буда, тавассути ин қолаб аз феълҳои сода феълҳои фарогири маъниҳои нав сохта шудаанд, ки намунаи онро аз осори назму насри ин давраи нави ташаккули забон метавон пайдо кард» (8,78). Таҳлил ва баррасии амиқи феълҳои пешвандӣ (ё сохта) собит месозанд, ки онҳо дар осори форсии дарӣ (истилоҳи муаллиф) «корбурди фаровон дошта, як теъдоди онҳо, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ истифода нашудаанд, дар манобеи дигари давраи аввал ҳамчун луғати мутадовил ва роиҷ ва мавриди истифода будаанд, ки инро аз осори шоирону нависандагони он қарнҳо ба хубӣ метавон мушоҳида кард» («Феълҳо...», с.80). Дар ин бахш муаллиф иштироки пешвандҳои феълсози anda-(dar-), bar-, bāz-, vā, farā(z)-, furā(d)- ва вижагиҳои сохторию маънoии онҳоро дар «Шоҳнома» ба риштаи тадқиқ кашида, истифодаи онҳоро дар сохтори феълҳои пешвандӣ ҳам дар «Шоҳнома» ва осори хаттии ҳамон давра бо далелҳои муътамад нишон медиҳад. Муҳаққиқ ин усули бархӯрдро аз оғози рисола то анҷоми он муваффақона идома додааст, ки яке аз муҳассаноти вижаи рисола маҳсуб меёбад. Вижагии дигари усулии истифодаи истилоҳоти марбути давраҳои инкишофи

забони форсии дарӣ (ё порсии дарӣ) ва истилоҳоти марбути онҳо, ки дар рисола корбурд шудаанд, аз он иборат аст, ки сарҳади мансубияти онҳо хеле дақиқ муайян карда шудааст: забони форсии дарӣ (давраи нави инкишофи забони форсӣ ё порсии нав) – забони форсӣ – забони тоҷикӣ.

Бахши сеюми рисола ба тадқиқи феълҳои таркибии «Шоҳнома» тахсис ёфта, муаллиф кӯшидааст ба ин масъала аз назари таърих ва имрӯз наздик шавад. Мувофиқи баррасии олимони забоншинос, ки дар бахши калимасозӣ тадқиқотҳо ба анҷом расонидаанд, сарчашмаи пайдоиши қолаби феълҳои таркибии номии забони тоҷикӣ ба забони форсии миёна марбут аст. «Корбурди ин феълҳо, ҳамон тавре ки муҳаққиқони забони форсии миёна тазаккур додаанд, - менависад Р.Шодиев дар рисолаи худ, - дар муқоиса ба феълҳои сода дар мутуни форсии миёна камтар ба мушоҳида мерасад» (8,111).

Бо назардошти осори таҳқиқии давраҳои гуногуни забони форсии нав ва маълумоти фарҳангномаҳои классикӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ташаккули баъдии қолаби феълҳои таркибии номӣ аз забони форсии нав оғози хешро гирифта, дар давраҳои баъд нумӯъ менамояд.

Таҳлил ва арзёбии маводи мансуби таркибҳои номии «Шоҳнома» ба муаллифи рисола имкон додааст, ки ба хулосаи собит ва ҷолиб ояд, ки «дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар баробари феълҳои сода ва пешвандии фаровон, феълҳои таркибии номии гуногун низ ба кор рафтаанд, ки бештари онҳо ба ҳамин давраи ташаккули забони форсии дарӣ иртибот дошта, ба воситаи осори нависандагони манотиқи шарқи Эрон, яъне Хуросону Мовароуннаҳр ба забони меъёр ворид гардидаанд. Феълҳои таркибии номӣ дар «Шоҳнома» мувофиқи равиши маъмулии ин қолаб дар забони форсии нав аз ҷузъҳои мухталифи номӣ ва феълҳои ёридиҳанда ташкил шуда, ҷузъи номӣ шомили исмҳои маънӣ ва мушаххас, сифатҳо, зарфҳо ва шаклҳои ғайритасрифии феъл мебошанд» (8,112).

Муаллиф дар баробари коркарди қолабҳои созмони феълҳои таркибии номӣ, инчунин истифодаи феълҳои ёварро дар ин таркибҳо ба риштаи таҳлил кашида, як даста феълҳои ёвари мустаъмал ва роиҷи «Шоҳнома»-ро зикр ва баррасӣ кардааст, ки ёдовар шудани бархе аз онҳоро зарур мешуморем: **кардан** (нозиш кардан), **шудан** (тез шудан, озурда шудан, ошуфта шудан, достон шудан, об шудан ва ғ.), **доштан** (гӯш доштан, озор доштан, заҳра доштан, обод доштан, ором доштан, арҷ доштан ва ғ.), **додан** (овоз додан, эълом кардан, андарз додан, додмардӣ додан, тороҷ додан, фармон додан ва ғ.), **ги-**

**рифтан** (озор гирифтан, гӯша гирифтан, нолиш гирифтан, озодӣ гирифтан ва ғ.), **задан** (даст задан, достон задан, масал задан, гавожа задан ва ғ.), **хвостан/хостан** (орзу хвостан, омурзиш хвостан, замон хвостан, овард хвостан ва ғ.), **омадан** (омурзиш омадан, хвостор/хостор омадан, пойдор омадан, орзу омадан, кор омадан, рой омадан, сер омадан ва ғ.). Муаллифи рисола зимни баррасӣ нишон медиҳад, ки феълҳои зикршуда, аввалан, маънии аслиро ифода намуда, сипас, вазоифи феъли ёварро адо мекунанд. Қаблан ин вижагии феълҳо аз ҷониби Н.Маъсумӣ, В.С.Расторгуева, А.А.Каримова, Б.Сиёев низ таъкид гардида буд, вале Р.Шодиев муваффақ шудааст, ки ин хусусияти феълҳоро бо мисолҳои мушаххас баррасӣ намояд, ки ҳусни тадқиқоти эшонро афзун намудааст.

Мусаллам аст, ки ҳар тадқиқот дар баробари муҳассанот инчунин шомили баъзе нукот ва афкори тасҳеҳу такмилхоҳ буда, онҳо имкон медиҳанд, ки дар атрофашон назарҳои гунаранг бо ҳам бархӯрд кунанд. Маҳз ҳамин бархӯрдҳо боиси рушду нумӯи афкори илмӣ дар давру замонҳо маҳсуб меёбанд, дар акси ҳол, афкори илмӣ ба шакли булӯр ва шахшуда боқӣ мемонад.

Нуктаи аввал он аст, ки дар рисолаи «Феълҳо...»-и Р.Шодиев оид ба баъзе категорияҳои феъл баррасӣ сурат нагирифтааст, ҳол он ки дар осори илмию таълимии қаблӣ дар бораи онҳо пажӯҳиш ва маълумоти сареҳ пешниҳод гардидааст. Масалан, ҳини баррасии феълҳои таркибӣ (8,121) муаллиф, асосан, онҳоро ба гурӯҳи феълҳои таркибии номӣ тасниф менамояд. Дар асарҳои Н.Маъсумӣ, В.С.Расторгуева, А.А.Каримова, А.З.Розенфелд дар barобаари тадқиқи феълҳои таркибӣ онҳоро дар заминаи ҷузъҳои таркибиашон ба феълҳои таркибии номӣ ва феълҳои таркибии феълӣ гурӯҳбандӣ намудаанд. Дар рисолаи мавриди тақриз муаллиф аз таснифоти маъмулии феълҳои таркибӣ гурез намуда, ҳамаи феълҳои таркибиро зери унвони феълҳои таркибии номӣ ба риштаи тадқиқ кашидааст. Месазад, ки муаллиф дар атрофи феълҳои таркибии номӣ ва феълҳои таркибии феълӣ мавқеъ ва назари хешро иброз намояд.

Сониян, дар рисола пажӯҳишҳои атрофи феъл, ки дар баъзе ҳавзаҳои илмӣ, аз ҷумла Хуҷанд, ба анҷом расидаанд, мавриди назари муаллиф қарор нагирифтаанд (масалан, мақолаю рисолаҳои тадқиқотии профессор А.Ҳасанов ва шогирди ӯ М.Маҳмудҷонова перомуни хусусиятҳои маъноӣ ва мақоми калимасозии феъли «шудан» дар «Шоҳнома»). Инчунин, зикр наёфтани баъзе асарҳои ҷамъбастии забоншиносони тоҷик, масалан «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» (иборат аз се ҷилд). Ҷ.1. Фонетика ва морфология. – Душан-

бе: Дониш, 1985. – 356с.) ва тадқиқотҳои профессорон Д.Т.Тоҷиев (Оид ба масдар ва сифати феълию феъли ҳол), Б.Сиёев (Очерк доир ба таърихи феъли забони адабии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1968. – 166с.), дотсент С.Ҳалимиён («Феъл» (Куниш). – Душанбе: ДМТ, 2013. – 128с.) баёнгари он аст, ки афкори муҳаққиқои мазкур на ҳамеша мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Баъзе моддаҳои рисола, масалан 3.1.(«Пайдоиш ва ташаккули феълҳои таркибии номӣ») ба баррасӣ ва коркарди жарфтар ниёз дорад, зеро дар андешаю хулосаҳои муаллиф нукоти баҳснок ва то ба охир тасбитнашуда ба назар мерасад. Масалан, замони пайдоиши қолаби феълҳои таркибии номӣ дар вожасозии феъл (8,111).

Умуман, рисолаи «Феъл...»-и Р.Шодиев новобаста аз баъзе ноҷӯриҳо яке аз тадқиқотҳои арзишманд, бунёдӣ ва тозаусули солҳои охири забоншиносии тоҷик ва қисмати он – наҳвшиносии таърихию синхронӣ маҳсуб ёфта, муаллиф комёб гардидааст, ки дар омӯзиши феъли забони тоҷикӣ баъди рисолаю асарҳои Н.А.Маъсумӣ, В.С.Расторгуева, А.А.Каримова, А.З.Розенфелд, Д.Т.Тоҷиев, Б.Сиёев, Д.Саймиддинов, С.Ҳалимиён ва дигарон афкори шоистаи хешро манзур созад.

**Пайнавишт:**


1. Граматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Ҷ.1. –Душанбе: Дониш, 1985. – 385 с.
2. Маъсумӣ, Носирҷон. Феъл / Асарҳои мунтахаб, ҷ.2. –Душанбе: Ирфон, 1980. – 288с.
3. Расторгуева В.С. ва Каримова А.А. Система таджикского глагола. –Москва: Наука, 1964. – 292 с.
4. Розенфелд А.З. Глагол. –Душанбе: Изд-во АН ТаджССР, 1954. – 78 с.
5. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна. Бахши XI. Луғати феъл: сохтор ва маъно.
6. Саймиддинов Д. Вожаномаи феълҳои паҳлавӣ. –Душанбе, 1992. - 71 с.
7. Ҳалимов С. Куниш-Феъл. –Душанбе, 2013. – 126 с.
8. Шодиев Рустам. Феъл дар Шоҳнома. – Душанбе: Дақиқӣ, 2014. - 152 с.

*Тоҷибой Султонӣ*[1]

# ШАРҲҲОИ «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ» ДАР ОСИЁИ САҒИР

***«Агар туркҳо сахт шефтаи Мавлоно Ҷалолуддин буда, ё ҳанӯз ҳастанд, шигифтовар нест, ӯ лақаби худ «Румӣ»-ро аз аҳли Рум, яъне аҳли Анатулӣ, сарзамине, ки бештаринаи умри худро дар он ҷо сипарӣ кард, гирифт».***

(Аннамери Шиммел)

Дар заминаи шинохти Мавлоно ва осори ӯ дар Осиёи сағир китобу мақолоти зиёде навишта шудаанд, ки зикри ҳамаи онҳо аз имкон берун аст. Аз ин миён, хидмати адабиётшинос ва мавлавипажӯҳи муосири турк Абдулбоқии Гулпинорлӣ шоистаи омӯзишу баррасӣ аст. Зеро таҳқиқу пажӯҳиш, тарҷума ва тафсири осори Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ барои устод Абдулбоқӣ шуҳрату маъруфияти азиме оварда, номи ӯро дар радифи бузургтарин пажӯҳандагони осору афкори Мавлоно қарор додааст. Иллати чигунагии дилбастагии хешро ба тариқати мавлавия устод Гулпинорлӣ зимни як суолу ҷавоб  равшан баён кардааст: Рӯзе аз устод суол мекунанд, ки «Чаро ба адаби куҳан алоқаманд гаштаед? Устод ҷавоб медиҳад: Падарам аз мавлавия буд, модарам аз мавлавия буд. Ҳар дуи онон ва ҳамаи аъзои хонаводаи ман афроди мутадаййин буданд. Ҳама аз арбоби тариқат буданд. Мо дар чунон ҳолу ҳавое бузург шудаем, аввалин садое, ки ба гӯши мо расидааст, ё бонги азон буда, ё замзамаи дуо ва ё нолаи най. Агар чашм кушудем, нахустин лавҳаҳои мазҳабӣ ва оёти Қуръонро дидем. Мусалламан, болидан дар чунин муҳит асари умдае дар рӯҳи мо бар ҷой гузоштааст». Чунонки маълум мегардад, пайванди бевоситаи хонаводаи марҳум Гулпинорлӣ ба тариқати мавлавия боиси дилбастагии эшон ба ин тариқат ва, ҳамчунин, ба шахсияти Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ гардида, ҳамин омил имкон додааст, ки устод аз чор се ҳиссаи умри бобаракати хешро вақфи пажӯҳиши мавлавия намояд. Устод Гулпинорлӣ муҳимтарин таҳқиқоти хешро дар заминаи тасаввуфи исломӣ ва баррасии шахсиятҳои сӯфия ва, махсусан, Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ анҷом додааст. Дар муаррифии чеҳраи ҳунарии устод Гулпинорлӣ ва осори мондагори ӯ муҳаққиқ ва донишманди эронӣ Тавфиқ Субҳонӣ хидмати назаррас анҷом до-

---

[1] номзади илмҳои филологӣ, корманди МД «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ»

дааст. Ин донишманд, ки имрӯз устоди донишгоҳи «Паёми нур»-и Ҷумҳурии исломии Эрон мебошад, муҳимтарин китобҳои устод Гулпинорлиро ба форсӣ тарҷума намуда, ба ҳамин васила номи худ ва ин донишманди туркро ба тамоми форсизабонон муаррифӣ кардааст. Аз ҷумлаи китобҳои тарҷуманамудаи ӯ метавон асарҳои «Мавлавия пас аз Мавлоно» (3), «Мавлоно Ҷалолуддин: зиндагонӣ, фалсафа, осор  ва гузидае аз онҳо» (4)-ро ном бурд. «Мавлавия баъд аз Мавлоно» аз беҳтарин ва ҷомеътарин сарчашма дар шинохти тариқати мавлавия ба ҳисоб меравад. Ҷадидтарин ва беҳтарин шарҳе, ки дар Туркия дар қарни охир бар «Маснавӣ» навишта шудааст, шарҳу насри Абдулбоқии Гулпинорлӣ аст. Осори ба Мавлоно бахшидаи устод Гулпинорлӣ мавриди таваҷҷуҳ ва писанди муҳаққиқони зиёди Эрону Аврупо ва мавлавипажӯҳони бузурге, чун Аннамери Шиммел (13) ва Бадеуззамон Фурӯзонфар (12) қарор гирифтааст.

Устод Гулпинорлӣ охирҳои умри хеш (1982) феҳрасти кутуби хаттии воқеъ дар шаҳри Қунияи китобхонаи музейи Мавлоноро низ мураттаб карда, ҳамаи онро дар чаҳор ҷилд ҷо медиҳад. Аз ин феҳраст танҳо се ҷилди аввал ба чоп расида, ҷилди чорум, ки муҳимтарин кутуби хаттии музейи Мавлоноро дарбар мегирад, ба иттилои мо ба шакли дастнавис дар китобхонаи музейи Қуния боқӣ монда, то имрӯз ба чоп нарасидааст.

Мавлоно қисми аъзами умри хешро дар Осиёи сағир гузаронида бошад ҳам, ҳеҷ аз осори хешро бо забони туркӣ наофаридааст. Аввалин сарчашмаҳое, ки дар бораи Мавлоно Ҷалолуддин маълумот медиҳанд, маноқибномаҳои Фаридуни Сипаҳсолор ва Аҳмади Афлокӣ мебошанд, ки ба забони форсӣ навишта шудаанд.

Ба ишораи сарчашмаҳо шинохти «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ дар Анталия аз қарни чордаҳуми мелодӣ оғоз шудааст. Нахустин шарҳе, ки дар он диёр навишта шуд, шарҳи Аҳмади Румӣ (асри XIV) ба ҳисоб меравад. Асари Шайх Аҳмади Румӣ пас аз 48-соли вафоти Мавлоно Ҷалолуддин таълиф гардида (720/1320), «Дақоиқ-ул-ҳақоиқ» ном дорад ва соли 1354 бо эҳтимоми Сайид Муҳаммадризо Ҷалоли Ноинӣ ва Муҳаммади Шервонӣ дар Теҳрон дар ҳаҷми 580 саҳифа интишор гардидааст (9).

Дар бораи қадимтарин шарҳи «Маснавӣ» будани «Дақоиқ-ул-ҳақоиқ» адабиётшиноси Эрон доктор Забеҳуллоҳ Сафо дар муқаддимаи «Дақоиқ-ул-ҳақоиқ» (9, «бо»), маълумот медиҳад. Профессор Абдулманнони Насриддин дар мавриди куҳантарин шарҳи «Маснавӣ» будани «Дақоиқ-ул-ҳақоиқ» менависад:

«Аз нахустин донишмандоне, ки ба кашфи ҳақоиқи «Маснавии

маънавӣ» ва асрори шеъри Мавлоно кӯшиш кардаанд, Аҳмади Румиро номбар кардан мумкин аст. Ин марди донишманд дар қарни VIII ҳиҷрӣ китобе бо номи «Дақоиқ-ул-ҳақоиқ» таълиф кардааст…» (1, 25).

Дар бораи шахсияти Аҳмади Румӣ ва рӯзгору осори ӯ Олфунс С. М. Ҳаммер низ изҳори назар кардааст, ки дар он нуктаҳои баҳсаангез низ ҷой доранд (7, зайли «Аҳмади Румӣ») . Аммо бархе аз муҳаққиқон бо таваҷҷуҳ ба иродат ва алоқаи шадиди Аҳмади Румӣ бо Мавлоно ва ҳамасрону шогирдони вай, ӯро аз муридони Мавлоно донистаанд (7, 293).

Асари Аҳмади Румӣ фарогири муқаддимаву ҳаштод фасл мебошад, ки ҳар фасли он маъмулан бо ояте аз Қуръони маҷид ё ҳадисе аз паёмбари ислом оғоз мешавад. Пас аз зикри оят ё ҳадис муаллиф тарҷумаи форсии онро оварда, байтеро аз абёти «Маснавии маънавӣ» ё «Девони Шамси Табрезӣ» ҳамчун шоҳид зикр намуда, сипас мувофиқи маънои он достонеро дар вазн ва қолаби «Маснавӣ» (рамали мусаддаси маҳзуф ё мақсур) меоварад. Дар интиҳои манзуми ҳар фасл гоҳе як ё ду ва гоҳе беш аз ин абётро аз «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно зикр менамояд. Аз ин хотир, аксари муҳаққиқон китоби мазкурро на шарҳи комил, балки тафсиргунае аз «Маснавӣ» ҳисоб кардаанду барои он арзиши бештареро қоил нашудаанд.

Донишманди турк Исмоил Гулек дар бораи Мавлавӣ Иброҳимбек, ки аввалин шореҳи манзуми «Маснавӣ» дар Анталия маҳсуб шуда, 17 ҳикояти «Маснавӣ»-ро ба шакли манзум шарҳ карда аст, маълумот медиҳад. Бино ба маълумоти ӯ нусхаи хаттии мунҳасир ба фарди ин асар дар Истанбул дар китобхонаи Ҳоҷӣ Салим оғо, дар бахши Камонкаши Амирхоҷа, бо шумораи 250 дар баргҳои 22 А- 107 Б сабт шудааст. Ин асар аз 2377 байт иборат буда, муаллиф дар он ба таҳлили ирфонии хикоятҳои интихобшуда иқдом намудааст (19).

Шайх Муъиниддин ибни Мустафо аз нахустин шоирони Мавлавия буда, бо тахалласи «Муъинӣ» шеър гуфтааст. Муъинӣ ҷилди аввали «Маснавӣ»-ро бо номи «Маънавии муродия» дар ду ҷилд, ба шакли шеър ва дар ҳамон вазни «Маснавӣ»-и Мавлоно тарҷума ва шарҳ кардааст. Ин китоб дар соли 840 ҳиҷрӣ (1462 м.) ба поён расида ва нависанда онро ба султони усмонӣ, Муроди дувум тақдим кардааст. Нусхаи хаттии ин асар дар китобхонаи осори хаттӣ ва чопи қадими Бурсо, бо шумораи 1664-1665 нигаҳдорӣ мешавад. Доктор Камол Ёвуз ҳудуди 3000 байт аз ин шарҳро мунташир кардааст (22). Китоби мазкур аз назари фанни тарҷума ва шарҳ аз шарҳи Мавлавӣ Иброҳимбек бартариҳо дошта, бо забони содда таълиф шудааст.

Шайх Алӣ ибни Маҷдуддин ал-Шоҳрудии маъруф ба Мусаннифак дар аҳди Султон Муҳаммади Фотеҳ, дар соли 845 ҳиҷрӣ ба Қоромон сафар кард ва чун алоқаи мардуми Қоромон нисбат ба «Маснавӣ»-ро дид, баъзе аз бахшҳои «Маснавӣ»-ро ба форсӣ шарҳ ва ба беги Қоромон - Уғулу Султон Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Алоуддин тақдим кард. Нусхаи хаттии ин асар дар китобхонаи Сулаймонияи Истанбул нигаҳдорӣ мешавад.

Шореҳи «Девони Ҳофиз» ва «Гулистон»-у «Бӯстон»-и Шайх Саъдӣ Муслиҳиддин Мустафо Афандӣ, маъруф ба Сурурӣ (вафоташ 1560-1561) нахустин бор «Маснавӣ»-ро дар қарни шонздаҳуми милодӣ ба таври комил ба форсӣ шарҳ кардааст. Ба ишораи Гулпинорлӣ нусхаи хаттии ин асар дар Истамбул, дар китобхонаи Сулаймония, бо шумораи 686 сабт шудааст. Пас аз Сурурӣ Судии Буснавӣ (ваф. 1005/1594-1595), ки низ девони Ҳофизро ба туркӣ шарҳ кардааст, шарҳе бар «Маснавӣ» менависад.

Мустафо Шамъии Афандӣ ҳам байни солҳои 995-1001/1587-1592 шарҳи комиле бар шаш дафтари «Маснавӣ» ба туркӣ таълиф намуд, ки мувофиқи ахбори муаллифи «Тазкираи шуарои мавлавия» Асрори дада (ваф. 1797) нисбат ба шарҳҳои қаблӣ, шуҳрати бештаре пайдо кардааст (4, 207, низ 10).

Русухиддин Исмоили Анқаравӣ (ваф. 1631) аз зубдатарин машоихи тариқати мавлавия буда, махсусан ба воситаи шарҳе, ки бар «Маснавии маънавӣ» навишт, шуҳрати ҷовидон ёфт. Шарҳи ӯ бо номи «Фотеҳ-ул-абёт» аз бузургтарин шарҳҳои «Маснавӣ» дар Туркия ба ҳисоб рафта, мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқону шореҳони зиёде қарор гирифтааст. Шарҳи зиндагонӣ ва осори ин марди ориф ва ин шореҳи тавоно дар муқаддимаи форсии «Шарҳи кабири Анқаравӣ» муфассал нақл шудааст. Николсон ва Фурӯзонфар ин шарҳро аз беҳтарин шурӯҳ меҳисобанд, вале ин шуҳратро Гулпинорлӣ барҳақ намешуморад. Ӯ менависад: «Вале ин шуҳрат ҳаргиз барҳақ нест. Анқаравӣ дигар осори Мавлоноро нахонда, агар ҳам хонда бошад, ба дидаи диққат дар онҳо нанигариста аст. Ҳеч гоҳ «Мақолоти Шамс»-ро мутолиа накардааст, аз ин рӯ, аз ҳикоёти мундариҷ дар «Маснавӣ», ки асли онҳо дар «Мақолот» аст, бехабар мондааст… Гузашта аз ҳамаи инҳо вай, ҳатто, лузуме эҳсос накарда аст, ки барои шарҳи худ нусхаи саҳеҳеро милок қарор диҳад. Матне, ки шарҳи вай бар он муттако аст, саросар ғалат аст ва дар аксари мавориди таҳрифоте дар он роҳ ёфтааст» (4, 208). Гузашта аз ин, Гулпинорлӣ Анқаравиро барои мавриди шарҳ қарор додани дафтари ҳафтуми ҷаалии «Маснавӣ» сахт накӯҳиш мекунад: «Шореҳ аз услуби кору фалсафаи Мавлоно, ки вай

шарҳи яке аз осори ӯро бар ухда гирифта, иттилооте надорад ва бо шарҳи дафтари ҷаалии ҳафтум, ки аз Мавлоно нест, ба таъйиди он бархостааст. Чунонки аз ин рӯ, бо эътирози машоихи мавлавияи замони худ мувоҷеҳ шудааст» (ҳамон ҷо, саҳ. 208).

Бо вуҷуди ин, Анқаравӣ дар миёни шореҳон бо унвони «ҳазрати шореҳ» ва «шореҳи Анқаравӣ» ва китобаш бо номи «Шарҳи кабири Анқаравӣ» маъруф аст. Дар бораи азамат ва арзиши шарҳи мазкур доктор Исмат Сатторзода дар пешгуфтори хеш Анқаравиро «шореҳи маъруфи ҷаҳонӣ» хонда, азҷумла менависад: «Дар миёни тамоми муфассирин, ки ба тафсири «Маснавӣ»-и шариф пардохтаанд, танҳо шореҳи маъруфи ҷаҳонӣ Исмоили Анқаравӣ аст, ки дар баёни афкори Мавлоно ва шарҳу тавзеҳи мазомини осмонӣ ва амиқу ғайри мутабодир ба зеҳни «Маснавӣ» чирадастӣ ва ҳунармандии хешро собит намудааст. Ин матлабест, ки мусташриқин ва мутарҷимини бузурги олами адаб бад-он эътироф доранд ва «Шарҳи кабири Анқаравӣ»-ро асоси кори хеш қарор додаанд ва аз он баҳраманд шудаанд» (2, 7).

Донишманди турк Ерҳан Йетек махсусиятҳои шарҳи Анқаравиро ба гунаи зер баён доштааст:

«Дар миёни шарҳҳои туркӣ, ин шарҳ беш аз шурӯҳи дигар мавриди қабул ва пазириш қарор гирифтааст. Анқаравӣ дар муқаддимаи китоби худ мегӯяд, ки «Маснавӣ»-ро бар асоси манобеъи улуми исломӣ, ки шумори онҳо беш аз чиҳил асар аст, аз лиҳози ирфонӣ шарҳ карда аст. Вай дар миёни ин манобеъ, китоби «Футуҳоти маккия»-и ибни Арабиро, беш аз ҳама, ба кор бурдааст. Анқаравӣ дар асари худ, аз як сӯ афкори Мавлоноро тавзеҳ дода, аз сӯйи дигар пояҳои умумии тасаввуфро бо тарзи содда баён кардааст, вале дар шарҳи «Маснавӣ» то андозаи зиёде таҳти таъсири ибни Арабӣ қарор гирифтааст. Ин гуна шарҳҳо пас аз Анқаравӣ ҳамчунон идома ёфт» (18).

Шарҳи Анқаравӣ дар Қоҳира ва Истанбул борҳо ба чоп расида ва бинобар хоҳиши мавлавиёни Димишқ Ҷангӣ Юсуфи Дада – шайхи мавлавихонаи Бешиктош (ваф. 1669) онро бо андаке хулоса ба номи «Ал-манҳаҷу-л-қуво ли туллоби-л-Маснавӣ» ба арабӣ баргардондааст.

Дар мактаби шарҳнигории Осиёи сағир бори аввал кӯшишҳои талхиси «Маснавӣ» маҳз бо «Ҷазираи маснавӣ»-и Юсуфи Синачок оғоз шудааст. Юсуфи Синачок аз тамоми дафтарҳои «Маснавӣ» 366 байт интихоб намуда, аз ҷиҳати мавзӯъ абётро дастабандӣ мекунад. Чунончи, фаслҳоеро бо номи «Дар баёни иттиҳоди авлиёи киром», «Дар баёни манозили хилқати одам», «Дар баёни ҳусни тавба», «Дар баёни фавоиди гиря» ва ғайра ихтисос дода, аз дафтарҳои «Маснавӣ»

вобаста ба ҳамин мавзӯъ абётро канори ҳам мегузорад. Дар сурате, ки як байт аз дафтари шашум ва байти сонӣ аз дафтари чорум ё панҷум интихоб шудааст, хонанда эҳсос намекунад, ки ин абёт аз дафтарҳои мухталифи «Маснавӣ» гирифта шудаанд. Чунончи:

*Зориву гиря қавӣ сармояест,*
*Раҳмати куллӣ қавитар дояест.*
*То нагиряд абр кай хандад чаман,*
*То нагиряд тифл кай ҷӯшад лабан.*

Дар сурате, ки байти аввали мавриди назар аз дафтари аввал (шумораи 1951) ва байти сонӣ аз дафтари панҷуми «Маснавӣ» (шумораи 134) гирифта шудааст, байни онҳо робитаи қавии маъноӣ барқарор аст. «Ҷазираи маснавӣ» бо тасҳеҳ ва тавзеҳи устоди Донишгоҳи аллома Таботабоии Теҳрон доктор Неъматуллоҳ Эронзода дар соли 1387 ба нашр расидааст. Мавсуф таъкид мекунад, ки «Юсуфи Синачок дар «Ҷазираи маснавӣ» тавонистааст бо тасаллути аҷиби худ бар мафоҳими «Маснавии маънавӣ» абёти муртабитро аз дафтарҳои шашгона ба хубӣ канори ҳам қарор диҳад. Ин кор ба қадре моҳирона ва устодонаву дақиқ анҷом шудааст, ки ба назар меояд Синачок «Маснавӣ»-и ҳазрати Мавлоноро аз ҳифз доштааст. «Ҷазираи маснавӣ» матни мустақиле ба назар мерасад, ки байни аҷзои он пайвастагӣ ва ҳамхонӣ ва ҳамоҳангӣ мавҷ мезанад…» (10, 7).

Асари Синачок минбаъд дар байни дӯстдорони каломи Мавлоно шуҳрат ёфта, боиси ба вуҷуд омадани талхисот ва шарҳҳои зиёд гардидааст. Чунонки устод Абдулбоқии Гулпинорлӣ ишора мекунад, Шайхи мавлавихонаи Шом - Илмӣ Дадаи Бағдодӣ (вафоташ 1661) нахустин шарҳро бо номи «Самаҳоти ламаоти баҳр-ул-маънавӣ бишарҳи «Ҷазират-ул-маснавӣ» дар соли 1571 таълиф мекунад (4, 185). Шайхи хонақоҳи Ғалата Ғолиби шоир (вафоташ 1799м.) шарҳи хешро бо номи «Шарҳи «Ҷазираи маснавӣ» ба туркӣ таълиф мекунад, ки он бо кӯшиши Тургут Карабей, Муҳаммад Вонли-уғлу ва Муҳаммад Отолой дар соли 1996 дар Арзрум ба чоп расидааст (21). Шореҳи дигари турк Ҷурӣ (1655) 40 байт аз «Ҷазираи маснавӣ» интихоб карда, онро «Шарҳи интихоб» меномад. Ӯ ҳар байти интихобнамудаашро бо ҳамон вазн ва бо панҷ байт шарҳ кард.

Маълум мегардад, ки «Ҷазираи маснавӣ» на танҳо дар Осиёи Сағир, балки дар Ҳинду Покистон низ маъруфтият пайдо кардааст. Устоди донишгоҳи Лоҳур доктор Муъин Низомӣ дар бораи ривоҷи «Ҷазираи маснавӣ» дар Шибҳи Қора ва Покистон менависад: «Ин гузидаи Юсуфи Синачок дар миёни аҳли адаб ва ирфони сарзамини мо хеле матраҳ буда ва дар бисёре аз хонакоҳҳо тадрис мешудааст» (6,

254). Суннати интихоб, талхис ва шарҳи абёти «Маснавӣ» дар Осиёи Сағир минбаъд аз тарафи Шоҳидӣ Иброҳими Дада зимни таълифи «Гулшани тавҳид», ки шарҳи муфрадоти «Маснавии маънавӣ» маҳсуб мегардад, идома ёфтааст.

Шоҳидӣ аз ҳар дафтари «Маснавӣ» сад байт интихоб карда, ҳар байти «Маснавӣ»-ро бо панҷ шарҳ кардааст. Ин асар соли 1878 милодӣ дар Истанбул чоп шуда ва Оқои Мидҳат Баҳорӣ Байтур дар соли 1967 онро ба туркӣ баргардонда аст (14). «Гулшани тавҳид» дар соли 1371 дар Машҳад ва тобистони соли 2015 дар Афғонистон низ ба чоп расидааст. Муаллифи ин мақола низ дар асоси дастхатҳо «Гулшани тавҳид»-ро бо як пешгуфтори муфассал омодаи чоп намудааст (8).

Гулпинорлӣ аз шурӯҳи дигари «Маснавӣ» инчунин дар мавриди шарҳи Абдулмаҷиди Сивосӣ (вафоташ 1639 м.), Сорӣ Абдуллоҳ (ваф. 1660), Исмоили Ҳаққии Бурусавӣ (ваф. 1725), Шайх Муроди Бухороӣ (ваф. 1848), Обиддин пошшо (ваф. 1907) ва чанде дигарон маълумот додааст (4, 208). Абдулмаҷиди Сивосӣ (1639) 1328 байти ҷилди аввали «Маснавӣ»-ро бо номи «Шарҳи ҷазират-ул-маснавӣ» шарҳ кардааст (20). Сорӣ Абдуллоҳи Афандӣ (ваф. 1660) ҳам ҷилди аввали «Маснавӣ»-ро ба ном «Ҷавоҳири бавоҳири «Маснавӣ» шарҳ кардааст. Ӯ «Маснавӣ»-ро аз дидгоҳи Ибни Арабӣ шарҳ кардааст ва шарҳи ӯ дар соли 1287-1288/1870-1871 дар Истанбул ба чоп расидааст.

Исмоили Ҳаққии Бурусавӣ китоби «Руҳ-ул-маснавӣ»-и худро ба забони туркӣ бар 738 байти аввали «Маснавӣ» навиштааст. Бурсавӣ дар поёни асари худ мегӯяд, ки барои фаҳм ва дарки маънии тамоми маснавӣ, шарҳи ин 738 байт кофӣ аст. Ин асар соли 1287 ҳ. дар Истанбул дар ду ҷилд ба чоп расидааст.

Бино ба ишораи донишманди муосири турк Алии Гузалюз шайхи нақшбандӣ Муҳаммад Муроди Афандӣ (вафоташ 1848 м.), ки ба тадриси «Маснавӣ» низ машғул буд, дар китоби «Хулосат-ур-руҳ» тамоми «Маснавӣ»-ро шарҳ кардааст. Нусхаи хаттии ин асар, ки аз 6 ҷилд иборат аст, дар китобхонаи донишгоҳи Истанбул дар қисмати махтутоти туркӣ бо шумораҳои 6309 то 6314 сабт шудааст (5).

Гулпинорлӣ дар асари хеш номи чанд шарҳи қадимии дигареро зикр карда, аз арзиши зиёд бархурдор набудани онҳоро таъкид мекунад: «Ин шарҳҳо ба назари мо нарасида ва гумон мекунем, ки мутолиаи онҳо зиёд зарурӣ набошад» (4, 211).

«Маснавии маънавӣ» дар Туркия дар замони мо ҳам мавриди шарҳу тафсир қарор гирифтааст. Чунончи, Аҳмад Авнӣ Қунуқ дар соли 1936 тамоми «Маснавӣ»-ро шарҳ кардааст. Вай қабл аз оғоз кардани шарҳи «Маснавӣ», шарҳҳои туркӣ ва ҳиндиро баррасӣ ва

мутолиа кардааст. Қунуқ бархе аз муҳимтарин абёти «Маснавӣ»-ро бо истинод ба «Фиҳӣ мо фиҳӣ»-и Мавлоно шарҳ кардааст. Вай дар муқаддимаи асари худ мегӯяд, ки матни нусхаи Исмоили Русухии Анқаравиро асоси кори худ қарор дода, ба осори шореҳони ҳиндӣ, монанди Баҳрулулуми Лакҳнавӣ, Валимуҳаммади Акбарободӣ ва дигарон муроҷиат кардааст (16, 29-56). Нусхаҳои хаттии ин асар дар китобхонаи музейи Мавлоно мавҷуд буда, он дар Истанбул ба чоп расидааст. Ба ишораи доктор Тавфиқ Субҳонӣ тарҷумаи шарҳи Қунуқ дар Эрон мунташир шудааст.

Дигар аз шореҳини «Маснавӣ» Тоҳир-ал Мавлавӣ (вафоташ 1951) аст. Вай баъд аз фавти устодаш Муҳаммадасади Афандӣ тадриси «Маснавӣ»-ро дар ҷомеъи Фотеҳ дар Истанбул оғоз кард ва мулоҳизоти дарсие, ки ба номи «Тақрироти Маснавӣ» таҳия мекард, асоси шаклгирии ин шарҳро ба вуҷуд овардааст (17). Ӯ фақат шарҳи чаҳор ҷилди «Маснавӣ»-ро ба поён расонда ва пас аз шарҳи наздик ба ҳазор байт аз ҷилди панҷум фавт кардааст. Ин асар баъд аз соли 1963 дар Истанбул ба чоп расидааст ва нусхаи хаттии он дар китобхонаи музейи Мавлоно нигаҳдорӣ мешавад.

Муҳаммад Мухлиси Қунар «Маснавӣ»-ро мутобиқи фаҳм ва забони рӯзгори мо тарҷума ва шарҳ кардааст. Ӯ ба тарҷумаи тамомии абёт напардохта, балки маънии ҳикоятҳоро хулоса, «Маснавӣ»-ро ба шакли сода ва возеҳ шарҳ карда, онро «Лубби «Маснавӣ» ном ниҳодааст. Ин асар дар соли 1961 ба чоп расидааст (19).

Дар Туркия охирин шарҳи комили «Маснавӣ»-ро Абдулбоқии Гулпинорлӣ таълиф карда ва Вазорати омӯзиш ва парвариши Туркия шарҳи вайро дар шаш ҷилд нахустин бор дар соли 1972 ва дувумин бор дар соли 1980 чоп кардааст.

## Пайнавишт:


1. Абдулманнон Насриддини Хуҷандӣ. Бо корвони нур. -Хуҷанд, 2010.
2. Анқаравӣ, Русухиддин Исмоил. Шарҳи кабири Анқаравӣ /Тарҷумаи Исмат Сатторзода. -Ҷузви аввал аз дафтари аввал, чопи аввал. –Теҳрон, 1388.
3. Гулпинорлӣ, Абдулбоқӣ. Мавлоно Ҷалолуддин: Зиндагонӣ, фалсафа, осор ва гузидае аз онҳо /Тарҷума ва тавзеҳоти доктор Тавфиқ Субҳонӣ.–Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ, 1384.
4. Гулпинорлӣ, Абдулбоқӣ. Мавлавия баъд аз Мавлоно. Нашри аввал /Тарҷумаи Тавфиқи Субҳонӣ.–Теҳрон: Кайҳон, 1366.–742 с.
5. Гузалюз Алӣ. Шарҳҳои «Маснавӣ» дар Анталия. Пойгоҳи электронии мақолоти форсӣ.
6. Дониш (Фаслномаи маркази таҳқиқоти форсии Эрон ва Покистон), поиз ва зимистони 1383. -Шумораи 87-89.
7. Донишномаи адаби форсӣ (адаби форсӣ дар Шибҳи Қора: Ҳинд, Покистон,

Банглодеш). Ҷилди чаҳорум, бахши дуюм: «Ҳе» (ҳуттӣ)- айн /Ба сарпарастии Ҳасан Анӯша. –Теҳрон, 1380,
8. Муғлавӣ, Иброҳим Шоҳидӣ. Гулшани тавҳид-шарҳи муфрадоти «Маснавӣ». -Конибодом: Вектор-Канд, 2015.
9. Румӣ, Аҳмад. Дақоиқ-ул-ҳақоиқ /Бо эҳтимоми Саидмуҳаммад Ризо Ҷалолии Ноинӣ ва Муҳаммади Шерозӣ, бо муқаддимаи Забеҳуллоҳ Сафо. -Теҳрон: Шуарои олии фарҳанг ва ҳунар, Маркази мутолиот ва ҳамоҳангии фарҳангӣ, 1354.
10. Синачок, Юсуф. Ҷазираи маснавӣ /Тасҳеҳ ва тавзеҳи Неъматуллоҳ Эронзода. -Теҳрон: Интишороти илм ва дониш. 1387.- 89 с.
11. Тазкираи шуарои мавлавия, муаллиф Асрори дада, нусхаи хаттӣ ба забони туркии усмонӣ, таҳти шумораи 890, Китобхонаи маркази донишгоҳи Истанбул.
12. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Шарҳи «Маснавӣ»-и шариф. Чопи 12.–Теҳрон, 1386. – 1236 с.
13. Шиммел, Анна Мери. Шукӯҳи Шамс. Сайре дар осору афкори Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ /Тарҷумаи Ҳасан Лоҳутӣ, Теҳрон, 1386.- 885.
14. Шоҳидӣ, дадаи Мавлавӣ. Гулшани тавҳид /Бо эҳтимоми Муҳаммад Ҳусайни Хусравон ва Ризо Ашрафзода. -Машҳад: Ҷаҳони андешаи кӯдакон, 1371.
15. Abdulmecid-I Sivasi, Serh-i Mesnevi, Beyazit Devlet Kutuphanesi, Veliyyuddin 1651. -V.3.
16. Ahmad Avni Konuk, Mesnevi-i Serif Serhi, 1, yayina hazirlayanlar. Dr. Selcuk Eraydin-Prof. Dr. Mustafa Tahrali. –Istanbul, 2004. -s. 29-56.
17. Atilla Senturk, Tahiru-i-Mevlevi Hayati ve Eserleri. –Istanbul, 1991. -s.93.
18. Erhan Yetek, Ankaravi, Ismail Rusuhi, TDV Islam Ansiklopedisi, c. 3, s. 211-213, Istanbul, 1991
19. Ismail Gulec. Turk Edebiyatinda Mesnevi Terkume ve Serhleri. Journal of Turkish studies, 27/11, p.161-176. –Harvard, 2003.
20. Semih Ceyhan, mesnevi, TDV Islam Ansiklopedisi. -c. 29, s.325-334. -Ankara, 2004.
21. Turgut Karabey,Mehmet Vanli-oglu, Mehmet Atalay. Seyh Galib. Serh-I Cezire-I Mesnevi, Erzurum,1996,8+256 s
22. Yazuv, Kamal. Mesnevi-I Muradiye. -Ankara, 1982.

*Ҳалимҷон Зоиров*[1]

# НОМАҲОИ АРДАШЕРИ БОБАКОН – КУҲАНТАРИН САРЧАШМАИ НОМАҲОИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

«Аҳди Ардашер» як навъ панднома ва васиятномаи сиёсие аст, ки Ардашер – шоҳаншоҳи маъруфи сосонӣ, ба шоҳони баъди худ навиштааст. Ба эҳтимоли наздик ба яқин асли ин аҳднома мутааллиқ ба авоили давраи сосонӣ аст, вале минбаъд дар замонҳои мухталиф, чун даҳҳо манобеи дигар, матолибе бар он афзуда ё аз он кам шудааст, зеро ихтилофҳое, ки дар нусхаҳои мавҷуда ба назар мерасанд, ишора ба ҳамин маънӣ мекунанд.

Асли ин васиятнома, ки ба забони паҳлавӣ аст, аз байн рафта ва чанд нусха аз тарҷумаҳои арабии он тавассути сарчашмаҳои арабӣ то замони мо расидаанд. Матни ба забони арабӣ тарҷумашудаи онро дар сарчашмаҳои зиёде метавон пайдо кард, ки мисолашон «Китоб-ул-ғурра»-и муаллифи маҷҳул (замони таълифаш тахмин нимаи дуюми қарни X), «Таҷоруб-ул-умам»-и Ибни Мискавайҳ ва «Наср-уд-дурар»-и ал- Обӣ мебошанд, ки дар ин хусус Аҳмади Тафаззулӣ дар китоби «Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом» (16, 215-216) ва Низомиддин Зоҳидов дар китобҳои «Насри арабизабони адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX» (3, 197) ва «Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX» (4, 239) маълумоти бештар додаанд. Афзун бар ин, хулоса ва мунтахабе аз ин васиятнома мусаммо ба «Мунтахабу мин аҳди Ардашер ибн Бобак» ба даст омадааст, ки Аҳмади Тафаззулӣ аз он ёд мекунад (16, 216).

Китоби «Аҳди Ардашер»-ро, ки унвони комилаш «Китобу аҳди Ардашер ила-л-мулуки ат-толиййина мин баъдиҳи» аст, Эҳсон Аббос мавриди таҳқиқ ва тасҳеҳ қарор дода ва онро бо муқаддимае пурбаҳо соли 1387 (1967) дар Бейрут мунташир намудааст. Донишманди мазкур муътақид бар он аст, ки ин аҳднома ҳанӯз дар замони уммавиён ба забони арабӣ тарҷума шудааст. Низомиддин Зоҳидов «Аҳди Ардашер»-ро яке аз беҳтарин аҳдномаҳои роиҷ дар насри паҳлавӣ шуморида ва матолиби онро ба таври иҷмолӣ дастабандӣ намуда, дар 23 банд изҳор доштаанд (3, 198-201). Аҳмади Тафаззулӣ низ ба бисёре аз матолиби «Аҳди Ардашер» ишора карда ва ба қадри лозим аз аҳамияти он сухан намудааст (16, 216-217).

[1] номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров

Ҳини омӯзиш ва таҳқиқи номаҳои тоисломӣ моро маълум шуд, ки байни матолиби ду номаи давраи сосонӣ – «Аҳди Ардашер» ва «Номаи Тансар» шабоҳат ва ҳаммонандиҳое ҷой доранд. Аз қиёси намунаҳои зайл метавон пай бурд, ки, бешак, яке аз дигаре таъсир пазируфтааст.

**«Аҳди Ардашер»**:

«Подшоҳиву дин ду бародарони ҳамзоданд, яъне дину давлат ба ҳам вобастаанд. Бино бар ин, фурӯмоягон набояд ба кори дину омӯзиши он пардозанд, ки ин боиси табоҳии на танҳо дин, балки давлат низ хоҳад шуд» (ба нақл аз 4, 240, банди 4).

**«Номаи Тансар»:**

«Ва аҷаб мадор аз ҳирс ва рағбати ман ба салоҳи дунё барои истиқомати қавоиди аҳкоми дин, чӣ дин ва мулк ҳарду ба як шикам зоданд давсида, ҳаргиз аз якдигар ҷудо нашаванд…» (11, 192, банди 2; 12, 8, банди 2).

**«Аҳди Ардашер»:**

«Шоҳ бояд тақсими мардумро ба чаҳор табақаи сипоҳиён (асворон), руҳониён (мӯбадон, ниёишгарон ва ҳирбадон), коргузорон (дабирон, мунаҷҷимон ва табибон), пешагарон (кишоварзон, пешаварон ва бозаргонон) риоят кунад ва гузаштанро аз як табақаи иҷтимоӣ ба табақаи дигар манъ кунад, зеро дигаргунӣ дар пояҳои мардум боиси рашку оз ва дар ниҳояти кор мӯҷиби нобудии шаҳриёрӣ мешавад» (4, 240, банди 10; 16, 216, банди 13).

**«Номаи Тансар»:**

«Бидонад, ки мардум дар дин чаҳор аъзоанд ва дар бисёр ҷой дар кутуби дин, бе ҷидолу таъвил ва хилофу ақовил мактуб ва мубайян аст, ки онро аъзои арбаа мегӯянд ва сари он аъзо подшоҳ аст, узви аввал асҳоби дин ва ин узв дигарбора бар асноф аст: ҳуккому уббод ва зуҳҳоду садана ва муаллимон, узви дувум мақотил, яъне мардони корзор ва эшон бар ду қисманд: савора ва пиёда, баъд аз он ба маротиб ва аъмол мутафовит, узви савум куттоб ва эшон низ бар табақот ва анвоъ: куттоби расоил, куттоби муҳосибот, куттоби ақзияву сиҷиллоту шурут ва куттоби сияру атиббо ва шуарову мунаҷҷимон дохили табақоти эшон. Ва узви чаҳорумро меҳна хонанд ва эшон барзигарон ва роъиён ва туҷҷор ва соири муҳтарифаанд ва одамизода бар ин чаҳор узв дар рӯзгор салоҳ бошад модом, албатта яке бо яке нақл накунанд, илло он ки дар ҷибиллати яке аз мо аҳлийяте шоеъ бинанд, онро бар шаҳаншоҳ арз кунанд…» (12, 12-13, банди 4; 11, 195-196, банди 4).

**«Аҳди Ардашер»:**

«Шоҳ бояд ҷонишини худро ошкоро эълон накунад, то ин боиси сар задани душманӣ миёни шоҳу ҷонишин нагардад. Ӯро зарур аст, ки номи ҷонишинро дар чаҳор нома бинвисад ва онҳоро муҳр карда, бар чаҳор тан аз баргузидагони кишвар бисупорад ва як нусха аз он нома бо муҳри худ дар хазина нигоҳ дорад. Пас аз марги шоҳ бояд он номаҳоро кушоянд ва дар ҳолати мувофиқати онҳо номи шоҳро эълон намоянд» (4, 241, банди 13; 16, 216-217, банди 17 бо андаке тағйир).

**«Номаи Тансар»:**

«...Шоҳаншоҳ дар ин рой (таъйини валиаҳд-З.Ҳ.) аз ҷаҳондорон мутафаррид бошад ва бо ҳеч махлуқе машварат накунад ва ба сухану ишорот ва мувоҷиҳа ва муколама таъйин раво надорад. Се нусха бинависад ба хатти хеш, ҳар як ба амине ва муътамаде супорад, яке ба раиси мӯбадон ва дигар ба меҳтари дабирон ва савум ба исфаҳбади исфаҳбадон. То чун ҷаҳон аз шаҳаншоҳ бимонад... мӯбади мӯбадонро ҳозир кунанд ва ин ду каси дигар ҷамъ шаванд ва рой зананд ва муҳри набиштаҳо баргиранд, то ин се касро ба кадом фарзанд рой қарор гирад. Агар ройи [мӯбади] мӯбадон мувофиқи ройи сегона бошад, халоиқро хабар диҳанд...» (12, 38-39, банди 14; 11, 219-220, банди 14).

Пас аз пирӯзии дини ислом низ шуҳрати «Аҳди Ардашер» кам нагашт. Ба ҷуз нависандагони эронинажод бисёре аз нависандагони араб низ ба он рӯи ниёз оварданд ва тарҷумаи арабии онро ҳамчун дастури нависандагӣ дар девонҳо ба кор мебурданд. Бино ба ахбори Аҳмади Тафаззулӣ дар қарнҳои аввали ислом адибон ва дабиронро тавсия мешудааст, ки дар қатори амсолу ҳиками Бузургмеҳр, «Калила ва Димна», «Тавқеоти Анӯшервон» ва «Худойнома» ба омӯзиши «Аҳди Ардашер» рӯй кунанд (16, 314).

Бисёре аз манобеъ, ки перомуни осори тоисломии форсӣ баҳс намудаанд, аз аҳамият ва шуҳрати «Аҳди Ардашер» ёд намудаанд, ки мисолашон «Муруҷ-уз-заҳаб»-и Масъудӣ, «Форснома»-и Ибни Балхӣ (6, 60-61), «Муҷмал-ут-таворихи ва-л-қасас»-и маҷҳулулмуаллиф, «Таърихи Табарӣ» (2, 525) ва «Шоҳнома»-и Саолибӣ (15, 305) мебошанд. Чунончи, Абӯалии Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ дар «Фасл дар зикри хабари подшоҳии Анӯшервон ибни Қубод» гӯяд:

«Чун Анӯшервон бар тахт бинишаст, ҳама мардум шод шуданд... Ва дарвешонро фармуд, ки коре кунед ва аз мардум чизе махоҳед. Ва ҳар кӣ тандуруст буд, гуфтӣ: кишоварзӣ кун. Ва агар нобино буд, ӯро аз хизонаи хеш чизе дод ва гуфт: «Нахоҳам, ки андар подшоҳии ман дарвеш бувад. ...васиқаву корҳои дин рост кард ва дар панҷ сол мулк бар вай рост шуд ва дунёро ободон кард ва ҳар чӣ Ардашери Бобакро кутуб буду сиратҳои некӯ ва васияту аҳд буд, ҳама бинавишт ва ба

кор дошт» (2, 525).

Бино ба ахбори Аҳмади Тафаззулӣ Маъмун ба муаллими фарзандаш ал-Восиқ Биллоҳ дастур дода буд, ки дар баробари китоби Қуръон «Аҳди Ардашер»- ро бар ӯ биомӯзад ва водор ба ҳифзи «Калила ва Димна» намояд (16, 217- 218).

Исо ал-Окуб низ мисоли аксари муҳаққиқон «Аҳди Ардашер»-ро беҳтарин намунаи нома ва маншури аҳди сосонӣ медонад ва бар он бовар аст, ки аксари уҳуд ва васоё ва китобҳои марбут ба таърих, ки минбаъд навишта шуданд, аз он таъсир пазируфтаанд. Чунончи гӯяд:

«Ардашер дар ин маншур (мурод «Аҳди Ардашер» аст-З.Ҳ.) масоили гуногунеро баён карда ва пазируфтан ва ба кор бастани муҳтавои онро зомини мондагорӣ ва давоми салтанат донистааст. Назариёти ӯ дар ин аҳднома ба сурати суфоришҳо, пандҳо ва ҳикматҳое аст, перомуни қазоёи мухталифи иҷтимоӣ ва сиёсати шоҳӣ. Китобҳои таърих баёнгари таъсире аст, ки ин маншур бар шоҳони пас аз Ардашер ниҳодааст. Нависандаи «Форснома» дар бораи Хусрави Анӯшервон мегӯяд: «Чун салтанат бар ӯ устувор шуд, маншури Ардашерро пеши рӯ ниҳод ва суфоришҳои ӯро ҷомаи амал пӯшонд. Ӯ ҳар гоҳ китобе дар ҳикмат ва сиёсат медид, мехонд ва он чиро қобили таваҷҷуҳ меёфт, бармегузид ва ба мазмуни он амал мекард» (8, 34).

Ибни Надим дар китоби хеш як бор аз китоби «Аҳди Ардашер» ва бори дигар аз китоби «Аҳду Ардашер Бобакон ило ибниҳи Собур» ёд намудааст. Маротибаи нахуст зимни баёни осори боқии Абӯҷаъфар Аҳмад ибни Яҳё ибни Ҷобири Балозурӣ (ваф. 279/) мегӯяд, ки ӯ китоби «Аҳди Ардашер»-ро аз форсӣ (паҳлавӣ) ба шеъри арабӣ даровард ва яке аз мутарҷимони осори форсӣ ба арабӣ буд (7, 186). Маротибаи дувум дар фасли «Номи китобҳое, ки эрониён ва румиён ва ҳиндиён ва араб дар мавоизу одоб ва ҳикам таълиф кардаанд» дар қатори чанд аҳднома ва кутуби ахлоқӣ аз маншури «Китобу аҳди Ардашер Бобакон ило ибниҳи Собур» ном мебарад (7, 559).

Гурӯҳе аз донишмандон ин ду аҳдномаро як медонанд ва ҷонибдорони ин ақида К. А. Инострансев ва М. Муҳаммадӣ мебошанд. Аммо гурӯҳи дигар «Аҳди Ардашер»-ро асаре ғайр аз «Аҳду Ардашер Бобакон ило ибниҳи Собур» меҳисобанд ва ҷонибдорони ин фикр Тафаззулӣ ва Н. Зоҳидов мебошанд.

Муҳаммад Муҳаммадӣ мегӯяд: «Китоби «Аҳди Ардашер», ки Ибни Надим дар ин «Феҳраст» зикр карда, шомили панду андарзҳое аз қавли Ардашери Бобакон ба писараш Шоҳпур будааст. Ин китоб пас аз тарҷума ба арабӣ дар байни мусалмонон қадру манзалате бу-

зург ёфт. Ибни Надим онро ҷузъи даҳ китобе навишта, ки аз байни тамоми осори адабии араб хубии онҳо мавриди иттифоқи умум будааст. Ва Балозурӣ, муаллифи маъруфи исломӣ ҳам дар асари ҳамин шуҳрат онро ба шеър даровrouting... Тавсифе, ки Абӯҳанифаи Динаварӣ аз ин китоб карда, аҳамияти онро дар давраи сосонӣ ва асри ислом ҳарду зоҳир месозад. Динаварӣ дар саргузашти Ардашер гӯяд: «Он гоҳ аҳди маъруфи худро ба подшоҳон бинавишт ва эшон имтисоли амр карда, онро ба гардан гирифтанд ва ба ҳифз кардан ва амал намудан ба он табаррук меҷустанд ва онро дарси худ ва насбулайни хеш қарор доданд»« (10, 264-266).

Аҳмади Тафаззулӣ перомуни «Аҳди Ардашер» (р. к: 16, 215-218) ва «Аҳди Ардашер ба писараш Шопур» (р. к: 16, 218- 219) дар алоҳидагӣ баҳс намуда ва бар он бовар аст, ки манзури Ибни Надим низ аз ин аҳдномаҳо кутуби дигар аст (16, 215).

Н. Зоҳидов батафсил дар ин хусус баҳс намуда ва бо далелҳои зиёд баён дошта, ки «Аҳду Ардашер ила-л-мулуки ат-толиййина мин баъдиҳи» (Аҳдномаи Ардашер ба шоҳони пас аз худ) аз «Аҳду Ардашер Бобакон ило ибниҳи Собур» (Аҳдномаи Ардашери Бобакон ба писараш Шопур) фарқи зиёд дорад (3, 203- 205).

Аз ахборе, ки муҳаққиқони ин мавзӯъ изҳор доштаанд ва, ҳамчунин, аз омӯзиш ва таҳқиқи матолиби дастрас маълум мешавад, ки дар баробари фарқият байни ин ду аҳднома ҳаммонандӣ ва шабоҳатҳое низ ба назар мерасанд. Ҳини таҳқиқ ва қиёси мутуни мавҷуда нигорандаи ин сатрҳоро маълум гашт, ки чанде аз матолиби ин ду аҳднома айни якдигаранд ва маълум аст, ки яке аз дигаре таъсир пазируфта ва ё иқтибос намудаанд. Чунончи, дар фавқ ишора намудем, Ардашер дар яке аз бандҳои аҳдномаи худ дин ва давлатро ба ҳам пайванд медонад ва мегӯяд:

«Подшоҳиву дин ду бародарони ҳамзоданд, яъне дину давлат ба ҳам вобастаанд. Бино бар ин, фурӯмоягон набояд ба кори дину омӯзиши он пардозанд, ки ин боиси табоҳии на танҳо дин, балки давлат низ хоҳад шуд» (ба нақл аз 4, 240, банди 4).

Аз таҳқиқоти М. Муҳаммадӣ маълум мешавад, ки айни ҳамин матлаб бо андаке тағйир дар маншури «Аҳди Ардашер ба писараш Шопур» низ омада ва онро донишманди мазкур аз китоби «Муруҷ-уз-заҳаб» нақл намудааст. Ҷиҳати иттилои бештар таваҷҷуҳ созед ба ахбори зайл:

«Дар давраи сосонӣ пайвастагии байни дин ва подшоҳӣ ба қадре шадид буд, ки якеро бе дигаре нопойдор медонистанд. Аз гуфтаҳое, ки ба Ардашери Бобакон нисбат додаанд, яке андарзе аст, ки хитоб ба фарзанди худ гӯяд: *«Бидон, эй фарзанд, дин ва подшоҳӣ ду барода-*

*ранд, ки ҳеч як аз дигаре бениёз натавонад буд, дин пояи подшоҳӣ ва шоҳӣ нигаҳбони он аст. Ҳар чиз, ки поя надошта бошад, нобуд хоҳад шуд ва он чӣ бенигаҳбон бошад, аз миён хоҳад рафт»* (10, 70).

Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ ин маъниро дар фасли «Супурдани Ардашер кори подшоҳиро ба Шопур» ба таври зайл баён доштааст:

*Чу бар дин кунад шаҳриёр офарин,*
*Бародар шавад подшоҳиву дин.*
*На бе тахти шоҳӣ бувад дин ба пой,*
*На бе дин бувад шаҳриёрӣ ба ҷой.*
*Ду бунёд як бар дигар бофта,*
*Бароварда пеши хирад тофта.*
*На аз подшо бениёз аст дин,*
*На бе дин бувад шоҳро офарин.*
*Чун ин посбонони якдигаранд,*
*Ту гӯӣ, ки дар зери як чодаранд.*
*На он з-ин, на ин з-он бувад бениёз,*
*Ду амбоз дидемашон нексоз…*
*Чу динро бувад подшо посбон,*
*Ту ин ҳардуро ҷуз бародар махон.* (17, 272-273).

Ба эҳтимоли наздик ба яқин Фирдавсӣ низ матолиби фавқро аз асли паҳлавии «Аҳди Ардашери Бобакон ба писараш Шопур» нақл карда, на «Аҳди Ардашер». Ҳамчунин, имкон дорад, ки ин фасли «Шоҳнома», ки дар маҷмӯъ 112 байтро ташкил медиҳад (17, 271-280), шакли манзуми «Аҳди Ардашери Бобакон ба писараш Шопур» бошад, ки Фирдавсӣ онро аз асли паҳлавӣ ба назм дароварда ва онро «Супурдани Ардашер кори подшоҳиро ба Шопур» унвон кардааст. Зеро аз абёти нахустини ин фасл низ метавон пай бурд, ки он аҳднома ва васиятномаи Ардашер ба писараш Шопур аст. Бино ба қавли суханвари Тӯс чун синни Ардашер ба ҳафтоду ҳафт расид ва заифу бемор гашт, пай бурд, ки поёни умраш наздик аст, писараш Шопурро ба назди худ хонд ва ӯро панду васиятҳо кард ва талаб намуд, ки ин аҳдномаи ӯро пайваста ёд дорад ва тибқи он амал созад:

*Чу сол андар омад ба ҳафтоду ҳашт,*
*Ҷаҳондори бедор бемор гашт.*
*Бидонист, к-омад ба наздик марг,*
*Ҳаме зард хоҳад буд он сабзбарг.*
*Бифармуд то рафт Шопур пеш,*
*Варо пандҳо дод аз андоза беш.*
*Бад-ӯ гуфт, к-ин аҳди ман ёд дор,*
*Ҳама гуфти бадгӯйро бод дор (17, 271).*

Муаллифи «Шоҳнома» матлаби мазкурро аз «Аҳдномаи Ардашери Бобакон ба писараш Шопур» баргирифтааст, на аз «Аҳди Ардашер». Аз як сӯ, эҳтимол «Аҳдномаи Ардашери Бобакон ба писараш Шопур» шакли мухтасар ва баргирифта аз «Аҳди Ардашер» («Аҳдномаи Ардашер ба шоҳони пас аз худ») аст, ки баъзе аз донишмандон низ бар ин боваранд ва иллати шабоҳати матолиб низ аз ҳамин ҷост, аз сӯи дигар, имкон дорад, ки васиятномаи Ардашер ба писараш Шопур маншури алоҳида бошад, на баргирифта аз «Аҳди Ардашер» ва чун нигорандаи онҳо як нафар – Ардашер аст, матолиби хешро дар номаҳои худ ба такрор ва ё бо андаке тағйир баён намудааст. Зеро ба такрор овардани матолиб, ҷумлаҳо, дуо ва абёт дар макотиби аксари номанигорон ба назар мерасад ва мисоли он номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ (1) ва Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ (14) мебошанд.

Бо як таваҷҷуҳ метавон пай бурд, ки матолиби «Аҳди Ардашер ба писараш Шопур» айни матолиби «Аҳди Ардашер» нест ва аз лиҳози баёни маънӣ низ аз ҳам фарқ мекунанд ва шоҳиди ин фикр матолиби фавқ мебошанд, ки мо аз ин ду аҳднома нақл намудем.

Ба эҳтимоли наздик ба яқин маҳз ҳамин ҳаммонандиҳо боис шудаанд, ки гурӯҳе аз донишмандон ин аҳдномаҳоро як асар донанд. Аҳмади Тафаззулӣ бар он эҳтимол аст, ки «Аҳди Ардашери Бобакон ба писараш Шопур» ҳамон матни кӯтоҳе аст, ки таҳти унвони «Нусхату Аҳди Ардашер ило ибниҳи Собур» дар китоби ««Ниҳоят-ул-ираб фӣ таърихи-л-фурси ва-л-араб»-и маҷҳулулмуаллиф омада ва ин матнро Ибни Муқаффаъ ё муаллифи «Сияр-ул-мулук»-е, ки маъхази китоби «Ниҳоят-ул-ираб» буда, аз рӯи тарҷумаи арабии «Аҳди Ардашер» интихоб карда ва матолиберо бар он афзудааст (16, 218). Низомиддин Зоҳидов низ пас аз баҳси зиёд бо дарназардошти ҳамоҳангӣ ва шабоҳати зиёди матолиби ин ду маншур бар он натиҷа расидаанд, ки эҳтимол «Аҳдномаи Ардашери Бобакон ба писараш Шопур» шакли мунтахаб ва мухтасари «Аҳди Ардашер» («Аҳдномаи Ардашер ба шоҳони пас аз худ») бошад, бо андаке тағйир ва иловаҳо (3, 204-205).

Афзун бар ин, Аҳмади Тафаззулӣ дар китоби хеш аз як рисолаи мансуб ба Ардашер, ки андар қавоиди кишвардорӣ баҳс мекунад ва тарҷумаи он дар китоби «Ниҳоят-ул-ираб» (13, 186-193) омадааст, сухан намудааст. Бино ба ахбори ин муҳаққиқ дар ин рисола дар бораи ҷангҷӯён (асовира), дабирон (куттоб), доварон (қузот), лашкаркашӣ, пазириши сафир, сохтани шаҳрҳо, додхоҳӣ, ободонии сарзаминҳо ва ғ. баҳс шудааст. Аз таҳқиқоти донишманди мазкур бармеояд, ки тарҷумаи форсии ин рисола дар тарҷумаи форсии «Ниҳоят-ул-ираб», ки мусаммо ба «Таҷоруб-ул-умам» аст ва ҳам дар «Шоҳнома»-и

Абулқосими Фирдавсӣ омадааст (16, 219). Ин матлабро устод Низомиддин Зоҳидов низ бо тафсиле бештар изҳор доштаанд (3, 206).

Дар хусуси бевосита аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума шудани рисолаи мазкури мансуб ба Ардашер маълумоте дар даст нест, аммо чун дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ омадааст, Аҳмади Тафаззулӣ бар он бовар аст, ки эҳтимол матни он дар «Худойнома» низ мавҷуд буда ва сипас ҳини тарҷума ба забони арабӣ матолибе мувофиқ бо қавоиди исломӣ ба он ворид карда шудааст (16, 219).

Зоҳиран, Абулқосими Фирдавсӣ ҳини таълифи «Шоҳнома» аз нусхаҳои асл ва ё наздик ба асли аҳдномаҳои Ардашер суд ҷуста ва матолиби онҳоро ба таври манзум нақл кардааст. Ба эҳтимоли наздик ба яқин, фаслҳои «Тадбир сохтани Ардашер дар кори подшоҳӣ» (17, 252-262), «Андарз кардани шоҳ Ардашер меҳтарони Эронро» (17, 262-265), «Андарз кардани Ардашер мардумонро» (17, 265-268), «Супурдани Ардашер кори подшоҳиро ба Шопур» (17, 271-280) матолиби баргирифта ё нақли мухтасари манзум аз аҳдномаҳои Ардашер мебошанд.

Сарчашмаи дигари куҳан, ки фарогири матолиби аҳднома ва номаҳои Ардашер аст, «Китоб-ул-вузаро ва-л-куттоб»-и Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдус ал-Ҷаҳшиёрӣ (18) мебошад, ки дар қарни X мелодӣ таълиф шудааст. Ҷаҳшиёрӣ дар китоби хеш порае аз номаи Ардашерро, ки ба вазиронаш нигоштааст, нақл мекунад. Чун ин номаи Ардашер аҳамияти зиёди тарбиявӣ, адабӣ ва сиёсӣ дорад, ба ихтисор овардани қисматеро савоб медонем:

«Ардашер дар фасле аз номаи худ ба вазиронаш менависад:

«Бидонед, ки агар кӯшиш кунед, фақат аз касе кӯмак бихоҳед, ки ба таври комил дорои сифоти некӯ ва равиши писандида бошад, ба яқин ба чизи душвор ва камёбе даст ёфтаед. Аз дин ва тақвои мард ба он иктифо кунед, ки ӯ аз гуноҳони бузург ва корҳои зишт барканор бошад ва аз исрор (истодагарӣ кардан-З.Ҳ.) ба бедодгарӣ ва ситамкорӣ битарсад ва дар амонатдорӣ ва покдоманӣ он гуна бошад, ки аз ангезаи тамаъ ва ҳар коре, ки ба сурати зоҳир нуқс ва зиён дорад, бар канор бимонад ва чунон мусаммам (қатъӣ-З.Ҳ.) ва бениёз бошад, ки кореро, ки аз ӯ мехоҳед, бо ошноӣ ва тасаллут анҷом диҳад ва дар корҳоятон ҳаққе аз шумо зоеъ накунад.

Бидонед, ки шумо корҳое доред, ки дигарон анҷом медиҳанд ва низ корҳоеро фақат худи шумо бидуни ниёз ба дигарон бояд анҷом бидиҳед. Бояд ҳудуди ин умурро бидонед ва аз ирҷои он чӣ аз зердастони шумо сохтааст, худдорӣ накунед ва он чиро, ки худ танҳо бояд ба он назар бидиҳед, ба дигаре таклиф нанамоед. Ҳар гоҳ аз анҷоми

вазоифи худ фароғат ёфтед, истироҳат кунед ва аз осудани баъд аз кор истифода намоед» (18, 34-35).

Бино ба қавли Исо ал-Окуб андарзи Хусрав ба вазиронаш низ аз ҳамин навъ аст ва ба эҳтимоли наздик ба яқин аз номаи мазкури Ардашер таъсир пазируфтааст. Чунонки ҷое Хусрав ба вазирони хеш мегӯяд: «Мабод бисёр назди ман ойӣ, ки аз ҳузурат малӯл шавам ва хостаҳоят бар ман сангин ояд. Ва ғайбатро низ ба дарозо макаш, ки фаромӯшат кунам» (8, 87- 88).

Ҷаҳшиёрӣ худ изҳор дошта, ки ӯ матолиби мазкурро аз «Номаи Ардашер ба вазиронаш» баргирифтааст, на аз аҳдномаҳои мазкур. Аҳмади Тафаззулӣ дар фасли «Номаҳои сиёсӣ» нахуст аз номаҳои Ардашер ёд карда ва гуфтааст, ки Масъудӣ бахшҳое аз номаҳои ин шоҳи сосониро, ки барои хос ва коркунони худ нигоштааст, дар китоби «Муруҷ-уз-заҳаб» оварда ва Ҷаҳшиёрӣ бахше аз номаи Ардашерро, ки хитоб ба вазиронаш аст, дар китоби худ нақл намудааст (16, 227). Исо ал-Окуб низ дар фасли «Андарзи шоҳон ба вазирон» аз «Номаи Ардашер ба вазиронаш» ёд карда ва матолиби мазкурро, ки Ҷаҳшиёрӣ дар китоби худ овардааст, айнан нақл намудааст (8, 123). Ахбори Тафаззулӣ ва Исо ал-Окуб бар мавҷудияти «Номаи Ардашер ба вазиронаш» ҳуҷҷат ва исботи дигаре аст.

Ба ҷуз ду аҳдномаи маъруф, «Рисолаи Ардашер дар оини кишвардорӣ», «Номаи Ардашер ба вазиронаш», ки зикрашон гузашт, дар сарчашмаҳои мавҷуда метавон боз чанд матолиби тозаро аз аҳднома, корнома, хитоба ва номаҳои дигари мансуб ба Ардашер пайдо кард. Мисоли ин ҳарф китоби «Таърихи комил»-и Иззуддин ибни Асир (5) мебошад. Чунончи Ибни Асир дар фасли «Гузориши кори Ардашер ибни Бобак ва подшоҳони Эрон» аз **номаи Ардашер ба падараш Бобак** («Барои падар навишт, ки чӣ кардааст ва ӯро фармуд, ки бар Ҷавзаҳар (Гавчеҳр) бишӯрад ва ӯ дар ин ҳангом дар Байзоъ ба сар мебурд») (5, 442), **номаи Шопур ба Ардашер** («Ардавон сухани Бобак напазируфт ва ӯро бим дод. Чун Бобак аз бими Ардавон наҳаросид, дар муддати се рӯз нобуд шуд. Шопур ба ҷои падараш Бобак ба тахт нишаст ва ба Ардашер нома навишта ӯро наздаш хонд. Аммо Ардашер ин талаби Шопур напазируфт ва сӯяш нарафт) (5, 442), **номаи Ардашер ба подшоҳони дигар** («Ба подшоҳони бисёре нома навишт ва эшонро ба фармонбарӣ хонд») (5, 443), **номаи Ардавон ба Ардашер ва посухи Ардашер ба Ардавон** (5, 443-444), **номаи Абарсом (вазири Ардашер) ба Ардашер** («Ардашер оҳанги Истахр кард ва Абарсом, вазири хешро бар дари Ардашери Харра ба ҷои худ баргумошт. Дере барнаёмад, ки номаи Абарсом бирасид, ки гузориш аз омадани подшоҳи

Аҳвоз ва шикасту бозгашти вай медод») (5, 444)), **номаи Ардашер ба Ардавон ва посухи Ардавон ба Ардашер** (5, 444) ва **номаҳои подшоҳони Кӯсону Тӯрон ва Макрон ба Ардашер** («…номаҳои подшоҳони Кӯсону Тӯрон ва Макрон бад-ӯ расид ва ҳамагӣ фармонбарии худ аз ӯро огаҳӣ карданд») (5, 445) ёд намудааст, ки баёни он ҳама аз доираи баҳси мо берун аст ва суханро ба дарозо мекашад. Аммо ҷиҳати мисол овардани номаи Ардавон ба Ардашер ва посухи Ардашер ба Ардавонро, ки нисбат ба дигар номаҳо муфассалтар аст, ин ҷо савоб медонем:

«Дар ин миён фиристодае аз сӯи Ардавон биёмад ва номае биёвард. Ӯ мардумро гирд овард ва номаро бар эшон хонд. Дар нома навишта буд: «Эй марди курднажод, ту по аз гилеми хеш дарозтар кардаӣ ва маргро бар сари худ овардаӣ. Чӣ касе тоҷу тахти кишварро ба ту супурдааст? Кӣ туро фармудааст, ки шаҳр бунёд гузорӣ?». Дар нома навишта буд, ки ман подшоҳи Аҳвозро равона сохтам, то туро бигирад ва банд барниҳад ва ба назди ман оварад.

Ардашер барои вай навишт: «Тоҷу тахтро Худо ба ман бахшид ва ман умедворам, ки Яздон маро бар ту фирӯз гардонад, то саратро пешкаши оташкадаи поягузоридаи худ созам» (5, 443-444).

Ба андешаи мо миёни аксари осори Ардашер, ба мисли аҳдномаҳо, васиятномаҳо, номаҳо, тавқеъот ва ғ. ҳамоҳангию ҳаммонандӣ ва шабоҳатҳои зиёд мавҷуданд ва шоҳиди ин фикр монандиҳое мебошанд, ки миёни матолиби «Аҳди Ардашер», «Номаи Тансар», «Аҳди Ардашери Бобакон ба писараш Шопур» ҷой доранд ва дар фавқ ба андаке аз онҳо ишора шуд. Эҳтимол дорад, ки қисмате аз ин осор дар асл як китоб буда ва минбаъд дар қарнҳои нахустини исломӣ мутарҷимон мунтахабе аз он китобро тарҷума намуда ва мувофиқ ба дин, сиёсату талаботи замон ва завқи хеш иловаҳое ба он ворид намудаанд. Аз ин нуқтаи назар, минбаъд ба таври алоҳида мавриди омӯзиш қарор додан ва ба риштаи таҳқиқ кашидани ин гуна осор амри савоб хоҳад буд.

Аз гуфтаҳои фавқ метавон ба ин натиҷа расид:

1. «Аҳдномаи Ардашер ба шоҳони пас аз худ» ва «Аҳдномаи Ардашери Бобакон ба писараш Шопур» аз муншаоти шинохтаи аҳди сосонӣ буда, нусхаҳое аз он ва ё қисматҳои алоҳидаи он бо номи «Аҳди Ардашер» то замони мо расидаанд.

2. Ин аҳдномаҳо шомили дастуруламалҳое будаанд, ки Ардашери Бобакон ҷиҳати роҳнамо ба писараш Шопур ва шоҳони баъди худ навиштааст. Аз таҳқиқи М. Муҳаммадӣ, А. Тафаззулӣ, Исо ал-Окуб ва Н. Зоҳидов маълум мешавад, ки «Аҳди Ардашер» шомили «дастурҳое дар амри кишвардорӣ ва идораи умури давлат ва тарзи

рафтор бо коргузорон ва табақоти мухталифи мардум низ буда,… дар тамоми даврони тӯлонии салтанати ин хонадон барои тамоми шоҳон ҳамчун қонуни асосии мамлакат…» (р.к: 9, 287- 290) хидмат кардааст.

3. М. Муҳаммадӣ ду аҳдномаро як медонад, аммо А. Тафаззулӣ (16, 217- 219) ва Н. Зоҳидов (3, 197) бар он боваранд, ки «Аҳди Ардашер» аз «Аҳди Ардашер ба писараш Шопур» фарқ мекунад. Ба фикри нигорандаи ин сатрҳо низ он ду аҳдномаи мустақил мебошанд ва аз унвони онҳо худ равшан аст, ки яке ба шоҳони баъдӣ ва дигаре ба писараш навишта шудаанд.

4. Эҳтимол «Аҳди Ардашери Бобакон ба писараш Шопур» матолибе баргузида ва мухтасаре аз «Аҳдномаи Ардашер ба шоҳони пас аз худ» аст, ки Тафаззулӣ ва Н. Зоҳидов низ ин ақидаро изҳор доштаанд.

5.Баъзе донишмандон «Аҳдномаи Ардашер ба шоҳони пас аз худ» -ро (тарафдори ин фикр Тафаззулӣ ва Н. Зоҳидов) ва баъзе «Аҳди Ардашери Бобакон ба писараш Шопур»-ро (тарафдори ин ақида М. Муҳаммадӣ) китоби маъруфи «Аҳди Ардашер» хондаанд. Чун ҳарду аҳднома низ нигоштаи Ардашери Бобакон аст, имкон дорад, ки ҳардуро низ ба таври мухтасар «Аҳди Ардашер» хонем. Аммо ҷиҳати тафовуте байни ин ду аҳднома гузоштан савоб он аст, ки «Аҳдномаи Ардашер ба шоҳони пас аз худ»- ро ба ихтисор «Аҳди Ардашер» хонем ва унвони дувумиро ба таври комил изҳор намоем.

6. «Аҳди Ардашер ба писараш Шопур» низ мисоли «Номаи Тоҳир ба писараш Абдуллоҳ ибни Тоҳир», «Китобу Зодон Фаррух фӣ таъдиби валадиҳи», «Номаи Анӯшервон ба фарзандаш Ҳурмуз» ва «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус аҳамияти зиёди сиёсӣ, илмӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дошта, дар даврони қабл аз ислом ва ҳам даврони аввали исломӣ ҳамчун дастуруламали шоҳон ва қонуни асосии давлатдорӣ хидмат кардааст.

7. Аз ахбори манобеъи мавҷуда ва таҳқиқоти М. Муҳаммадӣ маълум мешавад, ки дар «Аҳди Ардашер ба писараш Шопур» мисоли андарзномаҳои шоҳони дигар аз расму оини дабирӣ ва мақоми дабирони девони аҳди сосонӣ сухан рафтааст.

8. Аз қавли Ҷоҳиз, нақли М. Муҳаммадӣ ва манобеи дигар бармеояд, ки ин аҳдномаро кулли дабирони девони хилофат меомӯхтанд (р.к: 9, 289). Зеро дабиронро зарур буда, ки аз расму оини дарбор ва усули давлатдорӣ ба хубӣ огаҳ бошанд.

9. Дабирони девони хилофат «Аҳди Ардашер»-ро чун сарчашмаи асосии ҳунари дабирӣ шинохта ва бархе аз ибороти онро ҳамчун калимоти қисор дар номаҳои хеш ба кор мебурдаанд, ки М. Муҳаммадӣ

чанде аз онҳоро ҳамчун шоҳид овардааст (р.к: 9, 289).

10. «Аҳди Ардашер ба писараш Шопур» навиштаи Ардашери Бобакон – муассиси давлати Сосониён буда, бешак дар навишта шудани андарзнома ва васиятномаҳои шоҳони дигари сосонӣ ва номаҳои баъдии форсӣ-тоҷикӣ ҳамчун сарчашма хидмат кардааст.

Ба ҷуз Ардашери Бобакон боз шоҳони дигари тоисломӣ низ аз худ аҳдномаҳо ба ёдгор гузоштаанд, ки мисолашон «Аҳди Шопур ба писараш Ҳурмуз», «Аҳди Қубод ба писараш Хусрави Анӯшервон», «Аҳди Хусрав (Анӯшервон) ба писараш Ҳурмуз, муштамил бар пандҳои ӯ ба писараш ҳангоми вогузории салтанат ба ӯ ва посухи Ҳурмуз ба ӯ», «Аҳди Хусрав ба ҳар кӣ аз миёни хонаводаи ӯ дархури таълим ва тарбият буд», «Аҳди Хусрави Анӯшервон ба писараш, ки «сарчашмаи балоғат» (дар баъзе нусах «маҷмуъаи балоғат» омадааст-З.Ҳ.) номида мешавад» мебошанд, ки матолибе аз онҳоро дар «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Муруҷ-уз-заҳаб»-и Масъудӣ, «Ғурар-ус-сияр»-и Саолибӣ, «ал-Вузаро ва-л-куттоб»-и Ҷаҳшиёрӣ, «Наср-уд-дурар»-и ал-Обӣ, «Уюн-ул-ахбор»-и Ибни Қутайба, «ас-Саъода ва-л-исъод»-и Абулҳасани Омирӣ, «Ниҳоят-ул-ираб фӣ таърихи-л-фурси ва-л-араб»-и маҷҳулулмуаллиф, «ал-Феҳрист»-и Ибни Надим, «Муҷмал-ут-таворихи ва-л-қисас»-и маҷҳулулмуаллиф, «ал-Ахбор-ут-тивол»-и Динаварӣ, «Ҷовидон хирад» ва «Таҷоруб-ул-умам»-и Ибни Мискавайҳ, «Форснома»-и Ибни Балхӣ, «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ ва таҳқиқоти донишмандоне, чун К.А. Иностpансев, А. Кристенсен, А.Е.Кримский, К. Брокелман, М. Гриняски, М. Муҳаммадӣ, А.Тафаззулӣ, Исо ал- Окуб, М. Баҳор, З. Сафо ва Н.Зоҳидов метавон дарёфт намуд.

## Пайнавишт:

1. Айнулкузоти Ҳамадонӣ. Номаҳо. -Ҷилди аввал /Ба эҳтимоми дуктур Алинақии Мунзавӣ, дуктур Афифи Усайрон. -Теҳрон: Асотир, 1377. - 480 с.
2. Балъамӣ, Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад. Таърихи Табарӣ. (Аз силсилаи «Халқҳои эронӣ дар маъхазҳои таърихӣ»). - Ҷ. 1. – Душанбе: Ирфон, 1992, -656 с.
3. Зоҳидов Низомиддин. Насри арабизабони адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX, – Хуҷанд: Нури маърифат, 2004. - 402 с.
4. Зоҳидов Н. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX (давраи арабизабонӣ). -Душанбе: Бухоро, 2014. -444 с.
5. Ибни Асир, Изуддин. Таърихи комил /Баргардони дуктур Сайид Муҳаммадҳусайни Рӯҳонӣ. -Теҳрон: Интишороти Асотир, 1370. -Ҷилди аввал. - 446 с.
6. Ибни Балхӣ. Форснома /Ба саъй ва эҳтимом ва тасҳеҳи Г. Листиронҷ ва Р. Николсон. -Теҳрон: Асотир, 1384. -С. 60-61.
7. Ибни Надим, Муҳаммад ибни Исҳоқ. Китоб-ул-феҳраст /Тарҷумаи Ризо

Таҷаддуд. Теҳрон, 1381. -Сию чор+854 с.
8. Исо ал-Окуб. Таъсири панди порсӣ бар адаби араб /Мутарҷим Абдуллоҳ Шарифии Хуҷаста. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1374. - 337 саҳ.
9. Муҳаммадӣ, Муҳаммад. Таърих ва фарҳанги Эрон дар даврони интиқол аз асри сосонӣ ба асри исломӣ. -Ҷилди чаҳорум. Забони форсӣ ҳамчун моя ва мададкоре барои забони арабӣ дар нахустин қарнҳои исломӣ. -Теҳрон: Тӯс, 1380. -440 с.
10. Муҳаммадӣ, Муҳаммад. Фарҳанги Эрон пеш аз ислом ва осори он дар тамаддуни исломӣ ва адабиёти арабӣ. -Теҳрон: Тӯс, 1374. -382 с.
11. Номаи Тансар // Нахустқомуси миллат. – Хуҷанд, 2001. -С. 186-227.
12. Номаи Тансар ҳербазон ҳербази Ардашери Попакон ба Ҷушнасф шоҳ ва шоҳзодаи пизишхоргар (Тарҷумае аз паҳлавӣ ба арабӣ ба қалами Ибни Муқаффаъ, тарҷумае аз арабӣ ба форсӣ ба қалами Ибни Исфандиёр) /Ба саъй ва таҳқиқи Муҷтабо Минавӣ. -Теҳрон: Матбааи Маҷлис, 1311. -С. 1- 47
13. Ниҳоят-ул-ираб фӣ ахбори-л-фурси ва-л-араб /Ба тасҳеҳи Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ. Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ. -Теҳрон, 1375 -473 с.
14. Румӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Мактубот /Тасҳеҳи Тавфиқ Субҳонӣ. - Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1371.
15. Саолибии Нишопурӣ, Абӯмансур Абдулмалик ибни Муҳаммад. Таърихи ғурар-ус-сияр маъруф ба «Шоҳнома»-и Саолибӣ. -Душанбе: Бухоро, 2014. -444 с.
16. Тафаззулӣ, Аҳмад. Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом /Ба кӯшиши Жола Омӯзгор. – Теҳрон: Сухан, 1377. - 452 с.
17. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд. -Ҷилди 7 /Таҳияи Камол Айнӣ, Зоҳир Аҳрорӣ, Баҳром Сирус. –Душанбе: Адиб, 1989. –656 с.
18. Ҷаҳшиёрӣ, Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдус. Китобу-л-вузарои ва-л-куттоб /Тарҷумаи Абулфазли Таботабоӣ. Муқаддимаи Зайнулобидини Раҳнамо. – Теҳрон, 1348, - 439 с.

*Ҳикматшоҳ Ҳомидиён*[1]

# ҶИЛВАҲОИ АДАБӢ ДАР НОМАҲОИ СОҲИБ ИБНИ АББОД

Абулқосим Исмоил ибни Аббод ибни Аббос, машҳур ба Соҳиб ибни Аббод (326-385/937-995) шоир, нависанда ва вазири барҷастаи хонадони Бувайҳиён (322-447/933-1056) маҳсуб мешавад. Ин адиби фарҳехта дар баробари шоири тавоно будан, инчунин, котиб ва нависандаи барҷастае ба ҳисоб меравад, ки мутобиқи маълумоти сарчашмаҳои адабиву таърихӣ зиёда аз сӣ асари илмиву адабӣ ба мерос гузоштааст. Осори мансури ин адиби барҷаста, фарогири улуми мухталифе, чун тиб, фалсафа, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, нақди адабӣ, улуми динӣ ва ғайра мебошад, ки дар пояи баланди нависандагӣ ва ҳунари китобат ба қалам омадааст. Пеш аз ҳама, бояд зикр намуд, ки наср дар ин аср (3-4 ҳиҷрӣ, баробар ба 9-10 мелодӣ) нисбат ба давраҳои пешин рушд намуда, ба авҷи камоли худ расида буд. Зеро асоси насри ин давра, ба монанди асрҳои пешина сабки китобати Ибни Муқаффаъ (103-141/722-759), Абдулҳамиди Котиб (ваф.132/750), Ҷоҳиз (137-253/775-868), Ибни Амид (ваф. 360/971) ва дигар нависандагон ва адибони арабизабони эронитабор буд. Соҳиб ибни Аббод низ дар пайравӣ ба сабк ва услуби китобати ин адибони машҳур ва, хоссатан, устодаш – Ибни Амид осори мансури худро таълиф намудааст. Вай, ин навъи осори хешро, махсусан, мактубҳояшро бо насри мусаҷҷаъ навишта, дар он санъатҳои лафзие, чун саҷъи мутарраф ва мутавозиро риоя карда, барои ҷаззобии алфоз ва зебоии маонӣ аз ҷумлаҳои кӯтоҳ истифода бурдааст. Ӯ бо андак тағйирот дар услуби нависандагӣ тавонист, ҷараёну майлони тозаеро ба вуҷуд орад, ки минбаъд бо номи ӯ сахт алоқаманд гардид. Зеро миёни ӯ ва нависандагони пеш аз ӯ, чун устодаш – Ибни Амид, Ҷоҳиз ва дигарон дар нависандагӣ тафовуте ба миён омад. Масалан устодаш Ибни Амид дар муросилоту мукотиботи худ, аксар саҷъи мутавозӣ ва мутаррафро мавриди истифода қарор медод ва, аҳёнан, ба корбасти саҷъи мутавозин низ даст мезад. Аммо дар таълифоти Соҳиб бошад, ба ғайр аз ҷумлаҳои мусаҷҷаъ, ки бо саҷъи мутавозӣ ё мутарраф навишта шудаанд, дигар анвои саҷъ низ ба назар мерасад, ки он тафовут миёни насри ӯ ва дигаронро нишон медиҳад. Дар баробари ин, Соҳиб

[1] номзади илмҳои филологӣ, устоди ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров

дар мактубҳои худ дар ороиш ва зебо намудани алфоз ҷониби маъноро аз назар дур надошта, санъатҳои лафзӣ ва маънавиро то дараҷаи охир, ки маъно ва латофати калима ва ибораро нигоҳ медорад, истифода бурдааст. Аз ин лиҳоз, сухани ӯ аз ҷиҳати зебоии лафз ва маъно ба ҳадди нисоб расид. Он гуна, ки Саолибӣ дар васфи он фармуда: «Ба сарҳади сеҳру эъҷоз наздик аст» (4,III,225).

Мавриди зикр аст, ки мактубҳои Соҳиб ибни Аббод қисмати асосии осори насрии ӯро ташкил дода ва маҷмӯае аз онҳо бо номи «Девони расоил» дар замони зиндагонии худи адиб фароҳам омада будааст. Ин девон дар феҳрасти осори нависанда низ зикр шудааст. Инчунин, ховаршиноси маъруфи аврупоӣ Броккелман дар китоби худ қайд мекунад, ки мактубҳои Соҳиб дар маҷмӯае бо номи «Мухтору расоили Соҳиб ибни Аббод» дар Миср ба чоп расидааст (2,II,268). Солҳои охир мактубҳои Соҳиб аз тарафи донишманди араб Абдулваҳҳоб Аззом низ мавриди нашр қарор гирифтааст (6,78).

Бояд қайд кард, ки мактубҳо ва ё худ номаҳои Соҳиб масоили гуногунро доир ба воқеаҳои сиёсии давлати Бувайҳиён, аз қабили кашмакашҳои миёни амирони бувайҳӣ, чун Азудуддавла бо бародараш Фахруддавла Қобус ибни Вушмгир, Ҳамдониён, муносибати онҳо бо Сомониён, футӯҳот ва дигар ҳодисаҳои таърихии замонаашро инъикос мекунанд. Инчунин, онҳо пайгири мавзӯи иттиҳод ва ҳамбастагӣ буда, Соҳиб гурӯҳҳо ва фирқаҳои диниро ба ваҳдат ва улфату дӯстӣ даъват мекунад. Ғайр аз ин, мавзӯъҳои гуногуни дигар, аз қабили таҳният, қабули ҳадя, даъват ба базму шабнишиниҳо, мазоҳ, мудоаба, тасвири маҷолиси маю бода, дӯстӣ ва ғайра дар мактубҳои Соҳиб ба таври васеъ тасвир шудааст.

Ҳамчунин, Соҳиб ба монанди дигар нависандагон мактубҳои худро бо дуо ва ҳамди Паёмбар (с) оғоз карда, баъд номи амир ва ё шахсеро меорад, ки мактуб барои вай навишта шудааст. Сипас мактуб ба кадом мавзӯъе бахшида шуда бошад, оид ба он сухан мекунад ва агар дар мавзӯи таҳният ва ё футӯҳот бошад, онро бо таманниёт ва дуо барои амир ва ё дигар қаҳрамони он воқеъа ба итмом мерасонад.

Чунонки қаблан зикр гардид, мактубҳои Соҳиб дар пояи баланди нависандагӣ қарор дошта, бо истифода аз санъатҳои гуногуни лафзиву маънавӣ ба қалам омадаанд. Ин навъ осори Соҳибро метавон аз рӯи мазмун ва муҳтаво ба мактубҳои ихвонӣ, сиёсӣ ва таърихӣ тақсим намуд.

*1.Мактубҳои ихвонӣ:* Аз мутолиа ва баррасии мактубҳои Соҳиб бармеояд, ки ағлаби он ихвонӣ буда, мавзӯъҳои таҳният, даъват ба базму шабнишинӣ ва тамоми амалҳоеро, ки боиси дӯстӣ, меҳру

муҳаббат ва якдигарфаҳмӣ мешавад, дар худ ғунҷонидааст. Аз ҷумла, Соҳиб ба яке аз дӯстонаш номаи шодбошӣ навишта, дар он хурсандии худро нисбати ба интиҳо расидани моҳи рамазон иброз дошта, вайро ба фарорасии айёми шароб ва хушгузаронӣ табрик менамояд! Чунонки навишта:

«Ғадан йо саййидӣ йанҳасиру-с-сиёму ва татибу-л-мудому. Фалобудда мин ан нуқима асвоқа-л-унси нофиқатан ва наншуру аълома-с-сурури хофиқатан фаби-л-футуввати фаиннаҳо қасамун ли-з-зуррофи йуфризу ҳусна-л-исъофи» (4,III,286).

(Яъне: Эй хоҷаам, пагоҳ рӯза ба итмом мерасад ва бода хуш мешавад. Пас бояд бозори унс барпо дорем, то ривоҷ ёбад ва парчами шодмонӣ барафрошта созем, то намоён гардад. Пас бояд аз пайи ҷавонмардӣ буд, зеро он аз хисоли зарифон аст, ки накӯкориро бар дигарон фарз мегардонад…).

Дар ин мактуби Соҳиб метавон нахуст ба ҳусни зоҳирии калом назар кард, ки дар ҳар ҷумлаи он санъати лафзиву маънавӣ истифода шуда, бахусус, маҷоз, ки яке аз муҳимтарин воситаҳои каломи бадеъ аст.

Мактуби дигари ихвонии Соҳиб ба яке аз наздиконаш навишта шудааст, ки дар он тасвири маҷлиси бода ва хушиҳои он аст. Соҳиб бо ҳунари нависандагии худ манзараеро тасвир намудааст, ки он дар зеҳни хонанда як олами дигареро ба вуҷуд меорад. Чунончи:

«Наҳну ва ҳайотука фӣ маҷлисин роҳуҳу йоқутун ва нуруҳу дуррун ва норанҷуҳу заҳабун ва нарҷисуҳу динорун ва дирҳамун ва йаҳмилуҳо забарҷадун ва алсинатуҳ-ул-идону тухотибу-з-зуррофа, биҳалумма ила-л-аҳдоҳи, локиннано биғайбатика каъикдин уййибат воситатуҳу шабобин ухизат ҷиддатуҳу фауҳиббу ан такуна илайно асраъу мина-л-мои финҳидориҳи ва-л-қамари фӣ мадориҳи» (5,III,244).

(Яъне: Мо, савганд, дар маҷлисе ҳастем, ки шароби он ёқут, чароғи он дур, анори он тилло, наргиси он динору дирҳам аст, ки бар табақи забарҷад ниҳода, забони хубрӯён зарифонро хитоб мекунад, ки: «Ҷомро бардоред». Вале чун ту нестӣ, мо мисли марҷонем, ки ришта надорад ва монанди ҷавонием, ки шаҳди он рафтааст. Хеле мехостем, ки зуд ба назди мо биёӣ, зудтар аз он, ки об аз боло ба суръат поён мешавад ва моҳ дар меҳвари худ давр мезанад).

Соҳиб дар мактуби дигар, яке аз дӯстонашро ба базми дӯстӣ ва унсу тараб даъват намуда, ҳолати маҳфил ва ё он шаби бодаро бо як санъати баланди суханофарӣ тасвир ва бо истифода аз санъати истиора чунин баён мекунад:

«Наҳну ё саййидӣ фӣ маҷлисин ғунния илло ъанка, шокирун

илло минка. Қад тафаттаҳат фиҳи уйуну-н-нарҷиси ва таваррадат фиҳи худуд-ул-бунафсаҷи ва фоҳат маҷомир-ул-утруҷи ва фатақат форот-ун-норанҷи ва антақат алсинат-ул-идон ва қома хутабоу-л-автори ва ҳаббат риёҳ-ул-ақдоҳи ва нафақат суқ-ул-унси ва қома муноду-т-тараби ва талаъат кавокибу-н-нудамои вамтаддат само-ун-нидди» (4,III,286).

(Яъне: Эй ҷаноб, мо дар маҳфиле ҳастем, ки аз ту бениёзӣ нест ва шукри ту нотамом аст. Дар ин маҳфил чашмони наргис кушодаву гунаҳои бунафша сурх, бӯйи ҳандала ҳама ҷойро фаро гирифтаву анор дандон кафонида, шохаҳо забон баровардаву хатибони навдаҳо дар сурудан, боди насим вазидаву бозори унс гарм, фарёди тараб боло шудаву ситораи надимон дурахшида, осмони дӯстӣ соф гаштааст).

Зимни баррасии мактуби мазкур метавон гуфт, ки дар калимаву ибораҳои «чашмони наргис», «гунаҳои бунафша», «хатибони навдаҳо», «шохаҳо забон баровардa», «бозори унс», «фарёди тараб», «ситораи надимон», «осмони дӯстӣ» санъати истиора мавриди истифода қарор гирифтааст.

Аз ин калимот равшан аст, ки Соҳиб дар хурдтарин ҷузъиёте, ки аз зиндагӣ мегирад, шеваи тафсир ва баёни ҳунармандонаро барои шарҳу тавзеҳи он мавриди истифода қарор медиҳад.

*2. Мактубҳои таърихӣ:* Дар миёни мактубҳои Соҳиб номаҳое низ вуҷуд доранд, ки арзиши таърихӣ ва сиёсиро доро мебошанд, зеро дар онҳо мавзӯъҳои таърихӣ ва сиёсии замони Бувайҳиён инъикос гардидааст. Аз ин лиҳоз, метавон онҳоро мактубҳои таърихӣ ва сиёсӣ ном ниҳод. Дар ин навъи мактубҳо муаллиф ҷавонмардӣ, заракӣ ва истеъдоди ҳарбӣ ва сиёсии амирону вазирони бувайҳиро васф намуда, пойдорӣ ва ғолибияти ҷанговарону лашкариён ва ҳолатҳои сангарро ба пуррагӣ тасвир намудааст.

Масалан, дар яке аз мактубҳояш ҷанговарон ва афсарони лашкари Муаййидуддавларо, ки бо сипоҳиёни Фахруддавла ва ҳампаймони ӯ Қобус ибни Вушмгир меҷангиданд, тавсиф намуда, ҳунар ва истеъдоди сиёсиву идорӣ ва хислатҳои ҷавонмардии амирро мадҳ карда, чунин навиштааст:

«Аҳсану ниъамиллоҳи таъоло ғураран ва авзоҳан абйануҳо фалақан ва сабоҳан ва авлоҳо из тасаффаҳати-л-мавоҳибу ахзан биҳаззи-с-собиқи ва авлоҳо изо татаббаъати-л-манoиҳу фавзан бил-иззи-ш-шоҳиқи ва аҳроҳо би ан таснийа ъалайҳо-с-санату ва-л-аййому ва-л-лаёлӣ ва таснийа илайҳо аъноқ-ул-маҳомиди ва-л-маъолӣ ниъматун содафат ҳамдан ва шукран. Ва ҷамаъат фатҳан ва насран ва назмат наҷҳан ва қаҳран ва истазаллат мумтатийан ли-л-ҷуҳуди

лоҳийан ан ғавратиҳи мусташрийан фи-л-ғумути ъодийан ли тавриҳи. Ва тилка-н-ниъмату ъинда мавлона-л-малик-ус-сайиду Азудуддавла ва тавағғаҳа-л-миллата ва ҳараса-л-уммата ва заҳзаҳа-л-ғуммата ва рафада-л-хилофата ва басата-л-адла ва-р-раъфата ва таҳҳара-л-билода ва амара-л-ҳаҷҷа ва-л-ҷиҳода ва соса-л-ҷумҳура ва садда-с-суғура фашуҳидат фатҳуҳу бианнаҳу муаййадун мин индиллоҳи ло йунозиъу раъйаҳу мунозиун илло талла лиҷабаниҳи ва уҷила биқатъи ватиниҳи ва ло йумониу ройатаҳу мумониъун илло ғуллат йадуҳу дуна матлабиҳи уқтутиъа амадуҳу ан маҳрабиҳи ва лам йауз-за би-т-таҳассуни ъалайҳи мориқун ва-т-таманнуъу дунаҳу муштоқун муфориқун илло иставло ъафван ъало ғойоти иҳтийолиҳи...» (3,V,660).

(Яъне: Беҳтарин, равшантарин, авлотарин ва муқаддамтарин неъмати Худо, ки миёни дигар бахшишу атоҳо афзалият дорад ва шоистаи он аст, ки сол шабу рӯзи худро баҳри он сарфа кунад ва сари бузургзодагону фарҳехтагон назди он фуруд ояд, ҳамон аст, ки пайвастаи ҳамду сано бошад ва баҳаморандаи фатҳу фирӯзӣ бошад… Ин ҳамон неъмат аст, ки мавлоямон хоҷа малик Азудуддавла онро дорост, чунки мамлакатро мустаҳкам намуд, миллатро раҳнамун сохт, умматро бонӣ кард, заҳматро аз байн бурд, хилофатро ба даст гирифт, адолату меҳрубониро паҳн намуд, кишварро пок сохт, ҳаҷҷу ҷиҳодро бунёд кард, мардумро идора кард ва марзу бумро пос дошт. Ин пирӯзии ӯ гувоҳи он аст, ки ӯ муайяд аз ҷониби Худо аст, раъйи ӯро касе хилоф намекунад ва агар мухолифат варзад, гарданаш бурида хоҳад шуд. Ҳар кӣ бар хилофи ӯ хест, бар ҳадаф нарасад ва ҷойи гурез наёбад, касе аз ӯ халос шуда натавонад ва душмани ӯ дифоъкунандае надорад, танҳо ба бахшишу авфи ӯ…).

Соҳиб, дар таълифи ин мактуб ҳақиқатан ҳам ҷиҳати шакл ва истифодаи калимот ва ҳам ҷанбаи маънавиро ба эътибор гирифтааст, чунки ҳамаи калимаҳое, ки мавриди истифода қарор гирифтаанд, ҳам аз лиҳози нутқу равонӣ ва ҳам аз ҷиҳати истифода серистеъмол мебошанд.

Ҳамин тавр, баррасии мактубҳои Соҳиб ибни Аббод бори дигар адиби соҳибсабк ва дорои шеваи хос будани ӯро ба субут мерасонад. Соҳиб дар ин қисми осораш тавонистааст, ки тарзу услуб ва маҳорати баланди нависандагии пешгузаштагонро риоят намуда, осореро ба ҷой гузорад, ки сармашқи нависандагони баъдина гардид. Вай бо назардошти корбурди санъатҳои лафзиву маънавӣ ва дигар аносири бадеӣ, мазмун ва муҳтавои номанигориро ба эътибор гирифта, дар нигориши мактубҳо ва ё худ номаҳо муваффақ шудааст. Лозим ба таъкид аст, ки мактубҳои Соҳиб дорои шакл ва қолаби маҳдуд

ва ё мазмуни махсус набуда, дар мавзӯъҳои гуногуни адабӣ, ахлоқӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва ғайра навишта шудаанд. Дар баробари ин, бояд таъкид намуд, ки аз муҳтавои мактубҳои Соҳиб метавон аз таърих, расму ойин ва дигар анъанаҳои тоисломии мардуми эронитабор огоҳӣ пайдо намуд.

**Пайнавишт:**

1. Броккелман, Карл. Таърих-ул-адаб ал-арабӣ /Нақалаҳу ила-л-арабияти Абдулҳалим ан-Наҷҷор. -Ҷ.1-5. -Қоҳира, 1965.
2. Зуҳайрӣ, Маҳмуд Ғановӣ. ал-Адабу фӣ зилли бани Бувайҳ. -Қоҳира: Матбаъат-ул-амона, 1368/1949. -325с.
3. Зайф, Шавқӣ. Таърих-ул-адаби ал-арабӣ аср-уд-дували ва-л-аморот. -Ҷ.5. -Қоҳира: Дор-ул-маъориф, 1119.-684с.
4. Саолибӣ, Абумансури Нишопурӣ. Ятимат-уд-даҳр фӣ маҳосини аҳли-л-аср. -Ҷ.1-7. Таҳқиқу Муфид Муҳаммад. -Байрут: Дор-ул-кутуб ал-илмия, 2000.
5. Саолибӣ, Абумансури Нишопурӣ. Ятимат-уд-даҳр фӣ маҳосини аҳли-л-аср. -Ҷ.3. -Байрут: 1420.
6. Фаҳеҳӣ, Алиасғар. Оли Бувайҳ ва авзои замони эшон ё намудоре аз зиндагии мардуми он аср. -Гелон, 1357.

# ТАРҶУМА ВА САРЧАШМАШИНОСӢ

***Абӯабдурраҳмон Суламӣ***

## ОДОБИ ҲАМНИШИНӢ БО УСТОДОН ВА ҲИФЗИ ҲУРМАТИ ОНОН[1]

Бидон, Худованд туро дар пайравии ҳақиқат муваффақ созад, ки Парвардигори баландмартаба бо сухани зерини хеш хурдонро бар пайравии бузургон ва фарогирии одоби онон супориш намудааст: «Дунболаи роҳи касеро бигир, ки ба сӯи Ман бозгаштааст» – яъне, касе, ки тамоми хоҳишоти худро раҳо намуда, сӯи Ман рӯй овардааст ва бо одобе, ки ӯро бар фарогирии он муваззаф намуда будам, хештанро оростааст.

Пайғомрасони илоҳӣ фармуда: «Ҳар кӣ бар хурдони мо раҳм наёвараду бузургонамонро эҳтиром нагузорад, аз мо нест». Мурод аз раҳм овардан бар хурд, ӯро бар омӯзиши адаб водор сохтан аст ва манзур аз ҳурмату эҳтироми бузург, муомилаи хуб ва бо ҳусни адаб бар хидматаш истодан мебошад.

Чун бар (аҳволи) сӯфинамоҳии рӯзгорамон, ки танҳо бар худоройӣ бо либоси ин тоифа ва пайравӣ аз осонгириҳои онон басанда карда, (пойбандӣ бар) заруратҳои ин маслаки дурусту устуворро аз даст доданд, эҳтироми устодону бузургонашонро як сӯ гузоштанд, аз марду-

[1] Тарҷума аз рӯи матне сурат гирифта, ки дар «Маҷмӯаи осори Абӯабдурраҳмон Суламӣ» (ҷилди 3, саҳ.105-119) таҳти унвони «Адабу муҷолисати-л-машоихи ва ҳифзу ҳурумотиҳим» ба табъ расидааст. Рисола аз ҷумлаи он таълифоти донишмандони тоҷик аст, ки дар аҳди Сомониён бо забони арабӣ ба қалам омадаанд. Рисола аз арзиши дастуриву ахлоқии хоса бархурдор аст ва шояд бори аввал бошад, ки ба забони форсии тоҷикӣ тарҷума меёбад.

ми авом дархости пайравӣ карданд, бозпурсии хештанро дар баробари ҳақоиқи аҳвол ва фарогирии ахлоқу кирдори устодонашон тарк намуданд, нигаристам, (бисёр зарур донистам ва) дӯст доштам, то фаслҳое фароҳам оварам, ки дар онҳо роҳҳои эҳтироми устодонро баён дорам, то касе, ки дар риояти ҳуқуқи онон кӯтоҳӣ менамудааст, кӯтоҳияшро дарёбад ва оне, ки дар ин ҷода муваффақ аст, ба мӯҷиби тавфиқе, ки Худованд барояш арзонӣ доштааст, забони шукр бознамояд.

Худованд, номаш баланд бод, ёрони Пайғамбарро (с) бар гиромӣ доштан ва эҳтироми эшонро ҳифз намудан амр карда, мефармояд: «Эй мӯъминон, овозҳои худро аз овози Пайғамбар баландтар насозед ва чуноне ки ҳамдигарро бо садои баланд садо мезанед, бо ӯ баланд ҳарф назанед, ки (мабодо) корҳоятон нобуд шавад ва шумо бехабар монед».

Дӯстони Худо ҷонишинони пайғамбаронанд. Аз ин рӯ, ҳар кӣ ҳурматиононро риоя нанамояд, аз маслаки ҳурмати анбиё маҳрум хоҳад монд. Зеро ҳар гоҳ Худованд бандаеро дар хидмати (роҳи) худ шоиста бинад, ҳифзи ҳурмати Пайғамбарро (с) ба ӯ ато менамояд. Чунин банда наметавонад ҷуз бо нигоҳ доштани ҳурмати ҷонишинони ӯ, ки дӯстони Худо ва уламои раббонии ин умматанд ва бо ахлоқу одоби онон хешро оростаанд, бар ҳифзи ҳурмати ӯ мушарраф гардад. (Агар чунин адабро риоя намуд), баракати назару меҳрубониҳои эшон ба ӯ мерасад ва ба сабаби он бар мартабаи шинохти ҳурмати Пайғамбар (с) ноил мегардад. Танҳо ҳамин неъмат аст, ки ӯро бар мақоми ҳусни риояти авқоти хеш дар қиём бар хидмати сарвараш восил месозад.

Фузайл ибни Иёз фармуда: «Яке аз нишонаҳои поёни дунё ин аст, ки аз дили хурдон ҳурмати бузургон бардошта мешавад, аз онҳо пайравӣ намекунанд ва бо роҳи онон намераванд».

Сарии Сақатӣ (рҳ) гуфта: «Чун имон дар қалби бандае устувор гардад, ҳурмати авлиёро ба бор меоварад».

Абулаббос ибни Ато фармуда: «Банда бастаи ду ҳолат аст: Бузург доштани ҳуқуқи Худо ва қиём бар хидмати дӯстони Худо. Бояд донист, ки аз қалби ҳар кӣ ҳурмати дӯстони Худо бияфтад, бузург доштани ҳуқуқи Худо дар чашмонаш хурд сохта мешавад».

Ҷунайд (рҳ) гуфта: «Ҳар кӣ дӯст дорад, ки барои Худо эҳтиром карда шавад, аммо (худ) бандагони Худоро барои Ӯ эҳтиром наменамояд, (ҳушёр бошад, ки) ин аз аломатҳои нифоқ аст».

Абӯабдуллоҳ ибни Ҷало фармуда: «Бар банда, пас аз маърифати Худо ва пойбандӣ бар супоришҳои Ӯ, ҳеҷ чиз муҳимтар аз шинохти ҳаққи касе, ки бар ӯ роҳи маърифати Худоро шиносонидааст ва онон

дӯстону баргузидагони Парвардигоранд, нест».

Иброҳими Хаввос гуфта: «Банда танҳо пас аз ба дӯстону муҳиббони Худо хидмат намудан, ҳаловати хидмат бар (роҳи) Худоро дармеёбад. Зеро баракати хидмати дӯстони Ӯст, ки ба банда ҳаловати хидмати сарварашро мечашонад».

Марде ба Юсуф ибни Ҳусайн гуфт: «Дар устодони худро ҳурмат намудану бар хидматашон кӯшидан бароямон чӣ фоида аст?» Гуфт: «Инро аз Зуннун пурсидам. Ӯ дар посух фармуд: «Барои касе, ки хоҷаатро шинохтаву дар хидматаш камар бастааст, шоиста аст, ки ходим бошӣ. Он гоҳ, ки ту қадри зинаи поёнтаринро намешиносӣ, ба зинаи баландтарин намерасӣ».

Юсуф афзуда: «Зуннун ба ман гуфт: «Худованд дар зарфи қалби дӯстонаш сирре аз асрори хешро ба амонат гузоштааст. Ҳар кӣ он сирро мушоҳида нанамояд, ҳамоно он аз кӯрии чашми дилаш аст. Аммо касе, ки мушоҳидааш намояду онро гиромӣ надорад, он аз заъфи дини ӯст».

Абӯҳафси Нишопурӣ гуфта: «Бар банда ҳатмист, ки бо оммаи мардум бо шарти саломату амният, бо солеҳон бо ҳусни суҳбат, бо ҳакимон бо ҳусни фаҳм ва бо авлиёву бузургон бо ҳусни ҳурмату эҳтиром муоширaт намояд».

Абӯабдуллоҳи Набоҷӣ ба яке аз ёронаш гуфт: «Вақте ки бо Худо зинда нагардӣ ва бо касе, ки бо Худо зинда гардидааст, дӯстӣ нанамоӣ, пас кай зинда мегардӣ?!»

Абӯамри Зуҷоҷӣ фармуда: «Шумо зиндаро надида, чӣ гуна зинда мешавед?!».

Аз ҷумлаи одоби суҳбат ва шарти ҳурмати онон асрорашонро нигоҳ доштан аст. (Шогирд) набояд онро фош кунад ва танҳо он нақлҳоеро, ки дили шунавандагон пазируфта метавонад, баён намояд, то мабодо аз беогоҳӣ дар доми инкори онон бияфтанду ҳалок гарданд.

Дигар, суҳбати касеро, ки дар маслак ва эътиқод ба онон мухолиф мебошад, тарк намудан аст.

Дигар ин ки дар ҳамнишинӣ бо онон иродаашро дуруст созад, он гоҳ бо камоли адаб назди эшон нишинад ва он чи аз аҳволи онон шинохт ё нашинохт, бар онон инкор нанамояд. Ҳамчунин, (бо) гуфта ва кирдору ҳаракатҳои онон, ин гуна муомила намояд. Бидонад, ки бо як инкор, ки бар онон раво мебинад, кӯшишҳояш бекор мегардад. Бидонад, ки ӯро пазируфтани эшон, мояи наҷоташ аст ва рӯйгардониашон аз ӯ, сабаби ҳалок. Бидонад, ки аз дили ҳеҷ кас ҳурмати устодон намеафтад, магар ба сабаби беэҳтиромияш ба

ҳурмати Пайғамбар (с), ки он беэҳтиромӣ ба ҳурмати Худовандро дар пай дорад. Нишонаи уқубати ин манзалат, аз дили ӯ андохтани ҳурмати авлиё аст. Чаро, ки Пайғамбар (с) аз Худованд чунин нақл намуда: «Ҳар кӣ дӯсти Маро хор созад, ҳамоно дар баробари Ман бар мубориза бархостааст». Зеро ҳар кӣ нисбати авлиё беҳурматӣ намояд, нисбати Пайғамбар (с) беҳурматӣ намудааст ва ҳар кӣ нисбати Пайғамбар (с) беҳурматӣ намояд, нисбати Худованд беҳурматӣ намудааст ва (оқибат) аз ҳалокшавандагон хоҳад буд.

Асли ҳамаи ин аз худбинӣ, иззатҷӯӣ ва риёсатхоҳӣ назди мардум сарчашма мегирад ва мехоҳад аз пеши худ ба ҷое расад, ҳол он ки шоистааш нест. Ҳар кӣ роҳи расидан ба эҳтироми Пайғамбарро (с) ҷуз аз тариқи ҳурмати пешиниёну бузургон ҷӯяд, бар ҳифзи ҳурмати онон даст ёфта наметавонад ва ҳар кӣ роҳи расидан бар Ҳақро ғайр аз пайравии Пайғамбар (с) ва ҳифзи ҳурмати эшон биҷӯяд, аз дараҷаи расидан ба Ҳақ бозмеафтад ва аз баракати пайравии Пайғамбар (с) маҳрум сохта мешавад ва хору маҳрум умр ба сар мебарад.

Бидон, ки суҳбати авлиёву бузургон амри хатирест, ки ҷисму ҷон аз он таъсир мепазирад. Ҳар кӣ бо онон дӯстӣ намояд, бояд ки чун дӯстии Сиддиқ (рз) бо Пайғамбар (с) дӯстӣ варзад, ки ӯ бо Пайғамбар (с) на дар амри дин ва на амри дунё мухолифат нанамуд. Ба ҳамин хотир, Худованд ӯро ёри Пайғамбар (с) хонд. Он ҷо, ки фармуда: «Он гоҳ ки ба ёраш гуфт: «Андӯҳ махӯр, ки Худованд бо мост».

Дигар аз одоби суҳбат ва камолоти он ин аст, ки ҳамроҳи касе, ки бо устод дар усулу фурӯъ мухолифат дорад, дӯстӣ нанамояд. Зеро фурӯъ ҳосили усул аст. Сухани касе, ки мегӯяд: «Фалонӣ дар усул бо мо мухолифат надорад», туро нафиребад. Ҳамоно, мухолифати усул берун рафтан аз ҳақиқати тавҳид аст ва мухолифати фурӯъ бошад, саҳлангорӣ ба сунану одоб, ки аз он торикии дилу парешонии сир(р) ва бадрафтории аъзоҳои зоҳиру ботин бармехезад.

Дигар аз одоби ҳамнишинӣ бо устодон дар маҳзарашон кам гуфтану кам пурсидан аст. Инро бояд, ҷуз дар ҳоли ночорӣ ва ниёз, риоят намояд. Агар ту саволеро, ки муҳтоҷи ҷавобаш ҳастӣ, бипурсӣ, дар посухи ӯ суди пурсиданат бар ту падидор хоҳад гардид ва баракаташ бар ту хоҳад расид. Аммо агар саволеро, ки ба ҷавобаш ниёз надоштӣ ва муродат нишон додани илми худ буд, посухаш бар ту ҳуҷҷат хоҳад гардид ва баракаташ бар ту нахоҳад расид.

Дигар аз одоби ин боб он аст, ки аз устодаш дар мавриди ҷойгоҳ, ё рутба, ё болотар аз каломе, ки бо ӯ такаллум менамояд, афзунхоҳӣ нанамояд ва бар риёзати ӯ шикебоӣ варзад. Бояд бидонад, ки устод ба аҳволи ӯ аз ӯ донотар аст. Он чи ӯро бо он тарбия менамояд ва бар он

раҳнамоӣ месозад, барояш аз он чи бар ӯ пешниҳод медиҳад, беҳтар ва дар дунёву охират судбахштар аст.

Чун устодаш ӯро дар навозиш, ё дониш, ё тарбия аз байни ёронаш ихтиёр намояд, дар он худро зери сарзаниш қарор диҳад ва пиндорад, ки устод аз ӯ беадабӣ ё табоҳии нафсро дидааст ва ба ин сабаб, ӯро бар ин кор баргузидааст.

Дигар аз одоби шогирд дар ҳамнишинӣ бо устод ин аст, ки дар назди ӯ сустиродаву парешонхотир набошад. Бояд тамоми таваҷҷуҳ ва хотирааш бар он чи аз одобу ахлоқ ва авомиру навоҳии устод мебинаду мешунавад, равона бошад. Зеро агар дар суҳбати ӯ иродаву хотирааш қавиву сарҷамъ набошад, аз мартабаи фарогирии адаб аз маҳзараш поён хоҳад афтод.

(Дигар аз одоби ҳамнишинӣ) ин аст, ки бидуни рағбат назди устодон нанишинад, балки бо нияти (дарки) ифтихори ҳамнишинӣ ба эшон ва баракатҷӯӣ бо онон муҷолисат намояд. Дар ҳамнишинӣ аз адаб кор гирад ва на (ҳама) он чи устодон мекунанд, бикунад, балки онеро ба кор бандад, ки ӯро бар он амр мекунанд. Аз ахбори онон танҳо он андоза, ки қалби шунаванда пазируфта метавонад, баён дорад. Зеро устодонро асроре аст, ки шогирдон аз он огоҳӣ надоранд. Чун чизеро аз ахбори онон баён дораду шунаванда онро инкор намояд, мӯҷиби ҳалокати ӯ мегардад. Шогирд бар мақоми устод ҷуз пас аз гузашти солҳо намерасад. Оё намедонӣ, ки Пайғамбар (с) чунин фармуда: «Он гуна, ки маро мебинед, намоз гузоред», нагуфта, ки он гуна, ки намоз мегузорам, намоз гузоред. Зеро нотавонии ононро аз пойдорӣ дар ҳоле, ки ӯ қарор дошт, дарёфта буд. Аз ин рӯ, ононро бар зоҳири кори худ вогузошт».

(Дигар аз одоб ин аст, ки) бояд шогирд бо сафои ниййат ва дурустии иродат дар эҳтироми устод кӯшиш намояд. Агар чунин сифат дар ӯ сиҳҳат пазирад, барояш ишорае аз илми устод ва шаммае аз ҳикмати ӯ кифоят мекунад.

Ҳар кӣ дар хидмати устодон ва риояти эҳтироми онон муваффақ гардад, Худованд барояш рағбатро ба раҳбат, пойбандӣ бар гуноҳро ба тавба, ҳирсро ба қаноат, нолаву шикоятро ба сабр, хашмро ба ризоят, такаббурро ба тавозуъ, хориро ба иззат, исёнро ба яқин, инкорро ба маърифат, эърозро бо иқбол, заъфро ба нерӯ, ҳубби дунёро бар бениёзӣ аз дунё ва аҳли он, беқарориро ба оромӣ, танбалиро бар ғайрат, ғафлатро бар ҳушёрӣ, тадбирро бар тафвиз, хилофро бар мувофиқат, буғзро бар муҳаббат, парешонии иродаро бар сарҷамъии он ҷойгузин месозад ва ӯро то дараҷаҳое, ки онро ниҳояту ғояте нест, мерасонад.

Ин ҳама аз дурустии эътиқоди ӯ дар хидмати устодон ва гиромӣ доштани ҳурмати онон аст. Зеро касе, ки дар зоҳираш асари баракати адабомӯзӣ аз бузургон дида намешавад, чунин сифат бар харобии ботини ӯ далолат дорад. Ба ҳамин сабаб аст, ки Абӯҳафс гуфта: «Ҳусни адаби зоҳир, нишонаи ҳусни адаби ботин аст».

Ҳамоно Худованд фармуда: «Ҳар кӣ шаоири Худоро гиромӣ дорад, он аз нишонаҳои парҳезгории ботин аст». Гиромӣ доштани шаоир (марбут ба) зоҳир ва парҳезгории дилҳо (марбут ба) ботин аст. Туро аз ин огоҳ месозам, бидон, ки он чи аз баракат бар зоҳир намудор мегардад, аз баракати ботин аст. Анвори ботин аст, ки нишонаҳояш бар зоҳир намудор мегардад. Ба ҳамин мӯҷиб аст, ки ҳакиме фармуда: «Ботини ҳар кӣ сафо пазирад, зоҳиран нуронӣ мегардад». Ҳар кӣ аз суҳбати устоди насиҳатгӯ одобаш дуруст нагардад ва диданаш ӯро хушнуд насозад, ростагориро нахоҳад ёфт, агарчи бар ӯ зоҳиран нишонаҳои ростагорӣ мушоҳида гардад ва ӯ дар маҳалли макри илоҳиву истидроҷ қарор дорад.

Дигар аз заруратҳои суҳбат пайванду алоқа бо устодону бузургонро дар мисоли фарзандон, ёрон ва бародарони онон ҳифз намудан аст. Дар ин боб ривоят гардида, ки пиразане назди Пайғамбар (с) меомад ва эшон ӯро гиромӣ медоштанду дар баробараш бармехостанд. Чун дар ин бора аз эшон пурсида шуд, гуфтанд: «Ӯ дар айёми ҳаёти Хадиҷа назди мо меомад. Ҳамоно, некӯ нигоҳ доштани риштаи дӯстӣ, аз имон аст».

Ҳар кӣ бо одоби устодон худро орост ва эҳтироми ононро пос дошт, пешвое мегардад, ки бар ӯ пайравӣ мекунанд ва шогирдон аз ҳастияш баҳравар мегарданд. Аммо ҳар кӣ худро бузург гирад ва такаббур варзад, ҳалок мегардад ва ҳалок месозад.

Ҳар кӣ дар хидмати устодон бошад, ӯро набояд неъмате марғуб ё ранҷе ҷонкоҳ аз хидмати онон боздорад. Бояд шуғли ӯ, бидуни майл бар чизе, пойбандӣ бар хидмати эшон бошад, то ӯро баракати суҳбату хидмати онҳо ба роҳи расидан бар ҳақиқат восил созад. Ҳар кӣ бо иршоди ҳакими нексиришт пойбанди роҳи ҳақ гардад, ӯро ба каъбаи мурод мерасонад. Зеро чунин шахс ӯро бар наздиктарину осонтарини роҳҳо роҳнамоӣ менамояд. Ҳар кӣ гӯяд: «Дидани асбоб дар миёна, монеи вусул бар мусаббиб мешавад», хато мегӯяд. Зеро бузург доштани он чи Худованд бузург доштааст, воҷиб мебошад. Дар бузург доштани асбоб, вақте ки Худованд онро бузург доштааст, бузургдошти Ӯст. Ҳамоно, он чи аз Ӯст, бузург аст. Фаромӯш набояд кард, ки ашё танҳо ба хотири интисоб бар мо хурд ҳисоб мешаванд.

Ривоят шуда, ки нафаре Ҷунайдро дар хоб дида, аз ӯ пурсид:

«Худованд бо ту чӣ кард?» Гуфт: «Он ишорат ҳама нобуд гардид, он иборат нопадид шуд, он русум барбод рафт ва он улум суде накард. Танҳо чизе, ки ба мо суд овард, ракаоте буд, ки дар поёни шаб анҷом медодем». Худо аз ӯ хушнуд бошад, (бо ин) аз роҳи сабаб хабар дода, то касе, ки асбобро нодида мегирад, бар фиреб наяфтад, зеро Худованд онро раҳнамову чароғи роҳ қарор додааст.

Ҳамоно, касе, ки асбобро (мурод устодон) бузург дошт, бо баракати онон зиндагӣ ёфт. Зеро онон зиндагон бо Ҳаққанд, на бо ҷону руҳҳои хеш. Зеро ҳамаи халқ мурдагонанд, магар касе, ки бо маҳбуби ҳамешазинда зиндагӣ ёфтааст ва Ӯ чунин бандаашро аз баракати ҳаёти ҷовидонии худ саршор сохта, ӯро бар роҳе, ки ба ҳаёти ҳақиқӣ ва зиндагии азалӣ мепайвандад, раҳнамоӣ менамояд.

Дар ин фаслҳое, ки бар силки таҳрир даровардам, аз баракати гиромӣ доштани устодон, нигоҳ доштани ҳурмати онон, худро бо ахлоқи онҳо оростан ва пойбанди эҳтироми эшон будан сухан намудам ва далели бадахтарии касеро, ки нисбати онҳо беҳурматӣ менамояд ё дар супоришҳову одобашон ба эшон мухолифат менамояд, низ марқум доштам. Аз Худованди баландмартаба мепурсам, ки моро дар риояти он чи ёд намудем, тавфиқ арзонӣ фармояд.

*Тарҷумаи Фахриддин Насриддинов*

***Оизи Қаранӣ***

# ЛАБХАНД БИЗАН[1]

Марде ба аёдати беморе рафт ва аз бемор пурсид: Иллати ту чист? Гуфт: Дарди зону.

Мард фармуд: Ҷарир як байт фармудааст, ки мисраи аввалаш аз хотирам рафта ва мисраи дуюмаш ин аст: «Зонудардро давое нест!». Бемор гуфт:

Эй кош, мисраи дуюмаш ҳам аз ёдат мерафт ва туро бо худ мебурд.

* * *

Содалавҳеро ба тӯй даъват карданд. Ҳамаи одамон машғули хӯрдан буданд ва ӯ бошад ба пардаҳое, ки дар девор овезон буд, менигарист. Ба ӯ гуфтанд: Туро чӣ шудааст, ки намехӯрӣ?

Гуфт: Ростӣ дар ин пардаҳои дароз дар тааҷҷуб мондаам, чӣ гуна аз ин дари хурд даромада бошад?!

* * *

Ҷуҳҳо аз назди гурӯҳе мегузашт ва дар остин шафтолу дошт. Аз онҳо пурсид:

Касе бар ман бигӯяд, ки дар остинам чист, калонтарин шафтолуро ба ӯ хоҳам дод?

Гуфтанд: Шафтолу.

Гуфт: Касе, ки ба шумо инро хабар додааст, нокасу аҳмақ аст.

* * *

Содалавҳе ба китфи худ кӯдаки сурхлибосеро нишонда ба кӯча баромад. Каме роҳ гашту фаромӯш кард, ки кӯдакро дар дӯш дорад. Касеро, ки вомехӯрд, мепурсид: Кӯдаки сурхлибосеро надидед?

Нафаре гуфт: Шояд болои китфат бошад?!

Мард сарашро бардошт ва кӯдакро торсакие заду гуфт: Эй нодон, магар ба ту нагуфта будам, ки агар ҳамроҳи ман бошӣ, маро тарк накун!!!

---

[1] Матн аз китоби «Ибтасим»-и донишманди муосир Оизи Қаранӣ (Риёз: Мактабату-л-абикон, 1426 ҳ.) интихоб ва тарҷума гардидааст. Китоби мазкур зарофатҳои ҷолиберо аз рӯзгори шоирон, амирон ва табақаҳои гуногуни ҷомеа дар худ дорад ва метавонад дар ташаккули робитаи адабӣ саҳмгузор бошад.

* * *

Абӯавн аз марде масъалаеро пурсон шуд. Мард гуфт: Хуб кардӣ, ки аз корафтода пурсидӣ! Ман ин масъаларо аз падарам пурсида будам, ба ман гуфта буд: Ин масъаларо аз бобоят пурсида будам, ӯ гуфта буд: Намедонам.

* * *

Ҷавоне қасидаҳояшро назди шоири бузурге овард, то ки шоир онҳоро бихонад ва фикрашро баён намояд. Шоир онро бихонд ва писандаш наомад. Ҷавон пас аз чанд рӯз омад, то фикри шоирро бишнавад. Шоир гуфт:

Оё касе туро ба марг таҳдид кард, то ту ин қасидаро бинависӣ? Гуфт: На. Гуфт: Пас, ягон узру ҳоҷате барои шеърнависият нест.

* * *

Исо ибни Мӯсои Ҳошимӣ аз назди Ҷуҳҳо мегузашт ва дид, ки ӯ дар биёбон ҷоеро мекобад. Пурсид: Эй Абӯғусн, чӣ кор мекунӣ? Гуфт: Ман дар ин саҳро дирҳаме пинҳон карда будам, аммо ҳоло ҷояшро намеёбам!

Исо гуфт: Охир, бояд ягон аломате бар он мегузоштӣ! Гуфт: Гузошта будам. Гуфт: Чӣ гуна аломат? Гуфт: Дар осмон абре буд, ки соя меафканд, аммо ҳоло он аломатро намебинам.

* * *

Туфайлӣ бо марде дар сафар ҳамроҳӣ намуд. Мард гуфт: Бирав ва бароямон гӯшт бихар!

Гуфт: Ростӣ, наметавонам.

Мард бирафт ва худ гӯшт харидорӣ намуд.

Гуфт: Бархез ва гӯштро бипаз!

Гуфт: Пухтупазро наметавонам.

Мард худ гӯштро пухт ва гуфт: Бархез ва таомро муҳайё кун. Туфайлӣ гуфт: Ман бемор ҳастам.

Мард таомро муҳайё карду гуфт: Таомро ба табақ бардор!

Гуфт: Метарсам, ки либосам олуда шавад.

Мард таомро ба табақ бардошт ва гуфт: Бархез ва бихӯр.

Туфайлӣ гуфт: Ба ростӣ аз мухолифат бо ту хеле шармам омад ва омаду таом бихӯрд.

* * *

Туфайлӣ назди ҳавлие омад, ки дар он тӯй баргузор буд. Ӯро

роҳ надоданд. Канортар бирафт ва як пои пойафзолашро ба остин гузошту яки дигарро ба даст гирифт ва дандонкоберо ба даҳон ниҳоду баргашт ва дарро кӯфт. Дарбон ба ӯ гуфт: Чӣ мехоҳӣ?

Гуфт: Лаҳзае пештар аз ин ҷо баромадам ва чоруқи худро фаромӯш сохтаам. Гуфт: Дарой. Туфайлӣ вориди хона шуд ва ҳамроҳи дигарон таом хӯрду рафт.

* * *

Марде назди яке аз фуқаҳо омаду пурсид: Вақте либосамро бадар кунаму барои шустушӯ ба дарё дароям, ба қибла рӯй оварам ё ба ҷои дигар?

Фақеҳ гуфт: Ба либосе рӯй овар, ки бадар кардаӣ.

* * *

Бахилеро пурсиданд: Чаро дарозгӯши ту ҳангоми ба манзил баргаштан худро ба нодонӣ мезанад ва каҷравӣ мекунад, ҳол он ки дарозгӯши дигарон саросемавор ба сӯи манзил равон мешаванд?

Бахил ҷавоб дод: Зеро ӯ аз оқибати бад огоҳ аст.

* * *

Кафши Омир ибни Абдуллоҳи Зубайриро дуздиданд. То охири умр пойафзоли дигаре нахост ва мегуфт: Дӯст надорам, ки пойафзоле бигираму шахсе онро бидуздад ва бо ин сабаб бадкор гардад.

* * *

Мӯсо ном аъробие ҳамён бидуздид, пас ба масҷид даромад, то намоз гузорад. Имом ояти «Ва мо тилка бийаминика йо Мусо» (Эй Мӯсо, он чи дар даст дорӣ, чист? – То Ҳо, 17) мехонад. Аъробӣ гуфт: Қасам мехурам, ки ту сеҳргар ҳастӣ ва ҳамёнро партофту фирор кард.

* * *

Шахсе қисса мекунад: Амаке шӯхтабъ доштам. Дар замони донишҷӯиям баъзан ба ӯ нома менавиштам, то ба ман 100 франк фиристад. Ӯ 10 франк мефиристод ва маро сарзаниш мекард, ки то ҳол илми ҳисобро хуб намедонӣ ва адади 10-ро бо ду сифр менависӣ.

* * *

Рӯзе Аъмаш хандакунон аз хонааш берун шуда, ба дӯстонаш гуфт: Оё сабаби хандаамро медонед? Гуфтан: На. Гуфт: Дар хона нишаста будам, духтаракам бар рӯям назар мекард, ба ӯ гуфтам: Эй дух-

таракам, чаро бар рӯям менигарӣ? Гуфт: Тааҷҷуб мекунам, ки чӣ гуна модарам ба шумо шавҳар кардааст.

* * *

Мутаваккил гунҷишкеро ба нишон гирифт, аммо тираш ба он нарасид. Ходимаш гуфт: Аҳсант!

Гуфт: Оё маро масхара мекунӣ, чаро аҳсант мегӯӣ! Гуфт: Аҳсант ба гунҷишк.

* * *

Мутаваккил ба Абӯайно гуфт:

Бузургтарин уқубате, ки аз нобиноият чашидӣ, кадом аст?

Гуфт: Эй Хоҷа!маҳрумӣ аз дидоратон.

Табъи халифа болида шуд ва ба ӯ бахшиши зиёд кард.

* * *

Шахсе гандум ба осиёбон бурд, то орд бикунад.

Осиёбон гуфт: Ман машғул ҳастам. Гуфт: Гандумамро орд кун, вагарна дарозгӯш ва санги осиёбатро дуои бад мекунам.

Гуфт: Магар ту мустаҷобуддаъва ҳастӣ?

Гуфт: Оре.

Гуфт: Пас, беҳтар он аст, ки дуо кунӣ, то Худованд гандуматро ба орд мубаддал созад.

* * *

Рӯзе Ҷуҳҳо ба дарозгӯшаш алафҳои хушк бор карда худ ба худ гуфт: Акнун мебинем, ки месӯзад ё на?! Пас, оташро ба он наздик бурд ва алаф аланга гирифт. Ҳаво хеле тасфон буд. Дарозгӯш аз гармӣ босуръат метохт. Ҷуҳҳо аз пасаш давид. Чун он нарасид, бо овози баланд гуфт: Агар ақл дорӣ, ба сӯи дарё битоз!!!

* * *

Содалавҳе 10 дарозгӯшро ҷое мебурд. Ба якеаш савор шуда шуморид, ки 9 сар дарозгӯш аст. Пас, поён фаромад ва шуморид, ки 10 сар аст. Ба худ гуфт: Пиёда рафтан ва як дарозгӯш бурд кардан, беҳ аз он аст, ки савора биравам ва 1 дарозгӯш аз даст диҳам. Ҳамин тавр то деҳа қадамзанон бирафт, қариб буд, ки нобуд бишавад.

*Тарҷумаи Нӯъмонҷон Неъматов*

*Ориф Навшоҳӣ*[1]

# САРЧАШМАҲОИ МАЪРИФАТИ ХОҶА УБАЙДУЛЛОҲИ АҲРОР

Маърифати орифи номвари қарни нуҳум Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор ба сарчашмаҳои муътабар ва тирози аввал ниёз дорад. Аз ин рӯ, ин ҷо ба баррасии умдатарин манобеъ мепардозем.

**1. «Нафаҳот-ул-унс мин ҳазароти-л-қудс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ.** «Нафаҳот-ул-унс»-и Ҷомӣ нахустин маъхаз дар бораи Аҳрор мебошад ва дар ҳини зиндагии Аҳрор дар байни моҳҳои муҳаррам ва шаъбони 883/1478 ба такмил расидааст.

Сартосари китоб ихтисос ба шарҳи ҳоли бузургони даргузашта дорад, илло Аҳрор. Ҷомӣ иллати онро чунин баён мекунад: «Ин фақир…чандонки бо худ андеша кард, аз худ дарнаёфт, ки хотирро бар он қарор тавонад дод, ки ин маҷмӯа (Нафаҳот), ки мақсуд аз ҷамъи он зикри маориф ва нашри маноқиби ин тоифа (урафо) аст, аз зикри эшон (Аҳрор) холӣ бошад» (20, 410).

Ҷомӣ нахуст ишорае кӯтоҳ ба мақоми волои Аҳрор ва муридони ӯ дар силсилаи хоҷагон намуда ва сипас аз рисолаи «Фиқрот»-и Аҳрор ва масмӯоти худ суханоне чанд нақл кардааст. Вай ҳеҷ мубодирате ба забти шарҳи ҳоли Аҳрор наварзидааст. Зоҳиран, Ҷомӣ ин корро пеши Аҳрор густохӣ тасаввур мекард. Аммо дар зимни шарҳи ҳоли Мавлоно Яъқуби Чархӣ, чигунагии мулоқотҳои Аҳрор ва Чархиро аз қавли Аҳрор баён кардааст (20, 403-404).

**2. «Насоим-ул-муҳаббат мин шамоими-л-футувват»-и Алишер Навоӣ.** Мир Алишер Навоӣ (841 ё 844 - 906/1437 ё 1440 - 1501) дар «Насоим-ул-муҳаббат мин шамоими-л-футувват» шарҳи ҳоли Аҳрорро овардааст. Ин китоб ба забони туркӣ-чағатоӣ дар шарҳи ҳоли урафо таълиф шудааст. Дар тарҷумаи аҳволи Аҳрор муаллиф аз «Нафаҳот-ул-унс»-и Ҷомӣ ва иттилооти шахсӣ истифода кардааст ва ба нукоти зер ишора дорад: мавлиди Аҳрор, насабномаи модарии ӯ, иштиёқи ӯ ба мулозимати машоихи вақт, асомии бархе машоих, ки Аҳрор ба хидмати онон расида буд, молу матои беҳадду ҳисоби ӯ, нуфузи ӯ бар подшоҳони Мовароуннаҳру Ироқ ва Озарбойҷону Хуросон ва Руму Миср ва Хитову Ҳинд, илтифоту мукотибати ӯ бо муаллифи китоб, таърихи вафот (Навоӣ дар ин китоб синни Аҳрорро шаш моҳ камтар аз навад сол ва

---

[1] доктори забон ва адаби форсӣ (Покистон)

соли реҳлати вайро 894/1489 навиштааст (саҳ.257), ки дуруст нест. Аҳрор дар 895/1490 вафот ёфтааст), номи баъзе муридони ӯ.

**3. «Силсилат-ул-орифин ва тазкират-ус-сиддиқин»-и Муҳаммад Қозии Самарқандӣ.** Мавлоно Муҳаммад ибни Бурҳониддин ибни Хоҷа Муҳаммадризо, маъруф ба Муҳаммади Қозӣ, чун падараш аз ҷумлаи хосони Қозӣ Имодуддин Мискини Самарқандӣ буда, ба Мавлоно Муҳаммади Қозӣ машҳур шуд (Назари Ғуломсарвари Лоҳурӣ дар «Хазина-ул-асфиё», ҷ.1, саҳ.598 дуруст нест, ки Мавлоно Муҳаммад аз тарафи султон бар мансаби қазо маъмур шуда буд). Ӯро баъд аз таҳсили улум, талаби сулуки роҳи Худо шуд ва ба ин доия азимати Хуросон кард ва аз Самарқанд баромад. Дар роҳ бо Хоҷа Аҳрор мулоқот воқеъ шуд. Аҳрор пурсид: «Куҷо меравед?» Мавлоно Муҳаммад гуфт: «Ба Хуросон». Аҳрор боз пурсид: «Ба доияи таҳсил ё доияи дигар?» Касе, ки ҳамроҳи Мавлоно Муҳаммад буд, гуфт: «Ӯро (Мавлоно Муҳаммад) доияи дарвешӣ бештар аст». Аҳрор гуфт: «Соате таваққуф кунед». Ва худ ба тарафи боғ рафт ва пас аз соате ду нома баровард. Дар яке Мавлоно Муҳаммадро ба Хоҷаи Калон, писари Мавлоно Саъдуддини Кошғарӣ супурд ва дар дигаре барои ӯ тариқаи сулук ва варзиш нисбати силсилаи нақшбандия навишт ва ҳар ду нома ба Мавлоно дод (Дар Таърихи Рашидӣ, саҳ.379-380 матни номаи дувум нақл шудааст). Бо вуҷуди ин, Мавлоно Муҳаммадро доияи сафари Хуросон кам нашуд ва аз Аҳрор рухсат ҳосил кард ва мутаваҷҷеҳи Хуросон шуд. Дар роҳ вақоее рух дод, ки барои Қозӣ идомаи роҳ мутлақан муяссар нашуд. Қозӣ баргашт ва ба мулозимати Аҳрор мушарраф шуд ва муддати мадид хидмати табхи хосаи Аҳрорро мутасаддӣ буд. Рафта-рафта ӯро тақарруби тамом пайдо шуд ва дар ҷамеи умур маҳрами Аҳрор шуд. Алтофи Аҳрор ба ҳоли ӯ ба он ҳад расида буд, ки боиси ҳасади асҳобу фарзандони Аҳрор шуд. Мавлоно Муҳаммадро малолате рӯй дод ва боз доияи Хуросон кард ва тасмим гирифт, ки дар хидмати Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ сулукро тамом кунад. Аҳрор ӯро талвеҳан аз ин сафар манъ кард. Аммо ӯ бидуни иҷоза ба Хуросон рафт ва шаш моҳ дар Хуросон монд. Дар он ҷо ҳамвора дар ҳамсуҳбатӣ ва мулозимати Мавлоно Ҷомӣ будааст. Аммо майли мулозимат бо Аҳрор чунон ғалаба карда буд, ки боз дар 885/1480 дар Тошканд ба хидмати ӯ расид. Аҳрор аз хатои ӯ чашм пӯшид ва ба навъе алтоф намуд, ки ҳаргиз дар тасаввури Мавлоно Муҳаммад набуд. Баъд аз он Қозӣ то вопасин нафаси Аҳрор дар сафару ҳазар дар хидмати ӯ будааст. Аҳрор басе хидматҳо бар уҳдаи Қозӣ гумошта буд. Тақарруби ӯ ба Аҳрор ба ҳадде расида буд, ки бузургони аср ба висотати ӯ ба Аҳрор наздик мешуданд. Чунонки султон Маҳмудхон тавассули Муҳаммади Қозӣ ихтиёр карда

буд (18, 182). Дар воқеаи сулҳ миёни Мирзо султон Маҳмуд ва султон Аҳмад ва Мирзо Умар, ки бо талошҳои Аҳрор ба амал омада буд, Аҳрор Муҳаммади Қозиро бо худ ба Шоҳрухия бурд ва сулҳномаро Муҳаммади Қозӣ таҳрир кард (18, 250).

*Сабаби таълифи «Силсилат-ул-орифин ва тазкират-ус-сиддиқин».* Муҳаммади Қозӣ аз 885/1480 то 895/1490 дар хидмати Аҳрор будааст. Вай хидмат дар маҳзари Аҳрорро чунин васф кардааст: «Муддате қариб ба дувоздаҳ сол дар тариқи қавим ва сабили мустақими он ҳазрат бо муътакифони остони иродат ва мулозимони ҷаноби маваддат ҳамкоса…будам ва хӯшачинии хирмани саодати ӯ мекардам ва ба қадри қобилияту истеъдод маорифи тоза ва аворифи беандоза иктисоб менамудам ва осори вилояту хасоиси каромат аз он ҳазрат мушоҳида мекардам» (7, 4).

Аҳрор қабл аз марг ба Муҳаммади Қозӣ ишора кард, ки «ҳеҷ чиз нанависӣ, (аммо) вақоее, ки миёни мо ва Хоҷа Мавлоно (Муҳаммади Қозӣ дар бораи «Хоҷа Мавлоно» тавзеҳи бештаре нанододааст. Зоҳиран, Хоҷа Мавлоно фарзанди Исомуддин ва ҳамон касе аст, ки мухолифи Аҳрор буда ва тарҷумаи аҳволи ӯ дар «Рашаҳот», ҷ.2, саҳ.544-549 омадааст) воқеъ аст, метавон навишт» (7, 6). Муҳаммади Қозӣ аз ин гуфтаи Аҳрор чунон истинбот кард, ки «баъзе аз анфоси нафиса ва алфози мутабаррика ва шаммае аз латоифи маориф ва аҳволу мақомоти шарифа ва каромоти аҷибаи эшон, ки аз мабдаъ то мунтаҳо бар эшон гузаштааст…дар қайди китобат орад» (7, 6).

*Таърихи таълиф.* Солҳо бар изҳори ин маънӣ гузашт. Дар ин ҳангом ноороми ҳое дар Мовароуннаҳр рух дод, ки мӯҷиби тафарруқаи хотирҳо ва озурдагии дилҳо шуд ва нигориши ин китоб ба таъхир афтод, то ин ки дар 916/1510 муаллиф ба ишорати Мавлоно Шайх (зоҳиран, ҳамон муаллифи рисолаи «Хавориқи одоти Аҳрор» аст), мутобиқи ҳамон сурате, ки вай (дар соли 895/1490) пеши худ тасаввур карда буд, корро шурӯъ кард (7, 9).

*Тақсиму тартиби матолиб.* Ин китоб бар муқаддима ва се фасл ва хотима шомил мешавад.

*Муқаддима:* Дар баёни тариқати маърифати Ҳақ субҳонаҳу ва эҳтиёҷи мурид ба мурод ва шароиту одоби шайху мурид ва вилояту валӣ ва анвои хавориқи одот.

*Фасли аввал:* Дар баёни мабодии аҳволи ҳазрати эшон ва силсилаи хоҷагон.

*Фасли дувум:* Дар баёни ҳақоиқу латоиф, ки дар хилоли маҷолис бар забони ҳақиқатбаёнашон гузаронидаанд.

*Фасли савум:* Дар хавориқи одот ва каромоти эшон.

*Хотима:* Дар баёни ахлоқу авсоф ва ҳикояти ин тоифаи алия (урафо).

Муаллиф дар дебоча дар зимни эътизор аз лағзишҳои қаламии худ менависад: «Ӯро (муаллиф) дар ин ҷамъ ҷуз шеваи тарҷумонӣ ва тариқаи суханронӣ нест. Чун ҳар чӣ бар забони ин фақир ҷорӣ мешавад, аз партави фаязони маърифат аст, ки аз мушкилоти вилояти он бузургвор (Аҳрор) муқтабас аст. Пас, ҳар чӣ ин заиф гӯяд, дар ҳақиқат гуфтаи ӯ бошад» (7, 11).

*Аҳамияти «Силсилат-ул-орифин».* «Силсилат-ул-орифин» яке аз аввалин ва муътабартарин маъхаз дар бораи Аҳрор аст, ки аз замони таълиф мавриди таваҷҷуҳи тазкиранависон ва муаррихон будааст. Кошифӣ дар «Рашаҳот» (тааҷҷубовар аст «Рашаҳот», ки дар 909/1503 таълиф шуда, чӣ гуна аз нигориши «Силсилат-ул-орифин», соли таълифаш 916/1510, хабар додааст (ниг. саҳ.378, 626) ва Мирзо Ҳайдари Дуғлот дар «Таърихи Рашидӣ» мукаррар аз ин китоб истифода ва иқтибос кардаанд. Мирзо Ҳайдар менависад: «Силсилат-ул-орифин» китобест дар ғояти хубӣ…, ки дар васфи он забон оҷиз аст» (18, 772).

Дар хонақоҳҳои тариқаи «Аҳрория» машоихи тариқат ин китобро мехонданд. Чунонки дар хонақоҳи Юнусмуҳаммади Сӯфии Марвӣ (ваф.961/1554), ки шаҷараи тариқати ӯ ба се восита ба Аҳрор мерасад, ин китоб хонда мешуд (2, 261). Матолибу ибороти «Силсилат-ул-орифин» ва «Малфузоти Аҳрор» гирдовардаи Мир Абдулаввал яксон аст. Агарчи Муҳаммади Қозӣ ба масмӯоти Мир Абдулаввал ишора накардааст, аммо Муҳаммади Қозӣ қатъан дар ҳангоми таълифи «Силсилат-ул-орифин» масмӯоти Абдулаввалро дар даст доштааст. Мутолиаи ин китоб барои шинохти авзои ирфониву сиёсӣ ва иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросон дар қарни нуҳуми ҳиҷрӣ бисёр судманд аст.

*Нусхаҳои хаттӣ.* Китоби «Силсилат-ул-орифин ва тазкират-ус-сиддиқин» то кунун чоп нашудааст. Бархе аз нусхаҳои хаттии он ба шарҳи зеранд:

1. Муаррахи зиқаъдаи 915/1509 (соли таълифи он дар баъзе нусхаҳо 916/1510 омадааст) ба қалами Амирӣ ибни Хоҷагӣ Низомии Балхӣ, дар Бухоро, 365 варақ.
2. Тошканд. Академияи улуми Ӯзбекистон. Шумораи 11413, садаи нуҳуми ҳиҷрӣ, 276 варақ (17).
3. Алигарҳ, Донишгоҳи исломӣ, китобхонаи Озод, захираи Ҳабиб Ганҷ, шумораи 21/75 H.G. настаълиқи маъмулӣ, 934/1528, 292 варақ (9).

4. Туркия, Мағнисо (Manisa), китобхонаи Мағнисо, шумораи 1/166 настаъликӣ хуш, рабеулохири 985, ноқисулаввал, варақи 10-43 (12).

5. Тошканд. Академияи улуми Ӯзбекистон, шумораи 9730, садаи даҳуми ҳиҷрӣ (16).

6. Исломобод. Маркази таҳқиқоти форсии Эрону Покистон. Китобхонаи Ганҷбахш, шумораи 5951, нусахи садаи даҳуми ҳиҷрӣ, аз аввалу охир миқдоре афтода, 474 сафҳа (13).

7. Ҳинд, Кокурӣ. Хонақоҳи Кокурӣ, бидуни таърих. Бо муҳри китобхонаи салтанатии Самарқанд, муаррахи 1059/1649 , 452 сафҳа.

8. Алигарҳ. Донишгоҳи исломӣ, китобхонаи Озод, шумораи ю.м.т. 1881, муаррахи 1102/1691.

9. Туркия, Брусса, шумораи GENEL 1469, настаълиқ, 1121/1709, 192 варақ (Дар феҳрасти нусхаҳои хаттии форсии китобхонаи Брусса, саҳ.108 саҳван номи котиб Муҳаммади Қозӣ ибни Бурҳониддин омадааст).

Нигоранда дар сафаре, ки дар фарвардинмоҳи 1371 ба Брусса доштам, ин нусхаро аз наздик дидам. Чандон муҳиму муътабар ба назар нарасид.

10. Тошканд. Академияи улуми Ӯзбекистон, шумораи 10603, қарни дувоздаҳуми ҳиҷрӣ, 299 варақ (15).

11. Ҳамон ҷо, шумораи 1/8237, қарни дувоздаҳуми ҳиҷрӣ (15).

12. Покистон, Хайрпур. Китобхонаи умумӣ, қарни дувоздаҳуми ҳиҷрӣ, 78 саҳ., шумораи 6 ва 297.

13. Ашқобод. Китобхонаи марказии Фарҳангистони илмии Туркманистон, шумораи 9333, муаррахи 1273/1857.

14. Кобул, Музей, шумораи 77, настаълиқ, музаҳҳаб, 250 варақ, охирин барг афтода.

15. Алигарҳ. Донишгоҳи исломӣ, китобхонаи Озод, ганҷинаи Субҳоналлоҳ, шумораи 7/42 ва 297.

16. Ҳайдаробод. Китобхонаи Осафия (11).

17. Тошканд. Академияи улуми Ӯзбекистон. Институти улуми шарқӣ, шумораи 4452.

18. Истанбул. Ҷомеи Сулаймония, махзани Ҳоҷӣ Муҳаммад Афандӣ, шумораи 2830, 209 варақ. Ин нусхаро дар Истанбул дидаам, аз аввал ва васат ва охир афтодагӣ дорад ва бо ин иборат шурӯъ мешавад *«улоика катаба фӣ қулубиҳим ал-имона ва аййадаҳум бируҳин минҳу»*. Пас, бешак, ин тоифаанд, ки…» ва ба ин калимот ба поён мерасад: «Эътимоди эшон бар мусаббиб аст, на сабаб». Агарчи сафҳаи тарқима мавҷуд аст, аммо сафҳаи моқабли он афтодааст.

19. Ромпур. Китобхонаи Ризо. Ду нусха: яке ба шумораи 2374 радифи китобхона – 4170 муаррахи 1123/1711, ба қалами Ҳоҷӣ Эътибор ва дигаре ба шумораи 1066 радифи китобхона – 1338, бидуни таърихи китобат (14).

*Гузида.* Гузидае аз «Силсилат-ул-орифин» дар китобхонаи Озод, махзани Ҳабиб Ганҷ. Донишгоҳи исломии Алигарҳ, шумораи 22/81 H.G. мавҷуд аст (9).

*Тарҷумаи туркӣ.* Лаълизода Муҳаммад Афандӣ онро ба туркӣ-чағатоӣ тарҷума намудааст. Нусхаи хаттии он дар китобхонаи Донишгоҳи Лос Анджелес, дар маҷмӯаи шумораи B495, муаррахи қарни сездаҳуми ҳиҷрӣ мазбут аст.

*4. «Рашаҳоту айни-л-ҳаёт»-и Фахриддин Алии Сафии Сабзаворӣ.* Фахриддин Алии Сафии Сабзаворӣ яке аз маъруфтарин сиранависони Аҳрор аст. Дар 21 ҷимодиюлаввали 867/1463 дар Сабзавор мутаваллид шуд ва дар 939/1533 дар Ҳирот даргузашт ва ҳамон ҷо ба хок супурда шуд. Нахустин бор дар авохири зулқаъдаи 889/1484 ва навбати дигар дар авоили рабеъулохири 893/1488 ба хидмати Аҳрор расид ва дар маҷолиси ӯ ширкат кард. Вай он чӣ аз Аҳрор шунида, дар «Рашаҳоту айни-л-ҳаёт» гирд овардааст (1, 7-8).

«Рашаҳоту айни-л-ҳаёт»-и ӯ яке аз муътабартарин ва роиҷтарин тазкираҳои хоҷагони силсилаи нақшбанд бахусус, ва Хоҷа Аҳрор ба ахас(с) аст. Муаллиф дар дебоча менависад, ки он чӣ дар хилоли маҷолиси Аҳрор ба гӯши ӯ мерасид, «бе шоибаи тағйиру табдил ба қайди таълиқу таҳрир меовард» (1, 8).

Сипас бар хотири ӯ гузашт, ки анфосу калимоти Аҳрорро як ҷо ҷамъ намояд, аммо ба сабаби аворизи рӯзгор пас аз шонздаҳ сол – дар 909/1503 ба ҷамъу тартиби он пардохт.

*Манобеи «Рашаҳот».* Сабзаворӣ он чӣ аз Аҳрор шунида, дар ин китоб гирд овардааст. Илова бар он, аз китобҳои муътабари тариқаи «Нақшбандия» ва ривоёти шифоҳии вобастагони бевоситаи ин тариқа низ истифода кардааст. «Масмӯот»-и Мир Абдулаввал ва «Силсилат-ул-орифин»-и Муҳаммади Қозӣ низ аз манобеи ӯ будааст. Аммо чӣ гуна «Силсилат-ул-орифин», ки дар 916/1510 таълиф шуда, ҷузви манобеи Рашаҳот қарор бигирад? Магар ин ки дар забти таърихи таълифи «Силсилат-ул-орифин» дар нусхаҳои Исломобод ва Алигарҳ, ки дар ихтиёри нигоранда аст, саҳви қалам рух дода бошад ё Мавлоно Муҳаммади Қозӣ пешнависи китоби худро дар ихтиёри Сабзаворӣ гузошта бошад.

*Тартиби матолиб.* Ин китоб бар як мақола, се мақсад ва хотима тақсим шудааст:

*Мақола:* Дар зикри табақоти хоҷагон силсилаи нақшбандия, аз аввал то охир.

*Мақсади аввал:* Дар зикри обову аҷдод ва ақрабои Аҳрор ва таърихи вилодати ӯ ва аҳволи айёми кӯдакӣ ва шаммае аз шамоилу ахлоқу атвори ӯ ва ибтидои сафару дидани машоихи замон.

*Мақсади дувум:* Дар зикри баъзе аз ҳақоиқу маориф ва дақоиқу латоиф ва ҳикоёту амсол, ки дар хилоли аҳвол аз Аҳрор бевосита истимоъ намудааст.

*Мақсади савум:* Дар зикри баъзе аз тасарруфоти аҷиба ва умури ғариба, ки ба тариқи хирқи одат аз Аҳрор зоҳир шуда ва нақли сиққоту удул дар он ба сиҳҳату субут пайваста аст. Ҳар мақсаде аз ин мақсадҳои сегона муштамил бар се фасл аст.

*Хотима:* Дар зикри таърихи вафоти Аҳрор ва кайфияти интиқолу иртиҳоли ӯ аз дунё ба охират.

*Мақбулияти «Рашаҳот».* Рашаҳот дар маҳофили ирфонӣ, бавижа, дар ҳалқаи Нақшбандия бисёр мавриди таваҷҷуҳ ва эътимод аст. Фаровонии нусхаҳои хаттӣ ва чопҳои мукаррар ва навишта шудани чандин шарҳу тарҷумаи арабиву форсӣ ва туркиву урдуии «Рашаҳот» нишонаи ривоҷи он китоб мебошад. Шумори ҳамаи нусхаҳову чопҳо ва шурӯҳу тароҷими «Рашаҳот» аз ҳавсалаи ин гуфтор хориҷ аст. Нигоранда дар ин ҷо ишора ба як-ду нукта иктифо мекунад:

1. Муҳаммадтақӣ Анвари Алавӣ ду нусхаи хаттии «Рашаҳот»-ро муаррифӣ кардааст. Ба қавли ӯ нусхаи аввалӣ имзову муҳри муаллиф дорад ва муаллиф ба қалами худ рубоие аз Ҷомӣ дар васфи «Рашаҳот» нақл кардааст:

*Мин ноҳияти-л-висоли ҳаббат нафаҳот*
*Фартоҳа фуодано бишамъи-л-фаваҳот*
*Дар водии ҳаҷр ташналаб [мо] мурдем,*
*Омад зи саҳоби лутфи ҷонон «Рашаҳот».*

Чӣ гуна мумкин аст Ҷомӣ, ки дар 898/1493 вафот ёфта, шеъре дар васфи китобе, ки дар 909/1503 таълиф шуда, суруда бошад? Шояд Ҷомӣ рубоии мазкурро ба таври аимма дар васфи «рашаҳот», ба маънии қатарот суруда аст ва Сабзаворӣ ба ибтикори худ аз он рубоӣ бад-ин сурат истифода кардааст. Нусхаи дувуми «Рашаҳот» муҳри муаррахи 910/1504 ва ёддоште бо зикри 920/1514 дорад.

Муҳаммадтақии Алавӣ ин ду нусхаро дар даст дошта, аммо мушаххас накарда, ки мутааллиқ ба кадом китобхона аст.

2. Ду такмила бар «Рашаҳот» навишта шудааст. Яке «Насамот-ул-қудси мин ҳадоиқи-л-унс» (ба форсӣ) аз Муҳаммадҳошим

ва дигаре «Хайт-ус-субуҳот фӣ танзими бақияти Рашаҳот» (ба форсӣ), навиштаи яке аз муридони Абӯабдуллоҳ Мавлоно Шайх Муҳаммадсолеҳ Завовии Нақшбандии Муҷаддадии Музҳирӣ, ки пеш аз ин «Рашаҳот»-ро ба арабӣ тарҷума карда буд. «Хайт-ус-субуҳот»-ро нахустин бор Шайх Муҳаммади Қазонӣ – назили Макка аз форсӣ ба арабӣ тарҷума кард. Ин тарҷума ҳовии шарҳи ҳоли машоихи баъд аз рӯзгори муаллифи «Рашаҳот» то замони мутарҷим аст. Шайх Яҳёи Маърифат, мулаққаб ба Эътизодулисломи Курдистонӣ (1290/1873 – 1350/1931) онро дар 177 сафҳа ба форсӣ баргардонида аст. Нусхаи он ба хатти настаълиқи зебо навишта шудааст. Яҳёи Маърифат дар сафҳаи 176 таърихи оғози нигориши китобро 23 рабеъулаввали 1330/1912 ва поёни онро 30 рабеъуссонии 1330/1912 зикр намудааст.

**5. «Хавориқи одоти Аҳрор»-и Мавлоно Шайх.** Вай аз кибори асҳоби Аҳрор буд. Номи ӯ дар «Рашаҳот» ва муқаддимаи «Хавориқи одоти Аҳрор»-и нусхаи Истанбул «Мавлоно Шайх» ва дар муқаддимаи «Хавориқи одоти Аҳрор»-и нусхаи Патна «Мавлоно Шайх Аҳмад» омадааст. Аҳрор ӯро ба анҷоми корҳои дунёии худ, аз қабили зироат, гумошта ва ҳамширазодаи худро ба ӯ мансуб карда буд (19, 125-126). Вай яке аз касоне, ки як рӯз қабл аз вафоти Аҳрор (панҷшанбе 27 рабеъулаввали 895/1490) бар болини ӯ ҳозир будаву Аҳрор васияти худро дар ҳузури Амир Абдулаввал ва Амир Абдуллоҳ (ҳар ду домоди Аҳроранд) ва Хоҷа Калон ва баъзе хоҷаҳои дигар хитоб ба Мавлоно Шайх эрод кард (6, 61-62). Мавлоно Муҳаммади Қозӣ дар 916/1510 «Силсилат-ул-орифин»-ро ба исрори ӯ таълиф намуд (7, 9).

Вай дар авохири салтанати Абулфатҳ Муҳаммади Шайбонӣ – маъруф ба Шоҳбекхон (ҷулус 905/1500, ваф. 916/1510) дар Самарқанд аз ҷаҳон рафт ва дар муҳавватаи Муллоёни маҳаллаи Кафшери Самарқанд мадфун шуд (5, 96).

«Хавориқи одоти Аҳрор» рисолаест ба ҳаҷми кеҳтар ва фавоиди меҳтар. Чун дар он воқеаи оташсӯзие, ки дар 911/1505 дар Самарқанд иттифоқ афтода буд, баён шудааст (Хавориқи одоти Аҳрор (Патна), саҳ.58; аммо дар нусхаи Истанбул (саҳ.71) ва нусхаи Тошканд (шм. 8237/I) таърихи «Оташсӯзӣ» 915/1509 омадааст), нигориши он қатъан пас аз 911/1505 ба амал омадааст.

**6. «Насабномаи Аҳрор» ё «Насабномаи Ҳазрати хоҷагон»-и Абдулҳаййи Ҳусайнӣ.** (Муаллиф унвони дақиқ ба ин рисола надодааст. Роқими ин сутур ба муносибати мавзӯъ онро ба «Насабномаи Аҳрор» ё «Насабномаи Ҳазрати хоҷагон» мавсум кардааст).

Абдулҳай фарзанди Абулфатҳ фарзанди Мир Абдулмоҷид фарзанди Мир Абдулбосит аст. Абулфатҳ дар мулозимати Ҳандол

Мирзо (ваф.958/1551) – фарзанди Бобурподшоҳ камоли эъзозу эҳтиром дошт (19, 13). Модари Абдулҳай аз бозмондагони Хоҷа Абдулҳодӣ фарзанди Муҳаммад Абдуллоҳ фарзанди Аҳрор буд (19, 131). Абдулҳай муддате дар Ҳинд ба сар мебурд ва дар 982/1574 ҳамроҳ бо шайхи тариқати худ Абдушшаҳид фарзанди Муҳаммад Абдуллоҳ фарзанди Аҳрор (ваф. рамазони 982/1574) аз Ҳинд ба Самарқанд рафт (19, 67-68).

Муаллиф дар муқаддима менависад, ки ба муқтазои вақт ахлофи Аҳрор ба табақоти мухталиф тақсим шуданд ва бузургон сар ба ҷайби фано кашиданд ва бозмондагони онон ба ҳар вилояту ноҳият мунташир гардиданд ва ҳеҷ касро, бавоқеъ иттилоъ бар насаби худ набуд ва касе, ки аз ҳақиқати ансоби эшон огоҳӣ дошта бошад, дар ин силсила намонда буд, аммо муаллиф, ки ба мулозимати аксари махдумону бузургон силсила расида буд ва аз забони онон насаби эшонро шунида буд, «хост, ки дар баёни насаб чизе нависад, то мардум эшонро бидонанд ва эшон худрову обои кироми худро шиносанд» (19, 5-6).

Таърихи таълифи рисола равшан нест. Муаллиф дар он шоҳзода Донёл (979/1571 – 1012/1603) фарзанди Акбарподшоҳро ба унвони фарди зинда зикр намудааст (19, 126-127). Ва воқеаи сафари худ аз Ҳинд ба Самарқанд дар 982/1574-ро баён кардааст (19, 67-68). Аммо дар он вақоеи таърихии солҳои 1000/1592 (вафоти Мирҷаъфар писари Зайнулобидини Мирсултонӣ) (19, 168), 1030/1621 (азимати Хоҷа Муинуддин писари Хондмаҳмуд ба Макка) (19, 39) 1086/1675 (вафоти Хоҷа Муҳаммадюсуф) (19, 110) низ мазкур шудааст. Маълум аст, ки муаллиф чунин умри тӯлонӣ надошта ва то 1086/1675 зинда набудааст. Қатъан таърихҳои мазкур баъдан дар матн дохил шудааст. Муҳаммадҳошими Кишмӣ вақте дар 1039/1630 «Насамот-ул-қудс»-ро таълиф мекард, ин рисоларо дар даст доштааст.

Муаллиф дар ин рисола шарҳи ҳоли мухтасари ниёгон ва бозмондагони Аҳрорро, то охири қарни даҳуми ҳиҷрӣ бо зикри насаби падару модари онон дарҷ кардааст ва хешовандиҳои онон бо якдигарро низ зикр намудааст. Ин рисола иттилооти муфиде дар бораи кӯчи аъқобу аҳфоди Аҳрор аз Самарқанд ба манотиқи мухталиф (Ҳинд, Кошғар ва ғайра) ва шуғли онон ва мутаваллиёни Мазори Аҳрор дар замонҳои мухталифро дар бар дорад.

**7. Такмилаи «Насабномаи Аҳрор».** Мирзо Муҳаммадшоҳи Бухорӣ ба дастури Хоҷа Абдурраҳим – мулаққаб ба Сайфуддавла Абдуссамадхони Баҳодури Далерҷанг – остондори Лоҳуру Мӯлтон (ваф. 9 рабеъуссони 1150/1737) такмилае бар рисолаи Абдулҳай

навиштааст (19, 165). Падари Абдурраҳим Хоҷа Абдулкарим Аҳрории Самарқандӣ дар Ҳиндустон муридоне доштааст. Бухорӣ дар такмилаи худ аз хешовандиҳои миёни аъқоби Абдурраҳим мутазаккир шудааст.

**8. Хотимаи «Такмилаи Насабномаи Аҳрор».** Мирзо Нишот ба дастури наввоб Закариёхон – фармондори Лоҳур (ҳукм. 1149/1736-1158/1745) бар такмилаи Бухорӣ хотимае нигоштааст. Дар ин хотима, воқеаи вафоти Сайфуддавла Абдуссамадхон ва ҷонишинони ӯ баён шудааст. Аз назари матолиб «Хотима» дар нусхаи Истанбул тӯлонитар ва дар нусхаи Исломобод кӯтоҳтар аст. Номи Мирзо Нишот фақат дар нусхаи Истанбул омадааст.

*Нусхаҳои хаттӣ.*

1. Исломобод, китобхонаи Ганҷбахш, шумораи 496, бо ду қалами мухталиф, қарни 12/633, шомили матни Абдулҳай, вароқи 1-151. Такмилаи Бухорӣ, вароқи 151-165, хотимаи Нишот, вароқи 165-167. Акси ин нусха назди нигоранда аст.

2. Истанбул, Ҷомеи Сулаймония, махзани Асъад Афандӣ, шумораи 1688, ба қалами Ҳофиз Солеҳ ибни Санеуллоҳи Арзанҷонӣ, 1244/1829. дар маҷмӯа матни Абдулҳай, вароқи 52-105, такмила, вароқи 106-111, хотима, вароқи 111-114. Акси ин нусха низ дар дасти нигоранда аст.

**9. «Насамот-ул-қудси мин ҳадоиқи-л-унс»-и Муҳаммадҳошими Кишмӣ.** Муҳаммадҳошим фарзанди Муҳаммадқосим аз мардуми Кишм – тавобеи Бадахшон дар ҳудуди 1000/1592 мутаваллид шуд. Дар паи руъёе, ки дар ҳаждаҳсолагӣ дид, ба тариқаи нақшбандия тамоюл ёфт ва аз зодгоҳи худ ба Бурҳонпури Ҳиндустон рафт ва муриди Мир Муҳаммади Нуъмон шуд, ки яке аз хулафои Шайх Аҳмади Сарҳиндӣ – Муҷаддиди алфи сонӣ (ваф. 1034/1625) буд. Шайх Сарҳиндӣ Кишмиро дар 1031/1622 ба Сарҳинд талабид ва ба тарбияти маънавии ӯ пардохт ва то ду сол пеши худ нигаҳ дошт ва пас аз он ӯро ба иршоди мардум маъмур кард ва ба Бурҳонпур бозгардонд. Кори Кишмӣ дар Бурҳонпур бисёр равнақ гирифт ва дар ҳамон ҷо даргузашт. Дар таърихи вафоти ӯ ихтилофи назар вуҷуд дорад. Муҳаммадсодиқи Кашмирӣ ба хато соли вафоти ӯро 1041/1632 навиштааст (3, 26). Кишмӣ дар 1042/1633 рисолаи «Туруқ-ул-вусул фӣ шариати-р-Расул»-ро таълиф кардааст. Бадруддини Сарҳиндӣ дар ҳангоми нигориши «Ҳазарот-ул-қудс» аз ӯ ба унвони марҳум ёд мекунад (8, 368-383). Ғулом Мустафохон бидуни зикри маъхаз 11 раҷаб 1045/1635 медонад (Ғулом Мустафохон, «Хоҷа Муҳаммадҳошими Кишмӣ», таҳқиқ, Ҳайдаробод, ш 2, соли 1988 м, саҳ.37) ва баъзе Кишмиро дар 1056/1646 дар қайди ҳаёт медонанд (10).

«Насамот-ул-қудси мин ҳадоиқи-л-унс» яке аз муҳимтарин

тазкираҳои нақшбандиёни Мовароуннаҳр, Хуросон ва Ҳиндустон аст, ки бо таҳқиқи бисёр дар 1039/1630 ба форсӣ нигошта шудааст ва дар ҳақиқат такмилаи «Рашаҳоту айни-л-ҳаёт» мебошад. Муаллиф дар он шарҳи ҳоли касонеро овардааст, ки: а) дар «Рашаҳот» мазкур нашудаанд; б) дар овони таълифи «Рашаҳот» шуҳрати тамом надоштаанд; в) баъд аз нигориши «Рашаҳот» зуҳур кардаанд; д) шарҳи ҳоли авоили зиндагии онон дар «Рашаҳот» омада ва бақияи аҳволи ононро Кишмӣ ҷамъоварӣ кардааст. Вай барои таълифи «Насамот» аз «Таърихи Рашидӣ», тазкираи «Музаккири аҳбоб» ва «Насабномаи Аҳрор»-и таълифи Абдулҳай ибни Абулфатҳ ва ғайра истифода кардааст.

Кишмӣ дар мақсади дувуми мақолаи аввал ному шарҳи ҳоли бист тан аз муридони Аҳрорро овардааст, ки дар «Рашаҳот» мазкур нашудаанд, вай бештар ба шарҳи ҳоли Мавлоно Муҳаммади Қозӣ – муаллифи «Силсилат-ул-орифин» пардохтааст.

Кишмӣ дар «Зубдат-ул-мақомот» қавли таълифи «Насамот-ул-қудс»-ро дода буд (4, 12-13) ва гуфта буд: «Баъд аз итмоми ин намиқа (Зубдат-ул-мақомот) умед медорад, ки аҳволи дигар мутааххирини ин силсилаи алия бар нигошта ояд ва он ба ҳақиқат дафтари аввали ин китоб гардад» (4, 5). «Насамот-ул-қудс» ҳамон дафтари аввал «Зубдат-ул-мақомот» мебошад. Аз нусхаи Ганҷбахши «Насамот-ул-қудс» чунон бармеояд, ки муаллиф дар 1039/1630 ҳар ду дафтар – «Насамот» ва «Зубда»-ро ба тартиби таърихӣ ба шарҳи ҳолҳо як ҷо намуда ва ба сурати воҳид даровардааст ва онро бар ду мақола тақсим кардааст. Мақолаи аввал ба «Насамот-ул-қудс» ва мақолаи дувум ба «Мақомоти боқияи Аҳмадия» мавсум шуда, ки ба «Зубдат-ул-мақомот» низ шуҳрат дорад ва муаллиф мегӯяд: «Агар мақолаи дувумро китоби ҷудогонае бигиранд, мешояд, аммо ҳини талфиқу идғоми ин ду мақола муаллиф дар он тағйироти андаке додааст. Масалан, муқаддимаи «Зубда»-ро, ки дар чопи Конпур дида мешавад, ҳазф кардааст. «Насамот» дар ду мақсад таълиф шудааст: мақсади аввал дар шарҳи ҳоли муридони Саъдуддини Кошғарӣ ва мақсади дувум дар аҳволи муридони Аҳрор. «Зубда» низ дар ду мақсад нигошта шудааст: мақсади аввал дар шарҳи ҳоли Хоҷа Боқӣ биллоҳ ва мақсади дувум дар аҳволи Шайх Сарҳиндӣ. Аммо муаллиф дар хотимаи «Насамот» ва қабл аз пардохтан ба «Зубда» мақсади савумро дар шарҳи ҳоли пирони Боқӣ биллоҳ: Муҳаммад Зоҳиди Вахшӣ, дарвеш Муҳаммад ва Мавлоно Хоҷагӣ афзудааст. Дар хотимаи «Зубда» муаллиф шаш рубоӣ дар ситоиши Хоҷа Боқӣ биллоҳ ва Муҷаддиди алфи сонӣ овардааст. Аммо дар талфиқи ду китоб ба ҷои рубоиёти

мазкур, манзумаи дигаре дар ҳафт байт ба ин матлаъ дарҷ кардааст:

*Шарҳи аҳволи нақшбандонро*
*Нақш бастам ба нӯки килк савоб.*

*Нусхаҳои хаттӣ.*

1. Исломобод, Ганҷбахш, ш.10470, настаъликӣ хуш, дар маҷмӯаи расоил ба қалами Мулло Ҳабибуллоҳи Пешоварӣ, муаррахи 1202/1788, нахустин китоб «Насамот» мебошад, ки матни «Мақомоти боқияи Аҳмадия» маъруф ба «Зубдат-ул-мақомот»-ро низ ба таври мақолаи дувум дар бар дорад. Қисмате аз муқаддимаи «Насамот» дар ин нусха афтодааст.

2. Мадинаи мунаввара, китобхонаи Ориф Ҳикмат, настаъликъ. Мирзо Неъматуллоҳи Хӯқандӣ дар шаъбони 1248/1832 ба фармоиши соҳибзода Муҳаммадхалил Форуқии Пешоварӣ барои Аҳмад Ориф ба як афандии маъруф ба Ҳикматуллоҳ ибни Иброҳим Исматуллоҳ Афандӣ, дар балдаи Қазон китобат кардааст, 153 варақ. Акси ин нусха ба лутфи дуктур Ғулом Мустафохон – устоди донишгоҳи Синд (Ҳайдаробод) ва ба ҳиммати оқои Маҳбуб Ҳасани Воситӣ (Карочӣ) ба дасти нигоранда расидааст.

3. Тошканд, Академияи улуми Ӯзбекистон, ш.388/ муаррахи 1205/1791.

4. Пешовар, маҳаллаи Муршидобод, китобхонаи Пир Абдуллоҳҷон, настаъликъ, садаи ёздаҳуми ҳиҷрӣ. Фақат муқаддимаро дарбар дорад. Акси ин нусха назди нигоранда мавҷуд аст. Нусхае дар Ленинград аст, ки дар бораи он иттилое бештар дар даст нест (21, 90-989).

*Чоп.* Матни форсии «Насамот-ул-қудс» (мақолаи аввал) то кунун чоп нашудааст, аммо тарҷумаи урдуи он ба қалами саййид Маҳбуб Ҳасани Воситиро мактабаи Нуъмонияи Сиёлкут (Покистон) дар сафари 1410/1990 дар 296 сафҳа мунташир кардааст. Ин тарҷума бар асоси нусхаи Мадина анҷом шудааст ва дар муқаддимаи мутарҷим аз нусхаҳои дигар изҳори беиттилоӣ шудааст.

«Зубдат-ул-мақомот» (мақолаи дувум) дар матбаи Нувалкишури Конпур (Ҳинд) ба соли 1307/1890 чопи сангӣ шудааст ва пас аз як қарн китобхонаи Ҳақиқати Истанбул дар 1408/1988 онро афсет кардааст.

**Пайнавишт:**

1. Воизи Кошифӣ, Ҳусайн. Рашаҳоту айни-л-ҳаёт. –Ҷ. 1. –Теҳрон, 1356.
2. Кашмирӣ, Бадрӣ. Сироҷ-ус-солиҳин /Тасҳеҳи Саид Сироҷиддин. –Машҳад, 1943.

3. Кашмирӣ, Муҳаммадсодиқ. Табақоти Шоҳҷаҳонӣ (табақаи ошира).
4. Кишмӣ, Муҳаммадҳошим. Зубдат-ул-мақомот. – Конпур: Нувал-кишур, 1307/1890.
5. Кишмӣ, Муҳаммадҳошим. Насамот-ул-қудс мин ҳадоиқи-л-унс. Нусхаи хаттӣ.
6. Мавлоно, Шайх. Хавориқи одоти Аҳрор (нусхаи хаттии китобхонаи Патна)
7. Самарқандӣ, Бурҳонуддин. Силсилат-ул-орифин ва тазкират-ус-сиддиқин / Таҳқиқ ва тасҳеҳи Эҳсонуллоҳи Шукруллоҳӣ, 1388.
8. Сарҳиндӣ, Бадруддини. Ҳазарот-ул-қудс /Тасҳеҳи Маҳбуби Илоҳӣ. –Лоҳур, 1971.
9. Феҳрасти Алигарҳ. - Ҷ.1, ҷузъи 2, -С.1099.
10. Феҳристи Девони Ҳинд. -С.2898
11. Феҳрасти кутуби арабӣ ва урду. Махзунаи кутубхонаи Осафия.- Ҷ.1. -С.442.
12. Феҳрасти нусхаҳои хаттӣ (китобхонаи Мағнисо). -С.309-310.
13. Феҳрасти нусхаҳои хаттии китобхонаи Ганҷбахш. -Ҷ.4. -С.2125.
14. Феҳрасти нусхаҳои хаттии форсии китобхонаи Ризо. Ромпур. - Ҷ.1. -С.299, 704.
15. Феҳрасти Ӯзбекистон. - Ҷ.1, шумораи 695.
16. Феҳрасти Ӯзбекистон. - Ҷ.8, шумораи 5974, 5975.
17. Феҳрасти Ӯзбекистон. - Ҷ.10, шумораи 6949.
18. Ҳайдари Дуғлот, Мирзомуҳаммад. Таърихи Рашидӣ /Тасҳеҳи Ғаффорифар, Аббосқулӣ. – Теҳрон: Мероси мактуб, 1383.
19. Ҳусайнӣ, Абдулҳай. Насабномаи Аҳрор.
20. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс /Тасҳеҳи Маҳмуди Обидӣ. -Теҳрон: Интишороти иттилоот, 1370.
21. Storey, C.A: Persian Literature: A Bio – Bibliographical Survey Vol.I, Part 2, London, 1926.

*Таҳияи Нӯъмонҷон Неъматов*

# МУТУН

*Муҳаммадамин Ҳашрии Табрезӣ*

## ҲАЗРАТИ ШАЙХ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ[1]

Ҳазрати Шайх Камоли Хуҷандӣ аз акобири дин аст ва соҳиби улуми зоҳириву ботинӣ аст ва рутбаи вай бағоят олист. Иштиғоли вай ба шеъру такаллуф дар он мешояд, ки барои он бошад, ки якбора хотираш мағлуби ботин нашавад ва аз риояти убудият бознамонад. Чунончи худ фармудааст:

*Ин такаллуфҳои ман дар шеъри ман*
*«Каллиминӣ ё ҳумайро»[2]-и ман аст.*

Аксари авқоти фархундасоот сарфи риёзоту муҷоҳидот менамуда ва муддатҳои мадид ҳайвонӣ нахӯрда. Ба қасди зиёрати Байтуллоҳ ба Табрез меояд. Обу ҳавои Табрез мизоҷи шарифи эшонро бағоят хуш меояд, баъд аз муовадат[3] аз зиёрат дар Валиёнкӯҳи[4] Табрез сокин мешавад. Ваҷҳи тасмияи Валиёнкӯҳ ду сабаб аст: Яке ба сабаби он, ки қариб бад-он мавзеъ кӯҳе аст, дар он кӯҳ валии бисёр мадфун аст ва ба қуллаи «Ахӣ Саъдуддин» ҳам шуҳрат дорад. Машҳур аст, ки чаҳорсаду ҳаштод валиро дар он мавзеъ дафн кардаанд ва бад-он ваҷҳ «Валиёнкӯҳ»-аш мегӯянд. Ва ваҷҳи сонӣ он ки «валён» ба луғати

[1] Матни мазкур аз китоби «Равзаи атҳор»-и Муҳаммадамин Ҳашрии Табрезӣ мебошад. Матн аз сарчашмаҳое маҳсуб мегардад, ки оид ба ҳаёту рӯзгори Камоли Хуҷандӣ маълумот медиҳад ва бори аввал ба таври комил дар Тоҷикистон нашр мешавад. Матн аз рӯи тасҳеҳу эҳтимоми Азизи Давлатободӣ (Табрез, 1371. – С. 500-511.) таҳия гардидааст.

[2] Яъне: Бо ман сухан бигӯй сапедрӯяки ман. Маъхуз аз сухани Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки ба ҳамсарашон Оиша (р) чунин хитоб менамуданд.

[3] муовадат – бозгаштан

[4] Валиёнкӯҳ – номи кӯҳест дар канори шаҳри Табрез.

араб гил сарро мегӯянд. Чун кӯҳи гил сар дар он маҳал воқеъ шудааст, бад-он сабаб Валёнкӯҳ мегӯянд. Ва он бузург мукаррараран ба мадҳи Валиёнкӯҳу Табрез ашъори обдори бисёр фармудаанд. Аз он ҷумла:

*Зоҳидо, ту биҳишт ҷӯ, ки Камол*
*Валиёнкӯҳ хоҳаду Табрез.*

Ва эшонро обу ҳавои Табрез бағоят матбӯи табъи шариф мегардад, чунонки тарки ватани маълуф[1] ва саёҳат намуда, дар Валиёнкӯҳ мутамаккин мешавад ва дар замоне, ки Тӯқтамишхон аз роҳи Дарбанд ба Табрез меояд, Шайхро бо худ ба шаҳри Сарой мебарад. Ва он шаҳрест дар дашти Қибчоқ, ки пойтахти подшоҳони Туркистон аст. Дар он вақт дар ғояти маъмурӣ ва ниҳояти зинат буда, чунончи дар он ҷузъи замон кам шаҳре дар рубъи маскун[2] мисли он будааст ва Шайх дар мадҳи он шаҳр фармудааст. Байт:

*Агар Сарой ҳамин асту дилбарони Сарой,*
*Биёр бода, ки ман фориғам зи ҳар ду сарой.*

Бо вуҷуди чунин шаҳре ва шафқати бениҳояти чунон подшоҳе ҳамеша хотири шарифи он ҳазрат нигарони Табрез буда ва муҷаддадан ашъори обдор бар иштиёқи Табрез аз табъи ягонаи он ваҳиди замона сар мезада. Аз он ҷумла, ин ду байт аст:

*Табрез маро ба ҷои ҷон хоҳад буд,*
*Пайваста бад-ӯ дил нигарон хоҳад буд.*
*То дарнакашам оби Чарандобу Гаҷил*
*Сурхоб зи чашми ман равон хоҳад буд.*

Ва амсоли ин ашъори обдор дар мадҳи Табрез бисёр фармудаанд. Чун подшоҳ мудом Шайхро мутааллим[3] мебинад, ҳарчанд саъй менамояд, рафъи кудурати Шайх намешавад. Рӯзе дар ҳини суҳбат ба Шайх мефармояд, ки аз шумо илтимос дорам, ки ҳар чи табъи шариф бад-он майл менамояд, аз ман талаб намоед, ки бидуни музоиқа бароварда шавад. Шайх мегӯяд: «Метарсам, ки муддаои ман ҳосил нашавад». Подшоҳ қасам ёд мекунад, ки ҳар чи муддао бошад, бароварда мекунам. Шайх мегӯяд: «Ҳеч чиз намехоҳам, илло рухсати рафтан ба Табрез». Подшоҳ ба ночор иҷозат медиҳад ва Шайх билотаваққуф ба Табрез меояд. Ва таваққуфи Шайх дар Сарой муддати чаҳор сол буда.

Рӯзе Мавлоно Муҳаммади Мағрибӣ ва Мавлоно Муҳаммади Машриқӣ ва Мавлоно Муҳаммади Ассор ва Мавлоно Муҳаммади Халилӣ ба суҳбати касирулбаҳҷати[4] Шайх рафтаанд ва Шайх худ

[1] маълуф – он чи ба он унс ва улфат гирифта шудааст
[2] рубъи маскун – мурод ҳафт иқлим аст
[3] мутааллим – дардманд
[4] касирулбаҳҷат – пурнишот

бинафсиҳи мутаваҷҷеҳи табх[1] шудаанд. Яке аз муридон гуфта, ки шумо бо ёрон ба суҳбат машғул бошед ва ин хидмат ба банда руҷӯъ фармоед. Шайх фармудаанд, ки: «Фалаки даввор ҳаргиз сонӣ аз ин чаҳор Мавлоно Муҳаммад ба арсаи рӯзгор наёварда, ки имрӯз меҳмони мананд. Худ мехоҳам, ки аз шарафи ин хидмат баҳравар шавам». Баъд аз тақдими маросими табх, машғули суҳбат мешавад. Вақте шайх ин ду матлаъ фармуда будаанд:

*Чашм агар ин асту абру ину нозу ғамза ин,*
*Алвидоъ, эй зуҳду тақво, алвидоъ, эй ақлу дин.*

Чун ба самъи Мавлоно Муҳаммади Мағрибӣ мерасад, мефармояд, ки: «Шайх бисёр бузур аст. Вайро чаро бояд шеъре гуфт, ки ҷуз маънии маҷозӣ, маҳмиле[2] надошта бошад. Ва дар аснои суҳбат он матлаъ хондааст. Ва фармуда, ки: «Чашм «айн» аст, пас мешояд, ки ба лисони ишора аз айни қадим, ки Зот аст, бад-он таъбир кунанд. Ва абрӯ «ҳоҷиб» аст, пас метавонад буд, ки онро ишорат ба сифот, ки ҳиҷоби Зот аст, доранд». Ва Мавлоно Муҳаммади Мағрибӣ тавозуъ намуда ва инсоф додааст.

Ва низ вақте ҳазрати Шайх Камол дар шеъре фармуда: «Коф»-и куфри мо зи «То Ҳо» бартар аст», чун ба Мавлоно Муҳаммади Мағрибӣ хондаанд, бар Шайх эрод гирифта ва дар маънии куфри маҳмуду мазмуми ин абёт гуфта:

*Аз саводулваҷҳи фи-д-дорайн[3] агар дорӣ хабар,*
*Чашм бигшову саводи фақру куфри мо нигар.*
*Аз саводи инчунин фақри маҷозӣ мардвор,*
*Сӯи дорулмулки он фақри ҳақиқӣ кун гузар.*
*Куфри ботил ҳаққи мутлақро ба худ пӯшидан аст.*
*Куфри ҳақ худро ба ҳақ пӯшидан аст, эй пурҳунар.*
*То ту дар банди худӣ, ҳақро ба худ пӯшидаӣ,*
*Бо чунин куфре зи куфри мо куҷо ёби хабар?*
*Он ки аз сарчашмаи куфри ҳақиқӣ об хӯрд,*
*Баҳри куфри ҳар ду олам ҳаст пешаш чун шамар.*
*Пас нагӯяд «Коф»-и куфри мо зи «То Ҳо» бартар аст,*
*Ҳар кӣ бошад аз маониву ҳақоиқ баҳравар.*

Дар он вило Шайх Озарӣ ба Табрез меояд ва мобайни ин ду бузург муҳокима менамояд ва мегӯяд, ки эроди Мавлоно Муҳаммади Мағрибӣ ба истилоҳи ин тоифа ворид аст. Фааммо «Коф»-и куфри мо зи «То Ҳо» бартар аст», ки Шайх фармуда, мурод ба «То

[1] табх – пухту паз
[2] маҳмил – ваҷҳе, ки маънӣ бар он ҳамл карда шавад.
[3] саводулваҷҳи фи-д-дорайн – сиёҳии рӯй дар ҳар ду дунё (бахше аз ҳадис аст).

Ҳо» беҳтарини коинот аст ва чунонки дар Қуръон воқеъ аст. Ва он ки Шайх фармуда, баёни лисони ҳазрати Кибриёст ва шак нест, ки «Коф»-и куфр»-и калимаи кибриё бартар аст аз «То Ҳо»-и Аҳмадӣ. Пас аз ин маънӣ, эрод бар Шайх лозим намеояд.

Ва низ нақл аст, ки дар туфулият Хоҷа Абдулҳай ва Хоҷа Абдурраҳими Хилватӣ, ки ҳар ду фарзанди арҷманди Мавлоно Шамсиддин Муҳаммад Машриқии Қутобианд, ба хидмати ҳазрати Шайх Камоли Хуҷандӣ рафтанд. Моҳи муборaки рамазон буд. Ҳазрати Шайх фармуд, ки: «Падари шумо чун медонист, ки мо мусофирем, шуморо пеши мо фиристод». Ва фармуд, ки ҷиҳати эшон таом оварданд. Эшон гуфтанд, ки: «Ба рӯзаем». Шайх фармуд, ки: «Шумо ҳанӯз мукаллаф ба таклифи рӯза нашудаед». Эшон аз Камол адаби итоат намуданд. Баъд аз ифтор ҳазрати Шайх фармуданд, ки: «Шуморо зиёфати дигар кунам, ду ҳадиси қудсӣ мехонам, ёд гиред ва як байт аз ашъори худ, ки дар девони худ нанавиштаам». Ҳадисҳо ин аст: *«ас-Савму лӣ ва ана аҷзӣ биҳи»*[1], сонӣ *«Таҷавваъ таронӣ таҷаррад тасил»*[2]. Ва байт ин аст:

*Гирифтам остини дӯст, он ҷо дасти худ дидам,*
*Чунонаш даст бӯсидам, ки дасти хеш бӯсидам.*

Ҳазрати Хоҷа Абдурраҳими Хилватӣ ин ду ҳадис ва ин байтро дар ду қитъа назм фармудааст:

*Шунидам ман аз шайхи комил Камол*
*Ду қудсӣ ҳадису гирифтам ба дил.*
*Нахустинаш «ас-Савму лӣ»-ву дигар*
*«Таҷавваъ таронӣ, таҷаррад тасил».*

Қитъа:

*Шунидам ҳам аз ӯ байте, ки дар девони худ гуфто:*
*«Ман ин як байт нанвиштам, ман ин асрор пӯшидам:*
*Гирифтам остини дӯст, он ҷо дасти худ дидам,*
*Чунонаш даст бӯсидам, ки дасти хеш бӯсидам».*

Фавти Хоҷа Абдурраҳим дар санаи тисъа ва хамсина ва самонамиа[3] воқеъ шуда, дар паҳлӯи падари олимиқдораш Бобо мазид мадфун аст, валлоҳу аълам[4].

Тарку таҷриди Шайх ба ҳадде буда, ки ба муқтазои явми ҷадид[5]

---

[1] Яъне: Рӯза барои ман аст ва подошу аҷрашро низ (махсус) худам медиҳам.

[2] Яъне: Дарун холӣ дор, то маро бубинӣ ва аз ҳама муҷаррад шав, то ба ман восил шавӣ.

[3] Яъне: соли 859 (1455)

[4] Яъне: Худо донотар аст.

[5] явми ҷадид – рӯзи дигар, рӯзи нав

ризқи ҷадид, ҳатто обе, ки дар таҳи кӯза мемонда, шаб онро холӣ менамудааст, ки захираи фардо нашавад ва он соҳиббасират мушоҳидаи ҷамоли ҳақиқӣ дар оинаи рухсори маъшуқи маҷозӣ мулоҳиза менамуда...

Ривояте он аст, ки баъд аз намоз авод мехонданд, чун лафзи *«Ҳасбуналлоҳ»*[1] бар забонаш ҷорӣ мешавад, ба олами бақо меравад. Ва Шайхро дар Валиёнкӯҳ боғе аст, ки алъон мушаҷҷар аст, онро «Биҳишт» ном карда будааст ва ҷиҳати он боғ фармудаанд:

*Аз биҳишти Худои азза ва ҷалл,*
*То ба Табрез ним фарсанг аст.*

Марқади шарифаш дар ҳамон боғ аст. Султон Ҳусайн ибни Султон Увайси Ҷалоир ҷиҳати Шайх хонақоҳ сохта ва баъзе маҳол(л)ро ба вай вақф кардааст. Ва эшонро суханони муҳаққиқона бисёр аст. Аз он ҷумла:

*Мехурӯшад баҳру мегӯяд ба овози баланд:*
*«Ҳар кӣ дар мо ғарқа гардад, оқибат аз мо шавад».*

Фавташ дар шуҳури санаи салоса ва самонамиа[2] воқеъ шуда ва

Хоҷа Абдурраҳими Хилватӣ дар таърихи вафоти Шайх фармудаанд:

Таърих:

*Орифи ҳақшинос, Шайх Камол,*
*Ки ҷаҳонро ба шеъри тар бигруфт*
*То сухан аз даҳан бурун афтод,*
*Кас сухан мисли он бузург нагуфт.*
*Ҳаштсаду се гузашт, к-он хуршед*
*Ҳамчу маҳ дар саҳоби ғайб нуҳуфт.*

Таърихе, ки дар ҳини таҷриди мазор бар лавҳи марқадаш марқум аст, ин аст:

*Рафт аз ҷаҳон Камоли Хуҷанду ба ақл гуфт:*
*Таърихи он: «Ба ҷониби фирдавс шуд Камол» (803).*

Ва низ бар лавҳи мазораш ин байт марқум аст:

*Камол аз Каъба рафтӣ бар дари ёр,*
*Ҳазорат офарин, мардона рафтӣ.*

Ва зикри ҷамили он бузургвор мазид бар он аст, ки дар ин мухтасар гунҷад. Бад-ин қадар ихтисор шудааст. Валлоҳу аълам.

*Ба кӯшиши Марям Абдуллоева*

---

[1] Яъне: Худованд барои мо кофӣ аст. Матлаби мазкур аз ояти 173-и сураи Оли Имрон гирифта шудааст.

[2] Яъне: соли 803 (1401)

*Низомии Арӯзии Самарқандӣ*

# ДАР МОҲИЯТИ ИЛМИ ШЕЪР ВА САЛОҲИЯТИ ШОИР[1]

Шоирӣ синоате аст, ки шоир бад-он синоат иттисоқи[2] муқаддамоти муҳима[3] кунад ва илтиоми[4] қиёсоти мунтиҷа[5], бар он ваҷҳ, ки маънии хурдро бузург гардонад ва маънои бузургро хурд ва некӯро дар хилъати зишт бознамояд ва зиштро дар сурати некӯ ҷилва кунад ва ба иҳом[6] қувватҳои ғазабониву шаҳавониро барангезад, то бад-он иҳом тибоъро[7] инқибозеву[8] инбисоте[9] бувад ва умури изомро[10] дар низоми олам сабаб шавад. Чунонки овардаанд:

### Ҳикоят (1)

Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустониро[11] пурсиданд, ки ту марде харбанда[12] будӣ, ба амирии Хуросон чун афтодӣ? Гуфт: «Ба Бодғис[13] дар Хуҷустон рӯзе девони Ҳанзалаи Бодғисӣ[14] ҳамехондам, бад-ин ду байт расидам:

*Меҳтарӣ гар ба коми шер дар аст,*
*Шав, хатар кун, зи коми шер биҷӯй.*

[1] Давом аз шумораи гузашта.

[2] иттисоқ – танзиму тартиб бахшидан

[3] муқаддамоти муҳима – василаҳои нахустини маонии хаёлӣ

[4] илтиом (илтиём) – созгор сохтан

[5] мунтиҷа – натиҷабахш

[6] иҳом (ийҳом) – хаёл; корбурди калимаҳои ду ва ё чандмаъноӣ; ба ваҳму хаёл андохтан

[7] тибоъ – табъҳо, сириштҳо

[8] инқибоз – бастагӣ, гирифтагӣ

[9] инбисот – кушодагӣ, боз шудан

[10] изом – бузург, муҳим

[11] Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷустонӣ – Ибни Асир оварда: «Аз умарои Тоҳирия буд ва баъд аз инқирози Тоҳирия ба дасти Саффория, ӯ ба хидмати Саффориён пайваст ва аз ҳусни тадбиру фарти кифояти худ ба мақомоти олия расид ва бар ағлаби билоди Хуросон муставлӣ гашт. То он ҷо, ки бо Амр ибни Лайс дар Нишопур масоф дода, ӯро бишикаст ва қасди фатҳи Ироқ намуд ва дароҳиму данонир ба номи хеш сикка зад. Вале аҷал ба зудӣ ҳавои истибдодро аз димоғаш берун бурд. Дар санаи 268/882 ба дасти ғуломони худ дар Нишопур кушта шуду фитнаи ӯ бихобид ва муддати тағаллуби ӯ ҳашт сол буд» (ниг. Луғатнома, ҷ.1, саҳ.1032). Хуҷустон – бахше аз кӯҳистони Ҳирот аст (Муъҷам-ул-булдон, ҷ.2, саҳ.347).

[12] харбанда – он ки хару хачирро ба кироя медиҳад; нигаҳбону молики хар

[13] Бодғис – шаҳраке дар наздикии Ҳирот. Сурати аслии онро «Бодхез» донистаанд.

[14] Ҳанзалаи Бодғисӣ – аз ҷумлаи аввалин шоирони форсигӯ, ки дар аҳди Тоҳириён мезист. Даргузашти ӯро дар соли 219-220/834-835 донистаанд.

*Ё бузургию иззу неъмату ҷоҳ,*
*Ё чу мардон-т марги рӯёрӯй.*

Доияе[1] дар ботини ман падид омад, ки ба ҳеҷ ваҷҳ дар он ҳолат, ки андар будам, розӣ натавонистам буд. Харонро бифурӯхтам ва асп харидаму аз ватани хеш реҳлат кардам ва ба хидмати Алӣ ибни Лайс[2] шудам – бародари Яъқуб ибни Лайс[3] ва Амр ибни Лайс[4]. Ва бози давлати Саффориён[5] дар зарваи авҷи иллийин парвоз ҳамекард ва Алӣ бародари кеҳин[6] буд ва Яъқубу Амрро бар ӯ иқболе тамом буд. Чун Яъқуб аз Хуросон ба Ғазнин шуд, аз роҳи ҷибол, Алӣ ибни Лайс маро аз риботи Сангин[7] бозгардонид ва ба Хуросон ба шаҳнагии[8] иқтоот[9] фармуд ва ман аз он лашкар саворе сад бар роҳ карда будам ва саворе бист аз худ доштам. Ва аз иқтооти Алӣ ибни Лайс яке Карухи[10] Ҳарӣ[11] буд ва дувум Хофи[12] Нишопур.

Чун ба Карух расидам, фармон арза кардам. Он чи ба ман расид, тафриқаи лашкар кардам ва ба лашкар додам. Савори ман сесад шуд. Чун ба Хоф расидам ва фармон арза кардам, хоҷагони Хоф тамкин накарданд ва гуфтанд: «Моро шаҳнае бояд бо даҳ тан».

Ройи ман бар он ҷумла қарор гирифт, ки даст аз тоати Саффориён

---

[1] доия – ангеза, иштиёқ

[2] Алӣ ибни Лайс – фарзанди кӯчактарини Лайс ва бародари хурдтари Яъқуби Лайс аст. Дар айёми ҳукумати Яъқуб дар канори ӯ буд. Пас аз даргузашти ӯ, бо бародараш Амр ихтилоф пайдо кард ва ин сабаб гардид, то борҳо зиндонӣ бишавад ва дар паноҳи дигар ҳокимон умр ба сар барад.

[3] Яъқуб ибни Лайс – писари калонии Лайси Саффор. Ӯ Ҳирот, Кирмон, Форс ва Кобулро тасхир намуд ва нахустин давлати ниммустақилро пас аз аҳди ислом бунёд ниҳод. Соли 265/878 дар Хузистон даргузашт.

[4] Амр ибни Лайс – фарзанди дувуми Лайси Саффорӣ ва дувумин подшоҳи Саффориён аст. Пас аз Яъқуб, соли 265/878 ба салтанат расид. Соли 287/900 дар наздикии Балх бо Исмоили Сомонӣ корзор кард ва асир афтод. Ба Бағдод фиристода шуд ва пас аз ду сол (289/902) ба амри халифа кушта гардид.

[5] Саффориён – хонадоне, ки байни солҳои 254-290/868-903 дар Эрони шарқӣ ҳукумат намуданд. Ин хонадон «Оли Лайс», «Оли Саффор» ва «Саффория» низ хонда мешаванд. Муассиси ин хонадон Яъқуб ибни Лайс аст.

[6] кеҳин – хурдӣ

[7] риботи Сангин – имкон дорад корвонсаро ё ҷойгоҳи хосе бошад

[8] шаҳнагӣ – маъмури низомӣ, муҳтасиб

[9] иқтоот – қитъаҳои замине, ки ба касе вогузор менамоянд; сарзаминҳо; минтақаҳои хосса

[10] Карух – шаҳраке, ки байни он ва Ҳирот даҳ фарсах роҳ аст. Аз ин шаҳрак ба ҳамаи сарзаминҳо кишмиш бурда мешавад (Муъҷам-ул-булдон, ҷ.4, саҳ.458).

[11] Ҳарӣ – Ҳирот

[12] Хоф – аз навоҳии Нишопур, муттасил ба Зӯзан, ки деҳоти зиёд дорад ва сарсабз аст. Аз он адвия ва ангури бисёр ба даст меояд (ал-Ансоб, ҷ.2, саҳ.470).

боздоштам ва Хофро ғорат кардам ва ба рустои Бушт[1] берун шудам ва ба Байҳақ даромадам. Ду ҳазор савор бар ман ҷамъ шуд. Биёмадам ва Нишопур бигирифтам ва кори ман боло гирифт ва тараққӣ ҳамекард, то ҷумлаи Хуросон хештанро мустахлас[2] гардонидам. Асл ва сабаб ин ду байт шеър буд.

Ва Салломӣ[3] андар «Таърих»-и хеш ҳамеорад, ки кори Аҳмад ибни Абдуллоҳ ба дараҷае расид, ки ба Нишопур як шаб сесад ҳазор динор ва понсад сар асп ва ҳазор то ҷома бибахшид. Ва имрӯз дар таърих аз мулуки қоҳира яке ӯст.

Асл он ду байт шеър буд. Ва дар арабу аҷам амсоли ин бисёр аст. Аммо бар ин яке ихтисор кардем.

Пас, подшоҳро аз шоири нек чора нест, ки бақои исми ӯро тартиб кунад ва зикри ӯро дар давовин ва дафотир мусбат гардонад, зеро ки чун подшоҳ ба амре, ки ногузир аст, маъмур шавад, аз лашкару ганҷу хазинаи ӯ осор намонад ва номи ӯ ба сабаби шеъри шоирон ҷовид бимонад.

Шариф Муҷаллидии Гургонӣ[4] гӯяд:

*Аз он чандон наими инҷаҳонӣ,*
*Ки монд аз Оли Сосон в-Оли Сомон.*
*Санои Рӯдакӣ мондасту мидҳат,*
*Навои Борбад мондасту дастон[5].*

Ва асомии[6] мулуки асру содоти[7] замон ба назми роеъву[8] шеъри шоеъи[9] ин ҷамоат боқӣ аст. Чунонки асомии Оли Сомон ба Устод Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад ар-Рӯдакӣ ва Абулаббос ар-Рабинҷанӣ[10] ва

[1] Бушт (Буст) – шаҳре буда воқеъ байни Сиҷистон, Ғазнин ва Ҳирот (Муъҷам-ул-булдон, ҷ.1, саҳ.414).

[2] мустахлас – озод шуда, ба тасарруф даромада

[3] Салломӣ – Абӯалӣ Салломии Байҳақии Нишопурӣ, ки соли 300/913 даргузаштааст. Саолибӣ ӯро аз зумраи наздикон ва котибони Алӣ ибни Муҳтоҷ ва писари ӯ Абӯалӣ Аҳмад ибни Муҳаммади Муҳтоҷ хондааст. Ӯро соҳиби тасонифи бисёр дониста, ки «ат-Торих фӣ ахбори вуллоти Хуросон» аз ҷумлаи онҳо мебошад (Луғатнома, ҷ.8, саҳ.12091).

[4] Шариф Муҷаллидии Гургонӣ – зоҳиран аз шоирони поёни асри X ва оғози асри XI аст. Зеро аз Сомониён чун давлати гузашта ёд мекунад. Ҳамчунин ашъораш дар «Тарҷумон-ул-балоға», ки аз таълифоти охири асри XI маҳсуб мегардад, мундариҷ аст. Авфӣ дар «Лубоб-ул-албоб» аз ӯ ба сурати «Абӯшариф Аҳмад ибни Алии Муҷаллидии Гургонӣ» ёд намудааст. Дар «Тарҷумон-ул-балоға» ва «Луғати фурс» ҳам ба ҳамин забт омадааст. Аз ин рӯ, имкон дорад, ки чунин низ бошад (Луғатнома, ҷ.12, саҳ. 17938).

[5] дастон – суруд, тарона

[6] асомӣ – номҳо

[7] содот – бузургон

[8] роеъ – гуворо, олӣ

[9] шоеъ – паҳншуда, роиҷ

[10] Абулаббос ар-Рабинҷанӣ – Абулаббос Фазл ибни Аббоси Рабинҷанӣ, аз шуа-

Абулмасал ал-Бухорӣ[1] ва Абӯисҳоқи Ҷӯйборӣ[2] ва Абулҳасани Ағаҷӣ[3] ва Таҳовӣ[4] ва Хаббозии Нишопурӣ[5] ва Абулҳасан ал-Кисоӣ[6].

Аммо асомии мулуки Оли Носируддин[7] боқӣ монад ба амсоли Унсурӣ[8] ва Асҷадӣ[9] ва Фаррухӣ[10] ва Баҳромӣ[11] ва Зинатӣ[12] ва

рои Сомониён ва муосири Рӯдакист. Сурудааш дар марсияи Наср ибни Аҳмад ва таҳнияти ҷулуси Амир Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ возеҳ месозад, ки то соли 331/943 зинда будааст. Назди шуарои пас аз худ эътибори баланд доштааст. Манучеҳрӣ ӯро дар сафи шоирони бузурги қабл аз хеш ёд намудааст (Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон, саҳ.125). Рабинҷан – аз шаҳрҳои Суғд буда, дар наздикии Самарқанд қарор дорад. Ба сурати «Арбинҷан» низ ёд мешавад (ал-Ансоб, ҷ.3, саҳ.48).

[1] Абулмасал ал-Бухорӣ – аз шоирони оғози асри X ва ситоишгарони Оли Сомон аст. Абёти парокандаи ӯ дар фарҳангҳои куҳан ба назар мерасад ва ин аз мақоми баланди шоирии ӯ дарак медиҳад.

[2] Абӯисҳоқи Ҷӯйборӣ – Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммади Бухории Ҷӯйборӣ аз шоирони бузурги Оли Сомон ва муосири Рӯдакист. Авфӣ навишта: «Ҷӯйборӣ пайваста ризоҷӯи Борӣ буд, заргаре устод ва шоире устод» (Лубоб-ул-албоб, ҷ.2, саҳ.11).

[3] Абулҳасани Ағаҷӣ – аз амирону шоирони асри X ва муосири Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ аст. Номи ӯ ба суратҳои «Ағоҷӣ», «Оғочӣ», «Оғаҷӣ» низ сабт ёфтааст. Ӯ, илова бар шеъри форсӣ, дар насри арабӣ низ устод будааст. Саолибӣ ӯро дар радифи шоирони маъруфи тозигӯй овардааст (Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон, саҳ.189).

[4] Таҳовӣ – аз ситоишгарони Оли Сомон ва муосири Рӯдакӣ аст. Аз он ҷо, ки «Таҳовӣ» нисбат ба «Таҳо» – деҳае дар поёнзамини Миср, дар биёбон (ал-Ансоб, ҷ.4, саҳ.31) аст, назди муҳаққиқон ин забт номусаллам қарор гирифтааст. Ба ин мӯҷиб, сурати дурустро «Тахорӣ» (мансуб ба Тахорон – аз тавобеъ Марв ё Тахористон, ноҳияи маъруфи Хуросон) донистаанд (Чаҳор мақола. Тасҳеҳи Аллома Қазвинӣ (бо ҳошияҳо аз Саид Қарабеглу), саҳ. 149).

[5] Хаббозии Нишопурӣ – аз шоирони боэътибори аҳди Сомонӣ, ки соли 342/953 даргузаштааст.

[6] Абулҳасан ал-Кисоӣ – Абулҳасан (Абӯисҳоқ) Маҷдуддин Кисоии Марвазӣ, ки аз шоирони охири аҳди сомонӣ ва аввали аҳди ғазнавӣ буд. Соли 341/953 дар Марв ба дунё омад. То соли 391/1001 дар ҳаёт будааст. Авфӣ «аксари ашъори ӯ(ро) дар зуҳду ваъз» хондааст (Лубоб-ул-албоб, ҷ.2, саҳ.33).

[7] Оли Носируддин– мурод Ғазнавиён аст. «Носируддин» – лақаби Сабуктагин мебошад, ки асосгузори салтанати ин хонадон буд.

[8] Унсурӣ – шоири маъруфи аҳди Ғазнавиён, ки дар дарбори Султон Маҳмуд ва писараш Масъуд эътибори баланд дошт. Соли 431/1040 даргузаштааст.

[9] Асҷадӣ – Абӯназар Абдулазиз ибни Мансури Асҷадӣ, ки аз мамдуҳони Маҳмуд ва Масъуди Ғазнавӣ буд. Ба занни ғолиб давраи Мавдуд ибни Масъуди Ғазнавиро (ҳукм. 432-440/1041-1049) низ дарёфтааст.

[10] Фаррухӣ – аз шуарои қасидасарои номвари асри XI, ки дар дарбори Абулмузаффари Чағонӣ, сипас Маҳмуди Ғазнавӣ эътибори хосса дошт. Даргузашташ соли 429/1038 воқеъ афтодааст.

[11] Баҳромӣ – ниг. ба ҳошияи саҳ. 134

[12] Зинатӣ – Абдулҷаббор Зинатии Алавии Маҳмудӣ, ки аз шоирони боэътибори боргоҳи Маҳмуд ва Масъуди Ғазнавӣ буд ва насабаш ба табори бонаҷобат мепайваст. Авфӣ навишта: «Зинатӣ – зинати замону нодираи ҷаҳон, аз хонадони сиёдат

Бузарҷмеҳри Қойинӣ[1] ва Музаффарӣ[2] ва Маншурӣ[3] ва Манучеҳрӣ[4] ва Масъудӣ[5] ва Қассори Уммӣ[6] ва Абӯҳанифаи Искоф[7] ва Рошидӣ[8] ва Абулфараҷи Рунӣ[9] ва Масъуди Саъди Салмон[10] ва Муҳаммади Носир[11] ва Шоҳ Бӯраҷо[12] ва Аҳмади Халаф[13] ва Усмони Мухторӣ[14] ва Маҷдуд

ва аз дудмони саодат буд» (Лубоб-ул-албоб, ч.2, саҳ.39). Номи ӯ дар қисме аз манобеъ ба сурати «Зайнабӣ» низ сабт гардидааст.

[1] Бузарҷмеҳри Қойинӣ – аз шоирони зулисонайни асри XI, ки муосири Маҳмуд ва Масъуди Ғазнавӣ буд ва аз шукӯҳи онон сухан мегуфт. Намунаҳое аз ашъори арабиву форсии ӯ боқӣ мондааст.

[2] Музаффарӣ – мурод Музаффарии Панҷдеҳӣ аст, ки аз суханварони асри XI, муосири Фаррухӣ буд. Аз маддоҳони Маҳмуди Ғазнавист.

[3] Маншурӣ – манзур Абӯсаъд Аҳмад ибни Муҳаммади Маншурии Самарқандӣ аст. Ситоишгари Маҳмуди Ғазнавист. Авфӣ бо тасреҳ бад-ин нукта, чанд намуна ашъори мадҳии ӯро овардааст (Лубоб-ул-албоб, ч.2, саҳ.531-533).

[4] Манучеҳрӣ – Абӯнаҷм Аҳмад бини Қавс ибни Аҳмади Манучеҳрии Домғонӣ аз шуарои нимаи аввали асри XI аст. Аз маддоҳони Масъуди Ғазнавист. Дар соли 432/1041 даргузаштааст.

[5] Масъудӣ – манзур Масъудии Розӣ (Ғазнавӣ) аст, ки дар аҳди Масъуди Ғазнавӣ аз эътибор бархурдор буд.

[6] Қассори Уммӣ – аз шоирони нимаи аввали асри XI буд ва Абӯаҳмад Муҳаммад ибни Маҳмуди Ғазнавиро месутуд.

[7] Абӯҳанифаи Искоф – мурод Абӯҳанифаи Искофии Ғазнавӣ аст, ки аз шоирони дарбори Иброҳим ибни Масъуди Ғазнавӣ (450-492/1058-1099 ) буд.

[8] Рошидӣ – зоҳиран аз муосирони Абӯҳанифаи Искофӣ ва ситоишгарони Иброҳим ибни Мансури Ғазнавист.

[9] Абулфараҷи Рунӣ – Абулфараҷ ибни Масъуди Рунӣ, ки Абулмузаффар Иброҳим ибни Масъуд (450-492/1058-1099) ва Масъуд ибни Иброҳим ибни Масъудро (452-508/1060-1115) мадҳ мегуфт. Аҳли таҳқиқ дар мавриди зодгоҳи ӯ ихтилоф доранд. Баъзе «Руна» (аз деҳаҳои Нишопур) ва баъзе мавзее дар Лоҳур ёд намудаанд. Ризоқулихони Ҳидоят навишта: «Аслаш аз Руна – қаряи Нишопур аст… Чанде дар Лоҳур зиста ва боз ба рикоби султон пайваст. Лиҳозо, бархе ӯро «Лоҳурӣ» донанд» (Маҷмаъ-ул-фусаҳо, ч.1, бахши аввал, саҳ.264).

[10] Масъуди Саъди Салмон – аз шоирони номвари нимаи дувуми асри XI ва ибтидои асри XII, ки бо Ғазнавиён пайванд дошт ва талхиву ширинии зиёдро аз салотини онон чашид. Даргузашти ӯро тақрибан соли 515/1121 донистаанд.

[11] Муҳаммади Носир – манзур Мухаммад ибни Носири Алавии Ғазнавӣ – бародари Сайид Ҳасани Ғазнавист, ки Баҳромшоҳи Ғазнавиро (ҳукм. 512-547/1118-1152) месутуд.

[12] Шоҳ Бӯраҷо – Шиҳобуддиншоҳ Алии Ғазнавӣ (Абӯраҷои Ғазнавӣ), ки аз шоирони дарбори Баҳромшоҳи Ғазнавӣ ва муосири Саноиву Мухторӣ буд (Луғатнома, ч.7, саҳ. 401).

[13] Аҳмади Халаф – шоире ношинохта, ки зоҳиран, дар поёни асри XI ва ибтидои асри XII мезиста, ки бо шоирони инаҳдаи Ғазнавиён ҳамроҳ ёд шудааст. Қазвинӣ ба эҳтимоли заиф писари Халаф ибни Аҳмад – амири Систон донистааст (Чаҳор мақола. Тасҳеҳи Аллома Қазвинӣ (бо ҳошияҳо аз Саид Қарабеглу, саҳ.1214).

[14] Усмони Мухторӣ – Абулмафохир Хоҷа Ҳаким Сироҷиддин Абӯумар Усмон ибни Умари (ё Муҳаммади) Мухтории Ғазнавӣ, ки аз шоирони бонуфузи дарбори

ас-Саноӣ[1].

Аммо асомии Оли Хоқон[2] боқӣ монад ба Луълуӣ ва Килобӣ[3] ва Наҷибии Фарғонӣ[4] ва Амъақи Бухорӣ[5] ва Рашидии Самарқандӣ[6] ва Наҷҷори Соғарҷӣ[7] ва Алии Бонизӣ[8] ва Писари Дарғуш[9] ва Алии Сипеҳрӣ[10] ва Ҷавҳарӣ[11] ва Суғдӣ[12] ва Писари Теша[13] ва Алии Шатранҷӣ[14].

---

Ғазнавиён буд. Дар охири асри XI ва ибтидои асри XII зистааст. Илова бар салотини ғазнавӣ, Арслоншоҳи Салҷуқиро низ сутудааст. Вафоташ байни солҳои 544-549/1149-1154 дониста шудааст.

[1] Маҷдуд ас-Саноӣ – устоди шоирони ориф, муаллифи маснавии «Ҳадиқа». Бино ба қавли роҷеҳ, соли 545/1150 аз дунё даргузаштааст. Аз байни салотини ғазнавӣ бо Иброҳим ибни Масъуди Ғазнавӣ пайванд дошт.

[2] Оли Хоқон – хонадоне аз фармонравоёни турк, ки тақрибан байни солҳои 320-560/932-1165 ҳукмронӣ доштанд. Аз ин хонадон ба сурати «Оли Афросиёб», «Хония», «Элик(г)хония», «Афрособия», «Қарахониён» ва «Хоқониён» низ ёд мешавад. Бештари ҳукумати онон дар Кошғар, Балосоғун ва қисмате аз Мовароуннаҳр будааст.

[3] Луълуӣ, Килобӣ – ҳамин андоза шинохта шудаанд, ки аз шоирони Оли Хоқон ҳастанд ва зоҳиран дар асри XI мезистаанд.

[4] Наҷибии Фарғонӣ – аз шоирони асри XI, ки дар дарбори Хизрхон ибни Тамғочхони Иброҳим, аз мулуки Хонияи Мовароуннаҳр, мезист. Ӯро бо Ломеии Гургонӣ мушоира ва муорифоте будааст (Луғатнома, ҷ.13, саҳ.19767).

[5] Амъақи Бухорӣ – аз шоирони поёни асри XI ва оғози асри XII Мовароуннаҳр, ки «Абӯнаҷиб» куния дошт ва ба «Шиҳобуддин» ва «Амирушшуаро» мулаққаб мегардид. Дар дарбори Оли Хоқон, дар Самарқанд, бо Рашидии Самарқандӣ ҳамроҳ хидмат мекард. Бо Санҷари Салҷуқӣ низ робита дошт. Тақрибан соли 543/1148 аз дунё даргузаштааст.

[6] Рашидии Самарқандӣ – аз суханварони номии дарбори Хизрхон ибни Иброҳим аст. Маддоҳи Ситтӣ Зайнаб (ҳамсари Хизрхон) буд ва ба василаи ӯ мақоми «Сайид-уш-шуаро»-ро дарёфт.

[7] Наҷҷори Соғарҷӣ – аз шуарои дарбори Хизрхон, ки ба «Саъдуддин» мулаққаб мегардид ва «Наҷҷорӣ» тахаллус дошт. Аз ӯ ба сурати «Наҷҷории Самарқандӣ» низ ёд мешавад. Авфӣ навишта, ки аксари шеъри ӯ рубоӣ мебошад (Лубоб-ул-албоб, ҷ.2, саҳ.383). Соғарҷ – аз деҳаҳои Суғд буда, дар панҷфарсахии Самарқанд қарор дорад (ал-Ансоб, ҷ.3, саҳ.221).

[8] Алии Бонизӣ – аз шоирони дарбори Хизрхон ибни Тамғоч ва муосири Рашидӣ, Амъақ ва Наҷҷорӣ аст.

[9] Писари Дарғуш – аз шоиронест, ки дар Самарқанд дар дарбори султони хонияи Мовароуннаҳр Хизрхон мезист.

[10] Алии Сипеҳрӣ – зоҳиран аз шуарои муосир бо Амъақу Рашидист.

[11] Ҷавҳарӣ – шояд Ҷавҳарии Заргар аст, ки дар асри XII мезист. Бо Асируддини Ахсикатӣ, Адиб Собири Тирмизӣ муосир буд. Ё Ҳаким Абӯмаҳомид Маҳмуд ибни Умари Ҷавҳарии Соиғи Ҳиравӣ бошад, ки аз шоирони миёнаи асри XI аст.

[12] Суғдӣ – ҳамин андоза шинохта шуд, ки аз шуарои дарбори Оли Хоқон будааст.

[13] Писари Теша – аз шуарои Оли Хоқон аст.

[14] Алии Шатранҷӣ – манзур Ҷамолулҳукамо Деҳқон Алии Шатранҷӣ аст, ки аз

Аммо асомии Оли Бӯя[1] боқӣ монад ба Устод Мантиқӣ[2] ва Каё Ғазоирӣ[3] ва Бундор[4].

Аммо асомии Оли Салҷуқ[5] боқӣ монад ба Фаррухии Гургонӣ[6] ва Ломеии Деҳистонӣ[7] ва Ҷаъфари Ҳамадонӣ[8] ва Дарфирӯзи Фахрӣ[9] ва

ӯ ба сурати «Абӯалии Самарқандӣ» низ ёд мешвад. Бо суханварони Оли Хоқон Сӯзаниву Ломеӣ муосир буд. Гӯё дар бозии шатранҷ маҳорати хосса доштааст (Лубоб-ул-албоб, ҷ.2, саҳ.199; Луғатнома, ҷ.10, саҳ.14318).

[1] Оли Бӯя – ин хонадон аз соли 320 то 448/932 то 1056 дар Эрони ҷанубӣ ва Ироқ ба истиқлол фармонравоӣ доштанд. Ин хонадонро се бародарон – Алӣ, Ҳасан ва Аҳмад, ки писарони Бӯяи моҳигир буданд, ташкил доданд. Алӣ бар Форс, Ҳасан бар Рай, Исфаҳон, Кошон, Ҳамадон ва Аҳмад бар Кирмон ва баъдан бар Бағдод ҳоким гардиданд. Хонадони мазкур ба «Дайламиён» низ маъруфанд.

[2] Мантиқӣ – мурод Абӯмуҳаммад Мансур ибни Алии Мантиқии Розист, ки аз шоирони зулисонайни асри X ва маддоҳи Соҳиб ибни Аббод – адиб ва вазири Фахруддавлаи Дайламӣ буд. Аз қадимтарин шоирони форсигӯи Ироқ ҳисоб меёбад. Аз навиштаи Авфӣ бармеояд, ки пеш аз расидани Бадеуззамони Ҳамадонӣ ба хидмати Соҳиб (байни солҳои 368-380/979-990), Мантиқӣ вафот кардааст (Лубоб-ул-албоб, ҷ.2, саҳ.17-18; Шарҳи аҳвол ва… саҳ.199).

[3] Каё Ғазоирӣ – Абӯязид Муҳаммад ибни Алии Ғазоирии Розӣ, ки дар ибтидои асри XI мезист ва Баҳоуддавлаи Дайламиро месутуд. Муосири Унсурӣ буд. Мувофиқи навиштаи Ризоқулихон соли 426/1035 вафот кардааст (Маҷмаъ-ул-фусаҳо, ҷ. 1, бахши дувум, саҳ.1553).

[4] Бундор – манзур Камолиддин Бундори Розӣ аст, ки аз маъруфтарин шоирони оғози асри XI буд. Дар ситоиши Оли Бӯя ва бузургони ин хонадон ашъори зиёд сурудааст. Ба арабиву форсӣ ва забони хоссаи мардуми Рай шеър мегуфт. Соли 401/1011 зиндагиро падруд гуфтааст.

[5] Оли Салҷуқ – хонадоне аз туркмони бадавӣ, ки дар ҳоли заъфи Аббосиён ба сарзаминҳои ислом фармонравоӣ ёфтанд. Ин хонадон ба чандин қисмат ҷудо шуданд ва ҳар як дар минтақае хос ҳукумат ронданд. Чун Салоҷуқаи Шом, Салоҷуқаи Рум, Салоҷуқаи Ироқу Курдистон ва Салоҷуқаи Кирмон. Ҳар яке таърихи муайяни фармонравоӣ дорад. Аммо дар маҷмӯъ метавон онро байни солҳои 429-700/1037-1300 донист. Бештари эшон аз ҷониби Хоразмшоҳиён ва қисмате ба дасти муғулону туркони Усмонӣ инқироз ёфтанд.

[6] Фаррухии Гургонӣ – шояд мурод Фахриддин Асъади Гургонӣ бошад, ки аз достонсароёни намоёни асри XI аст ва бо Туғрали Салҷуқӣ муосир буд. Зеро баид нест, ки котибон «Фахрӣ»-ро «Фаррухӣ» китобат карда бошанд.

[7] Ломеии Деҳистонӣ – Абулҳасан Муҳаммад ибни Исмоили Ломеии Деҳистонӣ, аз шуарои аҳди Маликшоҳи Салҷуқӣ аст. Аз гузориши «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» бармеояд, ки ӯ назди Абӯҳомид Ғаззолӣ дарс омӯхтаст. Маликшоҳ ва вазири ӯ Низомулмулки Тӯсиро мадҳ мегуфт. Бо Бурҳонӣ (падари Муиззӣ), Сӯзанӣ, Ҷамолӣ, Амъақ мушоираву мунозира доштааст. Вафоташ ба рӯзгори Санҷар дар Самарқанд иттифоқ афтод (Маҷмаъ-ул-фусаҳо, ҷ. 1, бахши савум, саҳ. 1753; Луғатнома, ҷ.12, саҳ.17264).

[8] Ҷаъфари Ҳамадонӣ – аз шоирони салотини салҷуқӣ, ки зоҳиран дар асри XI мезистааст.

[9] Дарфирӯзи Фахрӣ – аз шуарои асри XI, ки дар Исфаҳон мезист.

Бурҳонӣ[1] ва Амир Муиззӣ[2] ва Абулмаолии Розӣ[3] ва Амиди Камолӣ[4] ва Шиҳобӣ[5].

Аммо асомии мулуки Табаристон[6] боқӣ монад ба Қамарии Гургонӣ[7] ва Рофеии Нишопурӣ[8] ва Кифоии Ганҷаӣ ва Кӯсаи Фолӣ ва Пури Калла[9].

Ва асомии мулуки Ғӯр – Оли Шансаб, халладаллоҳу мулкаҳум[10], боқӣ монад ба Абулқосими Рафеӣ ва Абӯбакри Ҷавҳарӣ[11] ва камтарини бандагон – Низомии Арӯзӣ ва Алии Сӯфӣ[12].

Ва давовини ин ҷамоат нотиқ аст ба камолу ҷамол ва олату уддат ва адлу базл ва аслу фазл ва рою тадбир ва таъйиду таъсири ин

---

[1] Бурҳонӣ – Амирушшуаро Абдулмалик Бурҳонии Нишопурӣ, ки аз шоирони миёнаи асри XI аст. Падари Амир Муиззӣ мебошад. Ситоишгари Алпарслони Салҷуқӣ буд. Тахаллуси худ «Бурҳонӣ»-ро аз лақаби Алпарслон – «Бурҳонулмуъминин» гирифтааст. Соли 465/1073 дар Қазвин вафот кардааст.

[2] Амир Муиззӣ – писари шоир Бурҳонии фавқуззикр, ки дар дарбори Маликшоҳи Салҷуқӣ мезист. Тахаллуси «Муиззӣ»-и ӯ низ ба ин далолат дорад. Зеро онро аз лақаби «Муиззуддин Маликшоҳ ибни Алпарслон» гирифтааст. Пас аз аҳди Маликшоҳ, дигар амирони салҷуқӣ ва ғайрисалҷуқиро бисутуд. Дар охир ба хидмати Санҷар даромад. Байни солҳои 518-521/1124-1127 даргузаштааст.

[3] Абулмаолии Розӣ – шоир ва донишманди ҳамрӯзгор бо Саноӣ ва Усмони Мухторӣ аст. Ғиёсиддин Масъуд ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳи Салҷуқиро мадҳ мегуфт. Вафоти ӯ дар соли 541/1147 иттифоқ афтодааст (Луғатнома, ҷ.1, саҳ.731).

[4] Амиди Камолӣ – мурод Камолии Бухороӣ аст, ки Санҷари Салҷуқиро месутуд.

[5] Шиҳобӣ – манзур Шиҳобуддин Аҳмад ибни Муайяди Насафии Самарқандист, ки Рукнуддин Қиличтамғонхони Масъудро ситоиш мекард.

[6] Табаристон – ин ном дар назди ҷуғрофиёну муаррихони қадими ислом ба Мозандарон ва атрофи он итлоқ мегардид. Ёқут «Табаристон»-ро исми шаҳрҳои зиёде дониста, ки Деҳистон, Ҷурҷон, Астаробод ва Омул аз муҳимтарини онҳо мебошанд. Аксар кӯҳсор мебошад. Он байни Рай, Қумис, Баҳр(-и хазар), билоди Дайлам ва Ҷил аст. Пуробу дарахт аст (Муъҷам-ул-булдон, ҷ.4, саҳ.13). Табаристон – макони табарҳо (тапорҳо). Тапорҳо қавме, ки аз қадим он ҷо сукунат ихтиёр кардаанд (Фарҳанги форсӣ, ҷ.5, саҳ.1078; Луғатнома, ҷ.9, саҳ.13534).

[7] Қамарии Гургонӣ – шоири мадҳгӯи Қобус ибни Вушмгир, ки ному насабаш ба сурати «Зиёд ибни Умари (ё Муҳаммади) Қамарии Мозандаронӣ (ё Ҷурҷонӣ)» сабт гардидааст (Лубоб-ул-албоб, ҷ.2, саҳ.19; Маҷмаъ-ул-фусаҳо, ҷ. 1, бахши савум саҳ. 1703).

[8] Рофеии Нишопурӣ – аз шоирони оғози асри XI ва муосир бо Маҳмуди Ғазнавист (Шарҳи аҳвол.., саҳ.390).

[9] Кифоии Ганҷаӣ, Кӯсаи Фолӣ, Пури Калла – ин афрод ҳамин қадар шинохта шуда, ки аз шуарои подшоҳони Табаристонанд.

[10] Яъне: Худованд давлаташонро ҷовидона дорад.

[11] Абулқосими Рафеӣ, Абӯбакри Ҷавҳарӣ – ҳамон андоза, ки муаллиф аз шуарои мулуки Ғӯрия хондааст, шинохта шудаанд.

[12] Алии Сӯфӣ – аз шуарои муосир бо муаллиф, ки ношинохта аст.

подшоҳони мозия[1] ва ин меҳтарони холия[2], навваруллоҳу мазоҷиаҳум ва вассаъа алайҳим мавозиаҳум[3].

Басо меҳтарон, ки неъмати подшоҳон хӯрданд ва бахшишҳои гарон карданд ва бар ин шуарои муфлиқ[4] супурданд, ки имрӯз аз эшон осор нест ва аз хадаму ҳашами[5] эшон дайёр[6] не ва басо кӯшкҳои мунаққаш ва боғҳои дилкаш, ки бино карданд ва биёростанд, ки имрӯз бо замин ҳамвор гаштааст ва бо муфозоту[7] авдия[8] баробар шуда. (Мусанниф гӯяд):

*Басо кохо, ки Маҳмудаш бино кард,*
*Ки аз рифъат[9] ҳаме бо маҳ миро[10] кард.*
*Набинӣ з-он ҳама як хишт бар пой,*
*Мадеҳи Унсурӣ мондаст бар ҷой.*

Ва худованди олам Ало-уд-дунё ва-д-дин Абӯалӣ ал-Ҳусайн ибни Ҳусайн, ихтиёри[11] амирулмуъминин, ки зиндагонияш дароз бод ва чатри давлаташ мансур, ба кин хостани он ду малик – шаҳриёри шаҳиду малики ҳамид[12] ба Ғазнин рафт ва Султон Баҳромшоҳ[13] аз пеши ӯ бирафт. Бар дарди он ду шаҳид, ки истихфофҳо карда буданд ва газофҳо гуфта, шаҳри Ғазнинро ғорат фармуд ва имороти Маҳмудиву Масъудиву Иброҳимӣ хароб кард ва мадоеҳи эшон ба зар ҳамехарид ва дар хазина ҳамениҳод. Касро заҳраи он набудӣ, ки дар он лашкар, ё дар он шаҳр эшонро султон хонад. Ва подшоҳ худ аз «Шоҳнома» бармехонд, он чи Абулқосим Фирдавсӣ гуфта буд:

*Чу кӯдак лаб аз шири модар бишуст,*
*Зи гаҳвора «Маҳмуд» гӯяд нахуст.*
*Ба тан зандапилу[14] ба ҷон Ҷабраил,*

---

[1] мозия – гузашта

[2] холия – рафта, пешин, гузашта

[3] Яъне: Худованд оромгоҳҳои эшонро пурнуру фарох созад.

[4] муфлиқ – некӯбаён, дар сухан тавоно

[5] хадаму ҳашам – ходимону рикобдорон

[6] дайёр – касе, зиндае

[7] муфозот – биёбонҳо

[8] авдия – дара, селраҳа

[9] рифъат – баландӣ

[10] миро – мушоҷара, ҷидол

[11] ихтиёр – баргузида

[12] Мурод аз ин ду малик бародарони Алоуддини Ғӯрӣ – Қутбиддин Муҳаммад ва Сайфуддини Сурӣ мебошанд, ки ҳар ду аз ҷониби Баҳромшоҳи Ғазнавӣ ба қатл расида буданд.

[13] Баҳромшоҳ – мурод Баҳромшоҳ писари Масъуди савум аст, ки ба «Яминуддавла» мулаққаб буд. Байни солҳои 512-547/1118-1152 ҳукумат рондааст.

[14] зандапил – жандапил, пили бузург

*Ба каф абри Баҳман, ба дил рӯди Нил.*
*Ҷаҳондор Маҳмуд – шоҳи бузург,*
*Ба обишхур орад ҳаме мешу гург.*

Ҳамаи худовандони хирад донанд, ки ин ҷо ҳашмати Маҳмуд намонда буд, ҳурмати Фирдавсӣ буду назми ӯ. Ва агар Султон Маҳмуд дониста будӣ, ҳамоно, ки он озодмардро маҳруму маъюс нагузоштӣ.

### Фасл
### Дар чигунагии шоир ва шеъри ӯ

Аммо шоир бояд, ки салимулфитрат, азимулфикрат, саҳеҳуттабъ, ҷайидурравия, дақиқунназар бошад, дар ан-вои улум мутанаввиъ бошад ва дар атрофи русум мустатриф. Зеро чунонки шеър дар ҳар илме ба кор ҳамешавад, ҳар илме дар шеър ба кор ҳамешавад. Ва шоир бояд, ки дар маҷлиси муҳоварат хушгӯй бувад ва дар маҷлиси муошират хушрӯй. Ва бояд, ки шеъри ӯ бад-он дараҷа расида бошад, ки дар саҳифаи рӯзгор мастур[1] бошад ва бар алсинаи[2] аҳрор[3] мақруъ[4], бар сафоин[5] бинависанд ва дар мадоин[6] бихонанд, ки ҳаззи авфар[7] ва қисми афзал[8] аз шеър бақои исм аст ва то мастуру мақруъ набошад, ин маънӣ ба ҳосил наёяд. Ва чун шеър бад-ин дараҷа набошад, таъсири ӯро асар набувад ва пеш аз худованди худ бимирад. Ва чун ӯро дар бақои хеш асаре нест, дар бақои исми дигаре чӣ асар бошад?

Аммо шоир бад-ин дараҷа нарасад, илло ки дар унфувони шабоб[9] ва дар рӯзгори ҷавонӣ бист ҳазор байт аз ашъори мутақаддимон[10] ёд гирад ва даҳ ҳазор калима аз осори мутааххирон[11] пеши чашм кунад ва пайваста давовини устодон ҳамехонад ва ёд ҳамегирад, ки дар омаду беруншуди эшон аз мазойиқу[12] дақоиқи сухан бар чӣ ваҷҳ будааст, то туруқу анвои шеър дар табъи ӯ муртасам[13] шавад ва айбу ҳунари шеър бар саҳифаи хиради ӯ мунаққаш гардад, то суханаш рӯй дар тараққӣ

[1] мастур – навишташуда, сабтёфта
[2] алсина – забонҳо
[3] аҳрор – озодагон, ёрон
[4] мақруъ – хондашуданӣ, ҷорӣ
[5] сафоин – дафтарҳо
[6] мадоин – шаҳрҳо
[7] ҳаззи авфар – баҳраи бештарин
[8] қисми афзал – беҳтарин қисмат ва насиб
[9] унфувони шабоб – оғози ҷавонӣ
[10] мутақаддимон – пешиниён
[11] мутааххирон – пасиниён
[12] мазойиқ – тангнои сухан
[13] муртасам – нақшбаста, марсуму оддӣ

дорад ва табъаш ба ҷониби улув(в)[1] майл кунад.

Ҳар киро табъ дар назми шеър росих[2] шуд ва суханаш ҳамвор гашт, рӯй ба илми шеър орад ва арӯз бихонад ва гирди тасонифи устод Абулҳасани Сарахсӣ ал-Баҳромӣ[3] гардад, чун «Ғоят-ул-арузайн» ва «Канз-ул-қофия» ва накди маонӣ ва накди алфоз ва сариқот[4] ва тароҷим.

Ва анвои ин улум бихонад бар устоде, ки он донад, то номи устодиро сазовор шавад ва исми ӯ дар саҳифаи рӯзгор падид ояд, чунонки асомии дигар устодон, ки номҳои эшон ёд кардем, то он чи аз махдум ва мамдуҳ биситонад, ҳаққи он битавонад гузорид дар бақои исм.

Ва аммо бар подшоҳ воҷиб аст, ки чунин шоирро тарбият кунад, то дар хидмати ӯ падидор ояд ва номи ӯ аз мидҳати ӯ ҳувайдо шавад. Аммо агар аз ин дараҷа кам бошад, нашояд бад-ӯ сим зоеъ кардан ва ба шеъри ӯ илтифот намудан, хосса, ки пир бувад. Ва дар ин боб тафаҳҳус[5] кардаам, дар кулли олам аз шоири пир бадтар наёфтаам ва ҳеҷ сим зоеътар аз он нест, ки ба вай диҳанд. Ноҷавонмарде, ки ба панҷоҳ сол надониста бошад, ки он чи ман ҳамегӯям бад аст, кай бихоҳад донистан? Аммо агар ҷавоне бувад, ки табъи рост дорад, агарчи шеъраш нек набошад, умед бувад, ки нек шавад ва дар шариати озодагӣ тарбияти ӯ воҷиб бошад ва тааҳҳуди[6] ӯ фариза ва тафаққуди[7] ӯ лозим.

Аммо дар хидмати подшоҳ ҳеҷ беҳтар аз бадеҳа гуфтан нест, ки ба бадеҳа табъи подшоҳ хуррам шавад ва маҷлисҳо барафрӯзад ва шоир ба мақсуд расад. Ва он иқбол, ки Рӯдакӣ дар Оли Сомон дид, ба бадеҳа гуфтану зудшеърӣ, кас надидааст.

### Ҳикоят (2)

Чунин овардаанд, ки Наср ибни Аҳмад[8], ки воситаи

[1] улув(в) – баландӣ

[2] росих – устувор

[3] Абулҳасани Сарахсӣ ал-Баҳромӣ – аз шоирони асри аввали ғазнавӣ, ки «Алӣ» ном дошт ва «Баҳромӣ» тахаллуси ӯ буд. Дар рӯзгори Носируддин Сабуктагин аз эътибори баланд бархурдор буд. Дар улуми адабӣ, бахусус арӯзу қофия, устоди рӯзгор ба ҳисоб мерафт. Вафоташ, зоҳиран, дар оғози асри XI иттифоқ афтодааст (Луғатнома, ҷ.1, саҳ.951; ҷ.3, саҳ.4442). Илова бар осори ёднамудаи Низомӣ, «Хуҷастанома»-и ӯ низ дар илми арӯз будааст. Авфӣ навишта: «Ва «Хуҷастанома», ки дар илми арӯз беназир аст, аз муншаоти ӯст» (Лубоб-ул-албоб, ҷ.2, саҳ.56).

[4] сариқот – сурудаву навиштаи дигар нафарро ба худ нисбат додан; дуздии адабӣ

[5] тафаҳҳус – таҳқиқ анҷом додан, бо назари амиқ ҷустуҷӯ ва андеша намудан

[6] тааҳҳуд – сарпарастӣ, тарбиятро ба уҳда гирифтан

[7] тафаққуд – нигоҳубин, дилҷӯӣ

[8] Наср ибни Аҳмад – аз подшоҳони номвари Сомониён, ки соли 301/914 ба салтанат расид. Дар тӯли салтанати тақрибан сисолааш фитнаҳои дохилӣ ва сиёсиро фурӯ нишонид ва давлати Сомониёнро ба авҷи шукуфоӣ расонид. Вафоти ӯро соли

икди[1] Оли Сомон буд ва авҷи давлати он хонадон айёми мулки ӯ буд ва асбоби таманнуъ[2] ва илали тараффуъ[3] дар ғояти сохтагӣ[4] буд – хазоин ороста ва лашкар ҷаррор[5] ва бандагон фармонбардор. Зимистон ба дорулмулки[6] Бухоро муқом кардӣ ва тобистон ба Самарқанд рафтӣ ё ба шаҳре аз шаҳрҳои Хуросон. Магар як сол навбати Ҳарӣ[7] буд. Ба фасли баҳор ба Бодғис буд, ки Бодғис хуррамтарин чарохорҳои Хуросону Ироқ аст. Қариб ҳазор нов[8] ҳаст пуробу алаф, ки ҳар яке лашкареро тамом бошад[9].

Чун сутурон баҳор некӯ бихӯрданд ва ба тану тӯши хеш бозрасиданд ва шоистаи майдону ҳарб шуданд, Наср ибни Аҳмад рӯй ба Ҳарӣ ниҳод ва ба дари шаҳр ба Марғи сапед[10] фуруд омад ва лашкаргоҳ бизад. Ва баҳоргоҳ буд, шамол равон шуд ва меваҳои Молин[11] ва Карух[12] даррасид, ки амсоли он дар бисёр ҷойҳо ба даст нашавад ва агар шавад, бад-он арзонӣ набошад.

Он ҷо лашкар баросуд ва ҳаво хуш буду бод сард ва нон фароху меваҳо бисёр ва машмумот[13] фаровон ва лашкарӣ аз баҳору тобистон бархурдории тамом ёфтанд аз умри хеш. Ва чун меҳргон[14] даромад ва асир[15] даррасид ва шоҳсафрам ва ҳамоҳим[16] ва уқҳувон[17] дар дам шуд, инсоф аз наими ҷавонӣ бистиданд ва дод аз унфувони шабоб бидоданд.

Меҳргон дер даркашид ва сармо қувват накард ва ангур дар ғояти ширинӣ расид. Ва дар саводи[18] Ҳарӣ саду бист лавн[19] ангур ёфта

---

330/942 навиштаанд.

[1] воситаи икд – гаронбаҳотарин гавҳар, ки дар миёнаи гарданбанд аст.

[2] таманнуъ – қудратмандӣ

[3] илали тараффуъ – василаҳои тараққиву болоравӣ

[4] сохтагӣ – омодагӣ

[5] ҷаррор – бисёр, анбӯҳ

[6] дорулмулк – пойтахт

[7] Ҳарӣ – Ҳирот

[8] нов – дара

[9] тамом бошад – басанда бошад

[10] Марғи сапед – Марғ-чарогоҳ аст. Номи мавзее дар наздикии Ҳирот.

[11] Молин – ноҳияе дар қарибии Ҳирот

[12] Карух – ниг. ҳошия саҳ. 125

[13] машмумот – бӯиданиҳо. Мурод гулу гиёҳон аст.

[14] меҳргон – номи моҳ. Мурод фасли тирамоҳ аст.

[15] асир – афшура, шарбат, шароб

[16] ҳамоҳим – пудина

[17] уқҳувон – навъе аз гиёҳи бобуна

[18] савод – сарзамин, атроф

[19] лавн – ранг; намуна

шавад, ҳар як аз дигаре латифтару лазизтар ва аз он ду навъ аст, ки дар ҳеҷ ноҳияти рубъи маскун ёфта нашавад: яке парниён ва дувум каланҷарии тунукпӯсти хурдтакаси[1] бисёроб, гӯӣ, ки дар ӯ аҷзои арзӣ[2] нест. Аз каланҷарӣ, хӯшае панҷ ман ва ҳар донае панҷ дирамсанг биёяд, сиёҳ чун қир ва ширин чун шакар ва азаш[3] бисёр битавон хӯрд ба сабаби моияте[4], ки дар ӯст ва анвои меваҳои дигар ҳама хиёр[5].

Чун амир Наср ибни Аҳмад меҳргону самароти ӯ бидид, азимаш хуш омад. Наргис расидан гирифт. Кишмиш бияфканданд дар Молин ва мунаққо[6] баргирифтанд ва оaccess[7] бибастанд ва ганҷинаҳо пур карданд.

Амир бо он лашкар бад-он ду пора деҳ даромад, ки ӯро «Ғӯра» ва «Дарвоз» хонанд. Сароҳое диданд ҳар яке чун биҳишти аъло ва ҳар якеро боғеву бӯстоне дар пеш бар маҳабби[8] шамол ниҳода. Зимистон он ҷо муқом карданд. Ва аз ҷониби Сиҷистон норинҷ овардан гирифтанд ва аз ҷониби Мозандарон турунҷ расидан гирифт. Зимистоне гузоштанд дар ғояти хушӣ. Чун баҳор даромад, аспон ба Бодғис фиристоданд ва лашкаргоҳ ба Молин, ба миёни ду ҷӯй бурданд. Ва чун тобистон даромад, меваҳо даррасид. Амир Наср ибни Аҳмад гуфт: «Тобистон куҷо равем, ки аз ин хуштар муқомгоҳ набошад, меҳргон биравем». Ва чун меҳргон даромад, гуфт: «Меҳргони Ҳарӣ бихӯрем ва биравем». Ва ҳамчунин фасле ба фасл ҳамеандохт, то чаҳор сол бар ин баромад. Зеро, ки самими[9] давлати Сомониён буд ва ҷаҳон обод ва мулк бехасм ва лашкар фармонбардор ва рӯзгор мусоиду бахт мувофиқ. Бо ин ҳама малул гаштанд ва орзуи хонумон бархост. Подшоҳро сокин диданд, ҳавои Ҳарӣ дар сари ӯ ва ишқи Ҳарӣ дар дили ӯ. Дар аснои сухан Ҳариро ба биҳишти адн монанд кардӣ, балки бар биҳишт тарҷеҳ ниҳодӣ ва аз Баҳори Чин[10] зиёдат овардӣ. Донистанд, ки сари он дорад, ки ин тобистон низ он ҷо бошад.

Пас сарони лашкар ва меҳтарони мулк ба наздики устод

---

[1] такас – дона

[2] аҷзои арзӣ – чизи заминиву моддӣ

[3] азаш – аз он

[4] моият – обӣ будан, обакӣ

[5] хиёр – гузида, беҳтарин

[6] мунаққо – мавизи олӣ

[7] оaccess – овеза; риштае, ки анор, хӯшаи ангур ва дигар меваҳоро мебанданд ва ба сақфи хона меовезанд.

[8] маҳаб(б) – вазишгоҳ

[9] самим – авҷ, ғояти тараққӣ

[10] Баҳори Чин – Бутхонаи Чин, Баҳористони Чин; ҷое, ки дар афсонаҳо ба манзалаи биҳишти рӯи замин аст, «Биҳишти ганг» низ мегӯянд. Гӯё дар тарафи шимолии Сирдарё сохта шуда будааст (Фарҳанги форсӣ, ҷ.5, саҳ. 301).

Абӯабдуллоҳ ар-Рӯдакӣ рафтанд ва аз нудамои подшоҳ ҳеҷ кас муҳташамтар ва мақбулулқавлтар[1] аз ӯ набуд, гуфтанд: «Панҷ ҳазор динор туро хидмат кунем, агар санъате бикунӣ, ки подшоҳ аз ин хок ҳаракат кунад, ки дилҳои мо орзуи фарзанд ҳамебарад ва ҷони мо аз иштиёқи Бухоро ҳамебарояд».

Ва Рӯдакӣ қабул кард, ки набзи амир бигрифта буд[2] ва мизоҷи ӯ бишнохта. Донист, ки ба наср бо ӯ дарнагирад, рӯй ба назм оварду қасидае бигуфт ва вақте, ки амир сабӯҳ карда буд[3], даромаду ба ҷои хеш бинишаст ва чун мутрибон фурӯ доштанд[4], ӯ чанг баргирифт ва дар пардаи «ушшоқ»[5] ин қасида оғоз кард:

*Бӯи Ҷӯи Мӯлиён[6] ояд ҳаме,*
*Бӯи ёри меҳрубон ояд ҳаме.*

Пас фурӯтар шаваду гӯяд:

*Реги Омую дуруштӣ роҳи ӯ,*
*Зери поям парниён ояд ҳаме.*
*Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯи дӯст,*
*Хинги моро то миён ояд ҳаме.*
*Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,*
*Мир зӣ ту шодмон ояд ҳаме.*
*Мир моҳ асту Бухоро осмон,*
*Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме.*
*Мир сарв асту Бухоро бӯстон,*
*Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме.*

Чун Рӯдакӣ бад-ин байт расид, амир чунон мунфаъил[7] гашт, ки аз тахт фуруд омад ва бе мӯза пой дар рикоби[8] хинги навбатӣ[9] овард ва рӯй ба Бухоро ниҳод, чунонки ронин[10] ва мӯза то ду фарсанг дар пайи

---

[1] мақбулулқавл – касе, ки суханаш гузаро ва пазиро аст.

[2] набзи амир бигрифта буд – аз табъу мизоҷи ӯ огоҳ буд; бар ӯ сухани нофиз дошт

[3] сабӯҳ карда буд – шароби субҳӣ нӯшида буд

[4] фурӯ доштанд – бозистоданд

[5] пардаи «ушшоқ» – яке аз мақомҳои дувоздаҳгона, ки аз оҳангу навоҳои қадимаи тоҷикон аст.

[6] Ҷӯи Мӯлиён – ҷое дар наздикии қалъаи Бухоро, ки Сомониён он ҷо боғи хосса доштанд.

[7] мунфаъил – таъсирпазир

[8] рикоб – ҳалқае, ки дар ду тарафи зини асп овезон аст ва саворшаванда пои худро дар он мегузорад.

[9] хинги навбатӣ – аспе, ки барои ҳолате хос нигоҳ дошта мешуд.

[10] ронин– навъе пӯшиш, ки дар ҳоли маркабсаворӣ ё ҷанг бо он ронҳоро мепӯшонанд. Қисме аз луғавиён ин калимаро ба сурати «ронайн» (бо сиғаи тасния) дурусттар медонанд.

амир бурданд ба Баруна[1] ва он ҷо дар пой кард ва инон то Бухоро ҳеҷ бознагирифт. Ва Рӯдакӣ он панҷ ҳазор динор музоаф[2] аз лашкар бисатид.

Ва шунидам ба Самарқанд ба санаи арбаа ва хамсумиа[3] аз деҳқон[4] Абӯраҷо Аҳмад ибни Абдуссамад ал-Обидӣ, ки гуфт: «Ҷадди ман Абӯраҷо ҳикоят кард, ки чун дар ин навбат Рӯдакӣ ба Самарқанд расид, чаҳорсад шутур зери бунаи[5] ӯ буд».

Ва, алҳақ, он бузург бад-ин таҷаммул арзонӣ буд[6], ки ҳанӯз ин қасидаро кас ҷавоб нагуфтааст, ки маҷоли он надидаанд аз ин мазойиқ озод тавонанд берун омад.

Ва аз азбгӯёну[7] латифтабъони аҷам яке амирушшуаро Муиззӣ буд, ки шеъри ӯ дар таловату[8] тароват бағоят аст ва дар равониву узубат[9] ба ниҳоят. Зайнулмулк Абӯсаъд Ҳинду ибни Муҳаммад ибни Ҳинду ал-Исфаҳонӣ[10] аз вай дархост кард, ки он қасидаро ҷавоб гӯй. Гуфт: «Натавонам». Илҳоҳ[11] кард. Чанд байт бигуфт, ки як байт аз он байтҳо ин аст:

*Рустам аз Мозандарон ояд ҳаме,*
*Зайнмулк аз Исфаҳон ояд ҳаме.*

Ҳамаи хирадмандон донанд, ки миёни ин сухан ва он сухан чӣ тафовут аст. Ва кӣ тавонад гуфтан бад-ин азбӣ, ки ӯ дар мадҳ ҳамегӯяд дар ин қасида:

*Офарину мадҳ суд ояд ҳаме,*
*Гар ба ганҷ - андар зиён ояд ҳаме.*

Ва андар ин байт аз маҳосин ҳафт санъат аст: аввал – мутобиқ, дувум – мутазод, савум – мураддаф, чаҳорум – баёни мусовот, панҷум – узубат, шашум – фасоҳат, ҳафтум – ҷазолат. Ва ҳар устоде, ки ӯро дар илми шеър табаҳҳуре аст, чун андаке тафаккур кунад, донад, ки

---

[1] Баруна – зоҳиран, исми маконест дар роҳи Ҳироту Бухоро.

[2] музоаф – дучандон

[3] Яъне: соли 504 (1110)

[4] деҳқон – мурод деҳгон, хоҷаву сарвари деҳа, соҳибмулк ва молики заминҳо

[5] буна – зод, асбоби сафар

[6] арзонӣ буд – шоиста ва арзанда буд

[7] азбгӯён – хушсуханон, (шоирони) некӯбаён

[8] таловат – хубӣ, некӯӣ

[9] узубат – ширинӣ, хушӣ

[10] Зайнулмулк Абӯсаъд Ҳинду ибни Муҳаммад ибни Ҳинду ал-Исфаҳонӣ – аз ҳисобдорони молиёти девони Султон Муҳаммад ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ буд. Бадгӯии ҳасудон ба Султон Муҳаммад сабаб гардид, то соли 506/1113 ба фармони ӯ ба дор кашида шавад (Луғатнома, ҷ.8, саҳ.11551).

[11] илҳоҳ – пофишорӣ

ман дар ин мусибам[1]. Вассалом.

**Ҳикоят (3)**

Ишқе, ки султон Яминуддавла Маҳмудро бар Аёзи[2] турк будааст, маъруф асту машҳур. Овардаанд, ки сахт некӯсурат набуд, лекин сабзчеҳраи ширин будааст, мутаносибаъзову хушҳаракот ва хирадманду оҳиста. Ва одоби махлуқпарастӣ ӯро азим даст дода будааст. Ва дар он бора аз нодироти замонаи хеш будааст. Ва ин ҳама авсоф он аст, ки ишқро баъс[3] кунад ва дӯстиро барқарор дорад.

Ва султон Яминуддавла марде диндор ва муттақӣ буд ва бо ишқи Аёз бисёр кушттӣ гирифтӣ, то аз шореи[4] шаръу минҳоҷи ҳуррият[5] қадаме удул накард[6]. Шабе дар маҷлиси ишрат, баъд аз он, ки шароб дар ӯ асар карда буд ва ишқ дар ӯ амал намуда, ба зулфи Аёз нигарист, анбаре дид бар рӯи моҳ ғалтон, сунбуле дид бар чеҳраи офтоб печон, ҳалқа-ҳалқа чун зираҳ, банд-банд чун занҷир. Дар ҳар халқае ҳазор дил, дар ҳар банде сад ҳазор ҷон. Ишқ инони хештандорӣ аз дасти сабри ӯ бирабуд ва ошиқвор дар худ кашид. Муҳтасиби оманно ва саддақно[7] сар аз гиребони шаръ бароварду дар баробари султон Яминуддавла биистод ва гуфт: «Ҳон Маҳмуд! Ишқро бо фисқ маёмез ва ҳақро бо ботил мамзуҷ[8] макун, ки бад-ин заллат[9] вилояти ишқ бар ту бишӯрад ва чун падари хеш[10] аз биҳишти ишқ биюфтӣ ва ба анои дунёи фисқ дармонӣ».

Самъи иқболаш дар ғояти шунавоӣ буд, ин қазият масмуъ афтод. Тарсид, ки сипоҳи сабри ӯ бо лашкари зулфайни Аёз барнаёяд, корд баркашид ва ба дасти Аёз дод, ки: «Бигир ва зулфайни хешро бибур!» Аёз хидмат кард ва корд аз дасти ӯ биситад ва гуфт: «Аз куҷо бибурам?» Гуфт: «Аз нима». Аёз зулф ду ту кард ва тақдир бигирифт[11] ва фармон

[1] мусиб – дар андешаи дуруст қарор дошта; ростназар

[2] Аёз – Абӯнаҷм Аёзи Ӯймоқ, ғуломи турк ва муқарраби Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки ба фармонбардорӣ, фиросат, ҳусни тадбир ва ҷамол ба ӯ масал зада мешавад. Вафоти ӯ дар соли 449/1057 дониста шудааст.

[3] баъс – барангехтан

[4] шореъ – гузаргоҳ, роҳ

[5] минҳоҷи ҳуррият – ҷодаи озодагӣ

[6] удул накард – берун наафтод, каҷ нарафт

[7] «оманно» – имон овардем ва «саддақно» – тасдиқ намудем. Муроди матлаб ин аст, ки нерӯи имону тасдиқ чун муҳтасиб аст ва аз ботин одамиро дар чаҳорчӯбаи итоат бозмедорад.

[8] мамзуҷ – омехтан

[9] заллат – хато, лағзиш

[10] чун падари хеш – мурод Одам (а) аст.

[11] тақдир бигирифт – андоза муайян намуд

ба ҷой овард ва ҳарду сари зулфи хешро пеши Маҳмуд ниҳод. Гӯянд, он фармонбардорӣ ишқро сабаби дигар шуд. Маҳмуд зару ҷавоҳир хост ва афзун аз расми маъҳуду[1] одат Аёзро бахшиш кард ва аз ғояти мастӣ дар хоб рафт. Ва чун насими саҳаргоҳӣ бар ӯ вазид, бар тахти подшоҳӣ аз хоб даромад. Он чи карда буд, ёдаш омад. Аёзро бихонд ва он зулфайни бурида бидид. Сипоҳи пушаймонӣ бар дили ӯ тохтан овард ва хумори арбада[2] бар димоғи ӯ муставлӣ[3] гашт. Мехуфту мехост ва аз муқаррабону мураттабон[4] касро заҳраи он набуд, ки пурсидӣ, ки сабаб чист? То охири кор ҳоҷиб Алии Қариб, ки ҳоҷиби бузурги ӯ буд, рӯй ба Унсурӣ кард ва гуфт: «Пеши султон дар шав ва хештанро бад-ӯ намой ва тариқе бикун, ки султон хуштабъ гардад».

Унсурӣ фармони ҳоҷиби бузург ба ҷой овард ва дар пеши султон шуду хидмат кард. Султон Яминуддавла сар баровард ва гуфт: «Эй Унсурӣ! Ин соат аз ту меандешидам. Мебинӣ, ки чӣ афтодааст моро? Дар ин маънӣ чизе бигӯй, ки лоиқи ҳол бошад».

Унсурӣ хидмат кард ва бар бадеҳа гуфт:

*Кай айби сари зулфи бут аз костан аст?*
*Чӣ ҷои ба ғам нишастану хостан аст?*
*Ҷои тарабу нишоту май хостан аст,*
*К-оростани сарв зи перостан аст.*

Султон Яминуддавла Маҳмудро бо ин дубайтӣ бағоят хуш афтод, бифармуд, то ҷавоҳир биёваранд. Ва се бор даҳони ӯ пури ҷавоҳир кард ва мутрибонро пеш хост ва он рӯз то ба шаб бад-ин дубайтӣ шароб хӯрданд ва он доҳия[5] бад-ин дубайтӣ аз пеши ӯ бархост ва азим хуштабъ гашт. Вассалом.

Аммо бибояд донист, ки бадеҳа гуфтан рукни аъло аст дар шоирӣ ва бар шоир фариза аст, ки табъи хешро ба риёзат бад-он дараҷа расонад, ки дар бадеҳа маонӣ ангезад, ки сим аз хазина ба бадеҳа берун ояд ва подшоҳро ҳасби ҳол ба табъ орад. Ва ин ҳама аз баҳри мурооти дили махдум ва табъи мамдуҳ мебояд ва шуаро ҳар чи ёфтаанд аз силот, муъзам[6] ба бадеҳаву ҳасби ҳол ёфтаанд.

**Ҳикоят (4)**

Фаррухӣ аз Систон[7] буд, писари Ҷӯлуғ, ғуломи амир Халафи

[1] маъҳуд – маъмул
[2] арбада – тундхӯӣ
[3] муставлӣ – ғолиб, мусаллат
[4] мураттабон – рутбаёфтагон
[5] доҳия – сахтӣ, балои сахт, кори мушкил
[6] муъзам – аксар, бештар
[7] Систон – сарзамине дар хоки Эрон, ки дар дунболаи кӯҳҳои Афғонистон қарор дорад.

Бону[1], табъи бағоят некӯ дошт ва шеър хуш гуфтӣ ва чанг тар[2] задӣ ва хидмати деҳқоне кардӣ аз даҳоқини Систон ва ин деҳқон ӯро ҳар сол дувист кайли[3] панҷманӣ ғалла додӣ ва сад дирам сими нӯҳӣ[4], ӯро тамом будӣ.

Аммо зане хост ҳам аз маволии[5] Халаф ва харҷаш бештар афтод ва даббаву занбил[6] дарафзуд. Фаррухӣ бебарг монд. Ва дар Систон касе дигар набуд, магар умарои эшон.

Фаррухӣ қисса ба деҳқон бардошт, ки: «Маро харҷ бештар шудааст, чӣ шавад, ки деҳқон аз он ҷо, ки карами ӯст, ғаллаи ман сесад кайл кунад ва сим саду панҷоҳ дирам, то магар бо харҷи ман баробар шавад?»

Деҳқон бар пушти қисса тавқеъ кард, ки: «Ин қадар аз ту дареғ нест ва афзун аз инро рӯй нест».

Фаррухӣ чун бишунид, маъюс гашт ва аз содиру ворид[7] истихбор[8] мекард, ки дар атрофу акнофи олам нишони мамдуҳе шунавад, то рӯй бад-ӯ орад, бошад ки исобате[9] ёбад. То хабар карданд ӯро аз амир Абулмузаффари Чағонӣ[10] ба Чағониён[11], ки ин навъро тарбият мекунад ва ин ҷамоатро силаву ҷоизаи фохир ҳамедиҳад ва имрӯз аз мулуки асру умарои вақт дар ин боб ӯро ёр нест. Қасидае бигуфт ва азимати он ҷониб кард:

---

[1] амир Халафи Бону – мурод Халаф ибни Аҳмад Муҳаммад ибни Халаф ибни Лайси Саффорӣ, ки аз амирони Систон, аз хонадони Саффориён буд. «Бону» модари ӯ ва духтари Амри Лайси Саффорӣ аст. Ба ин мӯҷиб, ин амир ба «Халафи Бону» маъруф гардидааст. То соли 393/1003 амири Систон буд. Соли 399/1009 вафот намуд. Ӯ охирин амири саффорӣ маҳсуб мегардад (Луғатнома, ҷ. 6, саҳ. 8707).

[2] тар – хуш, хуб

[3] кайл – паймона; зарфе, ки бештар барои андозагирии ғалладона истифода мешуд ва дар сарзаминҳо ҳаҷми гуногун дошт.

[4] нӯҳӣ – мансуб ба Нӯҳ ибни Аҳмад ё Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ

[5] маволӣ – ғуломон, канизон

[6] даббаву занбил – ҳарду асбоби таомхона ва зиндагӣ аст. Ин ҷо мурод махориҷу масориф мебошад.

[7] содиру ворид – равандаю оянда

[8] истихбор – хабарҷӯӣ, маълумотхоҳӣ

[9] исобат – дастмузд, бахраи молие, ки аз амал ба даст меояд.

[10] Абулмузаффари Чағонӣ – мурод Аҳмад ибни Муҳаммад, мулаққаб ба «Фахруддавла», аз Оли Муҳтоҷ, ки волии Чағониён буд. Мамдуҳи Дақиқӣ ва Фаррухӣ аст (Луғатнома, ҷ. 1, саҳ. 725).

[11] Чағониён – хонадоне, ки дар Чағониён (минтақае дар болороҳи Ҷайҳун) ҳукумат намуданд. Ин хонадон «Оли Муҳтоҷ» низ хонда мешаванд. Ин хонадон дар аҳди Сомониён мансабҳои олӣ ёфтаанд. Нахустин амири маъруфи ин хонадон Абӯбакр Муҳаммад ибни Музаффар ибни Муҳтоҷ аст, ки соли 321/933 аз ҷониби Наср ибни Аҳмади Сомонӣ сипаҳсолор ва ҳокими Хуросон шуд.

*Бо корвони ҳулла бирафтам зи Систон,*
*Бо ҳуллаи танида зи дил бофта зи ҷон…*

Алҳақ, некӯ қасидаест ва дар ӯ васфи шеър кардааст дар ғояти некӯӣ ва мадҳ худ беназир аст.

Пас барге[1] бисохт ва рӯй ба Чағониён ниҳод. Ва чун ба ҳазрати[2] Чағониён расид, баҳоргоҳ буд ва амир ба доғгоҳ. Ва шунидам, ки ҳаждаҳ ҳазор модиёни зиҳӣ[3] дошт, ҳар якеро куррае дар дунбол ва ҳар сол бирафтӣ ва куррагон доғ фармудӣ. Ва Амид Асъад[4], ки кадхудои амир буд, ба ҳазрат буд ва нузле[5] рост мекард, то дар пайи амир барад. Фаррухӣ ба наздики ӯ рафт ва ӯро қасидае хонд ва шеъри амир бар ӯ арза кард. Хоҷа Амид Асъад марде фозил буду шоирдӯст, шеъри Фаррухиро шеъре дид тару азб, хушу устодона. Фаррухиро сигзие[6] дид беандом, ҷуббае[7] пешу пас чок пӯшида, дасторе бузург сигзивор дар сар ва пою кафши бас нохуш ва шеъре дар осмони ҳафтум. Ҳеҷ бовар накард, ки ин шеър он сигзиро шояд буд. Бар сабили имтиҳон гуфт: «Амир ба доғгоҳ аст ва ман меравам пеши ӯ ва туро бо худ бибарам ба доғгоҳ, ки доғгоҳ азим хуш ҷое аст, ҷаҳоне дар ҷаҳоне сабза бинӣ, пурхайма ва чароғ чун ситора, аз ҳар яке овози руд меояд ва ҳарифон дар ҳам нишаста ва шароб ҳаменӯшанд ва ишрат ҳамекунанд ва ба даргоҳи амир оташе афрӯхта чанди кӯҳе ва куррагонро доғ ҳамекунанд ва подшоҳ шароб дар дасту каманд дар дасти дигар, шароб мехӯраду асп мебахшад. Қасидае гӯй лоиқи вақт ва сифати доғгоҳ кун, то туро пеши амир барам».

Фаррухӣ он шаб бирафт ва қасидае пардохт сахт некӯ ва бомдод дар дар пеши Хоҷа Амид Асъад овард. Ва он қасида ин аст:

*Чун паранди нилгун бар рӯй пӯшад маргзор,*
*Парниёни ҳафтранг андар сар орад кӯҳсор.*
*Хокро чун нофи оҳу мушк зояд беқиёс,*
*Бедро чун парри тӯтӣ барг рӯяд бешумор.*
*Дӯш вақти субҳдам бӯи баҳор овард бод,*
*Ҳаббазо, боди шимолу хуррамо, бӯи баҳор.*

---

[1] барг – тӯша, зоди роҳ

[2] ҳазрат – назд, мурод марказу пойтахт

[3] зиҳӣ – навзоида

[4] Амид Асъад – Абӯмансур Асъади вазир, ки муовинат ва коргузории Абулмузаффари Чағониро дар ӯҳда дошт.

[5] нузл – хӯрданӣ, зиёфат

[6] сигзӣ – мансуб ба «Сигз». Мурод аз «Сигз» Зобулистон аст, ки Систон, Сагистон ва Сакистон низ хонда мешавад.

[7] ҷубба – либоси дарозу кушоди бегиребон, ки мардон аз болои либосҳо мепӯшанд.

*Бод гӯӣ мушки суда дорад андар остин,*
*Боғ гӯӣ лъъбатони ҷилва дорад бар канор.*
*Настаран луълуи байзо дорад андар мурсала[1],*
*Арғувон лаъли бадахшӣ дорад андар гӯшвор.*
*То баромад ҷомҳои сурхи мул бар шохи гул,*
*Панҷаҳои дасти мардум сар фурӯ кард аз чинор.*
*Боғ бӯқалмунлибосу шох бӯқалмуннамой,*
*Об марворидгуну абр марворидбор.*
*Рост пиндорӣ, ки хилъатҳои рангин ёфтанд,*
*Боғҳои пурнигор аз доғгоҳи шаҳриёр.*
*Доғгоҳи шаҳриёр акнун чунон хуррам бувад,*
*К-андар ӯ аз хуррамӣ хира бимонад рӯзгор.*
*Сабза андар сабза бинӣ чун сипеҳр андар сипеҳр,*
*Хайма андар хайма чун симинҳисор андар ҳисор.*
*Ҳар куҷо хаймаст, хуфта ошиқе бо дӯст маст,*
*Ҳар куҷо сабзаст, шодон ёре аз дидори ёр.*
*Сабзаҳо бо бонги чанги мутрибони чарбдаст,*
*Хаймаҳо бо бонги нӯши соқиёни майгусор.*
*Ошиқон бӯсу канору некувон нозу итоб,*
*Мутрибон руду суруду хуфтагон хобу хумор.*
*Бар дари пардасаройи хусрави пирӯзбахт,*
*Аз пайи доғ оташе афрӯхта хуршедвор.*
*Баркашида оташе чун митради[2] дебои зард,*
*Гарм чун табъи ҷавону зард чун зарри иёр[3].*
*Доғҳо чун шохҳои буссади[4] ёқутранг,*
*Ҳар яке чун нордона гашта андар зери нор.*
*Ридакони[5] хобнодида масоф андар масоф,*
*Маркабони доғнокарда қатор андар қатор.*
*Хусрави фаррухсияр бар бораи дарёгузар,*
*Бо каманд андар миёни дашт чун Исфандиёр.*
*Ҳамчу зулфи некувони мӯрдгесӯ тоб хӯрд,*
*Ҳамчу аҳди дӯстони солхӯрда устувор.*
*Мири одил Булмузаффаршоҳ бо пайвастагон,*
*Шодмону шодхору комрону комгор.*
*Ҳар кура, к-андар каманди шастбозӣ дарфиканд,*

[1] мурсала – гарданбанд
[2] митрад – алам, парчам
[3] зарри иёр – зари холис
[4] буссад – марҷон
[5] ридакон – навҷавонон, ғуломон

*Гашт номаш бар сурину шонаву рӯяш нигор.*
*Ҳар чӣ з-ин сӯ дог кард, аз сӯи дигар ҳадя дод,*
*Шоиронро бо лигому зоиронро бо фисор*[1].

Чун Хоҷа Амид Асъад ин қасида бишнид, ҳайрон фурӯ монд, ки ҳаргиз мисли он ба гӯши ӯ фурӯ нашуда буд. Ҷумлаи корҳо фурӯ гузошт ва Фаррухиро барнишонду рӯй ба амир ниҳод ва офтобзард пеши амир омад ва гуфт: «Эй худованд! Туро шоире овардаам, ки то Дақиқӣ рӯй дар ниқоби хок кашидааст, кас мисли ӯ надидааст». Ва ҳикоят кард он чӣ рафта буд. Пас амир Фаррухиро бор дод. Чун даромад, хидмат кард. Амир даст дод ва ҷои некӯ номзад кард ва бипурсиду бинавохташ ва ба отифати хеш умедвораш гардонид. Ва чун шароб давре чанд даргузашт, Фаррухӣ бархост ва бо овози ҳазину хуш ин қасида бихонд, ки:

*«Бо корвону ҳулла бирафтам зи Систон…»*

Чун тамом бархонд, амир шеършинос буд ва низ шеър гуфтӣ, аз ин қасида бисёр шигифтиҳо намуд. Амид Асъад гуфт: «Эй худованд! Бош, то беҳтар бинӣ».

Пас Фаррухӣ хомӯш гашт ва дам даркашид то ғояти мастии амир. Пас, бархост ва он қасидаи доғгоҳ бархонд. Амир ҳайрат овард, пас дар он ҳайрат рӯй ба Фаррухӣ оварду гуфт: «Ҳазор сар курра оварданд, ҳама рӯйсапед ва чаҳор дасту пой сапед, хутталӣ[2], роҳ туроcт[3]. Ту марде сигзӣ ва айёрӣ, чандонки битавонӣ гирифт, бигир, туро бошад».

Фаррухиро шароб тамом дарёфта буд ва асар карда, берун омаду зуд дастор аз сар фурӯ гирифт, хештанро дар миёни фасила[4] афканд ва як гала дар пеш кард ва бад-он рӯйи дашт бурд, бисёр аз чапу рост ва аз ҳар тараф бидавонид, ки яке натавонист гирифт. Охируламр работе вайрон бар канори лашкаргоҳ падид омад, куррагон дар он работ шуданд. Фаррухӣ бағоят монда шуда буд, дар даҳлези работ дастор зери сар ниҳод ва ҳолӣ дар хоб шуд аз ғояти мастӣ ва мондагӣ. Куррагонро бишумурданд,чиҳилу ду буданд. Рафтанд ва аҳвол бо амир бигуфтанд. Амир бисёр бихандиду шигифтиҳо намуд ва гуфт: «Марде муқбил аст, кори ӯ боло гирад. Ӯрову куррагонро нигоҳ доред ва чун ӯ бедор шавад, маро бедор кунед».

[1] фисор – афсор. Банде, ки бар сару гардани асп ва дигар саворахо мебанданд; сарришта

[2] хутталӣ (хатлӣ) – мансуб ба Хуттал (Хатл), ки аз вилоёти Бадахшон дониста шудааст.

[3] роҳ туроcт – зоҳиран ба маънии роҳат боз аст, роҳи ихтиёр аз туст, дигар бархезу бигир.

[4] фасила – галаи асп

Мисоли[1] подшоҳро имтисол[2] карданд.

Дигар рӯз ба тулӯи офтоб Фаррухӣ бархост ва амир худ бархоста буд ва намоз карда, бор дод ва Фаррухиро бинавохт ва он куррагонро ба касони ӯ супурданд. Ва Фаррухиро асп бо сохти хосса фармуд ва ду хайма ва се астар ва панҷ сар барда ва ҷомаи пӯшиданӣ ва густурданӣ. Ва кори Фаррухӣ дар хидмати ӯ олӣ шуд ва таҷаммуле тамом сохт.

Пас, ба хидмати султон Яминуддавла Маҳмуд рафт. Ва чун султон Маҳмуд ӯро мутаҷаммил дид, ба ҳамон чашм дар ӯ нигарист ва кораш бад-он ҷо расид, ки то бист ғуломи симинкамар аз паси ӯ барнишастандӣ. Вассалом.

**Ҳикоят (5)**

Дар санаи ашара ва хамсумиа[3] подшоҳи ислом Санҷар ибни Маликшоҳ, атолаллоҳу бақоаҳу ва адома ила-л-маолӣ иртиқоаҳу[4], ба ҳадди Тӯс ба дашти Турук[5] баҳор дод[6] ва ду моҳ он ҷо муқом кард ва ман аз Ҳарӣ бар сабили интиҷоъ[7] бад-он ҳазрат пайвастам ва надоштам аз баргу таҷаммул ҳеҷ. Қасидае бигуфтам ва ба наздики амирушшуаро Муиззӣ рафтам ва ифтитоҳ аз ӯ кардам. Ва шеъри ман бидид ва аз чанд навъ маро барсахт[8], ба муроди ӯ омадам. Бузургиҳо фармуд ва меҳтариҳо воҷиб дошт.

Рӯзе пеши ӯ аз рӯзгор истизодате[9] ҳаменамудам ва гила ҳамекардам. Маро дил доду гуфт: «Ту дар ин илм ранҷ бурдаӣ ва тамом ҳосил кардаӣ, онро ҳароина асаре бошад.Ва ҳоли ман ҳам чунин буд ва ҳаргиз ҳеҷ шеъре нек зоеъ намондааст ва ту дар ин синоат ҳаззе дорӣ ва сахт ҳамвору азб аст ва рӯй дар тараққӣ дорад. Бош, то бубинӣ, ки аз ин илм некӯиҳо бинӣ ва агар рӯзгор дар ибтидо музоиқате[10] намояд, дар сониюлҳол[11] кор ба муроди ту гардад. Ва падари ман амирушшуаро Бурҳонӣ, раҳимаҳуллоҳ, дар аввали давлати Маликшоҳ ба шаҳри Қазвин[12] аз олами фано ба олами бақо

[1] мисол - фармон

[2] имтисол – фармонбардорӣ

[3] Яъне: соли 510 (1116)

[4] Яъне: Худованд умрашро дароз ва сарфарозиашро бар баландиҳо бардавом созад.

[5] дашти Турук – мавзее дар наздикии Машҳад

[6] баҳор дод – барои гузаронидани баҳор қарор гирифт

[7] интиҷоъ – рафъи гуруснагӣ ва расонидани ниёзмандӣ

[8] барсахт – бисанҷид

[9] истизодат – афзунхоҳӣ, бештар хостан; гиламандӣ

[10] музоиқат – фишор, сахтгирӣ, танговарӣ

[11] сониюлҳол – навбати дигар, дар ҳоли дигар

[12] Қазвин – аз шаҳрҳои муҳимест, ки дар сари роҳҳои шимолии Эрон қарор дорад. Байни он ва Теҳрон тақрибан бист фарсах фосила ҳаст.

таҳвил кард ва дар он қитъа, ки сахт маъруф аст, маро ба султон Маликшоҳ супурд. Дар ин байт (Байт):

*Ман рафтаму фарзанди ман омад халафи сидқ,*
*Ӯро ба Худову ба худованд супурдам.*

Пас ҷомагӣ[1] ва иҷрои[2] падар ба ман таҳвил афтод ва шоири Маликшоҳ шудам. Ва соле дар хидмати подшоҳ рӯзгор гузоштам, ки ҷуз вақте аз дур ӯро натавонистам дидан ва аз иҷрову ҷомагӣ як ману як динор наёфтам. Ва харҷи ман зиёдат шуд ва вом[3] ба гардани ман даромад ва кор дар сари ман печид.

Ва хоҷаи бузург Низомулмулк[4], раҳимаҳуллоҳ, дар ҳаққи шеър эътиқоде надоштӣ, аз он ки дар маърифати ӯ даст надошт ва аз аимма[5] ва мутасаввифа[6] ба ҳеҷ кас намепардохт.

Рӯзе, ки фардои он рамазон хост буд, ман аз ҷумлаи харҷи рамазониву идӣ донге[7] надоштам. Дар он дилтангӣ ба назди Алоуддавла амир Алии Фаромарз[8] рафтам, ки подшоҳзода буд ва шеърдӯст ва надими хоси султон буду домоди ӯ. Ҳурмати тамом дошт ва густох буд ва дар он давлат мансаби бузург дошт ва маро тарбият кардӣ. Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод! На ҳар коре, ки падар битавонад кард, писар битавонад кард, ё он чӣ падарро биёяд, писарро биёяд. Падари ман марде ҷалду шаҳм[9] буд ва дар ин синоат марзуқ[10]. Ва худованди ҷаҳон султони шаҳид Алпарслонро дар ҳаққи ӯ эътиқоде будӣ. Он чӣ аз ӯ омад, аз ман ҳаменаёяд. Маро ҳаёе манноъ[11] аст ва нозуктабъӣ бо он ёр аст. Як сол хидмат кардам ва ҳазор динор вом баровардам ва донге наёфтам. Дастурӣ хоҳ бандаро, то

---

[1] ҷомагӣ – маош, пули нақд

[2] иҷро – муқаррароти молӣ, ки ғолибан аз ҷинси коло дода мешуд.

[3] вом – қарз

[4] Низомулмулк – Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқ ибни Аббоси Тӯсӣ, вазири донишманди Салҷуқиён, ки сӣ сол (455-485/1063-1092) вазирӣ намуд. Дар рушди илм хеле саҳм гузошт. Донишгоҳ ва мадориси зиёд бино кард, ки пас аз гузашти ӯ ба «Низомия» маъруф гардиданд. Соли 485/1092 ба шаҳодат расид.

[5] аимма – пешвоён

[6] мутасаввифа – сӯфиён

[7] донг – сиккае ночиз, ки бо шашяки дирам арзиши баробар дошт; пуле андаку ночиз

[8] Алоуддавла амир Алии Фаромарз – манзур Алӣ ибни Заҳируддин Абӯмансур Фаромарз ибни Алоуддавла Абӯҷаъфар Муҳаммад, маъруф ба «Ибни Кокуя ибни Душманзиёр» аст, ки аз ҷониби Салҷуқиён ҳокими Язд ва ноҳияҳои атрофи он буд. Ба «Амир Алӣ» низ маъруф аст. «Домоди ӯ» навиштани муаллиф, ба ин сабаб аст, ки ӯ соли 429/1038 бо Арслонхотун, духтари Чағрибек, аммаи Маликшоҳ издивоҷ намуда буд. Соли 488/1095 дар яке аз ҷангҳои дохилии Салҷуқиён кушта шуд.

[9] ҷалду шаҳм – чолоку зирак

[10] марзуқ – пурбаҳра, рӯзиманд

[11] манноъ – сахт боздоранда

ба Нишопур бозгардад ва вом бигузорад ва бо он боқӣ, ки бимонад, ҳамесозад ва давлати қоҳираро дуое ҳамегӯяд».

Амир Алӣ гуфт: «Рост гуфтӣ, ҳама тақсир кардаем, баъд аз ин накунем. Султон намози шом ба моҳ дидан берун ояд, бояд ки он ҷо ҳозир бошӣ, то рӯзгор чӣ даст диҳад».

Ҳолӣ сад динорам фармуд, то барги рамазон созам. Ва барфавр мухре берун биёварданд, сад динори нишопурӣ ва пеши ман ниҳоданд. Азим шодмона бозгаштам ва барги рамазон бифармудам ва намози дигар ба дари саропардаи султон шудам. Қазоро Алоуддавла ҳамон соат даррасид. Хидмат кардам. Гуфт: «Сара кардӣ[1] ва ба вакт омадӣ». Пас фуруд омад ва пеши султон шуд.

Офтобзард султон аз саропарда бадар омад, камони гурӯҳа[2] дар даст, Алоуддавла[3] бар рост. Ман бидавидам ва хидмат кардам. Амир Алӣ некӯиҳо пайваст ва ба моҳ дидан машғул шуданд ва аввалкасе, ки моҳ дид, султон буд. Азим шодмона шуд. Алоуддавла маро гуфт: «Писари Бурҳонӣ! Дар ин моҳи нав чизе бигӯй». Ман барфавр ин дубайтӣ бигуфтам:

*Эй моҳ! Чу абрувони ёрӣ, гӯӣ,*
*Ё не, чу камони шаҳриёрӣ, гӯӣ.*
*Наъле зада аз зарри иёрӣ, гӯӣ,*
*Дар гӯши сипеҳр гӯшворӣ, гӯӣ.*

Чун арза кардам, амир Алӣ бисёр таҳсин кард. Султон гуфт: «Бирав, аз охур ҳар кадом асп, ки хоҳӣ, бикушой». Ва дар ин ҳолат бар канори охур будем. Амир Алӣ аспе номзад кард, биёварданд ва ба касони ман доданд, арзидӣ сесад динори нишопурӣ.

Султон ба мусалло рафт ва ман дар хидмат, намози шом бигузоридем ва ба хон шудем. Бар хон амир Алӣ гуфт: «Писари Бурҳонӣ! Дар ин ташрифе, ки худованди ҷаҳон фармуд, ҳеҷ нагуфтӣ. Ҳолӣ дубайтӣ бигӯй». Ман бар пой ҷастам ва хидмат кардам ва чунонки омад, ҳолӣ ин дубайтӣ бигуфтам:

*Чун оташи хотири маро шоҳ бидид,*
*Аз хок маро бар забари моҳ кашид.*

---

[1] сара кардӣ – хуб кардӣ

[2] камони гурӯҳа – камоне, ки бо он гулӯла ё кулӯхпора меандохтанд.

[3] Алоуддавла – манзур Муҳаммад ибни Душманзиёр, муканно ба «Абӯҷаъфар» ва мулаққаб ба «Ибни Кокуя» аст. Соли 398/1008 аз ҷониби Даёлима ҳукумати Исфаҳонро дарёфт. Соли 414/1023 Ҳамадонро низ ба қаламрави хеш пайваст. Ибни Сино поёни рӯзгори хешро дар Ҳамадон дар ҳимояти ҳамин подшоҳ гузаронид. Китоби «Ҳикмати Алоӣ»-и хешро ба номи писари ӯ кардааст. Мувофиқи маълумоти манобеъ, Ибни Сино аз хосони Алоуддавлаи мазкур буд, на вазири ӯ. Дар Ҳамадон вазорати Шамсуддавлаи Дайламиро дар ӯҳда дошт, на вазорати ӯро.

*Чун об яке тарона аз ман бишунид,*
*Чун бод яке маркаби хосам бахшид.*

Чун ин дубайтӣ адо кардам, Алоуддавла аҳсантҳо кард ва ба сабаби аҳсанти ӯ султон маро ҳазор динор фармуд. Алоуддавла гуфт: «Ҷомагӣ ва иҷрош нарасидааст, фардо бар домани Хоҷа хоҳам нишаст[1], то ҷомагияш аз хизона бифармояд ва иҷрош бар Сипоҳон нависад». Гуфт: «Магар ту кунӣ, ки дигаронро ин ҳисбат[2] нест. Ва ӯро ба лақаби ман бозхонед». Ва лақаби султон «Муъизз-уд-дунё ва-д-дин» буд. Амир Алӣ маро «Хоҷа Муиззӣ» хонд. Султон гуфт: «Амир Муиззӣ».

Он бузурги бузургзода чунон сохт, ки дигар рӯз намози пешин ҳазор динор бахшида ва ҳазору дувист динор ҷомагӣ ва барот[3], низ ҳазор ман ғалла ба ман расида буд.

Ва чун моҳи рамазон берун шуд, маро ба маҷлис хонд ва бо султон надим кард ва иқболи ман рӯй дар тараққӣ ниҳод ва баъд аз он пайваста тимори ман ҳамедошт. Ва имрӯз ҳар чи дорам, аз инояти он подшоҳзода дорам. Эзад, таборак ва таъоло, хоки ӯро ба анвори раҳмат хуш гардонод, биманниҳи ва фазлиҳи[4].

**Ҳикоят (6)**

Оли Салҷуқ ҳама шеърдӯст буданд, аммо ҳеҷ кас шеърдӯсттар аз Туғоншоҳ ибни Алпарслон[5] набуд ва муҳоварату муошарати ӯ ҳама бо шеър буд ва надимони ӯ ҳама шуаро буданд. Чун амир Абӯабдуллоҳи Қурашӣ[6] ва Абӯбакри Азрақӣ[7] ва Абӯмансури Боюсуф

---

[1] бар домани Хоҷа хоҳам нишаст – мурод пофишорӣ ва исрор намудан аст. Манзур аз «Хоҷа» Низомулмулки Тӯсист.

[2] ҳисбат – музду подош. Ин ҷо мурод эътибор ва карру фар аст.

[3] барот – санаду навиштае, ки аз ҳоким ё соҳибмансабе олӣ ба хазинадор ё волиён фиристода мешуд, то ба оварандаи он моле бидиҳанд.

[4] Яъне: Бо бузургворӣ ва бахшоиши хеш.

[5] Туғоншоҳ ибни Алпарслон – аз султонҳои салҷуқӣ, ки дар рӯзгори падараш Алпарслон ҳукумати Хуросонро бар ӯҳда дошт ва дар Ҳирот менишаст. Азрақӣ аз маддоҳони хоси ӯст ва дар қасоиди худ бо садоқат ном, лақаб ва маҳалли ҳукумати ӯро ёд кардааст. Бинобар он, набояд ӯро бо Туғоншоҳ ибни Муайяди Ой-аба ба ҳам омехт (Фарҳанги форсӣ, ҷилди 5, саҳ. 1092; Луғатнома, ҷилди 9, саҳ. 13638).

[6] Абӯабдуллоҳи Қурашӣ – аз шоирони асри XI, ки дар дарбори Туғоншоҳ хидмат менамуд.

[7] Абӯбакри Азрақӣ – Зайнуддин ибни Исмоили Варроқи Азрақии Ҳиравӣ, ки аз шуарои номвари дарбори Салҷуқиён аст. Бештар ду султони салҷуқӣ – Туғоншоҳ ибни Алпарслон ва Амироншоҳ ибни Қовурдро, ки аз ҷониби Салҷуқиён нахустин ҳокими Кирмон буд, дар қасоиди худ сутудааст. Азрақӣ қабл аз ҷулуси Маликшоҳ (соли 465/1073) аз дунё даргузаштааст.

ва Шуҷоии Насавӣ[1] ва Аҳмади Бадеҳӣ ва Ҳақиқӣ[2] ва Насимӣ[3] ва инҳо мураттабхидмат буданд ва ояндаву раванда бисёр буданд, ҳама аз ӯ марзуқ ва маҳзуз[4]. Магар рӯзе амир бо Аҳмади Бадеҳӣ нард мебохт ва нарди даҳҳазорӣ ба поин кашида буд ва амир се муҳра дар шашгоҳ дошт ва Аҳмади Бадеҳӣ се муҳра дар якгоҳ ва зарб амирро буд. Эҳтиётҳо кард ва бияндохт, то сешаш занад, сеяк баромад. Азим тира шуд ва аз табъ бирафт ва ҷойи он буд. Ва он ғазаб ба дараҷае кашид, ки ҳар соат даст ба теғ мекард ва надимон чун барг бар дарахт ҳамеларзиданд, ки подшоҳ буд ва кӯдак буд ва мақмур[5] ба чунон захме.

Абӯбакри Азрақӣ бархост ва ба наздики мутрибон шуд ва ин дубайтӣ бозхонд (Азрақӣ гӯяд):

*Гар шоҳ сешаш хост, сеяк захм афтод,*
*То зан (н) набарӣ, ки каъбатайн дод надод.*
*Он захм, ки кард ройи шоҳаншаҳ ёд,*
*Дар хидмати шоҳ рӯй бар хок ниҳод.*

Бомансури Боюсуф дар санаи тисъа ва хамсумиа[6], ки ман ба Ҳирот афтодам, маро ҳикоят кард, ки амир Туғоншоҳ бад-ин дубайтӣ чунон бо нишот омад ва хуштабъ гашт, ки бар чашмҳои Азрақӣ бӯса дод ва зар хост понсад динор ва дар даҳони ӯ мекард то як дуруст[7] монда буд ва ба нишот андар омад ва бахшиш кард. Сабаби он ҳама як дубайтӣ буд. Эзад, таборак ва таъоло, бар ҳарду раҳмат кунод, биманниҳи ва карамиҳи.

**Ҳикоят (7)**

Дар шуҳури санаи иснайни ва сабъина ва хамсумиа[8] соҳибғаразе қисса

[1] Шуҷоии Насавӣ (Насивӣ-забти Деҳхудо) – аз шоирони дарбори Туғоншоҳ ибни Алпарслон. Қобили зикр аст, ки Шуҷоии Насавӣ шояд ҳамон Алӣ ибни Муҳаммади Шуҷоӣ бошад, ки чун шоири асри XI шинохта шудааст ва ашъораш дар «Таърихи Байҳақ» омадааст (барои тафсил ниг. Шарҳи аҳвол ва… саҳ. 563).

[2] Ҳақиқӣ – зоҳиран, Ҳақиқии Сӯфӣ, ки шоири нимаи аввали асри XI ва маддоҳи салоҷуқа дониста шудааст (ҳамон, саҳ. 442).

[3] Насимӣ, (Абӯмансури Боюсуф ва Аҳмади Бадеҳӣ) – аз матн бармеояд, ки аз шоирони аҳди салҷуқӣ будаанд. Назди Туғоншоҳ ибни Алпарслон мақбул ва ба таъбири муаллиф «мураттабхидмат» будаанд ва султони мазкур бо эшон муҳоварату мушоварат доштааст.

[4] маҳзуз – баҳраманд

[5] мақмур – қиморбохта

[6] Яъне: соли 509 (1115)

[7] дуруст – сиккаи тамомиёр, зари холис

[8] Яъне: моҳҳое аз соли 572 (1177). Аммо ин ҷо «арбаумиа» (чорсад) – 472 (1080) саҳеҳтар аст. Зеро султон Иброҳим ним қарн пештар аз ин таърих вафот кардааст.

ба султон Иброҳим[1] бардошт, ки писари ӯ Сайфуддавла Амир Маҳмуд нияти он дорад, ки ба ҷониби Ироқ биравад, ба хидмати Маликшоҳ.

Султонро ғайрат кард ва чунон сохт, ки ӯро ногоҳ бигирифту бибаст ва ба ҳисор фиристод. Ва надимон ӯро банд карданд ва ба ҳисорҳо фиристод. Аз ҷумла, яке Масъуди Саъди Салмон буд ва ӯро ба Ваҷиристон ба қалъаи Ной фиристоданд. Аз қалъаи Ной дубайтӣ ба султон фиристод. (Масъуди Саъди Салмон фармояд):

*Дар банди ту, эй шоҳ, Маликшаҳ бояд,*
*То банди ту пои тоҷдоре сояд.*
*Он кас, ки зи пушти Саъди Салмон ояд,*
*Гар заҳр шавад, мулки туро нагзояд*[2].

Ин дубайтӣ Алии Хос[3] бари султон бурд, бар ӯ ҳеҷ асаре накард. Ва арбоби хираду асҳоби инсоф донанд, ки ҳабсиёти[4] Масъуд дар улув(в) ба чӣ дараҷа расидааст ва дар фасоҳат ба чӣ поя буд? Вақт бошад, ки ман аз ашъори ӯ ҳамехонам, мӯй бар андоми ман бар пой хезад ва ҷои он бувад, ки об аз чашми ман биравад. Ҷумлаи ин ашъор бар он подшоҳ хонданд ва ӯ бишунид, ки бар ҳеҷ мавзеъ ӯ гарм нашуд ва аз дунё бирафт ва он озодмардро дар зиндон бигузошт.

Муддати ҳабси ӯ ба сабаби қурбати Сайфуддавла дувоздаҳ сол буд ва дар рӯзгори султон Масъуди Иброҳим[5], ба сабаби қурбати ӯ Абӯнасри Порсиро[6], ҳашт сол буд.

Ва чандон қасоиди ғурар[7] ва нафоиси дурар, ки аз табъи ваққоди[8] ӯ зода, албатта, ҳеҷ масмуъ наяфтод. Баъд аз ҳашт сол сиқатулмулк Тоҳири Алии Мушкон[9] ӯро берун овард. Ва ҷумла[10], он озодмард дар

---

[1] султон Иброҳим – мурод Иброҳим ибни Масъуд ибни Маҳмуд ибни Сабуктагин аст, ки «Заҳируддин» лақаб дошт. Соли 450/1058 ба салтанат расид. Манотиқе, ки аз ҷониби Султон Маҳмуд дар Ҳинд фатҳ нашуда буд, фатҳ кард. Аз салотини парҳезгор ва одил ба шумор меояд. Соли 481/1088 (ё 492/1099) аз дунё даргузаштааст.

[2] нагзояд – газанд нарасонад

[3] Алии Хос – аз наздикони султон Иброҳими Ғазнавӣ, ки сипаҳсолор буд. Ба Масъуди Саъди Салмон иродат дошт.

[4] ҳабсиёт – ашъоре, ки дар зиндон ва сахтиҳои он суруда мешавад.

[5] Масъуди Иброҳим – писари султон Иброҳими Ғазнавӣ, ки соли 493/1100 бар тахти салтанат нишаст. Бо халифа Мустазҳир биллоҳ робитаи хуб дошт. Дар адолат ва парҳезгорӣ маъруф буд. Ҳафдаҳ сол салтанат ронд. Соли 509/1116 аз олам даргузашт.

[6] Абӯнасри Порсӣ – вазири Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Маҳмуд буд.

[7] ғурар – баргузидаву ноб

[8] ваққод – тезёб, дарёбанда

[9] Тоҳири Алии Мушкон – вазири султон Масъуд ибни Иброҳими Ғазнавӣ, ки бародари Абӯнасри Мушкон аст.

[10] ҷумла – хулоса, умуман

давлати эшон ҳамаи умр дар ҳабс ба сар бурд ва ин бадномӣ дар он хонадони бузург бимонд.

Ва мани банда ин ҷо мутаваққифам, ки ин ҳолро бар чӣ ҳамл кунам? Бар суботи раъй, ё бар ғафлати табъ, ё бар қасовати қалб, ё бар баддилӣ? Дар ҷумла, сутуда нест ва надидам ҳеҷ хирадманд, ки он давлатро бар ин ҳазму[1] эҳтиёт маҳмадат[2] кард.

Ва аз султони олам Ғиёс-уд-дунё ва-д-дин[3] Муҳаммад ибни Маликшоҳ[4] ба дари Ҳамадон дар воқеаи амир Шиҳобуддин Қутлумиши Албғозӣ[5], ки домоди ӯ буд, ба хоҳар, таййабаллоҳу турбатаҳумо ва рафаъа фи-л-ҷинони рутбатаҳумо,[6] шунидам, ки хасм дар ҳабс доштан нишони баддилӣ аст. Зеро ки аз ду ҳол берун нест: ё муслеҳ аст ё муфсид. Агар муслеҳ аст, дар ҳабс доштан зулм аст ва агар муфсид аст, муфсидро зинда гузоштан ҳам зулм аст.

Дар ҷумла, бар Масъуд ба сар омад ва он бадномӣ то домани қиёмат бимонд.

### Ҳикоят (8)

Мулки Хоқониён[7] дар замони султон Хизр ибни Иброҳим[8] азим таровате дошт ва шигарф[9] сиёсатеву маҳобате, ки пеш аз он набуд ва ӯ подшоҳи хирадманду одил ва мулкорой буд. Мовароуннаҳру Туркистон ӯро мусаллам буд ва аз ҷониби Хуросон ӯро фароғате тамом ва хешиву дӯстӣ ва аҳду васиқат барқарор.

Ва аз ҷумлаи таҷаммули мулки ӯ яке он буд, ки чун барнишастӣ, ба ҷуз дигар силоҳ ҳафтсад гурзи заррину симин пеши аспи ӯ

---

[1] ҳазм – ҳушёрии ҳамроҳ бо дурандешӣ

[2] маҳмадат – ситоиш

[3] Яъне: Фарёдраси дунёву дин

[4] Муҳаммад ибни Маликшоҳ – шашумин нафар аз салотини бузурги Салҷуқиён, ки нахуст султони Ироқ буд. Пас аз чанд соли даргузашти падараш, соли 498/1105 ба салтанат расид. Соли 511/1117 дар 37-солагӣ аз дунё реҳлат намуд.

[5] Шиҳобуддин Қутлумиши Албғозӣ – зоҳиран, Қутлумиш ибни Исроил ибни Салҷуқ, амузодаи султон Туғралбеки Салҷуқӣ аст, ки аз амирон ва султаҷӯёни Оли Салҷуқ буд. Вақте ки Алпарслон ба салтанат расид (455/1063), Қутлумиш бар мухолифат бо ӯ бархост. Алпарслон дар Домғон бо ӯ биҷангид. Қутлумиш дар ҳамин ҷанг аз асп биафтод ва даргузашт (Луғатнома, ҷ. 10, саҳ. 15389). Агар дақиқ ҳамин нафар дониста шавад, пас матн аз ғалатҳои таърихӣ ва ансобӣ холӣ нест.

[6] Яъне: Худованд хокҷои онҳоро хуш дорад ва дар биҳишти барин манзалати эшонро боло барад.

[7] Хоқониён – мурод Оли Хоқон – ниг. ҳошияи саҳ. 129

[8] Хизр ибни Иброҳим – аз подшоҳони хоқонӣ (эликхонӣ), ки пас аз соли 474/1082 бар салтанат расид ва баъд аз муддати андаке вафот намуд.

[9] шигарф – аҷиб, ҳайратовар

бибурдандӣ. Ва шоирдӯсти азим буд. Устод Рашидӣ ва Амир Амъақ ва Наҷибии Фарғонӣ ва Наҷҷори Соғарҷӣ ва Алии Бонизӣ ва Писари Дарғуш ва Писари Исфароинӣ ва Алии Сипеҳрӣ[1] дар хидмати ӯ силатҳои гарон ёфтанд ва ташрифҳои шигарф ситаданд.

Ва Амир Амъақ амирушшуаро буд ва аз он давлат ҳаззе тамом гирифта ва таҷаммуле қавӣ ёфта, чун ғуломони турк ва канизакони хубу аспони роҳвор[2] ва сохтҳои[3] зару ҷомаҳои фохир ва нотиқу сомит[4] фаровон. Ва дар маҷлиси подшоҳ азим муҳтарам буд. Ба зарурат дигар шуароро хидмати ӯ ҳамебоист кардан. Ва аз устод Рашидӣ ҳамон тамаъ медошт, ки аз дигарон ва вафо намешуд. Агарчи Рашидӣ ҷавон буд, аммо олим буд дар он синоат. Ситтӣ Зайнаб[5] мамдуҳаи ӯ буд ва ҳамагии ҳарами Хизрхон дар фармони ӯ буд ва ба наздики подшоҳ қурбате тамом дошт. Рашидиро ӯ бисутудӣ ва тақрири фазли ӯ кардӣ, то кори Рашидӣ боло гирифт ва сайидушшуароӣ ёфт ва подшоҳро дар ӯ эътиқоде падид омад ва силатҳои гарон бахшид.

Рӯзе дар ғайбати Рашидӣ аз Амъақ пурсид, ки шеъри Абдуссайид Рашидиро чун мебинӣ? Гуфт: «Шеъре бағоят нек, мунаққо[6] ва мунаққаҳ[7]. Аммо қадре намакаш дармебояд».

На бас рӯзгоре баромад, ки Рашидӣ даррасид ва хидмат кард ва хост, ки бинишинад. Подшоҳ ӯро пеш хонд ва ба тазриб[8], чунонки одати мулук аст, гуфт: «Амирушшуароро пурсидам, ки шеъри Рашидӣ чун аст? Гуфт: «Нек аст, аммо бенамак аст» Бояд, ки дар ин маънӣ байте ду бигӯӣ!»

Рашидӣ хидмат кард ва ба ҷои хеш омаду бинишаст ва бар бадеҳа ин қитъа бигуфт:

*Шеъргҳои маро ба бенамакӣ*
*Айб кардӣ, раво бувад шояд,*
*Шеъри ман ҳамчу шаккару шаҳд аст,*
*В-андарин ду намак накӯ н-ояд.*
*Шалғаму боқилист гуфтаи ту,*
*Намак, эй қалтабон[9], туро бояд.*

---

[1] Рашидӣ, Амир Амъақ, Наҷибии Фарғонӣ, Наҷҷори Соғарҷӣ, Алии Бонизӣ, Писари Дарғуш, Алии Сипеҳрӣ – ниг. ҳошия саҳ. 129-130.

[2] роҳвор – хушрав, тезрав

[3] сохт – заруриёту лавозимоти саворӣ бар асп, чун зин, афсор ва амсоли инҳо.

[4] нотиқу сомит – гӯёву хомӯш. Мурод ғуломону канизон ва зару сим аст.

[5] Ситтӣ Зайнаб – мурод ҳамсари султон Хизрхон ибни Иброҳим аст. «Ситтӣ» – мухаффафи «сайидатӣ» (пешвою сарварам – бо сиғаи занона) аст.

[6] мунаққо – покиза

[7] мунаққаҳ – пероста, пок аз айбҳо

[8] тазриб – ду касро ба ҳам задан ва байни онон муҷодила бархезонидан

[9] қалтабон – касе, ки ғайрати мардон дар ӯ нест; дайюс

Чун арза кард, подшоҳро азим хуш омад. Ва дар Мовароуннаҳр одату расм аст, ки дар маҷлиси подшоҳ ва дигар маҷлис зару сим дар табақҳо ба нуқл[1] биниҳанд ва онро «сими тоқо ё ҷуфт»[2] хонанд. Ва дар маҷлиси Хизрхон бахш(ро) чаҳор табақ зари сурх биниҳодандӣ. Дар ҳар яке дувисту панҷоҳ динор ва он ба мушт бибахшидӣ. Ин рӯз чаҳор табақ Рашидиро фармуд ва ҳурмате тамом падид омад ва маъруф гашт. Зеро ки чунонки мамдуҳ ба шеъри неки шоир маъруф шавад, шоир ба силаи гарони подшоҳ маъруф шавад, ки ин ду маънӣ муталозимонанд.

### Ҳикоят (9)

Устод Абулқосими Фирдавсӣ аз даҳоқини Тӯс буд. Аз деҳе, ки он деҳро «Бож» хонанд ва аз ноҳияти Табарон[3] аст. Бузург деҳе аст ва аз вай ҳазор мард берун ояд. Фирдавсӣ дар он деҳ шавкате тамом дошт, чунонки ба дахли он зиёъ[4] аз амсоли худ бениёз буд ва аз ақиб[5] як духтар беш надошт. Ва «Шоҳнома» ба назм ҳамекард ва ҳамаи умеди ӯ он буд, ки аз силаи он китоб ҷиҳози он духтар бисозад. Бисту панҷ сол дар он китоб машғул шуд, ки он китоб тамом кард ва алҳақ ҳеҷ боқӣ нагузошт ва суханро ба осмони иллийин бурд ва дар узубат ба мои маъин[6] расонид. Ва кадом табъро қудрати он бошад, ки суханро бад-ин дараҷа расонад, ки ӯ расонидааст. Дар номае, ки Зол ҳаменависад ба Соми Наримон ба Мозандарон, дар он ҳол, ки бо Рудоба – духтари шоҳи Кобул пайвастагӣ хост кард:

*Яке нома фармуд наздики Сом,*
*Саросар дуруду навиду харом[7],*
*Нахуст аз Ҷаҳонофарин ёд кард,*
*Ки ҳам дод фармуду ҳам дод кард.*
*В-аз ӯ бод бар Соми Найрим дуруд,*
*Худованди шамшеру куполу[8] худ[9].*

---

[1] ба нуқл – бо хӯрданиҳо

[2] сими тоқо ё ҷуфт – гуё чунин буда, ки салотин дар маҷлисҳои худ дар табақҳо зару сим мениҳодаанд ва дар ҳоли навохтани нафаре муште аз онро баргирифта аз он шахс мепурсидаанд, ки: «Тоқ ё ҷуфт?!» Агар мувофиқ меомад, бар онҳо соҳиб мешуд.

[3] Табарон – яке аз қисмати дугонаи Тӯси куҳан, ки қисмати дигари он Навқон буд.

[4] зиёъ – заминҳои кишоварзӣ ва амлок

[5] ақиб – фарзанд, меросбар

[6] мои маъин – оби гуворо

[7] харом – хабари хуш

[8] купол – гурз

[9] худ – сарпӯши ҷанговарон

*Ҷамонандаи[1] чарма[2] ҳангоми гард[3],*
*Ҷаронандаи каркас андар набард.*
*Физояндаи боди овардгоҳ,*
*Фишонандаи хун зи абри сиёҳ.*
*Ба мардӣ ҳунар дар ҳунар сохта,*
*Сараш аз ҳунар гардан афрохта.*

Ман дар Аҷам сухане бад-ин фасоҳат намебинам ва дар бисёре аз сухани араб ҳам.

Чун Фирдавсӣ «Шоҳнома» тамом кард, нассохи[4] ӯ Алии Дайлам буд ва ровӣ[5] Абӯдулаф ва вашкарда[6] Ҳуйаййи Қутайба, ки омили Тӯс буд ва ба ҷои[7] Фирдавсӣ аёдӣ[8] дошт, номи ҳар се бигӯяд:

*Аз ин нома аз номдорони шаҳр,*
*Алӣ Дайламу Бӯдулафрост баҳр.*
*Наёмад ҷуз аҳсанташон баҳраам,*
*Бикафт андар эҳсонашон заҳраам.*
*Ҳуйаййи Қутайбаст аз озодагон,*
*Ки аз ман нахоҳад сухан ройгон.*
*Наям огаҳ аз аслу фаръи хироҷ,*
*Ҳамегалтам андар миёни давоҷ[9].*

Ҳуйаййи Қутайба омили Тӯс буд ва ин қадар ӯро воҷиб дошт ва аз хироҷ фурӯ ниҳод, лоҷарам номи ӯ то қиёмат бимонад ва подшоҳон ҳамехонанд.

Пас, «Шоҳнома» Алии Дайлам дар ҳафт муҷаллад набишт ва Фирдавсӣ Бӯдулафро баргирифт ва рӯй ба ҳазрат ниҳод, ба Ғазнин ва ба поймардии хоҷаи бузург Аҳмад Ҳасани Котиб[10] арза кард ва қабул афтод. Ва султон Маҳмуд аз хоҷа миннатҳо дошт. Аммо хоҷаи бузург мунозион[11] дошт, ки пайваста хоки тахлит[12] дар қадаҳи ҷоҳи ӯ

[1] ҷамонанда – ҷавлондиҳанда
[2] чарма – асп
[3] ҳангоми гард – вақти корзор
[4] нассох – котиб, нусханавис
[5] ровӣ – хонандаи шеър, бахусус дар назди шоҳон ва маҷлиси бузургон
[6] вашкарда (вушкарда) – коргузор, ба роҳ монандаи кор
[7] ба ҷои – дар ҳаққи
[8] аёдӣ –ҷуду сахо; неъматҳо, некӯиҳо
[9] давоҷ – бистар, рӯандоз
[10] Аҳмад Ҳасани Котиб – мурод Абулқосим Аҳмад Ҳасани Маймандист, ки вазири донишманди Султон Маҳмуд ва писараш Масъуд буд. Аз адаб баҳраи комил дошт. Вафоти ӯ соли 424/1033 сурат гирифтааст.
[11] мунозион – мухолифон
[12] тахлит – омехта сохтан. Ин ҷо манзур назари дигаронро бо туҳмату ноҷавонмардӣ дигар кардан ва бадгумон сохтан аст.

ҳамеандохтанд. Маҳмуд бо он ҷамоат тадбир кард, ки Фирдавсиро чӣ диҳем? Гуфтанд: «Панҷоҳ ҳазор дирам ва ин худ бисёр бошад, ки ӯ марде рофизӣ[1] аст ва муътазилимазҳаб ва ин байт бар эътизоли ӯ далел кунад, ки ӯ гуфт:

*Ба бинандагон Офаринандаро,*
*Набинӣ, маранҷон ду бинандаро.*

Ва бар рафзи ӯ ин байтҳо далел аст, ки ӯ гуфт:

*Хирадманд гетӣ чу дарё ниҳод,*
*Барангехта мавҷ аз ӯ тундбод.*
*Чу ҳафтод киштӣ дар ӯ сохта,*
*Ҳама бодбонҳо барафрохта.*
*Миёна яке хубкиштӣ арӯс,*
*Баророста ҳамчу чашми хурӯс.*
*Паямбар бад-ӯ андарун бо Алӣ,*
*Ҳама аҳли байти набиву васӣ*[2].
*Агар хулд хоҳӣ ба дигар сарой,*
*Ба назди набиву васӣ гир ҷой.*
*Гарат з-ин бад ояд, гуноҳи ман аст,*
*Чунин дону ин роҳ роҳи ман аст.*
*Бар ин зодаму ҳам бар ин бигзарам,*
*Яқин дон, ки хоки паи Ҳайдарам.*

Ва Султон Маҳмуд марде мутаассиб буд, дар ӯ ин тахлит бигирифт ва масмуъ афтод. Дар ҷумла, бист ҳазор дирам ба Фирдавсӣ расид. Бағоят ранҷур шуд ва ба гармоба рафт ва баромад, фуққоӣ[3] бихӯрд[4] ва он сим миёни ҳаммомиву фуққоӣ қисм фармуд.

Сиёсати Маҳмуд донист, ба шаб аз Ғазнин бирафт ва ба Ҳарӣ ба дуккони Исмоили Варроқ – падари Азрақӣ, фуруд омад ва шаш моҳ дар хонаи ӯ мутаворӣ буд, то толибони Маҳмуд ба Тӯс расиданду бозгаштанд.

Ва чун Фирдавсӣ эмин шуд, аз Ҳарӣ рӯй ба Тӯс ниҳод ва «Шоҳнома» баргирифту ба Табаристон шуд, ба наздики испаҳбад Шаҳриёр[5], ки аз Оли Бованд[6] дар Табаристон подшоҳ ӯ буд. Ва он

---

[1] рофизӣ – шиамазҳаб

[2] васӣ – мурод Алӣ (рз) аст.

[3] фуққоӣ – касе, ки фуққоъ мефурӯшад. Фуққоъ – шаробе, ки маъмулан аз ҷав мегирифтанд.

[4] бихӯрд – рӯ ба рӯ шуд

[5] Испаҳбад Шаҳриёр – мурод Шаҳриёр ибни Шарвин ибни Рустам ибни Сурхоб аст, ки дувоздаҳумин нафар аз испаҳбадон ва подшоҳони Оли Бованд дар Табаристон буд. Муддати дароз дар ин мақом будааст. Пас аз соли 400/1010 даргузаштааст.

[6] Оли Бованд – хонадоне аз фармонравоёни Табаристон, ки ҳамаи онон ба

хонадоне аст бузург, нисбати эшон ба Яздигурди Шаҳриёр пайвандад.

Пас Маҳмудро ҳиҷо[1] кард дар дебоча, байте сад ва бар Шаҳриёр хонду гуфт: «Ман ин китобро аз номи Маҳмуд ба номи ту хоҳам кардан, ки ин китоби ҷаддони[2] туст».

Шаҳриёр ӯро бинавохт ва некӯиҳо фармуд ва гуфт: «Ё устод! Маҳмудро бар он доштанд ва китоби туро ба шарте[3] арза накарданд ва туро тахлит карданд ва дигар ту марде шиъийӣ ва ҳар кӣ таваллӣ ба хонадони паёмбар кунад, ӯро дунёвӣ ба ҳеҷ коре наравад, ки эшонро худ нарафтааст. Маҳмуд худовандгори ман аст, ту «Шоҳнома» ба номи ӯ раҳо кун ва ҳаҷви ӯ ба ман деҳ, то бишӯям ва туро андак чизе бидиҳам. Маҳмуд худ туро хонад ва ризои ту талабад ва ранҷи чунин китоб зоеъ намонад».

Ва дигар рӯз сад ҳазор дирам фиристоду гуфт: «Ҳар байте ба ҳазор дирам харидам. Он сад байт ба ман деҳ ва бо Маҳмуд дил хуш кун». Фирдавсӣ он байтҳо фиристод. Бифармуд, то бишустанд. Фирдавсӣ низ савод[4] бишуст ва он ҳаҷв мундарис[5] гашт. Ва аз он ҷумла ин шаш байт бимонд:

*Маро гамз карданд, к-он пурсухан,*
*Ба меҳри набиву Алӣ шуд куҳан.*
*Агар меҳрашон ман ҳикоят кунам,*
*Чу Маҳмудро сад ҳимоят кунам.*
*Парасторзода наёяд ба кор,*
*В-агарчанд бошад падар шаҳриёр.*
*Аз ин дар сухан чанд ронам ҳаме?*
*Чу дарё карона надонам ҳаме.*
*Ба некӣ набуд шоҳро дастгоҳ,*
*В-агарна маро барнишондӣ ба гоҳ.*
*Чу андар табораш бузургӣ набуд,*
*Надонист номи бузургон шунуд.*

---

«Малик-ул-ҷибол» мулаққаб мегарданд. Ин хонадон худро аз авлоди Бов писари Каюс ибни Қубод – бародари бузургтарини Анӯшервон медонанд. Бов соли 45/665 дар қисмате аз Мозандарон салтанат ёфт ва ин хонадонро, ки минбаъд «Малик-ул-ҷибол» хонда шуданд, асос гузошт. Охирин малики ин хонадон испаҳбад Рустам ибни Шаҳриёр буд, ки соли 416/1025 дар асари ҷанг бо Алоуддавла кушта шуд ва ин хонадон аз байн рафт. Аз ин хонадон ба сурати «Бовандиён» ё «Бовандия» низ ёд мешавад.

[1] ҳиҷо – ҳаҷв

[2] ҷаддон – бобоён

[3] шарт – ин ҷо ба «маънии чунонки бояд», «он гуна, ки ҳаққи он аст» омада.

[4] савод – нусха, дафтари пешнавис, сиёҳнавис

[5] мундарис – азбайнрафта, нобудшуда

Алҳақ, некӯ хидмате кард Шаҳриёр мар Маҳмудро ва Маҳмуд аз ӯ миннатҳо дошт.

Дар санаи арбаъа ашара ва хамсумиа[1] ба Нишобур шунидам аз Амир Муиззӣ, ки ӯ гуфт: «Аз Амир Абдурраззоқ шунидам ба Тӯс, ки ӯ гуфт: «Вақте Маҳмуд ба Ҳиндустон буд ва аз он ҷо бозгашта буд ва рӯй ба Ғазнин ниҳода, магар дар роҳи ӯ мутамарриде[2] буд ва ҳисоре устувор дошт. Ва дигар рӯз Маҳмудро манзил бар дари ҳисори ӯ буд. Пеши ӯ расуле бифиристод, ки фардо бояд, ки пеш ойӣ ва хидмате биёрӣ ва боргоҳи моро хидмат кунӣ ва ташриф бипӯшӣ ва бозгардӣ. Дигар рӯз Маҳмуд барнишаст ва хоҷаи бузург бар дасти рости ӯ ҳамеронд, ки фиристода бозгашта буд ва пеши султон ҳамеомад. Султон бо хоҷа гуфт: «Чӣ ҷавоб дода бошад?» Хоҷа ин байти Фирдавсӣ бихонд:

*Агар ҷуз ба коми ман ояд ҷавоб,*
*Ману гурзу майдону Афросиёб.*

Маҳмуд гуфт: «Ин байт кирост, ки мардӣ аз ӯ ҳамезояд?!» Гуфт: «Бечора Абулқосими Фирдавсирост, ки бисту панҷ сол ранҷ бурд ва чунон китобе тамом кард ва ҳеҷ самара надид». Маҳмуд гуфт: «Сара кардӣ[3], ки маро аз он ёд овардӣ, ки ман аз он пушаймон шудаам. Он озодмард аз ман маҳрум монд. Ба Ғазнин маро ёд деҳ, то ӯро чизе фиристам».

Хоҷа чун ба Ғазнин омад, бар Маҳмуд ёд кард. Султон гуфт: «Шаст ҳазор динор Абулқосими Фирдавсиро бифармой, то ба найл[4] диҳанд ва ба уштури султонӣ ба Тӯс баранд ва аз ӯ узр хоҳанд».

Хоҷа солҳо буд, то дар ин банд[5] буд. Охир он корро чун зар бисохт ва уштур гусел кард ва он найл ба саломат ба шаҳри Табарон расид.

Аз дарвозаи Рӯдбор уштур дармешуд ва ҷанозаи Фирдавсӣ ба дарвозаи Разон берун ҳамебурданд. Дар он ҳол музаккире[6] буд дар Табарон, таассуб карду гуфт: «Ман раҳо накунам, то ҷанозаи ӯ дар гӯристони мусалмонон баранд, ки ӯ рофизӣ буд». Ва ҳарчанд мардумон бигуфтанд, бо он донишманд дарнагирифт. Даруни дарвоза боғе буд, милки Фирдавсӣ, ӯро дар он боғ дафн карданд. Имрӯз ҳам дар он ҷост ва ман дар санаи ашара ва хамсумиа[7] он хокро зиёрат кардам.

Гӯянд: Аз Фирдавсӣ духтаре монд сахт бузургвор, силати султон

[1] Яъне: соли 514 (1120)
[2] мутамаррид – саркаш, ёғӣ
[3] сара кардӣ – хуб кардӣ
[4] найл – ато, бахшиш
[5] банд – мурод андеша аст, ки ӯро бар худ баста буд.
[6] музаккир – воиз, пандгӯ
[7] Яъне: соли 510 (1116)

хостанд, ки бад-ӯ супоранд, қабул накард ва гуфт: «Бад-он муҳтоҷ нестам». Соҳиббарид ба ҳазрат бинавишт ва бар султон арза карданд. Мисол дод[1], ки он донишманд аз Табарон биравад, бад-ин фузулӣ, ки кардааст ва хонумон бигузорад. Ва он мол ба Хоҷа Абӯбакр Исҳоқи Карромӣ[2] диҳанд, то работи Чоҳа, ки бар сари роҳи Нишобур ва Марв аст, дар ҳадди Тӯс, иморат кунад.

Чун мисол ба Тӯс расид, фармонро имтисол намуданд ва иморати работи Чоҳа аз он мол аст.

### Ҳикоят (10)

Дар он таърих, ки мани банда дар хидмати худованд – Малик-ул-ҷибол[3] будам, навввараллоҳу мазҷиъаҳу ва рафаъа фи-л-ҷинони мавзиъаҳу[4], ва он бузургвор дар хаққи мани банда эътиқоди қавӣ дошт ва дар тарбияти ман ҳиммати баланд. Магар аз меҳтарон ва меҳтарзодагони шаҳри Балх, аммараҳаллоҳ[5], амир Амиди Сафиюддин Абӯбакр Муҳаммад ибн ал-Ҳусайн ар-Руншоҳӣ рӯзи иди Фитр бад-он ҳазрат пайваст, ҷавони фозили муфзил[6], дабире нек, муставфие башарт[7], дар адабу самароти он бобаҳра, дар дилҳо мақбул ва дар забонҳо мамдуҳ. Ва дар ин ҳол ман ба хидмат ҳозир набудам.

Дар маҷлис бар лафзи подшоҳ рафт, ки Низомиро бихонед. Амир Амиди Сафиюддин гуфт, ки: «Низомӣ ин ҷост?» Гуфтанд: «Оре». Ва ӯ чунон гумон бурд, ки Низомии Мунярӣ[8] аст. Гуфт: «Хаҳ! Шоире нек ва марде маъруф».

Чун фаррош расид ва маро бихонд, мӯза дар пой кардам ва чун даромадам, хидмат кардам ва ба ҷои хеш бинишастам. Ва чун давре чанд даргузашт, амир Амид гуфт: «Низомӣ наёмад?» Малик-ул-ҷибол гуфт: «Омад, инак он ҷо нишастааст». Амир Амид гуфт: «Ман на ин Низомиро мегӯям, он Низомӣ дигар аст ва ман инро худ нашносам».

[1] мисол дод – фармон дод

[2] Хоҷа Абӯбакр Исҳоқи Карромӣ – мурод Абӯбакр Муҳаммад ибни Муҳаммад, ки пешвои карромиёни Нишопур буд.

[3] Малик-ул-ҷибол – лақаби подшоҳони Ғӯр. Ин ҷо мурод Қутбиддин Муҳаммад ибни Иззуддин аст.

[4] Яъне: Худованд оромгоҳашро пурнур созад ва ҷойгоҳашро ба биҳишт боло барад.

[5] Яъне: Худованд онро обод дорад.

[6] муфзил – бахшанда, эҳсонгар. Ин лафзро «муфаззал» (бартаридодашуда) низ метавон хонд.

[7] башарт – ҳақшинос

[8] Низомии Мунярӣ ва Низомии Асирӣ, ки чанд сатр поёнтар ёд гардида – шоирони асри XII мебошанд, ки аз парвардагони Салҷуқиён будаанд. Намунаи шеъри онон боқӣ намондааст.

Ҳамэдун[1] он подшоҳро дидам, ки мутағайир гашт ва дарҳол рӯй сӯи ман карду гуфт: «Ҷуз ту ҷое Низомӣ ҳаст?» Гуфтам: «Бале, эй худованд! Ду Низомии дигаранд: Яке Самарқандӣ аст ва ӯро «Низомии Мунярӣ» гӯянд ва яке Нишопурӣ ва ӯро «Низомии Асирӣ» гӯянд ва мани бандаро «Арӯзӣ» хонанд». Гуфт: «Ту беҳӣ ё эшон?» Амир Амид донист, ки бад гуфтааст ва подшоҳро мутағайир дид, гуфт: «Эй худованд! Он ҳар ду Низомӣ муарбиданду[2] сабук, маҷлисҳоро ба арбада барҳам шӯранд ва ба зиён оранд». Малик бар сабили тийбат[3] гуфт: «Бош! То инро бубинӣ, ки панҷ қадаҳ сеякӣ[4] бихӯрад ва маҷлисро барҳам занад. Аммо аз ин ҳар се Низомӣ шоиртар кист?» Амир Амид гуфт: «Ман он дуро дидаам ва ба ҳаққ-ул-маърифа[5] шиносам, аммо инро надидаам ва шеъри ӯ нашунидаам. Агар дар ин маънӣ, ки бирафт, ду байт бигӯяд ва ман табъи ӯ бинам ва шеъри ӯ бишнавам, бигӯям, ки кадом беҳтар аст аз ин ҳар се».

Малик рӯй сӯи ман карду гуфт: «Ҳон, эй Низомӣ! То моро хиҷил накунӣ ва чун гӯӣ, чунон гӯй, ки амир Амид хоҳад».

Андар он вақт маро дар хидмати подшоҳ табъе буд файёз ва хотире ваҳҳоҷ[6] ва икрому инъоми он подшоҳ маро бад-он ҷо расонида буд, ки бадеҳаи ман чун равийят[7] гашта буд. Қалам баргирифтам ва то ду бор давр даргузашт, ин панҷ байт бигуфтам:

*Дар ҷаҳон се Низомием, эй шоҳ!*
*Ки ҷаҳоне зи мо ба афғонанд.*
*Ман ба Варсод[8] пеши тахти шаҳам*
*В-он ду дар Марв пеши султонанд.*
*Ба ҳақиқат, ки дар сухан имрӯз,*
*Ҳар яке мафхари[9] Хуросонанд.*
*Гарчи ҳамчун равон сухан гӯянд*
*В-арчи ҳамчун хирад сухан донанд,*

---

[1] ҳамэдун – ҳамон дам

[2] муарбид – арбадагар, бадахлоқ, тундхӯ

[3] тийбат – шӯхӣ, хуштабъӣ

[4] сеякӣ – шаробе, ки бо ҷӯшонидан аз се ду ҳиссаи он бухор шуда ва сеяки он боқӣ мондааст; мусаллас.

[5] ҳаққ-ул-маърифа – шинохти саҳеҳ

[6] ваҳҳоҷ – тез, равшан

[7] равийят – ба кор гирифтани андеша, бо тааммул шеър гуфтан

[8] Варсод (Варшод) – номи вилоятест аз Ғӯр, ки маҳалли ҳукмронии Милик-ул-ҷибол Қутбиддин Муҳаммад ибни Иззуддин буд. Он гоҳ, ки Сайфиддини Сурӣ вилояти Ғӯрро миёни бародарон қисмат кард, Варсод дар саҳми Малик-ул-ҷибол даромад (Луғатнома, ч.14, саҳ. 20478).

[9] мафхар – мояи ифтихор

*Ман шаробам, ки шон чу дарёбам,*
*Ҳарду аз кори худ фурӯ монанд.*

Чун ин байтҳо арз кардам, амир Амиди Сафиюддин хидмат кард ва гуфт: «Эй подшоҳ! Низомиёнро бигузор, ман аз ҷумлаи шуарои Мовароуннаҳру Хуросону Ироқ ҳеҷ касро табъ он нашносам, ки бар иртиҷол[1] чунин панҷ байт тавонад гуфт, хосса бад-ин матонату[2] ҷазолату[3] узубат[4], мақрун[5] ба алфози азб[6] ва машҳун[7] ба маонии бикр. Шод бош, эй Низомӣ! Туро бар басити замин назир нест. Эй худованд – подшоҳ, табъе латиф дорад ва хотире қавӣ ва фазле тамом. Ва иқболи подшоҳи вақт ва ҳиммати ӯ, рафаъаҳумаллоҳу[8], дарафзудааст, нодирае гардад ва аз ин ҳам зиёдат шавад, ки ҷавон аст ва рӯзафзун».

Рӯи подшоҳ – худованд азим барафрӯхт ва башошате[9] дар табъи латифи ӯ падид омад, маро таҳсин карду гуфт: «Кони сурби Варсод аз ин ид[10] то ба иди гӯсфандкушон[11] ба ту додам, омиле бифирист».

Чунон кардам ва Исҳоқи Яҳудиро бифиристодам. Дар самими[12] тобистон буду вақти кор ва гавҳар бисёр мегудохтанд. Дар муддати ҳафтод рӯз дувоздаҳ ҳазор ман сурб аз он хумс[13] бад-ин дуогӯй расид ва эътиқоди подшоҳ дар ҳаққи мани банда яке ҳазор шуд.

Эзад, таборак ва таъоло, хоки азизи ӯро ба шамъи ризо пурнур кунод ва ҷони шарифи ӯро ба ҷамъи ғанно[14] масрур, биманниҳи ва карамиҳи.

*(Идома дорад)*

*Таҳия ва тавзеҳи Фахриддин Насриддинов*

---

[1] иртиҷол – бадоҳатан, бидуни диранг
[2] матонат – устуворӣ
[3] ҷазолат – муҳкамӣ, пайванди устувори лафзҳо бо ҳам
[4] узубат – гуворой
[5] мақрун – ҳамроҳ, пайваст
[6] азб – хуш, гуворо
[7] машҳун – саршор,
[8] Яъне: Худованд ҳар дуро баландӣ бахшад.
[9] башошат – шодмонӣ
[10] ин ид – мурод иди Фитр аст.
[11] иди гӯсфандкушон – иди Қурбон
[12] самим – миёна, дил
[13] хумс – панҷяки ғанимат, ки ба халифа ё подшоҳ қарор мегирад. Имкон дорад, ки мурод он панҷ байти муаллиф бошад.
[14] ғанно – боғи пурдарахт. Киноя аз ҷаннат аст. Мумкин аст, ки ин лафз барои риояти саҷъу мувозана «ғино» хонда шавад, аммо маънии матлуб ба даст намеояд.

***Саноии Ғазнавӣ***

## САЙР-УЛ-ИБОД[1]

Марҳабо, эй бариди[2] султонваш,
Тахтат аз обу тоҷат аз оташ.
Эй беҳ аз хоку хокро фаррош
В-эй ту аз обу обро наққош.
Эй ба ҳангоми хубиву зиштӣ,
Соиқи[3] абру қоиди[4] киштӣ.
Бо ту аз қуввати ҳаюлонӣ,
Ситаду дод рӯҳи ҳайвонӣ.
Оташ аз ту чу буссадин[5] хирман,
Об бо ту чу зуммурин ҷавшан.
Мояи хушкииву қобили нам,
Падари Исииву маркаби Ҷам.
Боғро ҳам ту пушту ҳам рӯӣ,
Шохро ҳам ту доя, ҳам шӯӣ.
Кунӣ аз ҷунбише, ки хоҳӣ ту,
Рӯйи дарё чу пушти моҳӣ ту.
Рӯҳро монӣ, арчи пастӣ ту,
Кас набинад турову ҳастӣ ту.
Ҷунбиши ту чу марг бебок аст,
З-он ба ҳар хонае-т раҳ пок аст.
Баршавӣ то асиру[6] бар нашавӣ,
Бигзарӣ то муҳиту[7] тар нашавӣ.
Бо ту ҳамгоми туст пои ҳама,
Бе ту ҳамноми туст ҷои ҳама.
Қалами ҷунбишу вуқуф туӣ,
Тахтаи аввали ҳуруф туӣ.
Муҳдасиву гуво ҷалолати туст,

---

[1] «Сайр-ул-ибод»-и Ҳаким Саноии Ғазнавӣ то кунун дар Тоҷикистон нашр нашудааст. Матн аз рӯи тасҳеҳи Саид Нафисӣ (Теҳрон, 1316) омода ва пешкаши хонандагон мегардад.

[2] барид – хабаррасон. Ин ҷо хитоб бар бод аст.

[3] соиқ – равонсозанда, пешронанда

[4] қоид – роҳбар

[5] буссадин – мансуб ба буссад, ки марҷон бошад ва мурод аз он сурхист.

[6] асир – мувофиқи ақидаи донишмандони Юнони қадим кураи оташест, ки гӯё болои ҳаво (осмон) воқеъ гардидааст. Маҷозан ба маънии осмон ва фалак аст.

[7] муҳит – уқёнус

Муҳдасӣ[1] ҳуҷҷати истиҳолати[2] туст.
Дар гилин гӯру оташин тобут,
Ҷони моро зи туст қуввату қут[3].
Гоҳ тоҷиву гаҳ сарир[4] шавӣ,
Гоҳ ахзар, гаҳе асир шавӣ.
Гоҳ харпушта[5] бар ғадир[6] занӣ,
Гоҳ кулаҳгӯша бар асир занӣ.
Аз ту пок аст ҷои маскани гул,
Чун гиребони сарв домани гул.
Гаҳ ба нисён[7] зи гул нигина[8] кунӣ,
Гаҳ ба дай з-об обгина кунӣ.
Тири гул чанд пурнишона занӣ?
Зулфи шамшод чанд шона занӣ?
Чанд фарроши кӯйҳо бошӣ?
Чанд наққоши рӯйҳо бошӣ?
Чанд гардӣ ба сони беадабон,
Гирди ҳангомаҳои булаҷабон?
То кай аз қуввати хасон будан,
То кай аз нанги нокасон будан?
Гарчи сайёҳи кӯҳу Ҷайҳунӣ
В-арчи массоҳи[9] рубъи маскунӣ
В-арчи паймудаӣ зи чолокӣ,
Шебу болои кураи хокӣ.
Бираҳон як раҳ, эй фариштаваш,
Хештанро зи обу аз оташ.
Лагаде бар асиру дарё зан,
Хайма бар тораки Сурайё зан.
Як замон аз забони биниши ман,
Гӯш кун рамзи офариниши ман.
То бидонӣ, ки ҳар чӣ ром наанд,
Ҳамагӣ чун ту «бод» ном наанд.

---

[1] муҳдас – эҷодшуда
[2] истиҳолат – аз ҳоле ба ҳоле шудан, дигаргун шудан
[3] қут- таом
[4] сарир- ҷои хоб, рахт. Ин ҷо ба маънии пастӣ аст.
[5] харпушта – хайма
[6] ғадир- кӯл, обе, ки аз оби борону сел ҷамъ шудааст.
[7] нисён- фаромӯшӣ
[8] нигина- ангуштарӣ
[9] массоҳ – заминпаймо

## Оғози таркибу тартиби сурати инсонӣ ва сифати рӯҳи номия[1]

Дон, ки дар соҳати сарои куҳун,
Чун тиҳӣ шуд зи най машимаи «кун»[2].
Сӯи пастӣ расидам аз боло,
Ҳалқа дар гӯш з-«иҳбиту минҳо»[3].
Дояе ёфтам қадимниҳод,
Буда бо ҷунбише фалак ҳамзод.
Гандапире чу чархи пурмоя,
Бехабар з-офтобу аз соя.
Пешво буда навъи оламро,
Доягӣ карда шахси Одамро.
Ҳаявонро ба рутбату миқдор,
Дояву матбахиву[4] хонсолор.
Инчунин доя аз карона маро,
Тарбият карда модарона маро.
К-аввалин мояи таносул буд,
Ҷузвҳои банотро кул буд.
Нақши Навшодро[5] аз ӯ шодӣ,
Сарви озод аз ӯ ба озодӣ.
Гулбунон з-ӯ кушодахад[6] буданд,
Сарвҳо з-ӯ кашидақад буданд.
З-ӯ кашида кушода шуд ба баҳор.
Панҷаи сарву чеҳраи гулнор.
Гавҳареро, ки чарх воло кард,
Ҷунбиши ӯ баландболо кард.
Ҷӯйҳое, ки хозини обанд,
Алифу нун ҷамъ аз ӯ ёбанд.
Гарчи дар асл кӯдаке будам,
Назди ӯ чӯбу най яке будам.
Чун гиё бехабар ҳамех(в)ардам,
Бо гиё ҳамсарӣ ҳамекардам.
Инчунин доя пеши ҳар ҳасте,

---

[1] номия – муаннаси номӣ, қуввае, ки мӯҷиби рушду нумӯъ мешавад.

[2] машимаи «кун» – ишора ба «кун фаякун», ҳукми офариниши ҳастӣ, ки ба фармони Худо – «кун», яъне «бош» олами ҳастӣ ба вуҷуд омад.

[3] Ишора ба ояти 38-уми сураи Бақара: (Фармудем: Ҳамаи шумо аз ин ҷо фуруд оед!)

[4] матбахӣ – ошпаз

[5] Навшод – номи шаҳрест, ки мардумаш ба хушрӯӣ маъруф будааст.

[6] кушодахад – кушодачеҳра, кушодарӯ

Ҷилва кардӣ маро ба ҳар дасте.
Аввалин сабзбофт кисвати най,
Баъд аз он лаъл сохт хилъати най.
Чун буридам зи сабзу лаъл умед,
Боздодам яке қимоти[1] сапед.
Чун даридам қимоти симобӣ,
Дӯхт бозам қабои уннобӣ[2].
Сохт з-он пас маро ба мастурӣ,
Курта удиву[3] ҳуҷра кофурӣ[4].
Ҳуҷрае пур зи деви ҳафтсарӣ,
Шашсӯю чорбахшу панҷдарӣ.
Даре аз симу ҷазъу беҷода[5],
З-он яке баст, чор бикшода.
Чун дарун аз либоси тан пардохт,
Аз бурун ҳуҷра (аз) ғилофе сохт.
Пас маро аз барои ҳар нӯҳ барх[6],
Карда нӯҳ моҳ ҷилва бар нӯҳ чарх.
Дасти охир, ки ҷилва гашт тамом,
Шарбатам хона карду ҷома таом.
Чун қавибех гашт бунёдам,
Пас ба шаҳри падар фиристодам.

**Сифати рӯҳи ҳайвониву табиӣ ва нафс ва омезиши ақл дар вай**

Ёфтам бар карони Руму Ҳабаш,
Шаҳре андар миёни оташ х(в)аш.
Аз бурунаш наву дарун-ш мусин[7],
Турбаташ ҳодису ҳавош афин[8].
Растаниҳо-ш сарнагун аз тоб,
Ҳамчу сояй дарахт бар лаби об.
Мевадорон-ш чун дили доно,

[1] қимот- матое, ки бо он дасту пои кӯдакро мепечанд. Ин ҷо мурод пардаву пӯшиш аст.

[2] уннобӣ- сурх

[3] удӣ – рангест моил ба уд, ки сиёҳи моил ба сафеду сурхӣ бошад.

[4] кофурӣ – ранги софи бисёр сафед

[5] сим- нуқра; ҷазъ-навъе аз сангҳои ороишӣ, ки сапеду сиёҳ аст; беҷода- навъе аз санги қиматбаҳо

[6] барх – лахт, бахш, қисмат

[7] мусин- куҳна, солхӯрда

[8] афин- гандида, бадбӯй

Шох дар шебу бех дар боло.
Сохта хаймаҳо зи боду тuroб[1],
Меҳҳо з-оташу таноб аз об.
Соҳаташ киштиву саёҳатро,
Роҳаташ куштану ҷароҳатро.
Малаке бо ду рӯю бо даҳ сар,
Асли ӯ аз ду модару ду падар.
Панҷ аз ӯ мунҳиёни гардунӣ,[2]
Панҷ аз ӯ мушрифони ҳомунӣ[3] .
Зоҳираш нури поку ботин нор,
Аз дарунаш гулу бурунаш хор.
Адли эшон бақои пайванд аст,
Ҷаври эшон фанои фарзанд аст.
Зӯраш аз адлу пояи гавҳар,
Заъфаш аз зулми модарону падар.
Нуқтаро чун асири давр кунад,
Ин сарират нигар, ки ҷавр кунад.
Сирати адл чист? Ободӣ.
Сурати марг чист? Бедодӣ.
Зоти ишроқу[4] мояи ашроф,
Додаи илму зодаи инсоф.
Ҷомаи ҳирсу нафсу кинаву ком,
Ҷони деву баҳимаву[5] даду дом[6].
Моя з-ӯ ёфтанду қуввату ҳуш,
Дасту чашму забону биниву гӯш.
Лашкари ӯ ҳамеша пуршару шӯр,
Деву дад буду ваҳшу мурғу сутур.
Дар миён доди ростӣ дорад,
Бинад он кас, ки дод бигзорад.
«Дод» бе ростии алиф «дад» буд,
«Бод» бе қомати алиф «бад» буд.
Гаҳ ба сурат падар шавад модар,
Гоҳ модар шавад ба чеҳри падар.
Сабзҷома баҳор аз инсофат.

[1] туроб-хок
[2] мунҳиёни гардунӣ- хабаррасонҳои осмонӣ
[3] мушрифони ҳомунӣ- назораткунандагони заминӣ
[4] ишроқ – дурахшидан ва равшан шудан
[5] баҳима – ҳайвонот
[6] даду дом- ҳайвоноти ваҳшии дарранда ва ғайридарранда

Зардчеҳра хазон аз исрофат.
Накунад ҷуз ба бехи адл диранг,
Мехи ин хаймаҳои миноранг.
Зирак ин хурда нек бипсандад,
Лек аблаҳ бар ин сухан хандад.
Омилонаш се: нору нуру залам,
Маркабонаш ду: ашҳабу[1] адҳам[2].
Омилонаш назарнигор ҳама,
Маркабонаш саворхор ҳама.
Талафи омилон-ш додаи ӯ,
Алафи маркабон-ш зодаи ӯ.
Ҳокимаш ҳам надиму ҳам наққош,
Хозинаш ҳам ҳакиму ҳам фаррош.
Чун маро бо амири кавну фасод,
Ошно кард соҳибистеъдод.
Диду пазируфту моя доду навохт,
Баргу таркиби нақши ҳуҷра бисохт.
Чун дар ӯ ҳадди ҳуҷраро бишмурд,
Рафту аз баҳри маслиҳат биспурд.
Чор ҳадро ба ҳафт соҳиби ҳилм,
Панҷ дарро ба панҷ толиби илм.
Дидаи ҳолбин чу бикшодам,
Чун сутурон ба хурдан истодам.
Ҷуқи[3] деву сутур медидам,
Галаи шеру гӯр медидам.
Ҳама ғамноктабъу хуррамдин,
Ҳама бисёрхору андакбин.
Ҳамаро ҳирсу ком озурдан,
Ҳамаро феъли хуфтану хурдан.
Дар сафар моҳу сол чун наснос[4],
Лек бар ҷой ҳамчу гови харос[5].
Гарчи бисёр раҳ навишта бувад,
Гард бар гарди хеш кишта бувад.
Не чу деву сутуру чун даду дом,
Моили ҷоҳу хурду хуфтани ком.

---

[1] ашҳаб- сиёҳу сафед, хокистарранг
[2] адҳам- тира, сиёҳ, сурхи ҷигарранг
[3] ҷуқ- гурӯҳ, тӯда
[4] наснос- махлуқи афсонавие, ки гӯё нисфаш одамшакл аст, маҷозан бадҳайбат
[5] харос – осиё, ки ба қувваи хар, гов ё чорпои дигар мегардад.

Гирди саҳрову кӯҳ мегаштам,
З-он сутурон сутӯҳ[1] мегаштам.
Рост хоҳӣ маро дар ин манзил
Сер шуд з-ин гурусначашмӣ дил.
З-он ки ҳис аз барои болоро,
Ба сутӯ буд нафси гӯёро.
Он замоне, ки чеҳра бинмудӣ,
З-ин заминам ба ҷумла бирбудӣ.
З-ин ҳама ҷустанам амон кардӣ
В-аз заминам бар осмон кардӣ.
Лек чун зӣ ниҳоди х(в)ад шудаме,
Ҳамчу деву сутуру дад шудаме.
Охшиҷам[2] ба тахт merondӣ,
Фитратам сӯи фавқ мехондӣ.
Ман бимонда дар ин миён мавқуф,
Мақсадам дуру роҳи нек махуф[3].
Хона пурдуду дидагон пурдард,
Роҳ пуртеғу тиру ман номард.
Хира мондам, ки илму зӯр намонд,
Роҳбар ҷуз сутуру гӯр намонд.
Не маро илму иҷтиҳоде[4] буд,
На бар инҳо-м эътимоде буд.
Роҳбар чун сутуру гӯр бувад,
Манзили хуштари ту гӯр бувад.
З-он чарогоҳи роҳ баргаштам,
Ошиқи роҳу роҳбар гаштам.
Рӯзи охир ба роҳи борике,
Дидам андар миёни торикӣ…

*(Давом дорад)*

*Ба кӯшиши Мухлиса Нуруллоева*

[1] сутӯҳ – дилтанг, безор
[2] охшиҷ – унсур
[3] махуф – хавфнок, бимнок
[4] иҷтиҳод – тавони истинботи раъйи дуруст

*Хоҷуи Кирмонӣ*

# РАВЗАТ-УЛ-АНВОР[1]

Зуййинати-р-Равзату фи-л-аввали,
Бисми Илоҳи-с-самади-л-муфзили.[2]
Шуд чамани табъ тараннумсарой,
«Равзаи анвор» ба номи Худой.
Панҷарасози ҳарами шашдарӣ,[3]
Нақштирози табақи чанбарӣ.
Рангрази[4] қирмизии офтоб,
Нофакушои нафаси мушки ноб.
Миҷмарагардони насими баҳор,
Лахлахасӯзи[5] чамани гулузор.
Чеҳранамои маҳи хуршедрӯй,
Ғолиясои[6] шаби занҷирмӯй.
Ҷилвадеҳи луъбати гетифурӯз,
Решакаши[7] пардаи зарбафти рӯз.
Хозини[8] ганҷинаи асрори ҷон,
Ҷавҳарии растаи бозори кон.
Муҳрафишони фалаки ҳуққасоз,[9]
Шуъбадаомӯзи маҳи ҳуққабоз.
Теғбарорандаи рӯз аз ниём,
Рӯзадеҳи субҳдам аз нони шом.

[1] «Равзат-ул-анвор» маснавии дар ҷавоби «Махзан-ул-асрор»-и Низомӣ навиштаи Хоҷуи Кирмонист, ки дар соли 743/1342 ба итмом расидааст. Маснавӣ дар аввали «Хамса»-и Хоҷу ҷо дода шуда, аз 2036 байт иборат мебошад. Он бори аввал аст, ки бо ҳуруфи имрӯзаи Тоҷикистон ба нашр мерасад ва дастандаркорони «Фаслномаи илмӣ-адабии Камоли Хуҷандӣ» тасмим гирифтаанд, ки онро дар чанд шумораи оянда манзури хонандагон гардонанд.Матн аз рӯи «Хамса»-и Хоҷуи Кирмонӣ (тасҳеҳи Саид Ниёзи Кирмонӣ, Кирмон, 1370) бо тавзеҳи муҳимтарин нуктаҳо таҳия мегардад.

[2] Яъне: Оғози ин равза бо номи Худованди бениёзи неъматбахшанда зинат бахшида шуд.

[3] ҳарами шашдарӣ – киноя аз дунё

[4] ранграз – рангрез, касе ки ранг месозад; киноя аз Худованд

[5] лахлаха – таркибе аз хушбӯиҳои гуногун, ба мисли мушк, анбар, кофур ва ғайра, хушбӯӣ; лахлахасӯз – аттор

[6] ғолиясо(й) – хушбӯйсоз

[7] решакаш – аз бун барoранда

[8] хозин – хазинадор

[9] фалаки ҳуққасоз – дунёи найрангбоз, дунёи фиребгар

Нақшнигорандаи нилитутуқ,[1]
Хурдафишонандаи зар[2] бар уфуқ.
Сурмакаши чашми шаби тирачашм,
Машъалаафрӯзи хури[3] хирачашм.
Сайқалии[4] оинаи рӯи об,
Пардагии парданишинони хоб.
Қулланишин гашта ба амраш ҳилол,
Нофа аз ӯ ёфта нофи ғизол.
Дода ба хуршедпарастони бом,
Дар қадаҳи зар майи ёқутфом.
Карда падид аз паси зарринсипар,
Бар камари кӯҳ сари Золи Зар.[5]
Гашта ба ҳукмаш шафақи ҷуръанӯш,
Ташна ба хунхораи дурдифурӯш.
Сохта қанд аз наю най аз набот,
Дода ба хоки сияҳ оби ҳаёт.
Лолаи оташрухи дилсӯхта,
З-оташи меҳраш ҷигар афрӯхта.
Баста ба амраш фалаки зарнигор,
Ҳалқаи зар бар камари кӯҳсор.
Ҳудҳуди ҷон мурғи Сулаймони Ӯ,
Тӯтии дил булбули бустони Ӯ.
Дар раҳи Ӯ ҳар қадаме оламе,
Бар дари Ӯ ҳар кафи хок одаме.
Гар нашудӣ қудрати Ӯ раҳнамун,
«Коф» надодӣ хабар аз ҳарфи «нун».[6]
Гавҳари кони карамаш «кун факон»,[7]
Ғарқаи баҳри ниамаш[8] инсу ҷон.
Аз карамаш дар бари офоқ бин
Хилъати шашдомани ҳафтостин.
В-аз ниамаш бар сари гардун нигар,

---

[1] нилитутуқ – хаймакабуд, киноя аз осмон

[2] хурдафишонандаи зар – касе, ки бо зар резакорӣ мекунад.

[3] хур – шакли ихтисоршудаи хуршед

[4] сайқалӣ – сайқалдиҳанда, суфтакунанда

[5] Золи Зар – падари Рустами Достон, ки мутобиқи ривоёт бо мӯи сари сапед таваллуд шуда будааст; киноя аз офтоб

[6] Ишораест ба феъли арабии «кун» (чунин бош). Ҳосили байт он мешавад, ки агар қудрати лоязолии Ӯ раҳнамун намебуд, ҳастӣ ба вуҷуд намеомад.

[7] кун факон – яъне, бишав (гуфт Худо) ва (ҳастӣ ҳаст) бишуд. Сураи Ё Син, ояти 82.

[8] ниам – шакли ҷамъи неъмат

Миқнааи[1] симу сарандози зар.
Ҳалқабагӯши дари Ӯ моҳи нав,
Лашкари Ӯро ду ҷаҳон пешрав.
Баста шакар дар қасаби шаккарӣ,
Карда наботӣ шакари аскарӣ.[2]
Хишти зар афканда бар айвони бом,
Дода ба маҳ салтанати мулки шом.
Хуни ақиқ аз ҷигари кон гушод,
Ганҷи равон дар дили вайрон ниҳод.
Болиши гулбун ба гулистон супурд,
Ходимии боғ ба райҳон супурд.
Теғи хур аз қалби Асад[3] барфарохт,
Синаи Ҷавзо[4] сипари Тир[5] сохт.
Диръи[6] бақо дар канафи[7] ҷон кашид,
Боди ҳаво дар чамани дил дамид.
Румҳи[8] асо дар раҳи Одам бидошт,
Рояти Аҳмад ба фалак барфарошт.
Ҷунбиши нуҳ чарх ба даврон намуд,
Чор ҳад(д)и табъ бар аркон намуд.
Шашдари гетӣ ба ҷиҳат боз баст,
Панҷ сафи ҳис ба хирад баршикаст.
Оби равон бар гили покӣ фишонд,
Гарди фано бар тани хокӣ нишонд.
Хотами Ҷамшед ба Хуршед дод,
Мутрибии чарх ба Ноҳид[9] дод.
Кард зи дил шамъи шабистони гил,
Дод ба гил гавҳари рахшони дил.
Рояти хур бар шарафи бом зад,
Хиргаҳи маҳ бар тарафи шом зад.
Ҷуръаи ҷон бар гили намнок рехт,
Ҷони фараҳ бар дили ғамнок рехт.
Оташи зар дар дили хоро фиканд,

---

[1] миқнаа – чодари занҳо, сарпӯш, сарандоз

[2] шакари аскарӣ – шакаре, ки аз шаҳри Аскари Мукрам меоранд.

[3] Асад – номи яке аз дувоздаҳ бурҷи фалакӣ

[4] Ҷавзо – номи бурҷи сеюм аз дувоздаҳ бурҷ; дупайкар

[5] Тир – номи дигари сайёраи Уторид, дар нуҷуми қадима рамзи донишмандӣ будааст.

[6] диръ – зиреҳ, ҷавшан

[7] канаф – гирд, атроф

[8] румҳ – найза

[9] Ноҳид – сайёраи Зӯҳра, ки дар гузашта рамзи шодмониву сурур будааст.

Риштаи дур(р) дар кафи дарё фиканд.
Бодаи ёқут ба кон барфишонд,
Зардаи[1] хуршед бар офоқ ронд.
Панҷараи чарх ба анҷум супурд,
Манзараи дида ба мардум супурд.
Ақл, ки пири ҳамадон номи ӯст,
Бехабар аз бодаи инъоми Ӯст.
Он ки кунад саҳни чаман нуқракӯб
В-он ки барорад самар аз ҷайби чӯб,
Оварад аз хуни сияҳ мушки Чин
В-аз магаси наҳл[2] диҳад ангубин.
Хор зи хоро диҳаду гул зи хор,
Гавҳар аз абр ораду абр аз бухор.
Аз гили Хоҷу чу шавад хоки роҳ
Лолаи таҳлил[3] дамад чун гиёҳ.
Булбули табъаш чу барорад наво,
Пардаи тавҳид занад дар ҳаво.

**Дар муноҷот ва илтимоси ҳазрати Борӣ, азза исмуҳу ва ҷалла зикруҳу[4] ва нафйи[5] мумкинот ва исботи Воҷиб-ул-вуҷуд[6]**

Эй шаби қадр аз қаламат як барот,
Найшакар аз боғчаат як набот.
Наргисаи гулшани мино зи Ту,
Равшании дидаи бино зи Ту.
Чашмаи Хизр аз Ту наме ёфта,
Рӯҳи Масеҳ аз Ту даме ёфта.
Фасли баҳорон ба ҳавоят саҳоб,[7]
Дар фалак андохта бонги рубоб.
Нури сифотат зи таҷаллии зот,
Зоти Ту пинҳон зи зуҳури сифот.
Мурғи равон фохтаи тавқи Ту,
Пири хирад тифли раҳи шавқи Ту.

[1] зарда – аспи зардранг
[2] наҳл – занбӯри асал
[3] таҳлил – (бо «ҳо»-и ҳавваз) «Ло илоҳа иллаллоҳ» гуфтан, калимаи тавҳид ба забон рондан
[4] Яъне: Номаш азизу ёдаш шукӯҳманд аст.
[5] нафй – рад, инкор
[6] Воҷиб-ул-вуҷуд – он ки вуҷуди ӯ ба зоти худи ӯ вобаста аст ва муҳтоҷи ғайр нест, Худо
[7] саҳоб – абр

На ба Ту кас монд, на монӣ ба кас,
Ҳеҷ намонанду Ту мониву бас.
Моидаи[1] рӯҳ расонӣ ба тан,
Фоидаи ақли ниҳӣ дар сухан.
Зулфи сияҳ бар рухи шом афканӣ,
Ҳалқаи зар бар дари бом афканӣ.
Ақл ба бӯи Ту бурун шуд зи даст,
Ишқ ба кӯи Ту фурӯ рафт маст.
Он ки Халил[2] аст, ҳабибаш Туӣ
В-он ки Масеҳ аст, табибаш Туӣ.
Мазраи дил оби равон аз Ту ёфт,
Дурҷи бадан ҷавҳари ҷон аз Ту ёфт.
Чанд тавон буд ниҳон дар ниқоб,
Парда барандозу барой аз ҳиҷоб.
Дар чӣ маконӣ, ки макон бе Ту нест,
Чист нишонат, ки нишон бе Ту нест.
Қодириву ҷумла ба тақдири Туст,
Нақши ду олам ба тасовири Туст.
Ганҷ Туӣ в-ин ҳама вайрона аст,
Шамъ Туӣ в-ин ҳама парвона аст.
Чун натавон мисли Туро нақш баст,
Маҳв кун аз хотири мо ҳар чи ҳаст.
Пардаи абри гуҳар афшон бадар,
Оби рухи Қулзуму Уммон бибар.
Мушки Хутанро зи Хито боз дор,
Мурғи чаманро зи ҳаво боз дор!
Ҳафт табақ бар сари нуҳ коса зан,
Чор қадаҳ дар паси шаш хум фикан.
Иқди[3] шабу рӯз зи ҳам баргушой,
Ҷавҳари ахтар зи араз[4] даррабой.
Нили сипеҳр аз кафи даврон бишӯй,
Гарди ҷиҳот аз рухи аркон бишӯй.
Моҳи сипардор ба тираш бидӯз,
Тири қалам зан ба асираш[5] бисӯз.
Барбати Ноҳид ба дарё фикан,

---

[1] моида – дастархон, суфра

[2] Ишора бар Иброҳими Халилуллоҳ (а)

[3] иқд – шадда, ҳамел, риштаи марворид ва дигар сангҳои қиматбаҳо

[4] араз – аломати зоҳирии ашё, ки ба зоти худ қоим намебошад, монанди рангу матоъ ва ғайра, муқобили ҷавҳар

[5] асир – тибқи ҷаҳонбинии гузаштагон кураи оташ аст, ки болои кураи ҳаво қарор доштааст.

Санҷақи[1] хуршед ба саҳро фикан.
Баҳраи Баҳром[2] мадеҳ ҷуз синон[3]
В-аз сари Ҳурмуз[4] бификан тайласон.[5]
Хонаи кайвон чу кафи даст кун,
Гардани гардун ба лагад паст кун.
Хирқаи қутби фалак аз сар барор,
Ҳафт падарро зи се духтар барор.
Чанбари пирӯза ба ҳам даршикан,
Манзари шашрӯза ба ҳам дарфикан.
Теғи фано дар рухи аҷром[6] каш,
Хатти адам дар сари айём каш.
Гард барор аз фалаки тезгард,
Хурд кун ин чархии зангорх(в)ард.
Даршикан ин давҳаи[7] пуршохро,
Барфикан ин даргаҳи шашкохро.
Рахти сафар дарфикан аз пеши бом,
Маҳв кун аз дафтари шаб номи шом.
Чашми тазарвони табиӣ бидӯз,
Боли уқобони сипеҳрӣ бисӯз.
Пардаи кавнайн барафкан зи пеш,
Хеш бубин, сурати бечуни хеш,
К-аз «лимани-л-мулк»[8] чу ояд хитоб,
Кас набувад ҷуз Ту, ки гӯяд ҷавоб.
Гардиши афлок зи ёдам бубар
В-аз сари ин хок чу бодам бубар.
К-он чи рух аз олами касрат битофт,
Роиҳаи[9] гулшани ваҳдат наёфт.
Шарбатам аз машраби тавфиқ соз,
Суфраам аз матбахи таҳқиқ соз.
Арқами[10] исёни маро сар бикан,

---

[1] санҷақ – байрақ, алам

[2] Баҳром – номи сайёраи Миррих, ки ситорашиносони қадим онро ситораи наҳсу ҷангу фитна медонистанд.

[3] синон – найза

[4] Ҳурмуз – номи дигари сайёраи Муштарӣ

[5] тайласон – як навъ ҷомаи васеъ ва дарози беостин

[6] аҷром – ҷамъи ҷирм

[7] давҳа – дарахти сершоху барг

[8] Яъне: «(Худо фармояд:) Имрӯз подшоҳӣ аз они кист?...». Фикрае аз ояти 16-и сураи Ғофир.

[9] роиҳа – бӯй, накҳат

[10] арқам – як навъи мор, ки ранги сиёҳу сапед дорад, мори заҳрнок

Каргаси туғёни маро пар бикан.
Завқи маонӣ ба баёнам расон
В-оби ҳаёте ба равонам расон.
Ҳастии Хоҷу, ки ба фармони туст,
Қатрае аз Қулзуми эҳсони туст.
Ҷони вай аз меҳр пур аз нур дор
В-аз ҳама даврони дилаш дур дор.

**Дар наъти ҳазрати Пайғомбари хотам гӯяд:**

Салли ъало равзати хайри-л-варо,
Ман ҳува товусу риёзи-л-ҳудо.[1]
Хусрави Батҳо,[2] шаҳи Ясрибҳарам,[3]
Гавҳари ӯ хотами дасти карам.
Каҳфи[4] башар, маҳбити[5] Руҳуламин,[6]
Булбашар[7] аз хирмани ӯ хӯшачин.
Тахтгаҳаш торами[8] фирӯзафарш,
Дасти рисолат зада дар соқи Арш.
Ҳимакаши матбахи[9] фазлаш Халил,
Мурғи ҳарими ҳарамаш Ҷабраил.
Дурри ятими садафи истафо,[10]
Воситаи иқди русул[11] Мустафо.
Ёфта ин манзари зангорфом,
Аз назараш равнақи доруссалом.[12]
Гавҳари ҷон тарфи камарбанди ӯ,
Тӯтии дил сайди шакарханди ӯ.
Бадраи[13] бадр аз камараш як дирам,
Хулди барин[14] дар назараш як ҳарам.

[1] Яъне: Дуруд бар хоки мутаҳҳари беҳтарини инсонҳо – Муҳаммад (с), оне ки товуси бӯстони ҳидоят аст.

[2] Батҳо – саҳрои ҳаволии Маккаро чунин меномиданд.

[3] Ясриб – номи қадимаи шаҳри Мадина; Ясрибҳарам – шаҳри Мадина, ки ҳарами амну амон аст.

[4] каҳф – ғор. Дар ин ҷо ба маънои паноҳгоҳ омадааст.

[5] маҳбит – фаромадгоҳ, омадангоҳ

[6] Руҳуламин – лақаби Ҷабраил (а)

[7] Булбашар – Абулбашар, ҳазрати Одам (а) дар назар аст.

[8] торам – гунбаз

[9] матбах – ошхона

[10] истафо – гузиниш, гузидан

[11] русул – ҷамъи расул, пайғамбарон

[12] доруссалом – хонаи амн, ҷои амният; биҳишт

[13] бадра – ҳамён, халтаи пул

[14] хулди барин – ҷаннат

Шоҳи фалактахти малоиксипоҳ,
Сояи ӯ шоҳи фалакро[1] паноҳ.
Шамъи фурӯзандаи айвони роз,
Сарви хиромандаи бустони ноз.
Хонда Ҷамаш хотами пайғамбарон,
Даргаҳи ӯ бӯсагаҳи ахтарон.
Юсуфи Мисрӣ зи ғуломони ӯ,
Ҷони азиз омада қурбони ӯ.
Ҳалқазани даргаҳи меҳраш ҳилол,
Ҳиндуи гесӯи сиёҳаш Билол.
Нуҳ ҳарами ҳафт шаҳаш боргоҳ,
Шаш тарафи чор раҳаш коргоҳ.
Итрати[2] ӯ найиираи[3] бурҷи шаръ,
Дурри ҳадисаш гуҳари дурҷи шаръ.
Тораки Арш аз қадамаш карда тоҷ,
Қайсари қасри фалакаш дода боҷ.
Меҳри рухаш шамсаи[4] Байтулҳаром,[5]
Кори маҳ аз нури ҷабинаш тамом.
Гесуи ӯ сунбули боғи биҳишт,
Орази ӯ равзаи анбарсиришт.
Руҳи наботӣ зи лабаш як нафас,
Тоири ҷон бар шакараш як магас.
Боди Масеҳо дами ҷонпарвараш,
Чашмаи ҷон ташна ба хоки дараш.
Ғолия з-он турраи пуртобу чин.
Суда сар андар садафи остин.
Шоҳи Ҳабаш омада мавлои ӯ,
Кисвати «Лав лок»[6] ба болои ӯ.
Суфракаши муъҷизааш қурси сим[7]
Карда бар ин хони мурассаъ ду ним.
Лофи «абит»[8] аз сари мастӣ зада,

---

[1] Офтоб дар назар аст.

[2] итрат – авлод, хешовандон; хешовандон ва хонадони Пайғамбар (с)

[3] найиира – ситораи фурӯзон

[4] шамса – қурси зарандуд, ки дар қуббаҳо ва гунбазҳо насб мекунанд.

[5] Байтулҳаром – хонаи Каъба, хонаи Худо

[6] Лав лок – Яъне: Агар ту набудӣ. Баргирифта аз ҳадиси қудсии «Лав лока ламо халақту-л-афлока». Яъне: Агар ту набудӣ, Мо дунёро намеофаридем.

[7] қурси сим – киноя аз моҳ

[8] абит (абиту) – шабро рӯз кардам. Маъхуз аз ҳадиси «Иннӣ ласту кааҳадикум, иннӣ абиту ъинда раббӣ, йутъимунӣ раббӣ ва йасқинӣ» (Ман монанди ягоне аз шумо нестам, ман назди Парвардигорам шабро зинда медорам, Ӯ маро меҳӯронад ва шо-

Пои шараф бар сари ҳастӣ зада.
Эй зада бар олами улвӣ алам,
Дида давои дили реш аз алам.
В-эй фалакат фарши вусоқ омада,
Моҳи нават наъли буроқ омада.
Сояат аз нуру тан аз ҷони пок,
Сарви ту аз гулшани «руҳӣ фидок».[1]
Чор малак булбули бустони ту,
Ҳафт фалак саҳни шабистони ту.
Нуҳ ҳарам аз чарх баророста,
Накҳати руҳ аз нафасат хоста.
Шоҳи фалак пеши рухат гашта мот,
Чашмаи Ҳайвон шуда об аз ҳаё-т.
Ҷуста шаби зуҳрарухи маҳҷабин,
Бӯйи ту аз мушкфурӯшони Чин.
Дида шаҳи чархи ҷавоҳирфурӯш,
Рӯйи ту дар оинаи ҳафтҷӯш.
Маҳчаи[2] хиргоҳи ҷамоли ту меҳр,
Ҳалқаи даргоҳи ҷалолат сипеҳр.
Роҳати Руҳулқудус аз бӯйи ту
В-оби Хизир хоки сари кӯйи ту.
Мушки ту аз нофаи Абдуманоф,[3]
Арш ба гирди ҳарамат дар тавоф.
Ҳалқабагӯши фалаки чанбарӣ,
Рӯйи ту оинаи Искандарӣ.[4]
Тофта гашт ин табақи нуқрапӯш,
Баски баровард даруни ту ҷӯш.
Юсуфи Мисри «Ана амлаҳ»[5] туӣ,

---

доб месозад).

[1] руҳӣ фидок(а) – яъне, ҷонам фидоят

[2] маҳча – мусаҳҳари моҳ

[3] Номи падари Ҳошим ва Абдушшамс ва бад-ин нисбат авлоди ӯро «Манофӣ» мегуфтанд.

[4] оинаи Искандарӣ – оинае буд, ки дар болои манори Искандария, ки аз биноҳои Искандар бар канори дарёи Рум буд, насб шуда, авзои Фарангу киштиҳоро аз сад мил нишон медод. Дар шеъри форсӣ он бо «ҷоми Ҷам» муродиф кор фармуда мешавад.

[5] Яъне: Ман малеҳтарам. Маъхуз аз ҳадисе, ки дар он дар бораи ҳусни Юсуф (а) аз Паёмбар пурсиданд ва гуфтанд, ки «Ту зеботарӣ ё Юсуф? Паямбар гуфтанд: Ӯ некӯтар (дар зоҳир) ва ман малеҳтар (дар ботинам).

Маҳдии[1] маҳди[2] «Ана афсаҳ»[3] туӣ!
Олами ҷон ҳазрати аълои туст,
Садри «дано»[4] манзили аднои туст.
Боз гушо наргиси «мо зоғ»[5]-ро
В-об бибар хушназари боғро.[6]
Мантиқи Хоҷу чу шавад нағмасоз,
Навбати наъти ту занад дар Ҳиҷоз.
Ҳар нафас аз ҳазрати Ҷонофарин,
Бар туву асҳоби ту бод офарин.

**Би мадҳи-л-мавла-л-аъзам ал-мағфур ва-с-соҳиби-ш-шаҳиди-л-мабрур, султон-ул-аозим-ул-вузаро Шамс-ул-ҳаққи ва-д-дин Маҳмуд Соини Қозӣ, тобаллоҳу сароҳу ва ҷаъала-л-ҷанната масвоҳу**[7]

Ман чу бар ин хитта алам мезадам,
Бар сари ин кӯча қадам мезадам,
Риштакаши ҷавҳари ҷон мешудам,
Ҷавҳарии гавҳари кон мешудам.
Қулла[8] бар ин марҳила метохтам,
Нағма бар ин замзама месохтам.
Баҳри замирам гуҳарангез гашт,
Шаҳди ҳадисам шакаромез гашт.
Теғи забонам зи баён об ёфт,
Кокули фикрам зи банон[9] тоб ёфт.
Машъалаи[10] фикрати ман барфурӯхт
В-оташи андеша димоғам бисӯхт,
К-ин гуҳари гавҳарии дилписанд,
Дар камари қадри кӣ шояд фиканд?
Бар сари ин хусрави олинажод,

[1] Касе, ки дар вақти муайяне барои тақвияти дин зуҳур мекунад, Имом Маҳдӣ.

[2] маҳд – гаҳвора

[3] Яъне: Ман фасеҳтарам. Маъхуз аз ҳадиси «Ман фасеҳтарини арабу аҷам ҳастам».

[4] дано – ишора ба ояти «Дано фатадалло» (сураи Наҷм, ояти 8), ки аз наздикии Ҷабраил ба Расулуллоҳ (с) сухан мегӯяд.

[5] Яъне: (Чашмаш) налағжид. Маъхуз аз ояти «Чашми (паямбар) каҷравӣ накард ва аз нигаристан ба мақсуд налағжид (сураи Наҷм, ояти 17).

[6] Гули наргис дар назар аст.

[7] Яъне: Худованд хокҷояшро хуш дорад ва биҳиштро ҷойгоҳи ӯ созад.

[8] қулла – як навъи аспе, ки ранги ба зардӣ моил дорад.

[9] банон –сарангушт

[10] машъала – чароғ, қандил, мисбоҳ

Афсари алқоби[1] кӣ бояд ниҳод?
Бар дари ин равзаи анбарсиришт,
Номи ҳумоюни кӣ битвон навишт?
Мурғи саҳар хони нафас баркашид,
Навбатии[2] бом ҷарас баркашид.
Ҳамчу Хизир бар дари дил тохтам,
Ғусл ба сарчашмаи ҷон сохтам.
Шукри вузӯ карда зи рӯйи ниёз,
Чашми тафаъул[3] ба кутуб карда боз,
Мусҳафи хотир бикушудам нахуст,
Сурати «Ва-ш-шамс»[4] баромад дуруст.
Субҳи фурӯзанда чу гул баршукуфт,
Дар рухам аз меҳр бихандиду гуфт:
Мужда, ки ин ояти фархундафол,
Ҳаст ба шаъни маҳи бурҷи камол.
Нуқтаи паргори замону замин,
Матлаи хуршеди карам, Шамси дин.
Маҳдии даҷҷолкуши фитнасӯз,
Ҳурмузи кисрофари кишварфурӯз.
Хизри сикандардури мӯсобанон,
Ҳотами ҳайдардили хусравнишон.
Қутби фалакқадри кавокибҳашам,
Осафи ҷамҷоми фаредуналам.
Роизи[5] ҳафт ашқари[6] гетинаворд,
Маркази нуҳ доираи лоҷворд.
Шери палангафкани шамшергир,
Сафдари лашкаршикани шергир.
Атласи чарх абраи санҷоби ӯ,
Ҳирзи[7] хирад нусхаи алқоби ӯ.
Хомаи ӯ мисрии гавҳарфишон,
Ханҷари ӯ ҳиндии оташнишон.
Нуҳ фалак аз оташи теғаш тафе,
Шаш ҷиҳат аз қулзуми досташ кафе.
Бар дари ӯ бадр ғуломе мунир,
Дар раҳи ӯ даҳр гадое ҳақир.

[1] алқоб – ҷамъи лақаб
[2] навбатӣ – нақорачӣ; навбатии бом – хурӯс дар назар аст.
[3] тафаъул – фол гирифтан бар чизе, монанди китоб, тасбеҳ ва ғайра.
[4] Номи сураи 91-уми Қуръон
[5] роиз – тарбияткунанда, ромкунанда
[6] ашқар – аспи сурхёлу дум; ҳафт ашқар – киноя аз ҳафт рӯзи ҳафта
[7] ҳирз – паноҳгоҳ, ҷои амн

Тоири зарринпари симинқафас,[1]
Бар сари хони карамаш як магас.
Чархи басит[2] аз хадамаш[3] нозиле,
Баҳри муҳит аз ҳашамаш соиле.[4]
Шоҳи фалак[5] бандаи фармони ӯ,
Машъали маҳ шамъи шабистони ӯ.
Дар назараш Тир сипар бифканад
В-аз фазааш[6] кӯҳ камар бифканад.
Боғ гар аз файзи кафаш тар шавад,
Саҳни гулистон табақи зар шавад.
Абр чу аз бахшиши ӯ дам занад,
Оби даҳан бар рухи ӯ афканад.
Эй чу қазо ҳукми мутоат[7] равон,
Ҳовияро[8] з-оташи қаҳрат ҳавон.[9]
Турки фалак ҳиндуи каррои[10] туст,
Дар кафи меҳр оинаи рои туст.
Теғи ту шуд Қулзуми дӯзахбухор,
Тири ту Миррихи кавокибшикор.
Хуни ҷигар дар дили хасмат зи бим,
Ҷӯш бароварда «кағалйи-л-ҳамим».[11]
Дудкаши матбахи ҷудат сипеҳр,
Шамсаи айвони рафеъи[12] ту меҳр.
Соқии базми ту хури ховарӣ,
Базмгаҳат гулшани нилуфарӣ.
Хулқи хушат ҳамдами боди баҳор,
Бе карамат бод ба дасти чанор.
Накҳати анфоси ту «йуҳйи-л-изом»,[13]
Хидмати даргоҳи ту ақса-л-маром.[14]

[1] Офтоб дар назар аст.
[2] басит – васеъ, паҳн, густарда
[3] хадам – ходимон, хидматгорон
[4] соил – гадо
[5] Манзур офтоб аст.
[6] фазаъ – тарсу ваҳшат, бим
[7] мутоъ – итоатшаванда
[8] ҳовия – оташи ниҳоят сӯзон
[9] ҳавон – беиззатшуда, хор, залилшуда
[10] карро – сартарош ва ҳаҷҷомро гӯянд, асл гарро буда (Бурҳони қотеъ).
[11] Яъне: «Мисли ҷӯшидани оби гарм» (сураи Духон, ояти 46).
[12] рафеъ – шарифу баландкадр, баланд
[13] Яъне: Устухони пӯсидаро зинда мегардонад. Маъхуз аз ояти 78 сураи Ё Син.
[14] ақса-л-маром – ниҳояти орзуҳо, мақсади олитарин

Табъи ту гулдастаи боғи фалак,
Ройи ту оинаи рӯйи малак.
Домани баҳр аз карамат пургуҳар,
Рафта(е) бар абри кафат оби зар.
Сити[1] ту бо боди сабо ҳаминон,
Килки ту бо мурғи саҳар ҳамзабон.
Мирваҳаи[2] хулқи ту дар дасти гул,
Хосияти лутфи ту дар табъи мул.
Боби ту мирсоди ибод[3] омада,
Килки ту мифтоҳи мурод омада.
Дидаи давлат ба ту равшан шуда,
Боғи маолӣ[4] зи ту гулшан шуда.
Парчами роёти ту гесӯйи шом,
Хоки дарат сурмаи маҳ рӯйи бом.
Румҳи ту гашт арқами Заҳҳоксӯз,
Хашми ту шуд оташи афлоксӯз.
Шурфае[5] аз гӯшаи боми ту меҳр,
Ғурфае аз торами қадрат сипеҳр.
Абраи абр аз сари теғи ту чок,
Қуллаи кӯҳ аз суми хинги ту хок.
Шери сипеҳрӣ саги дарбони туст,
Гови замин аз пайи қурбони туст.
Килки расадбанди ту гетикушой,
Ҷоми равонбахши ту гетинамой.
Фавҷи[6] малак байдақу[7] хайли[8] ту шоҳ,
Авҷи фалак матлау маҳди ту моҳ.
Бадрае аз ганҷи атоят қамар,
Гирдае аз суфраи ҷуди ту х(в)ар.
Хасми ту Аҳреману тират шиҳоб,[9]
Ҳодиса хаффошу дилат офтоб.
Чашми таваққуъ[10] ба атои ту боз

[1] сит – овоза, шухрат
[2] мирваҳа – он чи вақти гармои ҳаво худро бо он шамол медиҳанд.
[3] мирсоди ибод – камингоҳи бандагон
[4] маолӣ – баландмартаба, баландиҳо
[5] шурфа – кунгура
[6] фавҷ – гурӯҳ даста
[7] байдақ – муарраби пиёда, муҳра дар бозии шоҳмот
[8] хайл – гурӯҳ, ҷамоа, тоифа
[9] шиҳоб – ситораи дурахшони паррон
[10] таваққуъ – чашмдошт, умед

Мумталӣ[1] аз хони сахои ту оз.[2]
Гардани гардун ба шукӯҳат баланд,
Хоки лагадхора зи бимат нажанд.[3]
Баҳри қазими[4] фарасат осмон
Гард барорад зи раҳи Каҳкашон.
Шуълафурӯзандаи[5] ин сабзбоғ,
Аз дили пурнури ту гирад чароғ.
Ҳар саҳарӣ субҳи муламмаъниқоб,[6]
Теғи ҷаҳонгири ту бинад ба хоб.
Ахтари саъдиву фалак бурҷи ту,
Ҷавҳари фардиву ҷаҳон дурҷи ту.
Ақл, ки оинаи гетинамост,
Аз мадади ройи ту гетикушост.
Қадри ту шуд Мусиву афлок Тур,
Садри ту шуд равзаву иқбол ҳур.
Ҳукми ту бар чарх чу сар барфарохт
Синаи Ҷавзо сипари Тир сохт.
Муншии ин торами фирӯзахишт,
Мадҳи ту бар лавҳи забарҷад навишт.
Маҳдии аҳдиву ҷаҳон маҳди ту,
Кай шиканад даври замон аҳди ту.
То ба абад даври ту Наврӯз бод,
Толеи маймуни[7] ту фирӯз бод!
Арсаи майдони ту бодо фалак,
Ҳориси[8] айвони ту бодо малак.
Қуббаи хур маҳчаи хиргоҳи ту,
Чанбари маҳ ҳалқаи даргоҳи ту.
Ҳафт табақ як варақ аз дафтарат,
Ҳашт чаман як тараф аз манзарат.
Ёфта аз шамсаи қасри ту тоб,
Синаи Хоҷуву дили офтоб.
В-омадаву рафта бар ин остон,
Бахти ҷавон аз дару хасм аз ҷаҳон.
Рӯзи ҷалоли ту масун[9] аз завол,

[1] мумталӣ – пур, лаболаб, оганда
[2] оз – тамаъ, ҳирс
[3] нажанд – афсурда, паст, хор
[4] қазим – алаф ва ҷави сутурон
[5] Киноя аз офтоб
[6] муламмаъниқоб – гуногунранг, мухталифалвон
[7] маймун – фархунда, ҳумоюн
[8] ҳорис – нигаҳбон, посбон
[9] масун – нигаҳдошташуда, маҳфуз

Мулки ту маҳрус[1] зи айн-ул-камол.[2]

**Дар собиқаи назми китоб гӯяд:**
Дӯш дари дайри муғон мезадам,
Ҳалқаи дил бар дари ҷон мезадам.
Селкунон чашми гуҳаррези ман,
Қатразанон ашки сабукхези ман.
Дар дили ман меҳри рухи маҳрухон,
Дар сари ман шӯри шакарпосухон.
Ғайбати ман зикри муноҷотиён,
Тоати ман фикри хароботиён.
Аз дили ман чанги саҳар дар хурӯш
В-аз дами ман хуни сурохӣ[3] ба ҷӯш.
Далқи кабудам шуда хамро[4] ба май,
Рақскунон ҷонам аз овози най.
Қоматам аз тир камон сохта,
Синаам аз оҳ синон сохта.
Пойи адам бар сари ҳастӣ зада,
Роҳи вуҷуд аз сари мастӣ зада.
Дар назари хеш ғариб омада,
Мурдаву он гаҳ ба табиб омада.
Хоки дари майкада болини ман,
Шишаи май чашми ҷаҳонбини ман.
Қолабам аз ашки қадаҳ гил шуда
В-оби рухам чун қадаҳ аз дил шуда.
Чеҳраи шамъӣ[5] ба май афрӯхта,
Хурда кабоб аз ҷигари сӯхта.
Хирқа гарав карда ба бозори ишқ,
Руфта ба мижгон дари хаммори ишқ.
Оби шафақ бурда[6] ба хуноби дил,
Хирмани маҳ сӯхта аз тоби дил.
Ҷомаи ҷон аз ғами дил карда чок
В-аз рухи дил гарди ҳаво карда пок.
Хонаи чашмам шуда хоне зи хун,
Рояти[7] сабрам шуда аз ғам нагун.

---

[1] маҳрус – ҳиросатшуда, нигаҳбониву посбонишуда
[2] айн-ул-камол - чашмзахм
[3] сурохӣ – зарфи шароб, ҷом, пиёла
[4] хамро – ранги сиёҳе, ки ба сурхӣ моил аст.
[5] чеҳра шамъӣ – мурод чеҳраи зард аст.
[6] оби шафақ бурдан – обрӯи шафақро рехтан аст.
[7] роят – парчам, алам, байрақ

Мурда чароғи дили торики ман,
Тофта тори тани борики ман.
Тохта Сурхоб ба майдони чашм
В-оби рухам рафта ба тӯфони чашм.
З-оташи савдо ҷигар афрӯхта,
Удсифат сохтаву сӯхта.
Хирмани дил рафта ба боди ҳаво,
Дурдии дард омада дилро даво.
Чашмаи чашм оби намакрехта
В-оташи дил оби фалак рехта.
Дида зи баҳри гуҳари поки ман,
Оби равон рехта бар хоки ман.
Шаб гираҳи зулфи сияҳ хам зада,
Дуди ҷигар дар дили олам зада.
Дода шафақ бодаи гулгун зи чанг,
Хурд шуда[1] ҷоми ақиқаш ба санг.
Виси маҳободи фалак дар ҳарам
Зарди сипаҳдори уфуқ[2] баста дам.
Зангии шаб чун сияҳе майпараст,
Аз қадаҳи сирсияҳ афтода маст.
Дар дили маҳ оташи хуршедҷом,
Дар сари шаб пухтани савдои хом.
Атсаи хунин зада маҳ рӯи тос,[3]
Матлаи хуршед шуда моҳи кос.[4]
Хилватиёни саҳарӣ масти хоб,
Пири хирад сарсабук[5] аз дасти хоб.
Хокнишинони дари майкада,
З-оташи май об бар оташ зада.
Базм забун, ҷуръа хароб омада,
Ашки қадаҳ лаъли музоб[6] омада.
Гил ҳама тан гаштаву тан гил шуда,
Дил ҳама ҷон гаштаву ҷон дил шуда.
Исавии маҳваши[7] дурдипараст,
Маст даромад, қадаҳе май ба даст.
Кӯйи харобот зи чашмаш хароб,

[1] хурд шудан – нест шудан, шикастан
[2] Манзур офтоб аст.
[3] тос – ташт, коса. Ин ҷо осмон дар назар аст.
[4] кос – коса, гирда, ҷом, пиёла
[5] сарсабук – шӯрида, ошуфта, мағрур
[6] музоб – обшуда, гудохташуда
[7] Манзур нигори маҳрӯи исавимашраб аст.

Соғари ҷон аз шакараш пуршароб.
Дид маро рафта зи мастӣ зи хеш
В-омада қурбону мубарро[1] зи кеш.
Хуни дил аз соғари ҷон карда нӯш,
Ҳалқа шуда[2] бар дари дурдифурӯш.
Гуфт: «Кадомиву чӣ номӣ, бигӯй,
Карда дар ин вақт бад-ин қибла рӯй?!».
Гуфтамаш: «Эй каъбаи ҷон кӯйи ту,
Қиблаи соҳибназарон рӯйи ту.
Сӯхтаву сохта бо доғу ранҷ,
Бандаи озод зи динору ганҷ.
Ҳимакаши матбахи оташдилон,
Шореҳи манзумаи беҳосилон.
Ҷуръачаши маҷлиси майхорагон,
Пешрави маҳмили оворагон.
Пири муғонро шуда аз ҷон мурид,
Гашта ба шамшери маломат шаҳид.»
Луъбати бутрӯйи масеҳонажод,
Соғари май бар кафи дастам ниҳод,
К-ин ба рухам даркашу ғавғо макун,
Дар дили шаб ин ҳама савдо макун.
Чун мани лабташна расидам ба об,
Сояи ман маҳв шуд аз офтоб.
Дар дили ман чашмаи ҷон шуд падид
В-аз кафи Хизр оби ҳаётам расид.
Бӯса задам бар лаби ҷонбахши ҷом
В-аз даҳани ҷом расидам ба ком.
Марҳами ҷон ёфт дили реши ман,
Сурати Хоҷу бишуд аз пеши ман.
Хоки вуҷудам ҳама барбод шуд,
Хотирам аз банди ғам озод шуд.
Оташи ишқ оби равонам бибурд,
Бори дил аз гардани ҷонам бибурд.
Гардиши нуҳ коса зи ёдам бирафт,
Мастии ҳастӣ зи ниҳодам бирафт.

*Таҳия ва тавзеҳи Баҳром Раҳматов*

[1] мубарро – орӣ, барӣ, беолоиш
[2] ҳалқа шудан – ба маънии баста шудан

***Ҳаким Қоонӣ***

# ПАРЕШОН[1]

Тавоно Худое, ки бехудони базми муҳаббат гоҳе масти қудрати Ӯянд ва гоҳе масти раҳмати Ӯ. Чӣ ҳар чашме бехуд барҳам зананд, бурҳони қудрати Ӯст ва чун боз кунанд, далели раҳмати Ӯ. Пас, дар ҳар назаре ду сукр[2] оваранд ва дар ҳар сукре чандин ҳазор шукр.

*Ҷунбиши мижгон далели ҷунбиши ҷон аст,*
*Ҷунбиши ҷон чист, пайки қудрати Яздон.*
*Кай бувадаш огаҳӣ зи ҷазбаи қудрат,*
*Он ки надорад хабар зи ҷунбиши мижгон.*

Ҳар неъматашро шукре дархур аст ва боз ҳар шукрашро неъмате дигар. Пас шукри ҳар неъмат неъмате дигар дар пай дорад, то ба ҳадде, ки дар шукри ҳар неъмате ҳазор неъмати шукр нуҳуфта ояд ва ҳанӯз шукри неъмати нахустин ногуфта. Ва чун ба чашми тааммул дарнигарӣ, ҳар шукре куфронест ва дар ҳар куфроне умеди ғуфроне[3].

*Ҳалли муаммои неъматаш натавонад,*
*Он ки кунад ҳалли сад ҳазор муаммо.*
*Фаҳми шиносоияш чӣ гуна кунад кас?!*
*Мушт нашояд задан ба сахраи саммо[4].*

Дар ҳар донае ҳазор хирмани ҳикматаш пинҳон аст ва аз ҳар ғунчае ҳазор гулшани ибдоаш аён. Дар ҳар қатрае ҳазор нили раҳматаш нуҳуфта ва дар ҳар пашшае ҳазор пили ғазабаш хуфта. Бар ҳар вуҷуде қоҳир аст ва аз ҳар мавҷуде зоҳир, нураш бурҳони ҳар далел аст ва дардаш дармони ҳар алил[5], олам мазҳари[6] нури Ӯст ва офариниш миръоти[7] зуҳури Ӯ, аз ҳар бурҳоне пайдотар аст ва аз ҳар ҷиҳате ҳувайдотар, балки дар маърифаташ ҳар ҷиҳате ҳиҷобесту ҳар далеле ниқобе.

*Баски саргарми ҳуҷҷати хешанд,*
*Ғофиланд аз Худой улулалбоб[8].*

---

[1] Китоби «Парешон»-и Ҳаким Қоонӣ аз арзишмандтарин китобҳои насри ахлоқии асри XIX буда, дар пайравии «Гулистон»-и Шайх Саъдии Шерозӣ навишта шудааст. Матн аз рӯи тасҳеҳи Исмоил Ашраф (Шероз, 1338ш.) таҳия гардидааст.

[2] сукр – мастӣ

[3] ғуфрон – омурзиш, бахшиши гуноҳ, авфи ҷурм

[4] сахраи саммо – санги сахт

[5] алил – бемор, касал, дардманд

[6] мазҳар – таҷаллигоҳ, ҷилвагоҳ

[7] миръот – оина

[8] улулалбоб – соҳибони ақлу ҳуш, хирадмандон

*Эй хушо ҳоли орифе, ки зи шавқ*
*Ҳамчу девона бардарад ҷилбоб*[1].

Дар ҳар диле нураш пайдосту ҳар саре аз шӯраш шайдо, оқилон ҳар мавҷудеро бурҳони вуҷудаш донанду восилон вуҷудашро бурҳони ҳар вуҷуд хонанд.

*Оқилон масти ҳуҷҷати хешанд,*
*Орифон маҳви ҷилваи дидор.*
*Дидаи ҳақшинос агар доред,*
*Лаб бубандед ё улилабсор*[2].

* * *

*Оқил аз дидори маънӣ ғофил аст,*
*З-он ки ҳар ҳуҷҷат, ки гӯяд, офил*[3] *аст.*
*«Ло уҳиббу-л-офилин»*[4] *фармуд Ҳақ,*
*Ин сухан осоннамову мушкил аст.*
*Даргузар аз хешу восил шав ба дӯст,*
*К-он, ки восил шуд, муродаш ҳосил аст.*

Офтоби инояташ дар ҳар куҷо нақши нестӣ бинад, нур бахшад ва ҳар куҷо осори ҳастӣ ёбад, камтар дурахшад.

*Ҳеч дидастӣ, ки бар ҷои хароб,*
*Беш аз маъмура тобад офтоб.*
*Пас ба ҳар ҷое, ки вайронтар бувад,*
*Чашмаи хуршед тобонтар бувад.*
*Дар биёбон чун дару девор нест,*
*Лоҷарам, дар вай ба ҷуз анвор нест.*
*Кулбаи дарвеш чун бошад хароб,*
*Пур бувад аз нури моҳу офтоб.*
*Чун бувад обод кохи меҳтарон,*
*Офтобу моҳ кам тобад дар он.*

Бино бар ин, кофирро наими ҷаҳон додаву муъминро наими ҷинон ва орифро на ину на он.

*Чун ба ишқи маҷоз нест ниёз*
*Ба ду гетӣ ҳавопарастонро.*
*Зулм бошад, ки сар фуруд ояд,*
*Ба ду олам худопарастонро.*

Дӯстонро бало фиристад, то дар бари хеш хонад ва душманонро наво диҳад, то аз дари хеш ронад, ин тоифаро ба неъмат дом ниҳад ва он фирқаро ба бало ком диҳад,ононро дар зарбати бало шарбати

[1] ҷилбоб – пероҳан, чодар
[2] улилабсор – соҳибони басират, доноён, ҳушмандон, хирадмандон
[3] офил – пинҳоншаванда, нопадидшаванда, фонишаванда
[4] Яъне: Ман пинҳоншавандагонро дӯст намедорам (сураи Анъом, ояти 76).

вало чашонад ва инонро аз ҷаннати ғано[1] ба дӯзахи ано[2] кашонад. Лоҷарам, ҳар киро дар ин коргоҳ заҷр[3] диҳанд, дар он боргоҳ аҷр диҳанд ва ҳар киро дар дунё ба суфраи неъмат нишонанд, дар уқбо ба ҳуфраи ниқмат[4] кашонанд.

*Дар шаби торик шамъи мо бувад парвонасӯз,*
*Лек чун шуд рӯз, сӯзад пову сар бегонаро.*
*Шамъро ҳам нуру ҳам нор аст, сӯзад, лоҷарам,*
*Нори ӯ бегонарову нури ӯ парвонаро.*

Нахустин инояти Ҳақ, ҷалла ва ъало, он аст, ки моро аз матмураи[5] адам ба маъмураи[6] офариниш кашонид ва шароби муҳаббату биниш чашонид, то ҳар куҷо, ки равем, ба сӯи Ӯ гардем. Он гоҳ ҷунбиши паргоре дар ниҳоди мо ниҳод, то тайи маротиби ғайбу шуҳуд кунем ва қатъи мароҳили нузулу сууд ва ҳусули ҳаракотро мӯҷиби вусули баракот кард, то раҳмати шомилааш дар ҳар оне хоне ниҳад ва қудрати комилааш дар ҳар гоме коме диҳад.

*Зи файзи раҳмати Ҳақ дам ба дам фузун гардад,*
*Ҷамоли ҳастии моро фурӯғу равнақу ранг.*
*Чу дар баробари хуршед нури оинаӣ,*
*Ки ламҳа-ламҳа[7] ба сайқал аз ӯ зудоӣ занг.*

Бо ин ҳама шумули неъматаш чандон аст, ки қадри неъматаш нашиносем ва зуҳури қудраташ чунон аст, ки аз қудраташ наҳаросем, чӣ моҳӣ, то дар хок наяфтад, аз об напурсад ва ҳарбо[8] ақса-л-маром то шаб нашавад, аз фурқати офтоб натарсад.

*Гар нашудӣ абри тира пардаи хуршед,*
*Ё ба шабон офтоб рух нануҳуфтӣ.*
*Менашудӣ ошкор ояти зулмат,*
*Кас ба абас мадҳи офтоб нагуфтӣ.*

Лоҷарам, чун банда дар ғафлат мунтаҳӣ шавад, Ҳақ, субҳонаҳу ва таоло, вайро ба балое мубтало фармояд, то қадри неъмат донаду шукр гӯяд, то мӯҷиби мазиди неъмат ояд.

*Чу аз неъмати Ҳақ шавад банда ғофил,*
*Худованд бар вай балое фиристад.*

---

[1] ғано – пурдарахт. Дар асли луғат «ғанно» аст, ки ин ҷо барои ҳифзи мувозинаи калом чунин хонда шуд.

[2] ано – заҳмат, ранҷ

[3] заҷр – ранҷ, машаққат

[4] ниқмат – ҷазо, азоб, шиканҷа

[5] матмура – ниҳонхона

[6] маъмура – макони ободу осоишта

[7] ламҳа – лаҳза, дам, фурсат

[8] ҳарбо – офтобпараст

*Ту гӯӣ, бало неъмате ҳаст дигар,*
*Ки оқил зи юмнаш[1] Худоро парастад.*

Фасубҳоналлоҳи молика-л-мулк[2]. Ин чӣ рози нуҳуфтанист ва сирри нагуфтанӣ, ки ҳар дил, ки ба муҳаббаташ гарояду муштағил шавад, оташи тавҳидаш дар вай муштаил[3] шавад, аз ҳар шуълае ҳазор машъала афрӯзад ва аз ҳар машъалае ҳазор машғала бисӯзад ва аз ҳар сӯзе норе ангезад ва аз ҳар норе нуре хезад ва аз ҳар нуре шӯре зояд ва аз ҳар шӯре нушуре[4] намояд ва дар ҳар нушур ҷамоли шоҳиди лорайбӣ[5] аз даричаи ғайбӣ зуҳур фармояд, ки: «Аллоҳу нуру-с-самовоти ва-л-арз»[6], то ин ҷуръа ба коми кӣ дарояд ва ин қуръа ба номи кӣ барояд?!

*Талъати мақсуд чун зи парда дарояд,*
*Халқи ҷаҳонро тамом пардадар ояд.*
*Дӯст магар ҷилвагар шавад ба қиёмат,*
*Ҳаст қиёмат чу дӯст ҷилвагар ояд.*
*Дидаи мо тоби офтоб надорад,*
*К-ӯ фиканад пардаву аз парда дарояд.*

Фатаборакаллоҳу аҳсан-ул-холиқин[7], ки ба амре ин ҳама халқ кард, ки ба умре таҳдидаш надонанд, таъоло шаънуҳу ъан мақолотино[8], ки ба ҳар забон васфаш хонанд ва ба ҳеч забон васфаш натавонанд.

*Бор Худоё, санои ҳамчу Туеро,*
*Ҳамчу Туе ҳам магар қиём тавонад?!*
*Ин қадар аз мо кифоят аст, ки гӯем:*
*Ҳамчу Туе ҳам магар санои Ту хонад?!*

Чунонки дар хабар аст, ки хотами русулу ҳодии субул, саййиди мутлақу хоҷаи барҳақ, файзи муқаддам, нури мукаррам, ҷуди муҷассам, ақли муаззам:

*Бадри дин, садри ҳудо, хатми русул,*
*Файзи мутлақ, нафси комил, ақли кул.*
*Аҳмади Маҳмуд – фахри коинот,*
*Мазҳари асмоу мисдоқи[9] сифот.*

---

[1] юмн – баракат
[2] Яъне: Пас, ҳамду ситоиш Худоеро, ки соҳиби мулк аст.
[3] муштаил – шуълавар, афрӯхта
[4] нушур – растохез, қиёмат
[5] лорайб – Мурод таҷаллии нури илоҳист.
[6] Яъне: Аллоҳ нури осмонҳову замин аст (сураи Нур, ояти 35).
[7] Яъне: Чӣ бузург аст Худованде, ки некӯтарини офаринандагон аст (сураи Муъминун, ояти 14).
[8] Яъне: Кору рафтораш болотар пиндору гуфтори мост.
[9] мисдоқ – далел, ҳуҷҷат, исбот

* * *

*Муҳаммад-ул-Маҳмуди ман кона мумаккинан,*
*Ваҷила ъани-л-имкони фа-л-амру мубҳимун.*
*Таҳаййарати-л-авҳому фӣ кунҳи зотиҳи,*
*Каман залла фи-л-оҷоми ва-л-лайлу музлимун.*

* * *

*Шаҳе, ки пардаи имкон агар барандозад,*
*Шинохт менатавонад хирад зи додораш.*
*Фариштаву фалаку фаршу аршу лавҳу қалам,*
*Бар ӯ салом фиристанду оли атҳораш.*

Фармояд, ки: *«Мо ъарафнока ҳаққа маърифатика»*. Яъне, Худовандо, ҳаққи маърифатат нашиносем. Ва Саййид, алайҳиссалом, ки ин сухан фармуд, мазҳари асмоу сифот аст ва миръоти таҷаллии зот. Агар ҳадиси Ҷобири Ансор[1] бархонӣ, бовар куниву бидонӣ, ки аршу ҳомилони ӯ ва курсиву хозинони ӯ ва халқу лавҳ[2] ва ҷаннату малоика ва моҳу ситорагон ва ақл ва ҳилму илм ва исмату тавфиқ ва рӯҳи анбиё ва нури авлиёву саидон тамом аз нури Саййид, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, халқ шудаанд ва чун он бузургвор бо ин мартабату шаън ҳаққи маърифати он бенишон надонад, алхақ, ҷои он аст, ки мо, ки муште худнамоем ва намунаи *«касаробин бақиъатин йаҳсабуҳу-з-замъону моан»*[3], дар он нодӣ дам назанем ва дар он водӣ қадам:

*Эй дил, аз ҷӯе, ки ҷуз Аҳмад касаш мироб нест,*
*Чун шавӣ сероб, чун мироб худ сероб нест.*
*Хоҷа бошад баҳри бепоён, ки ҳар як қатрааш,*
*Сад ҳазорон луҷҷаи[4] жарф аст, к-аш поёб нест.*

Худоро, инсоф набошад, ки муште нестон ҳар дам билофему бархе луғазу чистон дар ҳам биёфем, бар он қонеъ шавем ва онро сонеъ шуморем, эй, субҳоналлоҳ, худро фориси[5] ин майдон медонем ва солори он хон мехонем ва ҳанӯз надонистаем, ки дар ин майдон заҳра надорем ва аз он хон баҳра, муште моргазида худро салимон донем ва

---

[1] Ҷобири Ансор – аз зумраи саҳобагони ҷалилулқадри Расули акрам, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, мебошад. Номи пуррааш Ҷобир ибни Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ҳаром ибни Каъб ибни Ғанам ибни Салама буда, понздаҳ сол қабл аз ҳиҷрати Паямбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, дар Мадина дар қабилаи Хазраҷ ба дунё омадааст. Бо кунияҳои «Абӯабдурраҳмон» ва «Абӯмуҳаммад» маъруф аст. Дар аксари ғазавот ҳамроҳи Паёмбари Худо ширкат кардааст. Соли 78/697 даргузаштааст.

[2] лавҳ – ишора ба Лавҳулмаҳфуз аст.

[3] Яъне: Монанди саробест ба майдонҳои ҳамвор, ташна онро обе мепиндорад (сураи Нур, ояти 39).

[4] луҷҷа – миёнаи дарё, қаъри дарё ё баҳр

[5] форис – паҳлавон, савора

тоифае мӯри ба кунҷе хазида худро Сулаймон хонем. Эй аҷаб, он чи гуфтаанду гӯем ва ҷустаанду ҷӯем, муште хаёл аст ва бархе қилу қол:

*Зи чун ояд мубарро зоти бечун,*
*Таъоло шаънуҳу ъаммо яқулун[1].*

* * *

*Дар каманде уфтодастем саъб[2],*
*Пой то сар ҳалқа-ҳалқа чун зираҳ.*
*Ҳар чи мепечем, к-аз он вораҳем,*
*Бештар гардад зи печидан гираҳ.*

Пас, беҳтар он аст, ки дам даркашему хирқа бар сар:

*Дило, кунун ки надорӣ ба аршу курсӣ роҳ,*
*Камоли ҳиммати ту ҳаст арш бо курсӣ.*
*В-агар ба курсиву аршат ҳаме ҷавоз[3] диҳанд,*
*Суроғи курсиву арши дигар ҳамепурсӣ.*

* * *

*Эй дил, он кас, ки хешро нашинохт,*
*Мар Худоро шинохт натвонад.*
*То нагӯяд ба тарки ҳастии хеш,*
*Нарди тавҳид бохт натвонад.*

Чунонки хоҷаи мутлақу халифаи барҳақ, ғурраи[4] авсиёву[5] ҷабҳаи[6] асфиё, шаръи шариат, маснаи[7] тариқат, манбаи ҳақиқат, махзани биниш, хозини офариниш, муаллими одам, муқаввими олам, дурри ятим[8], маънии сирота-л-мустақим[9], дафина[10] бар сафинаи[11] сир, мисдоқи ояи каримаи *«Фӣ мақъади сидқин ъинда маликин муқтадирин»[12],* муаммои Эзади зулҷалол, мусаммои асмои ҷалолу ҷамол, бандаи ҳақнамо, мо садақи «ло фато» ва «ҳал ато» ва «иннамо», масдари ҷуду ато, қоили лав кушифа-л-ғито[13], минҳоҷи ҳидояту рашод[14], меъроҷи вилояту иршод, маънии инсони комил, сурати эҳсони шомил:

[1] Яъне: Ҳастӣ ва мақоми Ӯ аз он чи мегӯянд, бартару мубаррост.
[2] саъб – душвор, мушкил, сахт
[3] ҷавоз – иҷозат, рухсат, изн
[4] ғурра – нури ҷабин. Ин ҷо манзур сарчашмаи файзу илҳом аст.
[5] авсиё – ҷамъи васӣ. Васӣ – унвоне барои пешвоён ва орифон.
[6] ҷабҳа – пешонӣ. Ин ҷо мурод пешво ва бузург аст.
[7] маснаъ – обгир. Мурод саробу сарчашма аст.
[8] дурри ятим – гавҳари ноёбу ягона
[9] сирота-л-мустақим – роҳи росту дуруст
[10] дафина – ганҷ, ҷавоҳирот
[11] сафина – киштӣ
[12] Яъне: Дар маҷлиси ростӣ назди Подшоҳи тавоно (сураи Қамар, ояти 55).
[13] лав кушифа-л-ғито – Яъне: Агар парда бардошта шавад.
[14] рашод – ростӣ, бо роҳи рост рафтан, дар роҳи рост будан

*Алӣ, бандаи хоси ҷонофарин,*
*Вале дар ҳақиқат ҷаҳонофарин.*
*Ҷаҳонофаринро меҳин банда ӯст,*
*Валекин ҷаҳонофаринанда ӯст.*
*Сарафрозияш дар сарафкандагӣ,*
*Худои-ш дар кисвати бандагӣ.*

Фармояд: *«Ман ъарафа нафсаҳу фақад ъарафа раббаҳу»*[1]. Ин нафс, ки Хоҷа, алайҳиссалом, мефармояд, нафси қудсии илоҳӣ аст, ки чун аркони табиат аз худ салб[2] намоӣ ва занги кудурат[3] аз оинаи қалб зудоӣ, нидои: *«Ё аййатуҳа-н-нафс-ул-мутмаиннату, ирҷиъӣ ило раббики розийатан марзиййатан, фадхулӣ фӣ ъибодӣ, вадхулӣ ҷаннатӣ»*[4] ба гӯши ҳушат дарояд, яъне он гоҳ, ки зарбати бало кашидаву шарбати вало[5] чашида, дил ба меҳнати муҳаббат моил шавад ва маҷмӯи разоил зоил[6], кор аз муҷоҳида ба мушоҳида анҷомад ва ҳақиқати ҳастӣ бар ту зуҳур кунад.

*То нагзарӣ, эй дил, зи биёбони маломат,*
*Ҳаргиз набарӣ роҳ ба иқлими саломат.*
*Тан бори гаронест, бияндозу сабук шав,*
*То бӯ, ки дар охир набарӣ бори надомат.*

* * *

*Эй нафси хира мулки ду олам аз они туст,*
*Лекин ба шарти он, ки ту аз хеш бигзарӣ.*
*Бо хеш хеч чиз набинӣ аз они хеш,*
*Бе хеш чун шавӣ, ҳама аз хеш бингарӣ.*

* * *

*Ин ки ҷӯӣ ҷамоли шоҳиди ҷон,*
*Ҷон ниҳон аст зери пардаи ҷисм.*
*Ин ҷаҳону он чи дар ҷаҳон бинӣ,*
*Адаме*[7] *худнамост ҳамчу тилисм.*
*Як муаммост з-он чӣ хонӣ, лафз,*
*Як мусаммост з-он чи бинӣ, исм.*

* * *

---

[1] Яъне: Касе, ки худро шинохт, батаҳқиқ, Парвардигорашро шинохтааст.

[2] салб – рабудан кашидан

[3] кудурат – тирагӣ

[4] Яъне: (Гуфта шавад:) Эй нафси орамида, ба сӯи Парвардигори хеш бозгард, (дар ҳоле ки) ту хушнуд шудаӣ ва аз ту низ хушнуд гашта. Пас, ба (зумраи) бандагони хоси Ман дарой ва ба биҳишти Ман дарой! (сураи Фаҷр, оятҳои 27-30).

[5] вало – дӯстӣ, муҳаббат, меҳр

[6] зоил – нобуд, азбайнрафта

[7] адам – нестӣ, нобудӣ

*Қоониё зи гуфтаи беҳуда лаб бубанд,*
*К-ин қилу қол маҳзи хаёл асту сирфи ваҳм,*
*Он бенишон, ки мулки ду олам нишони Ӯст,*
*Берун бувад зи ҳаййизи[1] фикру хаёлу фаҳм.*

* * *

*Эй дил, ар нақди ҷон тамаъ дорӣ,*
*Як замон лаб бубанд аз гуфтор.*
*Хоҳӣ ар саҳни хонаи нуронӣ,*
*Пеши хуршед бар макаш девор.*
*На туро гуфтам офтоби мунир,*
*Кам шавад аз файзи нураш аз осор.*
*Ҳар чи афзунтар аст сатру ҳиҷоб*
*Партави меҳр кам кунад дидор.*
*Кам нагардад ту кам кунӣ-ш ба амад[2],*
*Чунки бар дида бар ниҳӣ астор[3].*
*Дасти худ чун ҳиҷоби шамъ кунӣ,*
*Кай ба чашмат қадам ниҳад анвор?!*
*Эй Худованди ҳасту нест ҳама,*
*Ки ба таҳқиқ воқифӣ з-асрор.*
*Умру тавфиқ деҳ маро чандон,*
*Ки кунам з-он чӣ гуфтам истигфор.*

**Сабаби таълифи китоб**

Дар фасли зимистон, ки ҳаво бурди бард[4] пӯшидан гирифт ва чашмаи чашми саҳоб ҷӯшидан, нафас дар ҳалқ танг шуду мардуми чашм дар чашми мардум санг.

*Мавҷ зад кӯҳу дар ҷӯлҷа об,*
*Хокиён ҳамчу мардуми обӣ.*
*Пиру барно ба барзану бозор,*
*Дар шино ҳар яке чу мургобӣ.*

Сароб аз чашми ошиқ бар об тар шуд ва иморот аз наргиси маъшуқ хароботар.

*Ба саҳни бӯстон ҳар сӯ ниҳоле,*
*Зи по то фарқ урён чун қаландар.*
*Ҳаме ҳар дам зи ҷӯи об моҳӣ,*
*Ба оташ майл кардӣ чун самандар.*

[1] ҳаййиз – ҳудуд, андоза, миқдор
[2] амад – огоҳона бо хоҳиши худ
[3] астор – пардаҳо
[4] бурд – навъе матоъ, ки бештар дар сардӣ ба бар мегирифтанд.

Борон, гуфтӣ, шӯшаи сим аст ва тагарг[1] хӯшаи дурри ятим.

*Ба вақти резиши борон ба ақл мегуфтам,*
*Магар, ки нақш бар об аст кӯҳу дашту диёр.*
*Ба рӯи об агар нақшро бақое нест,*
*Зи чист нақши ҷаҳонро ба рӯи об қарор?!*

Моҳӣ чандон, ки дар ҳавз хавз[2] кардӣ, ҷуз ях надидӣ ва зоҳид аз шавқи оташ ҷуз ҳадиси дӯзах нашунидӣ.

*Чунон лагзанда хок аз ях, ки мӯре,*
*Ҳазорон бор лагзидӣ ба ҳар гом.*
*Зи бас сармо ба хилватгоҳи хотир*
*Намекардӣ шуд - омад пайки авҳом.*

Аз шиддати сармо қалб дар қолаб бурудат ёфт ва хаёл дар хотир ҷумудат[3].

*Хун ба уруқ[4] он чунон фусурда, ки гӯӣ,*
*Шохи бақам[5] рустааст аз раги шарён.*
*Кӯҳи пур аз барф зери абри қавидаст,*
*Деви сапед аст зери Рустами дастон.*

На аз шақиқи даман, ки чун ақиқи Яман бувад, хабар монад ва на аз шохи шукуфа чун кохи Куфа асар.

*Баски даруни ҳаво зи фарти[6] бурудат,*
*Ёфта пайванд қатра-қатраи борон.*
*Гӯӣ занҷири адли довудистӣ,*
*К-омада ован[7] ҳаме зи гунбади гардон.*

Шабоҳангоме, ки кӯси раъд дамдама мекард, хотирам ба ин абёт замзама мекард:

*Гар Хизр диҳад оби бақоят ба зимистон,*
*Мастон биситон ҷоми май аз соқии мастон.*
*Бӯстон ба шабистон қадаҳ аз дасти нигоре,*
*К-аз орази гулранг бувад равнақи бустон.*
*Лаъли лаби дилдор газу хуни разон маз,*
*Дар хирқаи санҷоб хазу кунҷи шабистон.*

Дар фасле, инчунин, шӯре дар ман пайдо шуд, ки ҷони ширинам шайдо шуд, бодаи хомӯшӣ аз соғари узлат чашидам ва рӯй аз суҳбати

[1] тагарг – жола

[2] хавз – фурӯ рафтан

[3] ҷумудат – беҳаракат мондан

[4] уруқ – рагҳои бадан

[5] бақам – дарахтест, ки чӯбаш сурхранг буда, аксар дар рангрезӣ ба кор бурда мешавад.

[6] фарт – аз ҳадди афзунӣ

[7] ован – муаллақ, овезон, овехта

ёрон дарҳам кашидам.

*Ҳар он кас кунҷи узлат баргузинад,*
*На ранҷи кас диҳад, на ранҷ бинад.*
*Намеафтад аз он Симург дар дом,*
*Ки дар кунҷи қаноат ҷуста ором.*
*Хамӯшӣ низ ганҷе ҳаст мастур,*
*Ки дорад аҳли дилро аз хатар дур.*
*Набудӣ мургро гар ҳусни гуфтор,*
*Нагаштӣ дар қафас ҳаргиз гирифтор.*

Чандон, ки бисоти нишот густурданду асбоби бидоату[1] мулоабат[2] фароҳам оварданд, рӯз ба рӯз мунофиратам[3] бештар шуд ва нӯши суҳбати ҳар як нештар.

*Чу мурги зирак аз доме шуд озод,*
*Намеафтад дигар дар дом осон.*
*Ба зери дона донад ҳаст доме,*
*Чу бинад донае, гардад ҳаросон.*

То рӯзе яке аз бузургон, ки теғи шаҳоматро ҷавҳар асту кони кароматро гавҳар, аз дар даромад.

*Он ки номаш аз бузургӣ чун нагунҷад дар ҳадис,*
*Боядаш пинҳон даруни пардаи ҷон доштан.*
*Ё чу номи номияш ганҷ асту ганҷи шойгон[4],*
*Воҷиб омад ганҷро аз халқ пинҳон доштан.*

Аз он ҷо, ки бо ман улфате қадиму мулотифате азим дошт, дурҷи даҳон боз кард ва гавҳарфишонӣ оғоз ниҳод, ки чаро, ҳабибо, дар ин фасли зимистон дар кунҷи шабистон нишастаӣ ва роҳи шуд-омади дӯстон баста, на охир ҳазордастони гулистони дониш туӣ ва қумрии бӯстони биниш. Баҳона овардаму гуфтам, на охир то гул нарӯяд, булбул сухан нагӯяд ва то сарв наболад, қумрӣ нанолад. Табассуме карду бар рухсору қомати хеш ишора намуд, яъне ҳол, ки чеҳраи гулгуну қомати мавзунам дидӣ, гоҳи тарона аст, на вақти баҳона:

*Кунун, ки сарви чаман шуд чамону руст зи гил гул,*
*Фигон барор чу қумрӣ, сухан сарой чу булбул.*
*Сухан бигӯй, ки мино ба гӯши согари саҳбо,*
*Ҳаме ишора ба гуфтан кунад зи нолаи қул-қул.*

Чун ин ҳаловати гуфтор мушоҳида рафт, барҷастаму чун ҷони ширинаш дар канор гирифтам ва гуфтам:

---

[1] бидоат – нав ва тозаву латиф гуфтан
[2] мулоабат – шӯхиву бозӣ
[3] мунофират – бадбинӣ, нафрат
[4] ганҷи шойгон – ганҷи бузург, ганҷи фаровон

*Аз ин ҳаловати гуфтор бас аҷаб набувад,*
*Ки хок дар тарабу осмон ба рақс ояд.*
*Ҳар он камол, ки доғи қабули туст бар он*
*Чу зоти ақл мубарро зи айбу нуқс ояд.*

Чун лахте розу ниёз кардем ва сухан аз ҳар даре соз, ба муносибате зикри «Гулистон»-и Саъдӣ, алайҳиррахма, ки ҳар варақашро ҳазор дафтар нисор дархур аст, ба миён омад.

*«Гулистон»-е, ки ҳар барги гулашро,*
*Ҳазорон гулшани хулд аст банда.*
*Равони аҳли маънӣ то қиёмат*
*Ба бӯи рӯҳбахши ӯст зинда.*

Ҳолӣ остинам гирифт, ки Худоро чӣ бошад ҳиммате гумошта ояду китобе ба назму наср бар он намат[1] нигошта. Барошуфтаму гуфтам: «Эй ёр, аз он чӣ гуфтӣ, истиғфор кун, чӣ мояи ман ба ҳадде нест, ки бо чунин кас таҳаддӣ[2] ҷӯям ва бар намати ӯ сухан гӯям, на ҳар мутакаллиме фасеҳ аст ва на ҳар муолиҷе Масеҳ[3]. Саҳбонро[4] бо Боқил[5] чӣ нисбат ва нодонро бо оқил, на ҳар ситорае Бирҷис[6] аст ва на ҳар мазлуме Ҷирҷис[7], ҳар шубоне Калим[8] нест ва ҳар меъморе Иброҳим, на ҳар сиёҳе анбар[9] аст ва на ҳар ғуломе Қанбар[10], на ҳар талхе аққор[11] аст ва на ҳар теғе Зулфақор[12].

*На ҳар чи доссифат каҷ бувад, ҳилол бувад,*
*На ҳар кӣ махраҷи шин несташ, Билол[13] бувад.*

---

[1] намат – тарз, тариқа, усул

[2] таҳаддӣ – баробарӣ

[3] Масеҳ – манзур Исо, алайҳиссалом, мебошад.

[4] Саҳбон – мурод Саҳбони Воил, ки аз бузургтарин суханварони араб аст.

[5] Боқил – номи арабе, ки дар ҷаҳолат ба ӯ масал зада мешавад.

[6] Бирҷис – номи ситораест, ки дар фалаки шашум қарор дорад. Бо номҳои «Муштарӣ» ва «Саъди акбар» маъруф аст.

[7] Ҷирҷис – номи паёмбарест аз Банӣ Исроил, ки пас аз Исо, алайҳиссалом, умр ба сар бурдааст. Малике бо номи Додиёна ӯро ба парастиши буте мехонад. Дар асари итоат накардан, бо азобу шиканҷаҳои гуногун ӯро ба қатл мерасонад. Малик ҳар вақт, ки ӯро мекушт, Худованд ӯро зинда мекард, то замоне, ки Худованд барояшон уқубати сангинеро овард ва ҳамагӣ бимурданд.

[8] Калим – ишора ба Мӯсо, алайҳиссалом аст.

[9] анбар – моддае равғании сиёҳранг ва хушбӯ

[10] Қанбар – номи Абӯшаъсо Мавло ибни Муаммар аст, ки ғуломи ҳазрати Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаху, буд.

[11] аққор – доруи гиёҳӣ; асли доруҳо. Агар «уқор» (иқор) хонда шавад, ба маънии шароб ва ашёи манзил аст, ки рабти маъниро ба ҳам мезанад.

[12] Зулфақор – номи шамшери Мунаббеҳ ибни Ҳаҷҷоҷ, ки дар рӯзи Бадр кушта шуд ва он шамшерро Расули акрам, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, барои хеш гузиданд ва сипас онро дар ғазваи Уҳуд ба Алӣ, разияллоҳу анҳу, бахшиданд.

[13] Билол – Билол ибни Рабоҳи Ҳабашӣ, муканно ба «Абӯабдуллоҳ» буда, муаззин ва хазинадори байтулмоли Расули акрам, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, мебошад.

Ҳар ҳезуме уд нест ва ҳар мутаранниме Довуд на.

*На ҳар чиз к-аз гил бирӯяд, гул аст,*
*На ҳар чиз дар хум биҷӯшад, мул аст.*

* * *

*На ҳар кон гавҳар диҳад шабчароғ,*
*На ҳар баҳр марҷон, на ҳар най шакар.*
*На ҳар оҳуеро бувад пушк[1] мушк,*
*На ҳар маъдане оварад симу зар.*

Пашшаро савлати пил несту қатраро давлати Нил.

*Донаи руммон[2] куҷову лаъли Бадахшон,*
*Қатраи зийбақ[3] куҷову меҳри дурахшон.*

На ҳар чи сурх аст, лаъли руммонист[4] ва на ҳар сафеде дурри Уммонӣ[5].

*Абӯмусайлима гар даъвои нубувват кард,*
*Ҷуз ин чӣ суд, ки хонданд халқ «каззобаш».*
*Гирифтам он, ки ба шаб кирмаке ҳаметобад,*
*Чӣ ҳадди он, ки баробар кунӣ ба маҳтобаш.*

Алқисса, чандон, ки барошуфтам ва аз ин суханон гуфтам, оташаш тез шуд:

*Ҳар киро ҳусни эътиқоде ҳаст,*
*Узри мункир намекунад хомӯш.*
*В-ин мусаллам бувад, ки Хусравро,*
*Айби Ширин намеравад дар гӯш.*

Ночор тан задаму гуфтам:

*Мусаллам аст, ки гунҷишк нест шаҳбоз,*
*Вале илоҷ надорад зи пар задан гунҷишк.*
*Тафовуте, ки бувад пушку мушкро бо ҳам,*
*Муайян аст, валекин гурез нест зи пишк.*

Лекин ба ҳукми «ал-маъмуру, маъзурун» ҷидду ҳазле чанд дар ҳам рехтам ва бархе назму наср ба ҳам омехтам ва он ҷамъро ба муносибати ҳоли худ «Парешон» ном ниҳодам, чӣ ҳар киро ҳол парешон аст, мақол парешон аст.

*Хушам, ки то ба абад бошад ин парешонӣ,*
*Ба ҳолати ману гесӯи дӯст арзонӣ.*

---

[1] пушк (пишк) – саргин

[2] руммон – анор

[3] зийбақ – симоб

[4] лаъли руммонӣ – лаъле, ки ба ранги донаи анор аст.

[5] Уммонӣ – Уммон баҳре дар қораи Осиё ва ҷануби Эрон. Байни соҳилҳои ҷазиратулараб, Эрон, Покистон ва Ҳиндустон қарор дорад. Дар адабиёт бар лаълу марвориди ин баҳр масал зада мешавад.

*Ба хомаи ману зулфайни ёр хатм шудаст*
*Ду чиз: голиясоиву анбарафшонӣ.*

Умед, ки ин маҷмӯаи парешон манзури назари дарвешон шавад ва мақбули хотири эшон ояд, то дар ҳазрати подшоҳи масъуд мақоми маҳмуд ёбад.

*Муҳаммадшаҳ, он шоҳи дарвешдӯст,*
*Кӣ шоҳе агар ҳаст, дарвеши ӯст.*
*Чу нури азал пой то сар сафо,*
*Намудоре аз ҳастии Мустафо.*
*Ниҳон гавҳари фақр дар тоҷи ӯ,*
*Дили мард дарвеши меъроҷи ӯ.*
*Ба рӯзи даго[1] пили кӯшандае,*
*Ба гоҳи сахо нили ҷӯшандае.*
*Дили родаш андар тани пуршукӯҳ,*
*Чу дарёи Уммон дар Албурзкӯҳ[2].*
*Ба даст андараш ханҷари обдор,*
*Чу селе, ки орад ба дарё гузор.*
*Синонаш чу рӯзи қиёмат дароз,*
*Дили дӯзах аз гармияш дар гудоз.*
*Ба зини саманд андараш гурз дар,*
*Дамованд кӯҳе ба Албурз дар.*
*Парандаш[3] зи пушти самандаш аён,*
*Чу аз теги куҳсор селе дамон.*
*Сано тираабр асту шаҳ офтоб,*
*Барад абр аз чеҳри хуршед тоб.*
*Сухан гарду шаҳ рӯзи гетифурӯз,*
*Чу шаб гардад аз гард торикрӯз.*
*Чӣ ранҷонам аз гуфти худ шоҳро,*
*Чӣ пӯшам ба абри сияҳ моҳро?!*
*Малик чун худ аз рӯз равшантар аст,*
*Чӣ муҳтоҷ мадҳи сухангустар аст?!*
*Чу васф аст бартар аз ин шоҳро,*
*Ки шоҳ аст дарвеш огоҳро.*
*Ҷаҳон то бувад, мулкаш обод бод,*
*Дили марди дарвеш аз ӯ шод бод.*

---

[1] даго – макр, ҳила, фиреб

[2] Албурзкӯҳ – кӯҳе, ки дар шимоли шаҳри Теҳрон ҷойгир аст. Тӯли он аз Ҷумҳурии Озарбойҷон оғоз мешавад ва сӯи шарқ то даруни Туркманистону Афғонистон дунбола меёбад. Кӯҳи сарбафалаккашидаи Дамованд ба ҳамин кӯҳ пайваст аст.

[3] паранд – шамшери буррон

*Зи ҳар нанг эмин бувад кишвараш,*
*Ба ҳар ҷанг солим бувад лашкараш.*
*Вале нанги ин давлати бекарон,*
*Манам, ман, ки аз ман мабодо нишон.*

* * *

*Дар ин китоби парешон набинӣ аз тартиб,*
*Аҷаб мадор, ки чун ном худ «Парешон» аст.*
*Ҳазор шукр, ки бо як ҷаҳон парешонӣ,*
*Чу тори турраи дилдор анбарафшон аст.*

Умед, ки нозирон дар мадҳаш бикӯшанд ва назар аз қадҳаш[1] бипӯшанд ва ҳар куҷо лағзише бубинанд, бо гизлики[2] афваш бистуранд ва домани раҳмат бар айбаш бигустаранд.

*Дар ин китоби парешон нигар ба хотири ҷамъ,*
*Магӯ, чу кори ҷаҳон дарҳам асту ошуфта.*
*Ҳазор ганҷи насиҳат даруни ҳар ҳарфаш,*
*Чу руҳ дар дилу дониш ба магз бинҳуфта.*
*Вале хабар набувад булфузули[3] нодонро*
*Аз ин, ки бар сари ҳар ганҷ аждаҳо хуфта.*

* * *

*Ошуфта сухан чу зулфи ҷонон хуштар,*
*Чун кори ҷаҳон бесару сомон хуштар.*
*Маҷмӯаи ошиқон бувад дафтари ман,*
*Маҷмӯаи ошиқон парешон хуштар.*

**Оғози ҳикоят**

Подшоҳе аз соҳибдиле суол кард, ки: «Аз подшоҳон чӣ монад?» Гуфт: «Як чиз, валекин ба ду сифат». Пурсид, ки: «Он кадом аст?» Гуфт: «Ном, ки чун адлу эҳсон кунанд, ба некӣ ва илло ба зиштӣ».

*Ҳазор сол, ки Заҳҳок[4] подшоҳӣ кард,*
*Аз ӯ намонд ба ҷуз номи зишт дар олам.*
*Агарчи давлати Кисро[5] басе намонд, вале*

[1] қадҳ – таъна задан, мазаммат кардан, айбгӯӣ

[2] гизлик – навъе кордчаи борикнӯги хамида

[3] булфузул – пургӯй; нафаре, ки бе мавқеъ сухан мегӯяд.

[4] Заҳҳок – аз подшоҳони афсонавии эрониён аст. Номи вай дар сарчашмаҳо ба сурати «Ажа даҳоко» (ба маънои мори аҳреманӣ) омадааст. Гӯё то замоне, ки Коваи оҳангар ӯро ба қатл мерасонад, умраш то ҳазор сол ба дарозо кашидааст.

[5] Кисро (Анӯшервон) – бистудувумин шоҳаншоҳи сосонӣ буда, бо номи «Хусрави якум» маъруф аст. Мавсуф соли 501 дар Эроншаҳр ба дунё омадааст. Падари ӯ Қубоди якум буда, пас аз падараш бар сари подшоҳӣ бо бародаронаш Ковус ва Ҷом ба ситеза бархост ва бо ёрии Маҳбуд (ё Моҳбад) ба подшоҳӣ расид. Даврони подшоҳии Нӯшервон дурахшонтарин давраи асри сосонӣ маҳсуб меёбад. Дар он

*Ба адлу дод шудаш ном дар замона алам*[1].

**Ҳикоят**

Вақте аблаҳе барошуфт ва бемӯҷибам чандон сақат[2] гуфту дашном дод, ки худ малӯл шуда, ба кунҷе хомӯш нишаст.

*Ҳар вақт, ки хар бароварад бонг*
*В-аз наъраи ӯ бидаррадат гӯш.*
*Фориғ бинишин, ки гардад охир,*
*Мискин харак аз наҳиқ*[3] *хомӯш.*

Яке аз дӯстон маломатам кард, ки: «Чаро дар ҷавоби ӯ ҳеч нагуфтӣ?» Гуфтам: «Поси ҳурмати дӯстон дорам, чӣ аблаҳе, ки бесобиқа, хусумат дашном гӯяд, ба радди дашном силӣ занаду ба радди силӣ чӯб ва ба радди чӯб сангу кулӯхкӯб, то ҳангома бузург шавад. Ва муҷарраб аст, ки даъвокун, агар аз як тараф латма хӯрад, миёнҷӣ аз ду тараф. Пас, беҳтар он аст, ки танҳо биранҷам ва танҳо наранҷанд».

*Чу дашноме шунидӣ, лаб фурӯ банд,*
*Ки солим monӣ аз дашноми дигар.*
*Чӣ хуш гуфт он ҳакими нуктапардоз,*
*Ки бар ҷон офарин бодаш зи Довар:*
*Хареро чун ба зери дум халад хор,*
*Шавад муҳкамтар аз барҷастани хар.*

Ва ҳамоно Ҳақ, субҳонаҳу ва таоло, оқилу ҷоҳилро ҳар як ду гӯш дода ва гоҳ ҳар якро гуфтори они дигар дар гӯш дарояд ва аз гӯши дигар берун шавад ва илло агар гуфтори ҳар як дар гӯши дигаре мондӣ, ҳар оқиле ҷоҳил шудӣ ва ҳар ҷоҳиле оқил.

*Каломи оқилу ҷоҳил ба гӯши якдигар,*
*Чу нек бингарӣ аз рӯи таҷрибат, бод аст.*
*Ҳамин ба боғ наноланд булбулон аз зоғ,*
*Ки зоғ низ ҳам аз булбулон ба фарёд аст.*

*(Идома дорад)*

*Таҳия ва тавзеҳи Иззатбек Шехимов*

замону кишвар хеле оромишу амният ҳукмфармо буд. Соли 579-и мелодӣ вафот ёфтааст.

[1] алам – номдор, шинохта; дирафш

[2] сақат – дашном, сухани зишт

[3] наҳиқ – бонг, фарёд

Индекси обуна 20237

# КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

(Фаслномаи илмӣ-адабӣ)

Мусаҳҳеҳон:
**Иззатбек Шехимов, Нӯъмонҷон Неъматов, Мавлуда Неъматова**

Навбатдор:
**Марям Абдуллоева**

Муҳаррири техникӣ:
**Абдумаҷид Абдусамадов**

Фаслнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ номнавис шудааст. Шаҳодатномаи №0223/МҶ аз 10 феврали соли 2015. Суроғаи идора: 735700, Хуҷанд, кӯчаи Гагарин, 132. e-mail: kamoli-khujandi@mail.ru

Ба матбаа 1.12.2015 супорида шуд. Ба чоп 25.12.2015 имзо шуд.
Андозаи қоғаз 70х100 1/16. Чопи офсет. Қоғази «Снегурочка».
Ҷузъи чопӣ 13,25 Ҳуруфи Times New Roman Tj.
Супориши №3942. Теъдод 300 нусха.

Матбааи «Ношир»,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
735714, ш.Хуҷанд, кӯчаи Сейтвелиев, 2
тел.: (83422) 5-65-95
www.noshir.tj

**دکترعارف نوشاهی**

## سرچشمه های معرفت خواجه عبید الله احرار

خواجه عبید الله احرار از جملۀ آن عارفانی است که در تشکل ادب و عرفان در سرزمین تاجیکان و بیرون از آن نقش مهم بازیده است. در معرفت شخصیت و اندیشه او باید به سرچشمه های طراز اول دسترسی داشت. افزون بر این، معرفی و بازشناسی درونمایۀ این گروه منابع از مهمترین مسائل احرارشناسی است و تنها فحول محققان می توانند در این جاده موفق باشند.

جای سپاسمندی است که در حل این مسأله عده ای از دانشمندان همت گماشته اند. یکی از آنان، نگارندۀ این مقالۀ ارزشمند، نامورترین و کامیابترین محقق در احرارشناسی دکتر عارف نوشاهی می باشند.

مؤلف مقاله با تبحری که در معرفت امهات متون و نسخه شناسی دارند، دهها سرچشمۀ مخطوط و مطبوع نادر را در زمینۀ شناخت خواجه عبید الله احرار معرفی نموده اند. قسمی از آن منابع، به مثل سلسلۀ العارفین محمد قاضی سمرقندی، خوارق عادات احرار مولانا شیخ، نسب نامۀ احرار، تکمیل نسب نامه احرار، خاتمۀ تکمیل نسب نامۀ احرار، نسمات القدس محمد هاشم کشمی هنوز چنانکه باید به معاملات علمی کشیده نشده اند و به طور شایسته بار اول توسط مؤلف مقاله بر اهمیت آنها در احرارشناسی تأکید می گردد.

# بخش ترجمه و سرچشمه شناسی

**ابو عبد الرحمان سلمی**

## آداب همنشینی با استادان و حفظ حرمت آنان

***ترجمۀ دکتر فخرالدین نصر الدین اف***

آداب همنشینی با استادان و حفظ حرمت آنان ترجمه ای است گزیده از رسالۀ ادب مجالسۀ المشایخ و حفظ حرماتهم عارف نامور فارس و تاجیک ابو عبد الرحمان سلمی (متوفی 1021/412). رسالۀ مذکور از جمله آن میراث پر ارزش است که دانشمندان فارسی تبار با زبان عربی در عهد سامانیان به قلم آورده اند.

مؤلف رساله که در الهیات سرآمد روزگار خود بود، آداب مجالست و مصاحبت با استادان را در صبغۀ عرفانی منظور پویندگان جادۀ حقیقت ساخته است. از این رو، اکثر حال اندیشۀ خود را با آیات و احادیث و اقوال عرفای بزرگ مستند گردانیده است.

رساله به ظن غالب، اول بار است که با زبان فارسی تاجیکی ترجمه و نشر می یابد .

**عائض قرنی**

## لبخند بزن

***ترجمۀ نعمانجان نعمت اف***

متن ترجمۀ منتخب از ظرافت و مطایبات کتاب ابتسم دانشمند معاصر عائض قرنی‌می باشد. کتاب مذکور از جانب جامعۀ معرفتجوی جهانی استقبال گرم یافته است. شاید بار نخست باشد که به قلم مترجم ارجمند کسوت فارسی به بر می کشد.

قابل تذکر است که به طریق سلسله در چند شماره ترجمۀ جذابترین پاره های کتاب پیشکش صاحب دلان خواهد شد.

شده‌اند که هر کدام ارزش جداگانه دارند. اکثر این شرح ها به قلم شارحانی چون شیخ احمد رومی، مولوی ابراهیم بیک، معین الدین ابن مصطفی، مصلح الدین مصطفی افندی (معروف به سروری)، سودی بسنوی و دیگران تعلق دارند، که طول قرون مختلف آسیای صغیر را همچون مهد معرفت مثنوی مولانا معرفی نموده اند.

**حلیم جان زائراف،**
**دکترای ادبیات فارسی**

## نامه‌های اردشیر بابکان – کهنترین سرچشمۀ نامه های فارسی تاجیکی

پژوهشگر در مورد یکی از قدیمترین پندنامه و وصیت نامۀ پهلوی عهد اردشیر همچون یکی از اولین نمونه‌های نامه نگاری فارسی زبانان و قیاس آن با دیگر کتاب این عهد نامۀ تنسر بحث انجام داده‌است. ذکر گردیده است که هرچند عهد اردشیر عهدنامه ای به پسر او شاپور در بارۀ امور کشورداری و شیوۀ رفتار با کارگذاران و طبقات مختلف مردم می باشد، اهمیت زیاد سیاسی، علمی، اجتماعی و اخلاقی دارد و همچنین سرچشمۀ نخستین در نگاشت اندرزنامه و وصیت نامه های شاهان دیگر ساسانی و نامه‌های بعدی فارسی تاجیکی محسوب می گردد.

**حکمت شاه حامدیان،**
**دکترای ادبیات فارسی**

## جلوه‌های ادبی در نامه‌های صاحب ابن عباد

در مقاله راجع به ارزش ادبی و تاریخی یکی از ادیبان فرهیختۀ عربی زبان فارس و تاجیک صاحب ابن عباد سخن می رود. پژوهشگر رسائل صاحب ابن عبادرا با مقایسۀ آثار همگون پیشینه اش به رشتۀ تحقیق کشیده، ارزش ادبی آن را در مثال صنایع بدیعی بررسی نموده است. همچنین تأکید شده است که مکاتب صاحب ابن عباد از نظر محتوا به دو گروه: اخوانی و تاریخی تقسیم می شوند و قسمت تاریخی آن از ارزش زیاد برخوردار است.

**سرویناز جوریوا،**
**دکترای زبان فارسی**

**عباره‌های ریختۀ فعلی و کاربرد آنها در زین الاخبار ابوسعید گردیزی**

در مقاله خصوصیت‌های استفادۀ واحدهای فرازیالاگی فعلی یکی از بهترین نمونه های نثر تاریخی زین الاخبار ابوسعید گردیزی تحلیل شده است. مؤلف در اساس مواد فراوان فکتالاگی نشان داده‌است، که در تشکل چنین عباره ها نقش کلمه های محوری دل، دست و مانند اینها بزرگ بوده محض از حساب آنها تعداد چنین عنصرهای زبانی اثر افزوده است.
بخش اعظم چنین عباره‌ها اگر حالا در زبان ادبی محفوظ مانده باشند، پس گروه دیگر آنها در شکل‌های به خود خاص در شیوه و لهجه های تاجیکی باقی مانده اند.

**دکتر طالب وهاب اف**

**پژوهش در آموزش فعل‌های شاهنامه**

(ر. شادیوف، فعل در شاهنامه (دوشنبه: دقیقی، 2014.-152ص)

محقق در مقاله پیرامون یکی از مسائل بحثناک زبان فارسی تاجیکی— فعل، عامل ها، مرحله ها، روندهای گسترش تاریخی آن که در کتاب ماندگار شاهنامه از طرف زبان شناس تاجیک رستم شادیوف بررسی شده است، بحث می کند. محقق از گذشتۀ تحقیق مفصل یاد کرده، ضمنا برد و باخت‌های تحقیقات پیرامون شاهنامه انجام پذیرفته را بیان کرده‌است. این پژوهش با بررسی گسترش تاریخی فعل‌های زبان فارسی تاجیکی برای خواننده مهمترین مراحل گسترش و تحول زبان فارسی تاجیکی را نشان می دهد.

**تاجی بای سلطانی،**
**دکترای ادبیات فارسی**

**شرح های مثنوی معنوی در آسیای صغیر**

محقق در پژوهش خود راجع به شروح مثنوی در آسیای صغیر بحث مفصل انجام داده است. تاکید می کند که اولین کتب و مناقب مولانا از جانب دانشمندان همین سرزمین فریدون سپهسالار و احمد افلاکی تألیف شده‌اند. به مثنوی مولانا باشد از عصر چهاردهم میلادی این جانب شرح‌های مختلف انشا

**موجوده اوروناوا،**
**دکترای ادبیات فارسی**

## حکمت مولانا جامی در خردنامۀ اسکندری

مقاله راجع به ارزش اخلاقی-تربیتی یکی از آثار مانده گار مولانا عبدالرحمان جامی اختصاص دارد. در مقاله مؤلف اساسا پیرامون جهت‌های اخلاقی و پند و اندرزی اثر اهمیت می دهد. محقق بر این نظر است که ارزش‌های اخلاقی خردنامۀ اسکندری را می توان از چند بعد به بررسی گرفت که وصف دانش، حکمت و مقام آموزگار، ستایش نیکی و نکوکاری و خیر و سخاوت، یگانگی گفتار و کردار، پاکی و عیب پوشی و نگاه داشتن خشم و غضب، فضیلت خاموشی، مذمت پرگوی، قناعت، پاس داشتن آبروی انسانی، شکرگذاری در نعمت، پرهیز از بدگوی و امثال این از مهمترین موضوعات تربیتی این اثر می باشند.

**معرفت انوراوا،**
**استاد زبان و ادب عرب**

## کاربرد امثال فارسی در لطائف الامثال رشید الدین وطواط

مؤلف در مورد یکی از قدیمترین فرهنگ‌های امثال لطائف الامثال و طرائف الاقوال بحث می کند که به قلم رشید الدین وطواط تعلق دارد. مؤلف تأکید نموده که هرچند این فرهنگ نامه بیشتر به امثال عربی اختصاص دارد، اما رشید الدین وطواط در بسیار مورد معادل فارسی آن امثال را نیز ثبت کرده است و به این وسیله در جمع آوری و نگه داری و قیاس امثال فارسی با عربی اقدام نخستین نشان داده‌است. ضمن این بررسی ها معلوم می شود که وطواط بیشتر آن مثل‌های فارسی را ثبت کرده‌است که آبشخور عربی دارند.

**دکتر میرهدایت حصاری**

## کمال الدین مسعود خجندی
(عصر و محیط او)

در مقاله مؤلف راجع به شرح احوال، زمان زندگی و محیط شاعر و عارف شیخ کمال خجندی پژوهش انجام داده است. محقق با کمال دقت مهمترین صحنه‌های حیات شاعررا با استناد به سرچشمه های دست اول به رشتۀ تحقیق کشیده، رابطۀ شاعررا با حاکمان زمان، شعرا و عرفای معاصر، فضلا و دانشمندان دیگر نشان داده‌است. در این راستا، برای قوی تر ساختن اندیشه های خود بیشتر از اشعار شاعر سود جسته است. بخش عمدۀ مقاله را جریان‌های تصوفی عصر زندگی شاعر تشکیل می دهد که در آن مؤلف کوشیده است، تا به بعضی مسأله های جهان بینی شاعر نیز اظهار نظر نماید.

# معرف نامۀ مقالات

## بخش تحقیق

**بهرام رحمت اف،**
**استاد زبان و ادبیات فارسی**

**هنر شاعری ظهوری در ساقی نامه**

در مقاله پیرامون ساقی نامۀ ظهوری، که از اولین ساقی نامه‌های طویل ادبیات فارسی محسوب می یابد، پژوهش انجام داده شده‌است. مؤلف اساس تحقیق خودرا بر پایۀ هنر شاعری در ساقی نامه بنیاد نهاده است. مؤلف مقاله مهمترین خصایص زبانی و سبکی ساقی نامه را در محک هنر شاعری و استفادۀ صنعت های بدیعی در آن به رشتۀ تحقیق کشیده، با این وسیله تاثیر آن را به دیگر ساقی نامه ها معین کرده است.

**الهام ایشان قل اف،**
**دکترای ادبیات فارسی**

**تحقیق و نشر آثار خطی دانشمندان ماوراء النهر در زمان معاصر**
**(عصر XIX و ابتدا عصر XX)**

مؤلف در مقاله در بارۀ یکی از دوره های کم آموختۀ ادبیات فارسی ماوراء النهر که نیمۀ دوم عصر آورد. پژوهشگر در مورد تحقیقاتی که نزده و ابتدای عصر بیست را تشکیل می دهد، سخن به میان می در این دوره نوشته شده‌اند و در مورد نشرهای آثار مربوط به دورۀ مورد نظر بررسی انجام داده است. محقق در مقاله از راه و روش تحقیق این دوره، محققان پیشین که راجع به مسائل گوناگون این دوره پژوهش انجام داده اند، نشرهای تاجیکستانی آثار عصرهای مذکور، تحقیقات جدید در این راستا انجام پذیرفته و برد و باخت این نشرها و پژوهشها بحث کرده، روش‌های من بعدۀ تحقیقات و متن شناسی آثار نیمه دوم عصر XIX و ابتدای عصر XX را به میان می گذارد.

# مندرجه

## تحقیق


بهرام رحمت اف. هنر شاعری ظهوری در ساقی نامه ........................ ۳

الهام ایشان قل اف. تحقیق و نشر آثار خطی دانشمندان ماوراء النهر در زمان معاصر
(عصر XIX و ابتدا عصر XX) ................................ ۱۳

موجوده اوروناوا. حکمت مولانا جامی در خردنامهٔ اسکندری .................. ۲۲

معرفت انوراوا. کاربرد امثال فارسی در لطائف الامثال رشید الدین وطواط .......... ۳۴

میرهدایت حصاری. کمال الدین مسعود خجندی (عصر و محیط او) ............. ۴۱

سرویناز جوریوا. عبارههای ریختهٔ فعلی و کاربرد آنها در زین الاخبار ابوسعید گردیزی ...... ۴۷

دکتر طالب وهاب اف. پژوهش در آموزش فعلهای شاهنامه
(ر. شادیوف، فعل در شاهنامه (دوشنبه: دقیقی، 2014.-152ص)................ ۵۵

تاجی بای سلطانی. شرح های مثنوی معنوی در آسیای صغیر ..................... ۶۵

حلیم جان زائراف. نامههای اردشیر بابکان - کهنترین سرچشمهٔ نامه های فارسی تاجیکی... ۷۴

حکمت شاه حامدیان. جلوههای ادبی در نامههای صاحب ابن عباد ................. ۸۷


## ترجمه و سرچشمه شناسی


ابو عبد الرحمان سلمی. آداب همنشینی با استادان و حفظ حرمت آنان
(ترجمهٔ فخرالدین نصر الدین اف) ...................................... ۹۳

عائض قرنی. لبخند بزن (ترجمهٔ نعمانجان نعمت اف) ........................ ۱۰۰

عارف نوشاهی. سرچشمه های معرفت خواجه عبید الله احرار ................... ۱۰۴


## متون


محمد امین حشری تبریزی. حضرت شیخ کمال خجندی (تهیه و توضیح مریم عبد الله یوا) . ۱۱۷

نظامی عروضی سمرقندی. در ماهیت علم شعر و صلاحیت شاعر
(تهیه و توضیح فخرالدین نصر الدین اف) ................................. ۱۲۲

سنائی غزنوی. سیر العباد (تهیه و توضیح مخلصه نور الله یوا) ................. ۱۵۹

خاجوی کرمانی. روضة الانوار (تهیه و توضیح بهرام رحمت اف) ................ ۱۶۶

حکیم قاآنی. پریشان (تهیه و توضیح عزت بیک شیخیم اف) ................... ۱۸۳

مؤسسهٔ دولتی مرکز علمی کمال خجندی

# کمال خجندی

فصلنامهٔ علمی – ادبی
شمارهٔ 2015 (4)4

خجند - 2015

## CONTENT

### Research

Bahram Rahmatov. Zuhuri's Poetic Skills in "Soqinoma" . . . . . . . . . . . 5

Ilham Ishanqulov. A Glimpse on Written Works Research and Publication in Modern Period (XIX and the beginning of XX Century) . 13

Mavjuda Urunova. Mawlana Jami's Wisdom in Khiradnamai Iskandari . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 22

Ma'rifat Anwarova. Use of Persian Parables in "Lataif-ul-amsal" of Rashiduddin Watwat . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 34

Mirhidayat Hisari. Kamaluddin Mas'ud Khujandi (his Period and surroundens) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 41

Sarvinaz Juraeva. Verbal Frazeologizms and their use in "Zain-ul-akhbar" of Abusaid Gardezi . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 47

Talib Wahhabov. Research on Verbs of "Shah-name" . . . . . . . . . . . . . 55

Tajibay Sultani. Comentaries of "Masnawii Ma'nawi" in Asia Minor . 65

Halimjan Zairov. Letters of Ardasher Babakan – the Oldest Sourse of Persian – Tajik Letters . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 74

Hikmatshah Hamidiyan. Literary Sights in Sahib ibn Abbad's Letters . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 87

### Translation and Studies of Literary Sourses

Abuabdurrahman Sulami. Behavior of Relationship with the Mentors and the Respect to them (Translated by Fakhriddin Nasriddinov) . . . . 93

A'iz Alqarani. Smile (Translated by Nu'manjan Ne'matov) . . . . . . . . . 100

Sources of Khaja Ubaidullah Ahrar's Wisdom (Written by Arif Nawshahi) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 104

### Texts

Muhammadamin Hashri Tabrizi. Master Kamal Khujandi . . . . . . . . . 117

Nizami Aruzi Samarqandi. On Gist of the Poetry and Competence of Poet . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 122

Sanai Gaznavi. Sair-ul-ibad . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 159

Khaju Kirmani. Rawzat-ul-anwar . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 166

Hakim Qaani. Parishan. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 183

**State Institution of Scientific Center of Kamal Khujandi**

# KAMAL KHUJANDI

**Scientific and literary chronology**

№ 4(4) 2015

**Khujand – 2015**



**Мақбараи Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ**

**The Mausoleum of Naqibkhan Tugral Ahrari**

مقبرۀ نقیب خان طغرل احراری

# KAMAL KHUJANDI

Scientific and literary chronology



№ 4(4) 2015